# БА НОМИ ХУДОВАНДИ БАХШАНДАИ МЕҲРУБОН

قَالَ اللهُ تَعَالى:

إِنَّما يُرِيدُ اللَّهُ لِيُذْهِبَ عَنْكُمُ الرِّجْسَ أَهْلَ الْبَيْتِ وَيُطَهِّرَكُمْ تَطْهِيراً.

سورة الأحزاب / الآية 33

**Худованд танҳо мехоҳад нопокӣ ва гуноҳро аз шумо Аҳли Байт дур кунад ва шуморо комилан пок гардонад.**

Сураи Аҳзоб, ояи 33

# Ақоиди Ислом
# дар
# Қуръони карим

قَالَ رَسُول الله7:

## اِنِّي تَارِكٌ فِيكُمُ الثَّقَلَيْنِ: كِتَابَ اللهِ، وَ عِتْرَتِي اَهْلَ بَيْتِي، مَا اِنْ تَمَسَّكْتُمْ بِهِمَا لَنْ تَضِلُّوا اَبَدًا، وَاِنَّهُمَا لَنْ يَفْتَرِقَا حَتَّى يَرِدَا عَلَيَّ الْحَوْضَ.

<صحيح مسلم، ج۷، ص۱۲۲، سنن دارمي، ج۲، ص۴۳۲، مسند احمد، ج۳، ص۱۴، ۱۷، ۲۶، ۵۹، ج۴، ص۳۶۶، ۳۷۱، ج۵، ص ۱۸۲، مستدرك حاكم، ج۳، ص۱۰۹، ۱۴۸، ۵۳۳، و ...>

**Расули Худо(с) фармудаанд:**

**(Ман ду чизи гаронбаҳоеро дар миёни шумо аз худ боқӣ мегузорам: яке Китоби Худованд ва дигаре Итратам, Аҳли байтам. Агар ба ин ду чанг занед, ҳаргиз гумроҳ нахоҳед шуд. Ин ду ҳеҷ вақт аз якдигар ҷудоӣ надоранд, то он гоҳ ки бар ҳавзи Кавсар бар ман ворид шаванд).**

(*Саҳеҳи Муслим*, *ҷилди* ***7**, саҳ*. ***122**; Сунани Дорамӣ*, *ҷилди* ***2**, саҳ*. ***432**; Муснади Аҳмад*, *ҷилди* ***3**, саҳ*. ***14, 17, 26, 59,*** *ҷилди* ***4**, саҳ*. ***366, 371,*** *ҷилди* ***5**, саҳ*. ***182**; Мустадраки Ҳоким*, *ҷилди* ***3**, саҳ*. ***109, 148, 533*** *ва* ***...***)

# Ақоиди Ислом дар Қуръони карим

Муаллиф:

**Аллома Сайид Муртазо Аскарӣ**

Мутарҷим: Зарринтоҷ

Номи китоб:

**Ақоиди Ислом дар Қуръони карим-ҷилди 3**

| | |
|---|---|
| Муаллиф: | Сайид Муртазо Аскарӣ |
| Мутарҷим: | Зарринтоҷ |
| Виростор: | Маҳистони Асадӣ |
| Таҳиякунананда: | Муовинати фарҳангии идораи тарҷума |
| Ношир: | Маркази чоп ва нашри Маҷмаи ҷаҳонии Аҳлибайт(а) |
| Чопхона: | Лайло |
| Навбати чоп: | аввал |
| Адади нашр: | 2000 |
| Соли чоп: | 2006 |
| ISBN: | 964-529-139-9 |

www.ahl-ul-bayt.org

***Ҳаққи чоп маҳфуз аст***

عقائد الإسلام في القرآن الكريم - ج3 / تاجيكى

مؤلف: علامه سيد مرتضى عسكرى

مترجم:عبد الله زرين تاج

## Сарсухан

Аҳли Байт алайҳимуссалом мероси гаронбаҳое аз худ боқӣ гузоштаанд, ки пайравонашон онро аз хатари нобудӣ ҳифз намудаанд. Ин намунаи фарогири як мактабе аст, ки шохаҳои мухталифи маърифати исломиро дар бар дошта ва тавониста аст ашхоси зиёди тавонмандеро барои сероб шудан аз ин чашмаи ҷӯшон, парвариш ва тақдими уммати исломӣ намояд.

Ин донишмандон бо пайравӣ аз Аҳли Байти Паёмбар(с) дар мақоми посухгӯӣ ба дасисаҳо ва шубҳаҳои воридшуда аз сӯи мазҳабҳо ва ҷараёнҳои фикрии дохил ва хориҷи ҷомеаи исломӣ баромада, дар давоми қарнҳои гузашта пешниҳодкунандаи матинтарин посуххо ва роҳи ҳалҳо барои ин шубҳаҳо буда ва ҳастанд.

Маҷмаи ҷаҳонии Аҳлибайт(а) бар асоси масъулиятҳои бар гардан гирифтаи худ ба дифоъ аз ҳарими рисолат ва эътиқодоти ҳақиқии он; ҳақоиқе, ки арбоби фирқаҳо, мазҳабҳо ва асҳоби ҷараёнҳои мухолифи Ислом пайваста дар мухолифат бо он кӯшиш ба харҷ додаанд, камари ҳиммат баста аст. Маҷмаи ҷаҳонии Аҳлибайт(а) худро дар ин роҳи муқаддас пайрави

шогирдони ростини мактаби Аҳлибайт[а] медонад; ҳамон, ки ҳамвора барои радди ин иттиҳомоти давомдор омодагӣ дошта ва кӯшиш намудаанд мутобиқ бо зарурати ҳар асру замон дар сафи пеши ин мубориза боқӣ монанд.

Таҷрибаҳое, ки дар ин замина дар китобҳои донишмандони мактаби Аҳлибайт[а] захира шудаанд, дар навъи худ беназир мебошанд. Зеро ин таҷрибаҳо аз дастовардҳои илмӣ бар асоси ҳокимияти ақл, истидлол, дурӣ аз ҳавою ҳавас ва таассуби кӯркӯрона бархурдор буда, мутахассисон ва соҳибони андешаро чунон мавриди хитоб қарор медиҳад, ки ақли солим ва фитрати поки инсон пазирои он бошад.

Маҷмаи ҷаҳонии Аҳлибайт[а] кӯшида аст, то марҳалаи наве аз ин таҷрибаҳои арзишмандро таи маҷмӯае аз таҳқиқот ва таълифоти муаллифони муосир аз мактаби Аҳлибайт[а] барои ташнагони ҳақиқат қарор диҳад.

Ин Маҷмаъ ҳамчунин иқдом ба таҳқиқ ва нашри таълифоти судманди гузаштагон ва шахсиятҳои барҷастаи пайравони ин мактаб намудааст, то ин манобеъ низ ташнагони ҳақиқатро чашмаи гуворое бошад, то дар асри такомули босуръати ақлҳо гӯши ҷони худро бар ҳақоиқе, ки Аҳли Байти рисолат[а] барои ҳамаи ҷаҳониён ба армуғон овардаанд, бикушоянд.

Умедворем хонандагони мӯҳтарам бо пешниҳоди назарияҳо ва пешниҳодҳои арзишманд ва интиқодҳои созандаи худ Маҷмаи ҷаҳонии Аҳлибайт[а]-ро дар ин замина бонасиб гардонанд.

Ҳамчунин аз соири муассисаҳо, донишмандон ва тарҷумонҳо даъват мекунем, то дар нашри фарҳанги Исломи ноби Муҳаммадӣ(с) моро ёрӣ намоянд.

Аз Худованди мутаол мехоҳем ин талоши ночизро аз мо қабул намуда, талоши моро зери сояи ҷонишини худ дар замин ҳазрати Маҳдӣ (Худованд зуҳурашро наздик гардонад) рӯзафзунтар созад.

Акнун ҷо дорад, то камоли ташаккури худро ба ҷаноби аллома Сайид Муртазо Аскарӣ барои таълифи ин китоб ва устод Зарринтоҷ ба ҷиҳати тарҷумаи он иброз дошта, ҳамчунин аз тамоми ҳамкорони мӯҳтараме, ки моро барои ба самар расидани ин асар ёрӣ карданд, хусусан азизоне, ки дар идораи тарҷума анҷоми вазифа менамоянд, сипосгузорӣ намоем.

*Муовинати фарҳангии*
*Маҷмаи ҷаҳонии Аҳлибайт* (а)

**Тақдим:**

Савоби ин китобро ҳадя менамоям:

@ - ба нахустбонуе, ки ба Худо ва Паёмбараш[с] имон овард ва ҷону молашро то лаҳзаҳои охири ҳаёти худ дар роҳи Ислом фидо намуд.

@ - ба модари итрати Расул[с] ва зуррияи боқияи он ҳазрат.

@ - ба модари Фотимаи Заҳро – сайидаи занони ҳар ду ҷаҳон[а].

@ - ба модаркалонам Уммулмӯъминин – Хадичаи Кубро[а].

@ Аз Худои зулҷалол хоҳонам мусулмононро аз ин навиштор баҳраманд намояд, иннаҳу самиъун муҷиб.

*Сайид Муртазо Аскарӣ*

## Пешгуфтори муаллиф[1]

Бисмиллоҳир раҳмонир раҳим

***Алҳамду лиллоҳи раббил ъоламин, вассалоту вассалому ъало Муҳаммадин ва олиҳит тоҳирин вассалому ъало асҳобиҳил мунтаҷабин.***

Бо сабабҳои зерин ба таълиф ва нигориши ин китоб камари ҳиммат бастам:

1. Мушоҳида намудам, ки макотиби гуногуни башарӣ бо Қуръони карим мухолифат доранд ва қонунгузорони низоми иҷтимоӣ қонунҳои ҷомеаро бар асоси чунин дидгоҳе дар ситез бо аҳкоми қуръонӣ бино ниҳодаанд ва ин бунёди береша насл ба насл мавриди эътимод, истинод ва дастмояи ояндагон мегардад.

Ин амр бархе уламои мусулмонро бар он дошта аст то ба по хезанд ва бо тавҷеҳоти гуногун баёни Худовандро дар Қуръони карим дар мавриди пайдоиши хилқат, ки зербинои ваҳй дар ташреи қавонини Ислом аст, бо дидгоҳи моддии махлуқин яксон ва яксӯ ҷилва диҳанд. Ин талошҳои онон ба нобудии биниши саҳеҳ аз баёни Қуръони карим дар бораи пайдоиши хилқат ва робитаи он бо Худои холиқ ва Парвардигори қонунгузор анҷомид.

Аз ин сабаб ба тадвини баҳсҳои ин китоб ҳиммат гумоштам. Бо талоши мутавозеона ба истинботи бархе аз фармудаҳои Қуръони карим дар бораи Худои холиқи парвардигори қонунгузор ва асмои ҳусноии ӯ

[1] Сарсухани муаллиф ба таври хулоса оварда шуда аст.

кӯшиш ба харҷ додам. Дар бораи чигунагии хилқат ва иртиботи он бо холиқ аз аввали пайдоиш то рӯзи қиёмат ба баёни Қуръон муроҷиат кардам ва бидуни он ки аз масири ин баён, ба чизе аз гуфтори одамиён мунҳариф гардам, ба таҳқиқ ва пажуҳиш пардохтам.

2. Дар пайи муҳоҷирати мусулмонон ба кишварҳои Ғарбӣ ва қатъи алоқаи онон бо манобеи исломии кишварашон ва баъд аз пирӯзии инқилоби исломӣ дар Эрон ва мутаваҷҷеҳ шудани чашмҳои мардум аз кишварҳои дуру наздик ба Ислом ва шинохти он, манро водор сохт, ки баъд аз мушоҳидаи ин ниёзҳо бар худ воҷиб донам, ки давраҳое аз китобҳои омӯзишии исломиро дар радаҳои мухталифи фикрӣ омода ва пешкаш намоям. Барои ин кор ба ёрии Худо барномаи махсусе тартиб дода ва силсилаи дарсҳои "*Нақши аимма дар эҳёи дин*"-ро тадвин намудам, ки бахши аввали он ба номи "*Истилоҳоти Исломӣ*" муқаддимаи ин китоб қарор гирифта аст.

***3.*** Дар ҳамин китоб (*Нақши аимма дар эҳёи дин*), вақте барои баррасии ақоиди Ислом, ба маъноҳои амиқи Қуръон наздик шудам, дарёфтам, ки:

Қуръони азим ақоиди Исломро чунон содда ва равон баён мекунад, ки ҳар кас забони арабро бидонад ва ба синни булуғи ақлӣ расида ва мухотаби фармудаи "Ё аййуҳан нос, - Эй мардумон" бошад, каломи Худоро пас аз ин хитоб ба хубӣ дарк мекунад.

Вале афсӯс, ки донишмандон дар тафсири Қуръон ба фалсафаи файласуфон, ирфони сӯфиён, каломи мутакаллимон, ривоятҳои исроилӣ ва дигар ривоёти баррасинашудаи ба Расули Худо (с) нисбатдодашуда эътимод карда ва оятҳои Қуръонро ба кӯмаки онҳо тафсир ва таъвил намудаанд. Онҳо бо ин кори худ аз "Ақоиди Ислом" тилисм, муаммо ва чистонҳое

сохтаанд, ки ғайр аз доноён ба равиши илмии уламо дар фунуни балоғат, мантиқ, калом, фалсафа ва монанди инҳо ҳеҷ касро ёрои фаҳми он нест. Ин равишҳо боис гардид то мусулмонон ба тафриқа гароянд ва ба гурӯҳҳои мӯътазила, ашоира, мурҷиа ва ҳоказо тақсим гарданд.

4. Дар ин баррасиҳо ҳамчунин ақоиди Исломро силсилаи баҳампайваста ёфтам, ки бархе аз он роҳкушои бархеи дигар аст. Дар маҷмӯъ ин ақоид пайкараи ягона ва муттаҳидеро мемонад, ки ҳар бахши он бахши дигарро комил мекунад. Замоне ки донишмандон дар таълифоти худ бархе аз бахшҳоро ҷудо аз ҳам меоваранд, ҳикмати ақоиди Ислом аз пажуҳандагонаш норавшан ва зери парда мемонад.

Хулоса он ки силсилаи ақоиди Исломро дар ин китоб ҳамон гуна, ки дар Қуръони карим ёфтаам, тартиб додам. Маҷмӯаи ҳамоҳанг ва ҳамгун, ки ҳар бахше бахши дигарро пура намуда мавзӯи пешин роҳкушои мавзӯи бахши оянда мегардад. Бо ин равиш ва услуб аст, ки ақоиди Ислом ва ҳикмати он дониста мешавад. Аз ҳамин сабаб ҷамъбандӣ ва фарогирии баҳси охир пеш аз ҷамъбандӣ ва фарогирии матолиби омада дар баҳсҳои пешин имконпазир нест.

Агар дар ин талоши мутавозеонаам тавфиқ ёфтам, Худоро сипосгузорам ва сипосу шукр барои ӯст, ки ин неъматро бароям арзонӣ дошт. Ва агар дар порае аз маворид лағжидам, онро аз кӯтоҳӣ ва қусури хеш медонам ва аз Худои мутаол ва фазлу карамаш дархости авф ва гузашт менамоям.

*Сайид Муртазо Аскарӣ*

## Сухане аз мутарҷим

Сипосу ситоиш махсуси Худованди қодиру тавоно аст, ки ба ин бандаи ҳақиру нотавон нерӯ бахшид, то тарҷумаи китоби “**Ақоиди Ислом дар Қуръони карим**”-ро ба зиммаи худ гирифта, онро дар ҳадди тавони худ ба анҷом расонам.

Китоби мазкур таълифи мутафаккири бузурги муосири олами ислом аллома *Сайид Муртазо Аскарӣ* (Худованд эшонро ҳифз кунад) мебошад. Ҳазрати Аллома тамоми умри бобаракати худро, ки дар ҳоли ҳозир (соли 2006) 92 сол аз умрашон сипарӣ мешавад, сарфи хидмат ба Исломи ноби Муҳаммадӣ (с) намудаанд. Даҳҳо асари гаронбаҳо дар заминаҳои гуногуни фарҳанг ва маорифи исломӣ маҳсули талошу кӯшиши шабонарӯзии ин шахсияти нотакрор мебошад.

Аллома Сайид Муртазо Аскарӣ яке аз парчамбардорони ҳаракати иттиҳод ва ваҳдати байни фирқаҳо ва мазҳабҳои исломӣ мебошанд ва дар ин замина талоши фаровонеро ба харҷ додаанд. Яке аз ин кӯшишҳо ҳамин китобе аст, ки хонандагони азиз дар даст доранд. Дар ин китоб, ки дар 3 ҷилд ба чоп расидааст ҳазрати Устод бо он зиракӣ ва нуктасанҷие, ки аз улуми мухталифи динӣ баҳраманд ҳастанд, ба хубӣ тавонистаанд *Ақоиди Исломро* аз оёти Қуръони карим берун оваранд. Аз он ҷо ки Қуръони азимушшаън барои ҳамаи мусулмонон мӯътабар ва дорои ҳуҷҷият мебошад, Алломаи бузургвор бо

меҳварияти Қуръон ақоиди нобро танҳо аз Қуръони карим истихроҷ намудаанд.

Мо низ аз ин фурсат истифода намуда китоби мазкурро ба забони тоҷикӣ омодаи чоп намудем, то хонандагони мӯҳтарам бо такя ба оёти Каломуллоҳ ақоиди Исломро дар ҳадди тавон ва бардошти худ фаро гиранд ва аз ақоиди мухталиф ва инҳирофии бепоя парҳез намоянд.

Инҷониб бар худ зарур медонам, ки баъзе нукотеро дар мавриди тарҷумаи китоб ва тарзи истифодаи он ба хонандагони азиз гӯшзад намоям.

Нахуст тасмим бар он доштем, ки китоби мазкурро аз тарҷумаи форсии он ки тавассути мутарҷимони мӯҳтарам оқоён: Муҳаммад Ҷавод Карамӣ (ҷилди аввал ва дуввум) ва Ато Муҳаммад Сардорниё (ҷилди саввум) тарҷума ва чоп шуда аст, ба хати кириллӣ барои хонандагони тоҷик пешкаш намоем. Аммо замоне ки китобро баррасӣ ва коршиносӣ намудем, ба ин натиҷа расидем, ки дар тарҷумаи китоб матни аслии онро ки ба забони арабӣ нигошта шудааст, меҳвар қарор дода шавад, зеро:

Дар тарҷумаи форсии ин китоб ғалатҳои чопӣ дар матни тарҷума, дар оёти Қуръон, номи сураҳо ва шумораи оятҳо зиёд дида мешавад.

Калимаҳо ва ибораҳои зиёдеро метавон пайдо намуд, ки барои хонандаи тоҷик бегона, душворфаҳм ва ғайримаъмул мебошанд.

Аз ин сабаб тасмим гирифтем асли арабии матни китобро дар баробари матни тарҷумаи форсии он меҳвари аслӣ қарор бидиҳем ва бо бартараф намудани ин саҳву хатогиҳо матни солим ва қобили фаҳми умумро пешкаши хонандагони гиромӣ намоем, то

эшон дар сатҳҳои гуногун баҳрае аз ин суфраи маънавӣ барои хеш дарёфт намоянд..

Инчунин барои истифодаи бештари хонандагони азиз аз ин китоб дар тарҷумаи тоҷикии матни мазкур тағиротеро низ эҷод намудем, ки ба қарори зер мебошанд:

1. Тамоми он даста аз оятҳои Қуръон, ки аз панҷ сатр камтар буданд, талаффузи таҳтуллафзии ононро бо хати кириллии тоҷикӣ дар дохили матн овардем, то он даста аз падарону модарон ва хоҳарону бародарони гиромӣ, ки бо хати арабӣ ва умуман хондани Каломуллоҳ ошноӣ надоранд ва нияти ҳифзи ин оётро дошта бошанд, кӯмаке карда бошем.

2. Барои талаффузи саҳеҳу дурустари оёти раббонӣ се аломатро дар матн барои се овози “**ъ**”, “**и**” ва “**у**” ҷойгузин намудем, ки шарҳи он чунин аст:

Дар забони тоҷикӣ барои овози “**ҳамза**”-и арабӣ овози ҳарфи “**ъ**”-ро муносиб донистаанд, ки дар натиҷа ҳарфи “**ъ**” ҳам ба ҷои ҳарфи “**ъайн**” адои вазифа менамояд ва ҳам ба ҷои овози “**ҳамза**”. Ин ду ҳамсадо дар забони арабӣ аз ҳамдигар ба куллӣ фарқ мекунанд, зеро баромадгоҳи талаффузи онҳо аз ҳамдигар мутафовит ҳаст. Ба ин сабаб мо барои талаффузи “**ҳамза**” аломатеро интихоб намудем, ки шакли он {**ʿ**} чунин мебошад.

{**ʿ**} – Ин аломат садои ҳамзаи арабиро ифода мекунад ва тарзи талаффузи он аз ҳанҷара дар интиҳои ҳалқ адо шуда ва дар ҳангоми талаффузи он торҳои савтӣ ба якдигар васл мешавад ба тавре, ки овози ҳарф дар ҳоли сукун (ист) қатъ мешавад. Аммо ҳарфи **ъайн** аз миёнаи ҳалқ адо мешавад ва дар ҳангоми талаффузи он девораи ҳалқ ҷамъ мешавад ва садои ҳарф дар ҳоли сукун, миқдоре кашида мешавад.

{**ӣ**}- Ин аломати садои {**и**} мебошад ва аломати болои он нишондиҳандаи овози кашида ва мадноки {**и**} мебошад, ки ҳадди ақалли талаффузи он баробар аст бо дучанди садои {**и**}, ки шиддатноктар адо мешавад.

{**ӯ**}- Ин аломат нишонаи садои {**у**} мебошад ва аломати болои он низ бар кашидашудан ва маднокии он далолат мекунад ва ҳадди ақалли адои овози он баробар аст бо талаффузи дучанди овози садоноки {**у**}.

3. Тамоми оёте, ки аз Қуръони карим далел оварда шудаанд, тарҷумаашонро дар худи матн ва асли арабии ин оётро дар повараҳи ҳамон саҳифа ва ё саҳифаи баъдӣ (вобаста ба ҳаҷми оёт) овардаем.

4. Калима ва ибораҳое, ки дар бахши "*Шарҳи вожаҳо*" маъно ва тафсири онҳо дода шуда аст, дар фасли "*Феҳрастҳо*" тарзи навишти арабиашон бо зикри саҳифа дар ҷадвал оварда шуда аст.

4. Дар қисмати охири ҷилди саввум низ ашъори арабиро ба сурати таҳтуллафзӣ қабл аз тарҷумаи он дар дохили матн ва асли арабии абётро дар повараҳ ҷой додем.

Дар охир рӯи ниёз ба даргоҳи бениёз оварда мегӯем: *Парвардигоро***!** *Ин кори нолоиқ ва ношоистаи моро***,** *ки танҳо ба хотири ризои ту буд***,** *ба даргоҳи хеш қабул бифармо***!** *Ҳамаи саҳву хатогиҳо ва лағжишҳое***,** *ки нохудогоҳ дар тӯли анҷоми вазифа аз мо сар задааст***,** *бибахшу биёмурз ва моро аз пайравони ростини набии мукаррамат Ҳазрати Муҳаммади Мустафо* ***(с)*****,** *ки ин сол* ***(1385 – 2006)*** *ба номи эшон номгузорӣ шуда аст***,** *қарор бидеҳ***!** *Омин ё Раббал ъоламин***.**

Зарринтоҷ,

аввали Фарвардини 1385,

*марти* ***2006***

إِنَّ هَـٰذَا الْقُرْآنَ يِهْدِي لِلَّتِي هِيَ أَقْوَمُ وَيُبَشِّرُ الْمُؤْمِنِينَ الَّذِينَ يَعْمَلُونَ الصَّالِحَاتِ أَنَّ لَهُمْ أَجْراً كَبِيراً [9]

*Дар ҳақиқат ин Қуръон, ба роҳе ки устувортарини роҳҳост, ҳидоят мекунад; ва ба мӯъминоне, ки корҳои шоиста анҷом медиҳанд мужда медиҳад, ки барои онон подоши бузурге аст.*

**Сураи Исро, ояи** 9.

## *Корбурди истилоҳот дар оёти Қуръон*

1-Худованди субҳон дар сураи Ҳаҷ, ояти 75 мефармояд:

***Аллоҳу ястафӣ минал малоикати русулан ва минан нос... Ê***

***Ä*** *Худованд аз фариштагон ва одамиён паёмбаронеро бармегузинад****....*** [1]

2-Ва дар сураи Оли Имрон, ояти 33:

***Инналлоҳастафо Одама ва Нӯҳан ва Ола Иброҳима ва Ола Ъимрона ъалал ъоламӣн Ê***

***Ä*** *Худованд Одам****,*** *Нӯҳ****,*** *хонаводаи Иброҳим ва хонаводаи Имронро бар ҷаҳониён баргузид****.*** [2]

3-Ва дар сураи Нисо, ояти 163-165:

---

[1] Сураи Ҳаҷ, ояи 75.

**اللَّهُ يَصْطَفِي مِنَ الْمَلَائِكَةِ رُسُلاً وَمِنَ النَّاس ...** {75}

[2] Сураи Оли Имрон ояи 33.

**إِنَّ اللّهَ اصْطَفَى آدَمَ وَنُوحاً وَآلَ إِبْرَاهِيمَ وَآلَ عِمْرَانَ عَلَى الْعَالَمِينَ** {33}

***Инно авҳайно илайка камо авҳайно ило Нӯҳин ван набиййина мин баъдиҳи ва авҳайно ило Иброҳима ва Исмоъила ва Исҳоқа ва Яъқӯба вал Асботи ва Ъӣсо ва Айюба ва Юнуса ва Ҳорӯна ва Сулаймона ва отайно Довуда Забӯро. Ва русулан қад қасасноҳум ъалайка мин қаблу ва русулан лам нақсусҳум ъалайка ва калламаллоҳу Мӯсо таклӣмо. Русулан мубашширӣна ва мунзирӣна лиалло якӯна линноси ъалаллоҳи ҳуҷҷатун баъдар русули ва коналлоҳу ъазӣзан ҳакӣмо*** **Ê**

**Ä***Мо ҳамон гуна ки бар Нӯҳ ва паёмбарони баъд аз ӯ ваҳй фиристодем, бар ту ваҳй фиристодем ва ҳамчунин бар Иброҳим, Исмоил, Исҳоқ, Яъқуб, Асбот, Исо, Аюб, Юнус, Ҳорун ва Сулаймон ваҳй фиристодем ва ба Довуд Забурро ато кардем. Ва ҳам ба расулоне, ки достонашонро пеш аз ин бар ту ҳикоят кардем ва онҳое, ки ҳикоят накардем ва Худованд бо Мӯсо сухан гуфт. Паёмбароне навиддиҳанда ва тарсонанда, то мардумонро баъд аз ин паёмбарон ҳеҷ ҳуҷҷате бар Худованд набошад ва Худованд азизу ҳаким аст.*[1]

4- Ва дар сураи Наҳл, ояти 36:

---

[1] Сураи Нисо, ояи 163-165.

إِنَّا أَوْحَيْنَا إِلَيْكَ كَمَا أَوْحَيْنَا إِلَى نُوحٍ وَالنَّبِيِّينَ مِن بَعْدِهِ وَأَوْحَيْنَا إِلَى إِبْرَاهِيمَ وَإِسْمَاعِيلَ وَإِسْحَاقَ وَيَعْقُوبَ وَالأَسْبَاطِ وَعِيسَى وَأَيُّوبَ وَيُونُسَ وَهَارُونَ وَسُلَيْمَانَ وَآتَيْنَا دَاوُودَ زَبُوراً {163} وَرُسُلاً قَدْ قَصَصْنَاهُمْ عَلَيْكَ مِن قَبْلُ وَرُسُلاً لَّمْ نَقْصُصْهُمْ عَلَيْكَ وَكَلَّمَ اللّهُ مُوسَى تَكْلِيماً {164} رُّسُلاً مُّبَشِّرِينَ وَمُنذِرِينَ لِئَلاَّ يَكُونَ لِلنَّاسِ عَلَى اللّهِ حُجَّةٌ بَعْدَ الرُّسُلِ وَكَانَ اللّهُ عَزِيزاً حَكِيماً {165}

***Валақад баъасно фӣ кулли умматин расӯлан аниъбудуллоҳа ваҷтанибут тоғӯта фа минҳум ман ҳадаллоҳу ва минҳум ман ҳаққат ъалайҳиз залолату... Ê***

**Ä** *Ва ҳамоно дар миёни ҳар уммате паёмбаре фиристодем* **(***то ба халқ расонад***),** *ки Худоро бипарастед ва аз тоғут дурӣ кунед***,** *Худо бархе аз эшонро ҳидоят кард ва баъзе ҳам дар гумроҳӣ ва залолат боқӣ монданд***...**[1]

***Фаҳал ъалар русули иллал балоғул мубӣн Ê***

**Ä** *Оё бар паёмбарон ба ҷуз таблиғи ошкор чизи дигаре ҳаст***.**[2]

5-Дар сураи Оли Имрон, ояти 81:

***Ва из ахазаллоҳу мӣсоқан набиййина ламо отайтукум мин китобин ва ҳикматин, сумма ҷоакум расӯлун мусаддиқун лимо маъакум лату'минунна биҳи ва латансуруннаҳу, қола а'ақрартум ва ахазтум ъало золикум исрӣ қолӯ ақрарно, қола фашҳадӯ ва ано маъакум минаш шоҳидӣн Ê***

**Ä** *Ва он гоҳ ки Худованд аз паёмбарон мисоқ гирифт***,** *ки ба шумо китоб ва ҳикмат ато кардам***,**

---

[1] Сураи Наҳл, ояи 36.

وَلَقَدْ بَعَثْنَا فِي كُلِّ أُمَّةٍ رَّسُولاً أَنِ اعْبُدُواْ اللّهَ وَاجْتَنِبُواْ الطَّاغُوتَ فَمِنْهُم مَّنْ هَدَى اللّهُ وَمِنْهُم مَّنْ حَقَّتْ عَلَيْهِ الضَّلالَةُ ... {36}

[2] Сураи Наҳл, ояи 35.

... فَهَلْ عَلَى الرُّسُلِ إِلاَّ الْبَلاغُ الْمُبِينُ {35}

*пас ба паёмбаре, ки тасдиқкунандаи оини шумост ва ба сӯи шумо меояд имон оварда ёриаш кунед. (Худованд ба онҳо гуфт): Оё қабул доред ва бар ин амр, паймони таъкидшуда бо ман мебандед? Гуфтанд: оре гувоҳӣ медиҳем. Худованд гуфт: пас гувоҳ бошед, ки ман низ бо шумо аз гувоҳон хоҳам буд.*[1]

6-Ва дар сураи Анъом оёти 83-86 ва 89:

*Ин ҳуҷҷати мост, ки ба Иброҳим бар қавмаш додем, мақоми ҳар касро, ки бихоҳем баланд мекунем. Худои ту ҳакиму азим аст. Мо ба ӯ Исҳоқ ва Яъқубро ато намудем ва ҳамаро ба роҳи рост роҳнамоӣ кардем. Ва Нӯҳро пеш аз он ҳидоят кардем ва аз фарзандонаш Довуд, Сулаймон, Аюб, Юсуф, Мӯсо ва Ҳорунро ҳидоят кардем ва ҳамчунин некӯкоронро подоши нек медиҳем. Ва Закариё, Яҳё, Исо, ва Илёс ҳам аз некӯкоронанд. Ва Исмоил, Ясаъ, Юнус ва Лут низ (аз некӯкоронанд). Ва мо ҳамаро бар оламиён бартарӣ додем ... Он паёмбарон касоне буданд, ки китоб, фармонравоӣ (ё ақлу дониш, ва ё мақоми доварӣ) ва нубувватро ба онон ато кардем...*[2].

---

[1] Сураи Оли Имрон, ояи 81.
وَإِذْ أَخَذَ اللّهُ مِيثَاقَ النَّبِيِّيْنَ لَمَا آتَيْتُكُم مِّن كِتَابٍ وَحِكْمَةٍ ثُمَّ جَاءكُمْ رَسُولٌ مُّصَدِّقٌ لِّمَا مَعَكُمْ لَتُؤْمِنُنَّ بِهِ وَلَتَنصُرُنَّهُ قَالَ أَأَقْرَرْتُمْ وَأَخَذْتُمْ عَلَى ذَلِكُمْ إِصْرِي قَالُواْ أَقْرَرْنَا قَالَ فَاشْهَدُواْ وَأَنَاْ مَعَكُم مِّنَ الشَّاهِدِينَ {81}

[2] Сураи Анъом, оёти 83-86 ва 89.
وَتِلْكَ حُجَّتُنَا آتَيْنَاهَا إِبْرَاهِيمَ عَلَى قَوْمِهِ نَرْفَعُ دَرَجَاتٍ مَّن نَّشَاء إِنَّ رَبَّكَ حَكِيمٌ عَلِيمٌ {83} وَوَهَبْنَا لَهُ إِسْحَاقَ وَيَعْقُوبَ كُلاًّ هَدَيْنَا وَنُوحاً هَدَيْنَا مِن قَبْلُ وَمِن ذُرِّيَّتِهِ دَاوُودَ

7-Ва дар сураи Бақара, ояти 136:

***Қӯлӯ оманно биллоҳи ва мо унзила илайно ва мо унзила ило Иброҳима ва Исмоъӣла Ва Исҳоқа ва Яъқӯба вал Асботи ва мо ӯтия Мӯсо ва Ъӣсо ва мо ӯтиян набийюна мин раббиҳим ло нуфарриқу байна аҳадин минҳум ва наҳну лаҳу муслимӯн*** **Ê**

*Ä Бигӯед имон овардем ба Худо ва он чи ки бар мо нозил шуда ва он чи ки бар Иброҳим, Исмоил, Исҳоқ, Яъқуб ва Асбот нозил гардид ва он чи ки бар Мӯсо ва Исо дода шуд ва ба ҳамаи он чи ки ба паёмбарон аз ҷониби Худояшон дода шудааст, имон овардем. Байни ҳеҷ як аз ин паёмбарон фарқе намегузорем ва мо мутеъ ва таслими Худо ҳастем.*[1]

8-Ва дар сураи Ҳадид, ояти 25:

***Лақад арсално русулано бил баййиноти ва анзално маъаҳумул китоба вал мӣзона лияқуман носу билқисти ва анзалнал ҳадӣда фӣҳи ба'сун шадӣдун ва манофиъу линноси ва***

---

وَسُلَيْمَانَ وَأَيُّوبَ وَيُوسُفَ وَمُوسَى وَهَارُونَ وَكَذَلِكَ نَجْزِي الْمُحْسِنِينَ {84} وَزَكَرِيَّا وَيَحْيَى وَعِيسَى وَإِلْيَاسَ كُلٌّ مِّنَ الصَّالِحِينَ {85} وَإِسْمَاعِيلَ وَالْيَسَعَ وَيُونُسَ وَلُوطاً وَكُلاًّ فضَّلْنَا عَلَى الْعَالَمِينَ {86}
أُوْلَـئِكَ الَّذِينَ آتَيْنَاهُمُ الْكِتَابَ وَالْحُكْمَ وَالنُّبُوَّةَ ... {89}

[1] Сураи Бақара, ояи 136.
قُولُواْ آمَنَّا بِاللّهِ وَمَا أُنزِلَ إِلَيْنَا وَمَا أُنزِلَ إِلَى إِبْرَاهِيمَ وَإِسْمَاعِيلَ وَإِسْحَاقَ وَيَعْقُوبَ وَالأسْبَاطِ وَمَا أُوتِيَ مُوسَى وَعِيسَى وَمَا أُوتِيَ النَّبِيُّونَ مِن رَّبِّهِمْ لاَ نُفَرِّقُ بَيْنَ أَحَدٍ مِّنْهُمْ وَنَحْنُ لَهُ مُسْلِمُونَ {136}

***лияъламаллоҳу ман янсурҳу ва русулаҳу билғайб... Ê***

***Ä** Ҳамоно мо паёмбарони худро бо мӯъҷизот фиристодем ва ҳамроҳашон китоб ва мизон нозил кардем то мардум ба ростӣ ва адолат рӯй оваранд. Ва оҳанро, ки дар он сахтӣ (ва короӣ) ва манофеъи бисёр барои мардумон аст нозил кардем то маълум шавад чӣ касе бо имони ба ғайб, Худо ва паёмбаронашро ёрӣ хоҳад кард...* [1]

Ва дар сураи Нур, ояти 54 ва Анкабут ояти 18 мефармояд:

***Ва мо ъалар расӯли иллал балоғул мубӣн Ê***

***Ä** Ва бар паёмбар ҷуз таблиғи ошкор чизе нест.* [2]

9-Ва дар сураи Сабо, ояти 34:

***Ва мо арсално фӣ қарятин мин назӣрин илло қола мутрафӯҳо инно бимо урсилтум биҳи кофирӯн Ê***

***Ä** Ва ҳеҷ паёмбареро ба диёре нафиристодем, ҷуз он ки ишратталабони он диёр ба онҳо гуфтанд, ки мо*

---

[1] Сураи Ҳадид, ояи 25.

لَقَدْ أَرْسَلْنَا رُسُلَنَا بِالْبَيِّنَاتِ وَأَنزَلْنَا مَعَهُمُ الْكِتَابَ وَالْمِيزَانَ لِيَقُومَ النَّاسُ بِالْقِسْطِ وَأَنزَلْنَا الْحَدِيدَ فِيهِ بَأْسٌ شَدِيدٌ وَمَنَافِعُ لِلنَّاسِ وَلِيَعْلَمَ اللَّهُ مَن يَنصُرُهُ وَرُسُلَهُ بِالْغَيْبِ ... {25}

[2] Сураи Нур, ояи 54.

... وَمَا عَلَى الرَّسُولِ إِلَّا الْبَلَاغُ الْمُبِينُ {54}

*ба рисолати шумо кофирем ва ба шумо ақида надорем.*[1]

10-Ва дар сураи Аъроф, ояти 65 ва сураи Ҳуд, ояти 50:

***Ва ило Ъодин ахоҳум Ҳӯдан...***[2]

Ва дар сураи Аъроф, ояти 73 ва сураи Ҳуд, ояти 61 ва сураи Намл, ояти 45:

***Ва ило Самӯда ахоҳум Солиҳан...***[3]

Ва дар сураҳои Аъроф ояи 85, Ҳуд ояи 84 ва Анкабут ояи 36:

***Ва ило Мадяна ахоҳум Шуъайбан...***[4]

11-Ва дар сураи Зухруф, ояти 46:

***Валақад арсално Мӯсо биоётино ило Фиръавна ва малаиҳи ва қола иннӣ расӯлу раббил ъоламӣн Ê***

***Ä****Мо Мӯсоро бо мӯъҷизотамон ба сӯи Фиръавн ва атрофиёнаш фиристодем ва Мӯсо ба онҳо гуфт: ман фиристодаи Парвардигори ҷаҳониён ҳастам.*[5]

---

[1] Сураи Сабо, ояи 34.

وَمَا أَرْسَلْنَا فِي قَرْيَةٍ مِّن نَّذِيرٍ إِلَّا قَالَ مُتْرَفُوهَا إِنَّا بِمَا أُرْسِلْتُم بِهِ كَافِرُونَ {34}

[2] Сураи Аъроф, ояи 65.

وَإِلَى عَادٍ أَخَاهُمْ هُوداً ... {65}

[3] Сураи Аъроф, ояи 73.

وَإِلَى ثَمُودَ أَخَاهُمْ صَالِحاً ... {73}

[4] Сураи Аъроф, ояи 85.

وَإِلَى مَدْيَنَ أَخَاهُمْ شُعَيْباً ... {85}

[5] Сураи Зухруф, ояи 46.

12-Ва дар сураи Аҳқоф ояти 35:

***Фасбир камо сабара ӯлулъазми минар русули ва ло тастаъҷил лаҳум*** **Ê**

**Ä(***Эй паёмбар!***)** *Ту ҳамчун дигар паёмбарони Улулъазм сабур бош ва* **(***бар азобашон***)** *шитоб макун*..[1]

13-Ва дар сураи Фотир, ояти 24:

***Инно арсалнока билҳаққи башӣран ва назӣран ва ин мин умматин илло хало фӣҳо назӣр*** **Ê**

**Ä***Мо туро ба ҳақ, навиддиҳанда ва бимдиҳанда фиристодем ва ҳеҷ уммате нест, магар ин ки дар миёнашон бимдиҳандае буда аст.*[2]

14-Ва дар сураи Шуаро ояти 208:

***Ва мо аҳлакно мин қарятин илло лаҳо мунзирӯн*** **Ê**

**Ä***Ва мо* **(***аҳли***)** *ҳеҷ диёреро аз миён набардоштем, магар ин ки барои онҳо паёмбарони бимдиҳанда фиристодем.*[3]

15-Ва дар сураи Исро, ояти 101:

---

وَلَقَدْ أَرْسَلْنَا مُوسَى بِآيَاتِنَا إِلَى فِرْعَوْنَ وَمَلَئِهِ فَقَالَ إِنِّي رَسُولُ رَبِّ الْعَالَمِينَ {46}

[1] Сураи Аҳқоф, ояи 35.

فَاصْبِرْ كَمَا صَبَرَ أُوْلُوا الْعَزْمِ مِنَ الرُّسُلِ وَلَا تَسْتَعْجِل لَّهُمْ ... {35}

[2] Сураи Фотир, ояи 24.

إِنَّا أَرْسَلْنَاكَ بِالْحَقِّ بَشِيراً وَنَذِيراً وَإِن مِّنْ أُمَّةٍ إِلَّا خلَا فِيهَا نَذِيرٌ {24}

[3] Сураи Шуаро, ояи 208.

وَمَا أَهْلَكْنَا مِن قَرْيَةٍ إِلَّا لَهَا مُنذِرُونَ {208}

***Валақад отайно Мӯсо тисъа оётин баййинотин фас'ал бани Исроила из ҷоаҳум фақола лаҳу Фиръавну иннӣ лаазуннука ё Мӯсо масҳӯро*** **Ê**

**Ä** *Мо ба Мӯсо мӯъҷизоти нӯҳгонае ато кардем***.** *Аз Бани Исроил бипурс он замоне***,** *ки Мӯсо ба сӯи онҳо омад ва Фиръавн ба ӯ гуфт: эй Мӯсо! Ба гумонам ту сеҳрзада шудаӣ.*[1]

16-Ва дар сураи Намл, оёти 12-13 хитоб ба Мӯсо[(а)]:

***Вадхил ядака фӣ ҷайбика тахруҷ байзоа мин ғайри сӯин фӣ тисъи оётин ило Фиръавна ва қавмиҳи иннаҳум конӯ қавман фосиқӣн. Фаламмо ҷоатҳум оётуно мубсиратан қолӯ ҳозо сиҳрун мубӣн*** **Ê**

**Ä** **(***Эй Мӯсо!***)** *Дастатро дар гиребонат фурӯ бар***,** *то чун берун овардӣ бе ҳеҷ лаккае***,** *сафед* **(***ва нуронӣ ва нурафшон***)** *гардад***.** *Он гоҳ бо нӯҳ мӯъҷизаи дигар ба назди Фиръавн ва қавмаш***,** *ки мардуми фосиқанд***,** *фиристода мешавӣ***.** *Чун Мӯсо мӯъҷизаҳои дигари моро ба онҳо нишон дод***,** *гуфтанд: ин сеҳри равшан ва ошкор аст.*[2]

---

[1] Сураи Исро ояи 101.

وَلَقَدْ آتَيْنَا مُوسَى تِسْعَ آيَاتٍ بَيِّنَاتٍ فَاسْأَلْ بَنِي إِسْرَائِيلَ إِذْ جَاءهُمْ فَقَالَ لَهُ فِرْعَونُ إِنِّي لَأَظُنُّكَ يَا مُوسَى مَسْحُوراً {101}

[2] Сураи Намл, оёти 12-13.

وَأَدْخِلْ يَدَكَ فِي جَيْبِكَ تَخْرُجْ بَيْضَاء مِنْ غَيْرِ سُوءٍ فِي تِسْعِ آيَاتٍ إِلَى فِرْعَوْنَ وَقَوْمِهِ إِنَّهُمْ كَانُوا قَوْماً فَاسِقِينَ {12} فَلَمَّا جَاءتْهُمْ آيَاتُنَا مُبْصِرَةً قَالُوا هَذَا سِحْرٌ مُّبِينٌ {13}

17- Дар сураи Раъд, ояти 38:

***Валақад арсално русулан мин қаблика ва ҷаъално лаҳум азвоҷан ва зуррийятан ва мо кона лирасӯлин ан я'тия биоятин илло биизниллоҳ... Ê***

***Ä****Мо пеш аз ту паёмбароне фиристодем* **(***ки монанди ту***)** *занон ва фарзандоне доштанд ва ҳеҷ паёмбареро раво набошад***,** *ки бе изну иҷозати Худованд мӯъҷизае биёварад***...**[1]

18-Ва дар сураи Ғофир, ояти 78:

***Ва лақад арсално русулан мин қаблика минҳум ман қасасно ъалайка ва минҳум ман лам нақсус ъалайка ва мо кона лирасӯлин ан я'тия биоятин илло биизниллоҳ Ê***

***Ä****Мо паёмбаронеро пеш аз ту фиристодем***...** *аз онҳо касоне буданд***,** *ки достонашонро бар ту ҳикоят кардем ва касоне***,** *ки ҳолашонро бар ту ҳикоят накардем***.** *Ва ҳеҷ паёмбареро раво набошад***,** *ки бидуни изну иҷозати Худо мӯъҷизае биёварад***...**[2]

19- Ва дар сураи Ҳаҷ, оёти 42-45:

---

[1] Сураи Раъд, ояи 38.
**وَلَقَدْ أَرْسَلْنَا رُسُلاً مِّن قَبْلِكَ وَجَعَلْنَا لَهُمْ أَزْوَاجاً وَذُرِّيَّةً وَمَا كَانَ لِرَسُولٍ أَن يَأْتِيَ بِآيَةٍ إِلاَّ بِإِذْنِ اللّهِ ...** {38}

[2] Сураи Ғофир, ояи 78.
**وَلَقَدْ أَرْسَلْنَا رُسُلاً مِّن قَبْلِكَ مِنْهُم مَّن قَصَصْنَا عَلَيْكَ وَمِنْهُم مَّن لَّمْ نَقْصُصْ عَلَيْكَ وَمَا كَانَ لِرَسُولٍ أَنْ يَأْتِيَ بِآيَةٍ إِلَّا بِإِذْنِ اللَّهِ ...** {78}

***Ва ин юказзибӯка фақад каззабат қаблаҳум қавму Нӯҳин ва Ъодун ва Самӯд. Ва қавму Иброҳима ва қавму Лӯт. Ва асҳобу Мадяна ва куззиба Мӯсо фаамлайту лилкофирӣн сумма ахазтуҳум факайфа кона накӣр. Факаайййин мин қарятин аҳлакноҳо ва ҳия золиматун ва ҳия ховиятун ъало ъурӯшиҳо ва би'рин муъатталатин ва қасрин машӣд Ê***

**Ä***Ва агар туро таксиб карданд, пеш аз инон қавми Нӯҳ, Од ва Самуд низ (расулони худро) дурӯғ шумориданд. Ва низ қавми Иброҳим ва қавми Лут ва низ аҳолии Мадян (қавми Шуайб) ҳам расулони худро дурӯғ шумориданд ва Мӯсо низ таксиб шудааст. Ва ба кофирон мӯҳлат додам, он гоҳ ба уқубаташон гирифтам, пас инкори ман чӣ гуна буд? Чи бисёр ободиҳое, ки (аҳолии онҳо) ситамгар буданд ҳалокашон кардем ва он шаҳрҳоро сақфҳо ва деворҳояш бар ҳам фурӯ рехт ва аз бунёд вайрон ва холӣ ҳастанд ва чоҳҳои обе, ки бе масраф монда аст ва қасрҳои устувор, (ки бе соҳиб гашта аст).*[1]

20-Ва дар сураи Аҳзоб, оёти 45-46:

[1] Сураи Ҳаҷ, оёти 42-45.

وَإِن يُكَذِّبُوكَ فَقَدْ كَذَّبَتْ قَبْلَهُمْ قَوْمُ نُوحٍ وَعَادٌ وَثَمُودُ {42} وَقَوْمُ إِبْرَاهِيمَ وَقَوْمُ لُوطٍ
{43} وَأَصْحَابُ مَدْيَنَ وَكُذِّبَ مُوسَى فَأَمْلَيْتُ لِلْكَافِرِينَ ثُمَّ أَخَذْتُهُمْ فَكَيْفَ كَانَ نَكِيرِ
{44} فَكَأَيِّن مِّن قَرْيَةٍ أَهْلَكْنَاهَا وَهِيَ ظَالِمَةٌ فَهِيَ خَاوِيَةٌ عَلَى عُرُوشِهَا وَبِئْرٍ مُّعَطَّلَةٍ
وَقَصْرٍ مَّشِيدٍ {45}

***Ё айюҳан набӣ инно арсалнока шоҳидан ва мубашширан ва назӣро. Ва доъиян илаллоҳи биизниҳи ва сироҷан мунӣро Ê***

*Ä Эй паёмбар! Мо туро гувоҳ ва навиддиҳанда ва тарсонанда фиристодем, то бинобар фармон ва иҷозати Худованд, халқро ба сӯи Худо даъват кунӣ ва чароғи фурӯзон (барои оммаи мардум бошӣ).*[1]

21-Ва дар сураи Сабо, ояти 28:

***Ва мо арсалнока илло коффатан линноси башӣран ва назӣро Ê***

*Ä Ва мо туро ба паёмбарӣ нафиристодем, магар бар ҳамаи мардум, башоратдиҳанда ва тарсонанда...*[2]

22-Ва дар сураи Исро, оёти 88-95:

*(Эй паёмбар!) Бигӯ агар инсу ҷин муттаҳид шаванд, ки монанди ин Қуръон биёваранд, ҳаргиз натавонанд, агарчӣ пушт ба пушти якдигар диҳанд. Мо дар ин Қуръон барои мардум аз ҳар мисоле овардаем, аммо бештари мардум ба ҷуз носипосӣ коре накарданд. Ва гуфтанд: ба ту имон намеоварем, магар ин ки аз замин чашмаи обе берун оварӣ, ё ин ки туро боғе аз хурмо ва ангур бошад, ки дар миёни он наҳрҳои об ҷорӣ шавад, ё чунон ки мегӯӣ қитъае аз осмон бар сари мо фуруд ояд, ё*

---

[1] Сураи Аҳзоб, оёти 45-46.

يَا أَيُّهَا النَّبِيُّ إِنَّا أَرْسَلْنَاكَ شَاهِداً وَمُبَشِّراً وَنَذِيراً {45} وَدَاعِياً إِلَى اللَّهِ بِإِذْنِهِ وَسِرَاجاً مُّنِيراً {46}

[2] Сураи Сабо, ояи 28.

وَمَا أَرْسَلْنَاكَ إِلَّا كَافَّةً لِّلنَّاسِ بَشِيراً وَنَذِيراً ... {28}

> *Худо ва фариштагонро пеши рӯи мо ҳозир кунӣ, ё ин ки хонае аз тилло дошта бошӣ, ё ба осмон боло равӣ. Ва ба осмон боло равӣ ҳам ҳаргиз имон намеоварем, магар он гоҳ ки бар мо китобе нозил кунӣ, ки бихонем. Бигӯ, поку муназзаҳ аст Худои ман, оё магар ман башаре бештарам, ки аз сӯи Худо ба рисолат барангехта шудаам?! Мардумро чизе аз имон ва ҳидоят нигаҳ надошт. Замоне, ки Қуръон барои онон омад, магар ин ки (ба инкор) гуфтанд: оё Худованд башареро ба паёмбарӣ барангехтааст?! Бигӯ: агар фариштагонро дар замин қарор ва маскан буд, мо бегумон фариштае аз осмон ба рисолат барояшон мефиристодем.*[1]

## Шарҳи вожаҳо

**Ястафӣ**: Феъли замони оянда аз решаи “**сафв**” аст, ки дар луғат ба маънои усораи (шарбат, шира) холис ва баргузидаи ҳар чизе аст. Ва “**истифо**” ба маънои дастёбӣ ба усора аст. **Истифо** дар истилоҳи исломӣ,

---

[1] Сураи Исро, оёти 88-95.

قُل لَّئِنِ اجْتَمَعَتِ الإِنسُ وَالْجِنُّ عَلَى أَن يَأْتُواْ بِمِثْلِ هَـذَا الْقُرْآنِ لاَ يَأْتُونَ بِمِثْلِهِ وَلَوْ
كَانَ بَعْضُهُمْ لِبَعْضٍ ظَهِيراً {88} وَلَقَدْ صَرَّفْنَا لِلنَّاسِ فِي هَـذَا الْقُرْآنِ مِن كُلِّ مَثَلٍ
فَأَبَى أَكْثَرُ النَّاسِ إِلاَّ كُفُوراً {89} وَقَالُواْ لَن نُّؤْمِنَ لَكَ حَتَّى تَفْجُرَ لَنَا مِنَ الأَرْضِ
يَنبُوعاً {90} أَوْ تَكُونَ لَكَ جَنَّةٌ مِّن نَّخِيلٍ وَعِنَبٍ فَتُفَجِّرَ الأَنْهَارَ خِلالَهَا تَفْجِيراً
{91} أَوْ تُسْقِطَ السَّمَاءَ كَمَا زَعَمْتَ عَلَيْنَا كِسَفاً أَوْ تَأْتِيَ بِاللّهِ وَالْمَلآئِكَةِ قَبِيلاً
{92} أَوْ يَكُونَ لَكَ بَيْتٌ مِّن زُخْرُفٍ أَوْ تَرْقَى فِي السَّمَاءِ وَلَن نُّؤْمِنَ لِرُقِيِّكَ حَتَّى
تُنَزِّلَ عَلَيْنَا كِتَاباً نَّقْرَؤُهُ قُلْ سُبْحَانَ رَبِّي هَلْ كُنتُ إَلاَّ بَشَراً رَّسُولاً {93} وَمَا مَنَعَ
النَّاسَ أَن يُؤْمِنُواْ إِذْ جَاءهُمُ الْهُدَى إِلاَّ أَن قَالُواْ أَبَعَثَ اللّهُ بَشَراً رَّسُولاً {94} قُل لَّوْ
كَانَ فِي الأَرْضِ مَلآئِكَةٌ يَمْشُونَ مُطْمَئِنِّينَ لَنَزَّلْنَا عَلَيْهِم مِّنَ السَّمَاءِ مَلَكاً رَّسُولاً
{95}

яъне Худованд бандаашро аз олудагиҳо ва нохолисиҳои мавҷуд дар дигарон тасфия ва пок карда аст, ё ӯро бар дигарон баргузидааст.

Паёмбари Ислом(с) усораи хилқат ва баргузидаи Худост ва паёмбарон ҳамагӣ баргузидагони Худоянд.

**Авҳайно**: Феъли гӯяндагон (мо) аз решаи “**ваҳӣ**” аст, ки дар луғат ба маънои эъломи ниҳоӣ аст.

Ва дар истилоҳи исломӣ ҳар гоҳ гуфта шавад: Худованд фалон чизро ба бандаи баргузидаи худ “**ваҳӣ**” кард, яъне: онро дар қалби ӯ ҷой дод ва дар хоб ё бедорӣ онро ба ӯ “**илҳом**” кард, ё онро бар забони яке аз фариштагони худ ба вай расонид.

**Баъс**: Дар мавриди паёмбарон ба ин маъност, ки Худованд эшонро фиристода ва барангехта аст.

**Китоб**: Дар луғат ба маънои маҷмӯае аз ҷузваҳо ва рисолаҳои навишташуда аст.

Ва дар истилоҳи исломӣ ваҳйе аст, ки шоиста аст навишта шавад ва китоб гардад, китобе, ки дар он улуми дин, аз эътиқодот ва амал омада бошад. Ин навъ китобро, панҷ тан аз паёмбарон овардаанд: Нӯҳ, Иброҳим, Мӯсо, Исо ва Муҳаммад(с). Китобе, ки бо паёмбарон нозил шудааст исми ҷинс аст ва манзур аз он китобҳои осмонӣ аст.

**Ҳукм**: *Ҳакама, яҳкуму, ҳукман*: қазоват кард ва ҳукми қатъӣ содир намуд. Ҳамчунин ба маънои дониш ва тафаққуҳ аст ва ба маънои ҳикмат низ омада аст ва ҳикмати одамӣ, шинохти мавҷудот ва анҷоми корҳои некӯст. Ва ҳамаи ин маъноҳо муносиби мақом аст.

**Нубувват**: Нубувват дар луғат ба маънои барҷастагӣ, зуҳур ва низ, хабар додан ва огоҳ кардан аст. Фишурдаи сухани Роғиб дар бораи “**наба’**” ва “**нубувват**” чунин аст:

“***Наба’***” хабаре аст бо фоидаи азим, ки аз он илм ё гумони наздик ба илм ҳосил шавад. Ба хабар “***наба’***” нагӯянд, магар он ки ин се чизро дарбар дошта бошад ва хабаре, ки унвони “***Наба’***” мегирад, бояд холӣ аз дурӯғ бошад, монанди: тавотур,[1] хабари Худованди мутаол ва хабари Паёмбар^(с)^:

Ва гӯяд: “**набӣ**” аз “**нубувват**” ба маънои баландӣ ва барҷастагӣ аст ва (Паёмбари Ислом^(с)^) ба хотири барҷастагӣ ва баландии мақом, номи “**Набӣ**” гирифтааст”.[2]

Ва дар истилоҳи исломӣ: бо таваҷҷӯҳ ба мавориди истеъмоли “**набӣ**” дар Қуръон ва ҳадис метавонем бигӯем:

“**Набӣ**” касе аст, ки Худованд ӯро аз миёни бандагонаш баргузида ва ба ӯ ҳукм ато кардааст. Китобро ба вай ваҳй мекунад ва ӯро барангехта аст, то инсу ҷинро ба корҳое, ки салоҳи дунё ва охираташонро дарбар дорад огоҳ созад. Ӯ аз ҷониби Худо сухан мегӯяд ва паёми Худоро, ки ба вай ваҳй шуда аст ба

---

[1] Хабаре, ки аз манобеи мухталифе нақл шуда, эҳтимоли дурӯғ дар он вуҷуд надорад.
[2] Муфрадоти Роғиб, решаи “Набаа”.

мардумон мерасонад. Набӣ, ба *набийийн* ва *анбиё* ҷамъ баста мешавад.[1]

“**Набӣ**” дар Қуръони карим ба ҳамин маъно омадааст, ҷуз дар сураи Ҳаҷ, ояти 52, ки мефармояд:

***Ва мо арсално мин қаблика мин расӯлин ва ло набийийн илло изо таманно алқаш шайтону фӣ умнийятиҳи*** **Ê**

**Ä***Пеш аз ту ҳеҷ расул ва набиро нафиристодем***,** *магар он ки чун орзу мекард* **(***дини худро амалӣ кунад***)***. Шайтон дар хостаи ӯ халал ворид мекард***.**[2]

Ҳангоме, ки аз имом Боқир ва имом Содиқ[(а)] аз тафсири ин оят пурсида шуд, фармуданд:

Набӣ касе аст, ки (дастуроти Худоро) дар хоб мебинад, (монанди рӯъёи ҳазрати Иброҳим[(а)]), ва садоро мешунавад вале фариштаро намебинад. Аммо расул касе аст, ки ҳам дар хоб мебинад ва ҳам садоро мешунавад ва ҳам фариштаи ваҳйро ба чашми сар мебинад ва ҷӣ басо, ки мақоми нубуват ва рисолат дар як тан ҷамъ шудааст![3]

---

[1] Руҷӯъ кунед ба Мӯъҷами алфози Қуръони карим ва Мӯъҷамулвасит калимаи “набаа”.

[2] Сураи Ҳаҷ, ояи 52.

**وَمَا أَرْسَلْنَا مِن قَبْلِكَ مِن رَّسُولٍ وَلَا نَبِيٍّ إِلَّا إِذَا تَمَنَّى أَلْقَى الشَّيْطَانُ فِي أُمْنِيَّتِهِ ...** {52}

[3] Мо аз хулосаи аҳодиси Усули кофӣ, ҷ.1, с.156 дар боби “Фарқ байни *расул* ва *набӣ***”** чунин натиҷа гирифтем.

**Расӯл**: Расул дар луғат инсони оқиле аст, ки паёмовар бошад. Дар ин ҳол ӯро “***мурсал***” гӯянд ва ҷамъи расул, “***русул***” аст.

Аммо дар истилоҳи исломӣ: расул инсоне аст, ки Худованд ӯро ба рисолати хос ба сӯи қавме мабъус мекунад, то эшонро ба шариатҳои ислом ҳидоят намояд. Ӯ дар ин маъмурият мӯъҷизоте аз Худои таоло ҳамроҳи худ дорад, ки гувоҳ бар сидқи рисолати ӯст ва ба он васила ҳуҷҷат бар мардуме, ки Худованд вайро ба сӯи онон фиристода аст, тамом мешавад. Таксибу мухолифат бо он паёмбар, бадбахтию азоб ё ҳалокату нобудии дунёро дар пай хоҳад дошт ва навъҳои азобро дар охират. Ва ин ҷост, ки ба паёмбар *назир* ва *мунзир*, яъне *бимдиҳанда* гуфта мешавад.

Аз тарафи дигар имон ба расул ва фармонбардорӣ аз вай, саодату фархундагии дунё, раҳмату бахшоиш ва ризояту биҳишти Худоро дар охират ҳамроҳи худ дорад ва дар ин сурат ин паёмбар *башир* ва *мубашшир*, яъне *башоратдиҳанда* аст.

Бино бар он чи ки гуфтем ҳар расул “***набӣ***” аст ва ҳар набӣ *сафӣ* ва баргузидаи Худост. Аммо ҳар “**набӣ**” лозим нест, ки расул ва паёмбар бошад.

**Улулъазм**: *Азм* дар луғат ба маънои тасмими қалбӣ барои қиём ба коре ва пойдорию сабурӣ дар роҳи он аст.

Ва дар истилоҳи исломӣ: паёмбарони Улулъазм иборатанд аз: Нӯҳ, Иброҳим, Мӯсо, Исо ва Муҳаммад(с).

**Башӣр ва назӣр**: *Башшараҳу бишай'ин*: ба ӯ муждаи нек дод ва дар чунин сурате муждадиҳандаро *башир* ва *мубашшир* гӯянд. *Ва анзараҳуш шай'а ва бишшай'и*, - ӯро аз чизи ҳавлноке битарсонид, масалан мегӯяд туро аз оқибати он кор метарсонам пас, аз он бипарҳез. Чунин касеро *мунзир* ва *назир* гӯянд.

Ва дар истилоҳи исломӣ: номи башир ва назир дар Қуръон ба паёмбароне гуфта мешавад, ки Худованд онҳоро ба сӯи қавме фиристода аст. Чунон ки фармуда аст:

***Ва мо нурсилул мурсалӣна илло мубашширӣна ва мунзирӣн*** **Ê**

**Ä***Ва мо паёмбаронро ҷуз башоратдиҳанда ва бимдиҳанда нафиристодем.*[1]

***Ва мо арсалнока билҳаққи башӣран ва назӣран ва ин мин умматин илло хало фӣҳо назӣр*** **Ê**

**Ä***Мо туро ба ҳақ башоратгар ва бимдиҳанда фиристодем ва ҳеҷ уммате набуд, ҷуз он ки дар миёнашон тарсонандае будааст.*[2]

**Баййинот**: *Бонаш шай'у*: ошкор ва возеҳ шуд, мушаххас гашт. *Оётин баййинот*, яъне оёти возеҳ ва

---

[1] Сураи Анъом, ояи 48

وَمَا نُرْسِلُ الْمُرْسَلِينَ إِلاَّ مُبَشِّرِينَ وَمُنذِرِينَ ... {48}

Ва низ сураи Каҳф, ояи 56.

وَمَا نُرْسِلُ الْمُرْسَلِينَ إِلَّا مُبَشِّرِينَ وَمُنذِرِينَ ... {56}

[2] Сураи Фотир, ояи 24.

إِنَّا أَرْسَلْنَاكَ بِالْحَقِّ بَشِيراً وَنَذِيراً وَإِن مِّنْ أُمَّةٍ إِلَّا خلَا فِيهَا نَذِيرٌ {24}

ошкор, ки печидагӣ дар он нест ва дар он нуқтаи номафҳуме барои афроди башар вуҷуд надорад.

**Ва анзално**: *Ва нозил кардем***.** Худованд оҳан ва мизонро дар канори ҳам оварда аст, то мардум аз он ду дар зиндагонии хеш баҳраманд шаванд. Ва мизонро дар китобҳои осмонӣ нозил фармуд, яъне дар онҳо меъёр ва мизон ниҳод то бо он аҳволи ҷамъияти инсонӣ, одатҳои башар, суннатҳо, ақоид ва корҳошон санҷида шуда, суд ва зиёни ҳар як аз онҳо мушаххас гардад.

**Мӣзон**: Мизон дар луғат, яъне василае, ки бо он ашёи моддии ҳиссӣ санҷида мешавад.

Ва дар истилоҳи исломӣ: мизон ҳамон дине аст, ки дар китоби осмонӣ аст ва ба воситаи он ақоид ва корҳо санҷида шуда, бар он асос ба ҳисоби инсон дар рӯзи қиёмат расидагӣ мегардад ва ба натиҷаи он кайфар ва подош дода мешавад.

***Лия*қӯманносу билқист**: *Қист*, ба маънои адл аст ва адл яъне ба ҳар кас он чиро, ки сазовори ӯст дода шавад ва он чиро, ки доданаш бар ӯ воҷиб аст бипардозад, аз ӯ гирифта шавад.

**Ба’сун шадӣд**: Мақсуд аз баъс дар ин ҷо ҷанг аст, ки мефармояд **“Ва анзалнал ҳадӣда фӣҳи ба’сун шадӣдун ва манофеъу линнос”,-** яъне Худованд инсонро роҳнамоӣ карда то аз оҳан ба қасди дифоъ аз ҳақ, силоҳи ҷангӣ бисозад. Ҳанӯз ҳам башар аз оҳан силоҳи ҷангӣ месозад ва хоҳад сохт. Оҳан ғайр аз ин фоидаҳои дигаре ҳам барои башар дорад.

**Кисафан**: Кисфат ба маънои қитъа ва порае аз чизе аст, ки ҷамъи он “**кисаф**” мебошад ва маънои ***“ав тусқитас самоу камо заъамта ъалайно кисафан”*** ин аст, ки осмон қитъа қитъа ба сари мо фуруд ояд.

**Зухруф**: Зухруф ба маънои тилло аст. Баъдҳо ин калима ба маънои зинат ва ороиш ба кор рафта аст, ё баръакс.

**Ҷайб**: Ҷайб ба маънои гиребони пироҳан ва монанди он аст, шикофе, ки дар пироҳан ё порча эҷод мекунанд то сар аз он гузарад.

**Мубсиратан**: Ошкор ва возеҳ.

**Исрӣ**: *иср* , яъне паймоне ки таъкид шуда аст.

**Тоғӯт**: *Таго туғёнан*, яъне саркаширо аз ҳад гузаронид. Тоғут: ҳар гарданкаш ва ҳар маъбуде ҷуз Худост, ҷамъи он “***тавоғӣт***” аст.

**Оят**: *Оят* дар луғат ба маънои аломати ошкори чизи ҳиссӣ ва далел бар мақсуд ва кори маъқулу дуруст аст.

Мисоли аввал: сухани Худои мутаол аст дар достони ҳазрати Закариё(а), ки мефармояд:

> ***Қола раббӣ иҷъал лӣ оятан қола оятука алло тукаллиман носа салоса лаёлин савийё.***[1]

Ҳазрати Закариё, ки мегӯяд: ***“иҷъал лӣ оятан”*** ин аст, ки барои ин амр аломат ва нишонае бароям қарор деҳ. Худованд фармуд: *оятука, - аломати ту...*

---

[1] Сураи Марям, ояи 10.

قَالَ رَبِّ اجْعَل لِّي آيَةً قَالَ آيَتُكَ أَلَّا تُكَلِّمَ النَّاسَ ثَلَاثَ لَيَالٍ سَوِيّاً {10}

Мисоли дуввум: сухани Худои таоло аст дар сураи Юсуф, ки мефармояд:

***Ва каайййин мин оятин фис самовоти вал арзи ямуррӯна ъалайҳо ва ҳум ъанҳо муъризӯн*** **Ê**

**Ä** *Чи қадр аломат ва нишона дар осмонҳо ва Замин вуҷуд дорад, ки бозгӯкунандаи қудрату ҳикмати Худо аст ё сифоти дигари ҳазрати Худованд, ки ба содагӣ аз канори он мегузаранд ва аз он рӯй мегардонад.*[1]

Намунаи навъи дуввум: оёт ва мӯъҷизоте аст, ки Худованди субҳон ба воситаи паёмбаронаш ҷорӣ мекунад, чунонки дар сураи Намл, ояти 12 мефармояд:

***Вадхул ядака фӣ ҷайбика тахруҷ байзоа мин ғайри сӯин фӣ тисъи оётин, ило Фиръавна ва қавмиҳи,*** [2] **Ê**

**Ä** *Мурод мӯъҷизаи яди байзои ҳазрати Мӯсо ва мӯъҷизоти даҳгонаи ӯст.*

Аммо оят дар истилоҳи исломӣ ба ду маъно омадааст:

1-Мӯъҷизоте, ки Худованд бар дасти паёмбарон ва авлиёи худ ҷорӣ мекунад, монанди асои Мӯсои Калимуллоҳ(а) ва ноқаи Солеҳ(а). Ба он мӯъҷиза мегӯянд,

---

[1] Сураи Юсуф, ояи 105.

وَكَأَيِّن مِّن آيَةٍ فِي السَّمَاوَاتِ وَالأَرْضِ يَمُرُّونَ عَلَيْهَا وَهُمْ عَنْهَا مُعْرِضُونَ {105}

[2] Сураи Намл, ояи 12.

وَأَدْخِلْ يَدَكَ فِي جَيْبِكَ تَخْرُجْ بَيْضَاء مِنْ غَيْرِ سُوءٍ فِي تِسْعِ آيَاتٍ إِلَى فِرْعَوْنَ وَقَوْمِهِ ... {12}

зеро ҷину инс аз овардани монанди он оҷиз ва нотавонанд. Ҳамчунин тавуллуди фарзанде бидуни падар низ мӯъҷиза аст.

Иқдомот ва ҳолоти хориқулъода ва ғайритабиии паёмбарон оёте аз ин навъ аст, монанди таваллуди ҳазрати Исо(а) аз модараш Марям, ки на ӯро ҳамсаре буд ва на Исо(а)-ро падаре. Худованд мефармояд:

> ***Ва ҷаъално, ибна Маряма ва уммаҳу оятан...*** **Ê**
>
> **Ä***Мо писари Марям ва модаращро оят ва нишонае қарор додем.*[1]

Ва боз аз ҳамин навъ оят, азобе аст, ки бар мушрикон нозил мешавад, ҳамон гуна ки Худои субҳон дар сураи Анкабут, ояти 15 мефармояд:

> ***Фаанҷайноҳу ва асҳобас сафӣнати ва ҷаъално оятан лилъоламӣн.***[2]

Наҷот додани киштинишинони ҳазрати Нӯҳ ва ғарқ шудани мушрикон, худ оят будааст. Назири ҳамин оят дар сураи Қамар, ояти 15 вуҷуд дорад.

2- Оят дар Қуръони карим:

Роғиб дар китоби “Муфрадоти Қуръон” менависад:[3]

---

[1] Сураи Мӯъминун, ояи 50.

وَجَعَلْنَا ابْنَ مَرْيَمَ وَأُمَّهُ آيَةً وَآوَيْنَاهُمَا إِلَى رَبْوَةٍ ذَاتِ قَرَارٍ وَمَعِينٍ {50}

[2] Сураи Анкабут, ояи 15.

فَأَنجَيْنَاهُ وَأَصْحَابَ السَّفِينَةِ وَجَعَلْنَاهَا آيَةً لِّلْعَالَمِينَ {15}

[3] Муфрадоти Роғиб, калимаи “оят”.

“Ҳар ҷумлае аз Қуръон, ки далолат бар ҳукме дошта бошад як оят аст, хоҳ сурае аз Қуръон бошад, хоҳ қисмат ё қисматҳое аз як сура ва низ ба ҳар калом ва ҷумлае аз он ки дар лафз ҷудо бошад “**оят**” гуфта мешавад. Ва бар ин асос аст, ки як сура ба оёти гуногуне тақсим мешавад”.

### Тафсири оёти гузашта дар ривоёт

А) Дар ҳадиси Абӯзар омадааст, ки гуфт:

“Аз Расули Худо(с) пурсидам: теъдоди анбиё чанд нафар буда аст?

Фармуд: яксаду бисту чаҳор ҳазор нафар набӣ будаанд.

Пурсидам: чанд нафарашон Расул будаанд?

Фармуд: сесаду сездаҳ нафар маҷмӯаи пуршумор.

Пурсидам: нахустин набӣ чӣ касе буда аст?

Фармуд: Одам.

Пурсидам: оё ҳазрати Одам, набии мурсал будааст?

Фармуд: оре, Худованд ӯро ба дасти худ офарид ва аз рӯҳи худ дар ӯ дамид. Он гоҳ Расули Худо(с) хитоб ба ман фармуд:

Эй Абӯзар! Аз миёни анбиё чаҳор тан (Одам, Шис, Ухнух, ки Идрис бошад ва ӯ нахустин касе буд, ки бо қалам хат навишта аст ва Нӯҳ ) сирёнӣ будаанд ва чаҳор тан: (Ҳуд, Солеҳ, Шуайб ва набии ту Муҳаммад(с)) аз араб будаанд. Нахустин набии Бани Исроил Мӯсо ва охирини эшон Исо аст ва шашсад набии дигар.

Пурсидам: эй Расули Худо! Худованд чанд китоб фурӯ фиристода аст?

Фармуд: 104 китоб. Худованд бар Шис(а) панҷоҳ саҳифа, бар Идрис сӣ саҳифа, бар Иброҳим бист саҳифа фурӯ фиристод ва он гоҳ Таврот, Инҷил, Забур ва Фурқонро нозил фармуд...", то охири ҳадис.[1]

Ибороти ин ҳадис дар Муснади Аҳмад ибни Ҳанбал ба қарори зер аст:

...Пас пурсидам: эй Расули Худо! Анбиё чанд нафаранд?

Фармуд: яксаду бисту чаҳор ҳазор нафар, ки аз ин теъдод, расулон сесаду понздаҳ нафар мебошанд, маҷмӯаи пуршумор.[2]

Б) Аз имом Ризо(а) омадааст, ки фармуд:

"Улулъазмро аз он рӯй чунин номидаанд, ки эшон соҳибони азм, кӯшишу истиқомат ва шариат будаанд. Ҳар набӣ баъд аз Нӯҳ(а) бар шариат ва муқаррароти он ҳазрат будааст ва пайрави китоби ӯ, то замони ҳазрати Иброҳими Халил. Ва ҳар набӣ, ки дар замони вай буд ва ё баъд аз ӯ омада аст, пойбанд бар шариат ва муқаррароти Иброҳим(а) ва пайрави китоби ӯ, то замони зуҳури ҳазрати Исо(а) буда аст. Ва ҳар набӣ, ки дар замони Исо ё баъд аз ӯ омада аст бар муқаррарот

---

1 Биҳоруланвори Маҷлисӣ, ҷ.11, с.32, ба нақл аз Маъониюл ахбор, саҳ. 95; Хисол, ҷ. 2, саҳ. 104; Муснади Ахмад, ҷ. 5, саҳ. 265-266: Биҳоруланвор, ҷ. 11, саҳ. 33, ба нақл аз Хисол, ҷ. 1, саҳ. 144 ва ҳоказо.

2 Муснади Ахмад, ҷ. 5, саҳ. 265-266

ва шариати ӯ ва пайрави китобаш (Инҷил) буда аст, то замони набии мо ҳазрати Муҳаммад[c].

Ин панҷ нафар Улулъазм, афзал аз ҳамаи анбиё ва расулон мебошанд ва шариати Муҳаммад[c] то рӯзи қиёмат побарҷо буда, насх намешавад ва набии дигаре баъд аз он ҳазрат нахоҳад буд то рӯзи қиёмат...", то охири ҳадис.[1]

Дар тафсири Суютӣ аз Ибни Аббос омадааст:

"**Улулъазм** иборатанд аз: *Хотами Анбиё*[c], *Нӯҳ*, *Иброҳим*, *Мӯсо* ва *Исо* салавотуллоҳи алайҳи аҷмаин".[2]

Ва дар Усули Кофӣ ба санадаш аз Имом Содиқ[a] ривоят шуда аст, ки:

"Сарвари анбиё ва паёмбарон панҷ нафаранд, ки паёмбарони Улулъазм буда, меҳвари шариатҳо мебошанд: Нӯҳ, Иброҳим, Мӯсо, Исо ва Муҳаммад салавотуллоҳи алайҳим аҷмаин".[3]

В) Дар Таърихи Яъқубӣ ба ривоят аз имом Содиқ[a] менависад, ки он ҳазрат фармуд:

"Худованд ҳеҷ паёмбареро маъмурият надод, магар ба ҳамроҳи чизе, ки ба василаи он бар ҳамаи аҳли замонаш саромад буд. Масалан Мӯсо[a] - фарзанди Имронро ба қавме маъмурият дод, ки онҳо дар сеҳру

---

[1] Биҳоруланвори Маҷлисӣ, ҷ.11, с.34 ва 35, ба нақл аз Уюну ахборир Ризо, саҳ. 234 ва 235.

[2] Тафсири Суютӣ, ҷ. 6, с. 45.

[3] Усули Кофӣ, ҷ. 1, с. 175, боби Табақотул анбиё вар-русул, ба нақл аз китоби Хисол, ҷ.1, с. 144.

ҷоду ҳарифе надоштанд. Пас ба он ҳазрат чизе дод, ки бо он ба мубориза алайҳи сеҳрашон бархост ва бар онҳо пирӯз шуд ва онро ботил кард ва он: асо, яди байзо, ҳуҷуми малах, шабушк, қурбоққа, хун, шикофта шудани дарё, шикофта шудани тахтасанг, тавре ки об аз даруни он берун омад ва зишт гардонидани рӯяшон буд. Инҳо мӯъҷизоти он ҳазрат буд.

Довуд[(а)]-ро дар замоне барангехт, ки мардуми он рӯзгор дар санъату ҳунар ва саргармию корҳои беҳуда ғӯтавар буданд. Пас оҳанро дар дасти Довуд[(а)] нарм фармуд ва садои хуш ба ӯ ато кард, тавре ки ҳайвонҳои ваҳшӣ ба хотири овози зебояш гирди ӯ ҷамъ мешуданд.

Сулаймон[(а)]-ро дар рӯзгоре мабъус фармуд, ки мардуми замонаш дар бакоргирии тилисму ҷоду сахт алоқаманд буданд. Ин буд, ки бодро фармонбардори ӯ кард ва аҷиннаро мутеи вай сохт.

Исо[(а)]-ро низ дар замоне барангехт, ки дар рӯзгораш илми тибб мардумро ба худаш машғул дошта буд. Аз ин сабаб ба ӯ қудрати зинда кардани мурдагон ва табобати бемории песро ато фармуд.

Ва Муҳаммад[(с)]-ро дар рӯзгоре мабъус фармуд, ки бар мардуми замонаш дар зебо сухан гуфтан, пешгӯӣ, каломи мусаҷҷау мавзун ва хутба ҳунарманд буданд. Пас он ҳазратро бо Қуръони мубину равшангар ва нерӯи суханварӣ барангехт”.[1]

[1] Таърихи Яъқубӣ, ҷ. 2, саҳ. 34.

## Тафсири оёт дар партави ривоёт

Парвардигори ҷаҳон аз миёни одамиён ва фариштагон паёмбароне чун: Одам, Нӯҳ, Оли Иброҳим ва Оли Имронро бар ҷаҳониён ва Марямро бар занони ду олам баргузида аст. Худованд ба Нӯҳ, Иброҳим, Лут, Исмоил, Исҳоқ, Яъқуб, Юсуф, Мӯсо, Ҳорун, Ясаъ, Довуд, Сулаймон, Аюб, Юнус, Илёс, Закариё, Яҳё ва Исо китоб, ҳукм ва нубувватро ато кард. Аз байни эшон ба Нӯҳ, Иброҳим, Мӯсо, Исо ва паёмбари мо Муҳаммади Мустафо(с) китоб ва шариати махсус ато фармудааст. Инон аз паёмбарони Улулъазм мебошанд. Худованд дар китобҳои эшон чаҳорчӯб ва мизоне қарор дода аст, то ба он васила ҳақ ва ботили ақоид ва боварҳои афроди ҷомеа ва корҳояшон шинохта шавад.

Ва низ барои бархе аз эшон чун ҳазрати Мӯсои Калимуллоҳ(а) ва Муҳаммади Ҳабибуллоҳ(с) истифода аз аслиҳаро барои ҷангҳои сахт ба зидди касоне, ки аз масири инсоният берун рафтаанд ва низ онҳое, ки ба ҷуз бо қувваи ҷанг ва тезии шамшер ба роҳи ҳақ намеоянд, муқаррар фармуда аст. Ва ҳамчунин бархе аз паёмбаронро баргузид ва эшонро мубашширин ва мунзирин қарор дод чӣ паёмбарони соҳибшариат ҳамчун Нӯҳ ва Мӯсо бошанд ва ё онҳое, ки шариати мустақил надоштанд, монади Шуайб ва Лут. Худованд ҳеҷ қавмеро ба азоб нагирифт, магар ин ки паёмбареро навидбахши раҳмат ва бимдиҳандаи ба азоб ҳамроҳ бо мӯъҷиза ва нишонае аз сӯи худ бар онон мабъус гардонид.

Худованд дар ин мавридд мефармояд:

1-Сураи Исро, ояти 15:

***Ва мо кунно муъаззибӣна ҳатто набъаса расӯло Ê***

***Ä...****Мо азобкунанда набудем, магар пас аз он ки паёмбаре мабъус кунем.*[1]

2-Дар сураи Юнус, ояти 47:

***Ва ликулли умматин расӯлун фаизо ҷоа расӯлуҳум қузия байнаҳум билқисти ва ҳум ло юзламӯн Ê***

***Ä*** *Ҳар умматеро расуле аст ва чун паёмбари эшон биёяд байнашон ба адл ва дод доварӣ шавад ва ситам набинанд.*[2]

Уммате, ки паёмбарро нофармонӣ кунанд дар дунё ва охират сазовори азоб хоҳанд буд, ҳамон гуна ки Худованд аз ҳоли Фиръавн ва пешиниёнаш дар сураи Алҳоққа, ояти 10 хабар дода ва фармуда аст:

***Фаъасав расӯла раббиҳим фаахазаҳум ахзатан робия Ê***

***Ä*** *Паёмбари Худояшонро нофармонӣ карданд ва Худованд ҳам онҳоро ба сахтӣ гирифт.*[3]

---

[1] С ураи Исро, ояи 15.

... وَمَا كُنَّا مُعَذِّبِينَ حَتَّى نَبْعَثَ رَسُولاً {15}

[2] Сураи Юнус, ояи 47.

وَلِكُلِّ أُمَّةٍ رَّسُولٌ فَإِذَا جَاء رَسُولُهُمْ قُضِيَ بَيْنَهُم بِالْقِسْطِ وَهُمْ لاَ يُظْلَمُونَ {47}

[3] Сураи Ҳоққа, ояи 10.

Нофармонии паёмбар, нофармонии Парвардигор аст, ҳамон тавр ки Худованд дар сураи Ҷин, ояти 23 фармуда аст:

***Ва ман яъсиллоҳа ва расӯлаҳу, фаинна лаҳу нора ҷаҳаннама холидӣна фӣҳо абадо Ê***

*Ä...Ва ҳар кас Худо ва паёмбарашро нофармонӣ кунад, ӯрост оташи ҷаҳаннам, ки барои ҳамеша дар он азоб хоҳад кашид.*[1]

Худованд расулонеро аз анбиё бармегузинад, аз ин рӯ теъдоди расулон ҳамон хел, ки дар ривояти Абӯзар аз Паёмбари Ислом(с) гузашт, аз шумори анбиё камтар аст. Албата Худованд ба касе, ки ӯро барои ҳидояти мардум мабъус мекунад, мӯъҷизае медиҳад то таидкунандаи иддаои ӯ бошад, ки вай аз ҷониби Парвардигор барангехта шуда аст.

## Ҳақиқати оят ва мӯъҷиза

Худои субҳон анбиёро вилояте бар низоми ҳастӣ иноят карда аст то дар сурате, ки хости Худованд бар он тааллуқ бигирад, ки набии ӯ ҷузъе аз низомеро, ки барои ҳастӣ муқаррар доштааст тағир диҳад, битавонад онро ба изн ва иҷозати Худои таоло ба анҷом расонад.

Аз ин рӯ овардани мӯъҷизот бар хилофи қисмате аз низоми табиат, ба василаи анбиё аз суннатҳои

---

فَعَصَوْا رَسُولَ رَبِّهِمْ فَأَخَذَهُمْ أَخْذَةً رَّابِيَةً {10}

[1] Сураи Ҷин, ояи 23.

... وَمَن يَعْصِ اللَّهَ وَرَسُولَهُ فَإِنَّ لَهُ نَارَ جَهَنَّمَ خَالِدِينَ فِيهَا أَبَداً {23}

побарҷои Парвардигор ва дар ҷомеаҳое аст, ки паёмбарон дар он ҷо ба рисолат мабъус шудаанд.

Ин аст, ки умматҳо аз анбиёи худ мехостанд, ки мӯъҷизае нишон диҳанд, то далеле бар сидқи иддаои эшон бошад. Худои таоло ин мавзӯъро дар саргузашти қавми Солеҳ, дар сураи Шуаро, оёти 154-156 унвон карда мефармояд:

> ***Мо анта илло башарун мислуно фа'ти биоятин ин кунта минас содиқӣн. Қола ҳозиҳи ноқатун лаҳо ширбун ва лакум ширбу явмин маълӯм. Ва ло тамассӯҳо бисӯин фая'хузакум ъазобу явмин ъазӣм Ê***
>
> *Ä* ***(****Қавми Солеҳ ба ӯ гуфтанд****:)*** *Ту нестӣ****,*** *магар башаре монанди мо****.*** *Агар рост мегӯӣ мӯъҷизае биёвар****. (****Солеҳ****)*** *Гуфт****:*** *ин шутури мода аст****,*** *ки бахше аз об махсуси ӯ ва бахше ҳам махсуси шумост****.*** *Дасти хиёнат ба сӯи ӯ дароз накунед****,*** *ки ба азоби рӯзи бузург гирифтор хоҳед шуд****.***[1]

Ғолибан баъд аз ин ки он паёмбар оят ва мӯҷизоти худро нишон медод, умматҳо ба хирасарӣ ва душманӣ бо ӯ бармехостанд ва на ба Парвардигор имон меоваранд ва на ба паёмбаре, ки бар онҳо мабъус шуда буд. Худои таоло дар ин маврид баъд аз оёте, ки гузашт

---

[1] Сураи Шуаро, ояи 154-156.

**مَا أَنتَ إِلَّا بَشَرٌ مِّثْلُنَا فَأْتِ بِآيَةٍ إِن كُنتَ مِنَ الصَّادِقِينَ {154} قَالَ هَذِهِ نَاقَةٌ لَّهَا شِرْبٌ وَلَكُمْ شِرْبُ يَوْمٍ مَّعْلُومٍ {155} وَلَا تَمَسُّوهَا بِسُوءٍ فَيَأْخُذَكُمْ عَذَابُ يَوْمٍ عَظِيمٍ {156}**

аз қавми Самуд дар сураи Шуаро, ояти 157 чунин хабар медиҳад:

***Фаъақарӯҳо фаасбаҳӯ нодимӣн Ê***

***Ä****Он шутурро куштанд ва сипас аз кардаи худ пушаймон шуданд.*[1]

Ва агар бар тибқи хоҳиши қавме аз паёмбараш мӯъҷизае сурат мегирифт вале он қавм онро тасдиқ намекарданд ва имон намеоварданд, гирифтори танбеҳ ва азоб мешуданд ва Худо онҳоро азоб мекард. Ҳамчунон ки Худои таоло дар ҳамин сура ояти 158 аз поёни исёни қавми Самуд чунин хабар дода аст:

***Фаахазаҳумул ъазобу инна фӣ золика лаоятан ва мо кона аксаруҳум му'минӣн Ê***

***Ä****Он гоҳ ба азоби ваъдашуда гирифтор шуданд. Ҳамоно дар ҳалоки ин қавм ояти ибрат барои дигарон буд, (валекин) аксари мардум боз ба Худо имон наоварданд.*[2]

Овардани мӯъҷиза барои анбиё бино бар ҳикмати илоҳӣ аст ва тибқи ҳикмат, овардани мӯъҷиза ба андоза ва ҳадде аст, касе ки қасд дорад ба Парвардигор ва паёмбараш имон биоварад дарёбад, ки он паёмбар дар иддаояш ростгӯ аст, на ба он миқдор ва андозае, ки

---

[1] Сураи Шуаро, ояи 157.

فَعَقَرُوهَا فَأَصْبَحُوا نَادِمِينَ {157}

[2] Сураи Шуаро, ояи 158.

فَأَخَذَهُمُ الْعَذَابُ إِنَّ فِي ذَٰلِكَ لَآيَةً وَمَا كَانَ أَكْثَرُهُم مُّؤْمِنِينَ {158}

қавмҳои саркаш ва беимон мехоҳанд ва ё мунтазири амри маҳол мешаванд. Ҳамон гуна ки дар ду мавриди Қурайш аз Хотами Паёмбарон(с) тақозо кард ва он баъд аз ин буд, ки Худованд аз Қурайш, ки дар араб ба каломи балиғ мумтоз буд, оятеро хост ва онҳоро мухотаб қарор дода, дар сураи Бақара, оёти 23-24 фармуда аст:

> ***Ва ин кунтум фӣ райбин миммо наззално ъало ъабдино фа'ту бисӯратин мин мислиҳи вадъӯ шуҳадоакум мин дӯниллоҳи ин кунтум содиқӣн. Фаин лам тафъалӯ ва лан тафъалӯ фаттақун норал латӣ вақӯдуҳан носу вал ҳиҷорату уъиддат лил кофирӣн* Ê**
>
> **Ä***Агар шумо дар шак ва тардид ҳастед аз он чи мо бар бандаи худ фурӯ фиристодаем, пас як сура мисли онро биёваред ва ёрони худро ба ҷуз Худованд ба кӯмак бигиред, агар рост мегӯед. Вале агар наметавонед, ки ҳаргиз наметавонед, пас аз оташе, ки ҳезум ва оташафрӯзи он одамиён ва санг мебошад ва барои кофирон омода шуда аст, бипарҳезед.*[1]

Ба ин тариқ Парвардигор ҳуҷҷатро бар онон тамом карда фармуда аст: агар дар он чи ки бар бандаи худамон фурӯ фиристодаем дар шак ва тардид ҳастед як сура мисли онро биёваред ва ҳамаро ҳам ба ёрӣ

---

[1] Сураи Бақара, ояи 23-24.
وَإِن كُنتُمْ فِي رَيْبٍ مِّمَّا نَزَّلْنَا عَلَى عَبْدِنَا فَأْتُواْ بِسُورَةٍ مِّن مِّثْلِهِ وَادْعُواْ شُهَدَاءكُم مِّن دُونِ اللّهِ إِنْ كُنْتُمْ صَادِقِينَ {23} فَإِن لَّمْ تَفْعَلُواْ وَلَن تَفْعَلُواْ فَاتَّقُواْ النَّارَ الَّتِي وَقُودُهَا النَّاسُ وَالْحِجَارَةُ أُعِدَّتْ لِلْكَافِرِينَ {24}

даъват кунед. Ва хабар дода аст, ки инсу ҷин ҳам агар ба кӯмаки якдигар бархезанд, наметавонанд монанди онро биёваранд ва таъкид бар нотавонӣ то абад фармуда гуфта аст: “**лан**”, яъне ҳаргиз наметавонед монанди онро биёваред. Ҳатто дар замони мо низ душманони Ислом бо ҳамаи зиёдӣ ва қудратҳои азим ва гуногуне, ки доранд, қодир нестанд як сура мисли он Қуръон биёваранд.

Онон баъд аз ин муборизаҷӯии кӯбанда (дар овардани амре, ки инсу ҷин аз оварданаш нотавонанд ва аҷзу нотавонии Қурайш аз овардани монанди он) аз Расули Худо(с) хостанд, ки об ва ҳавои Маккаро тағир диҳад ва хонае аз тилло биёварад, ё Худо ва фариштагонро пеши рӯяшон ҳозир кунад, ё ба осмон парвоз намояд. Вале бо ин ҳама мӯъҷизот ҳам, ба ӯ имон намеоваранд, магар ҳангоме ки китобе барояшон аз осмон фуруд оварад, ки бихонанд!! Маълум аст дар он чи ки хоста буданд амри маҳол вуҷуд дошт ва он ин ки Худо ва фариштагонро пеши рӯяшон биёвард “ки Худованд бартар аз ин сухани ситамгарон аст”. Ва низ дар миёни онҳо матолибе хилофи суннати Худованд дар фиристодани анбиё вуҷуд дошт ба маъние, ки хоста буданд пеши рӯи эшон ба осмон бипарад ва барояшон китобе биёварад, чизе, ки хоси фариштагони паёмовари Худованд аст на дар ҳадди инсон. Ва ин ки асосан онон қабул надоштанд Худованд башареро ба рисолат барангезад дар сурате, ки ҳикмат иқтизои он дорад, ки паёмбарон аз ҷинси башар бошанд то дар рафтор ва корҳои эшон ба онҳо иқтидо шуда, улгу ва

намунаи қавми худ бошанд. Дигар дархостҳои эшон ҳам дар ростои ҳикмат қарор надошт, мисли ин ки хоста буданд бар онҳо азоб нозил шавад. Ин аст, ки Худованд дар сураи Исро, ояти 93 бар паёмбар фармон медиҳад, ки ба эшон чунин посух диҳад:

> ***“Субҳона раббӣ ҳал кунту илло башаран расӯло”*** ***Ê***
>
> ***Ä****Пок ва муназзаҳ аст Парвардигори ман****,*** *оё ман ҷуз инсони фиристода аз сӯи Худоям****?***[1]

Хулосаи калом ин ки ҳикмати Парвардигор иқтизо дошт, ки фиристодаи ӯ мӯъҷизае аз Парвардигораш биёварад, ки далел бар сидқи иддаои ӯ бошад ва ба он васила ҳуҷҷат бар мардум тамом шавад.

Дар он вақт ҳар кас, ки моил бошад имон меоварад ва он кас ҳам, ки бихоҳад, саркашӣ ва душманӣ меварзад. Ҳамон тавр ки кори қавми Мӯсо ва Ҳорун баъд аз омадани он ҳама мӯъҷизот буд, яъне соҳирон имон оварданд, аммо Фиръавн ва атрофиёнаш роҳи душманӣ ва куфр паймуданд, ки Худованд ҳам бо ғарқ сохтанашон онҳоро ба хорӣ кашонд.

Он чи ки анбиё аз ҷониби Худованд меоваранд дар истилоҳи исломӣ мӯъҷиза меноманд, ки худ далеле бар садоқати эшон аст.

Бинобар он чи гуфтем ҳар паёмбар ва расул набӣ мебошад, аммо ҳар набӣ паёмбар нахоҳад буд,

---

[1] Сураи Исро, ояи 93.

... سُبْحَانَ رَبِّي هَلْ كُنتُ إَلاَّ بَشَراً رَّسُولاً {93}

монанди Ясаъ[(а)], ки ӯ набӣ ва васии ҳазрати Мӯсои Калимуллоҳ будааст.

Баъзе аз паёмбарон шариатеро оварданд, ки бархе аз маворид ва аъмолеро, ки шариати гузашта оварда буд насх кард ва аз байн бурд, монанди шариати ҳазрати Мӯсо[(а)] нисбат ба шариатҳои гузашта. Баъзеи дигарро шариаташон комилкунандаи шариати собиқ ва эҳёкунандаи он буд, монанди шариати ҳазрати Хатмимартабат[(с)] нисбат ба дини ҳанифи ҳазрати Иброҳими Халил[(а)]. Ин аст, ки Худованд дар сураи Наҳл, ояти 23 мефармояд:

> ***Сумма авҳайно илайка анит табиъ миллата Иброҳима ҳанӣфан... Ê***
>
> ***Ä****Он гоҳ ба ту ваҳй кардем, ки оини поки Иброҳимро пайравӣ кун...*[1]

Ва дар сураи Моида, ояти 3 мефармояд:

> ***Ал явма акмалту лакум дӣнакум ва атмамту ъалайкум ниъматӣ ва разийту лакумул Ислома дӣно Ê***
>
> ***Ä****Имрӯз динатонро комил кардам ва неъматамро бар шумо тамом намудам ва Исломро барои шумо писандидам.*[2]

---

[1] Сураи Наҳл, ояи 123.

ثُمَّ أَوْحَيْنَا إِلَيْكَ أَنِ اتَّبِعْ مِلَّةَ إِبْرَاهِيمَ حَنِيفاً ... {123}

[2] Сураи Моида, ояи 3.

... الْيَوْمَ أَكْمَلْتُ لَكُمْ دِينَكُمْ وَأَتْمَمْتُ عَلَيْكُمْ نِعْمَتِي وَرَضِيتُ لَكُمُ الإِسْلاَمَ دِيناً ... {3}

Пас аз ошноӣ бо чанде аз истилоҳ, ки фаҳми саргузашт ва ахбори анбиё дар Қуръони карим ва китобҳои ҳадиси шарифи набавӣ ва сира ба онҳо вобастагӣ дорад, инак ба хости Худо ба баррасии ахбори эшон мепардозем ва суханро аз ҳазрати Одам - Абулбашар[а] оғоз мекунем.

## *Офариниши Одам*[а]

1-Худованди субҳон дар сураи Тоҳо, оёти 115 ва 122 мефармояд:

***Ва лақад ъаҳидно ило Одама мин қаблу фанасия ва лам начид лаҳу ъазмо.... Суммачтабоҳу раббуҳу фатоба ъалайҳи ва ҳадо Ê***

***Ä****Ва мо ба Одам аҳд бастем* **(***ки фиреби Шайтон нахӯрад***)** *ва дар он аҳд ӯро устувор ва собитқадам наёфтем***...** *Сипас Худо тавбаашро пазируфт***,** *ӯро ҳидоят фармуд ва ба мақоми нубувват интихоб намуд***..**[1]

2-Ва дар сураи Бақара, оёти 30-37:

*Ҳангоме ки Парвардигори ту ба фариштагон фармуд***:** *ман дар замин ҷонишине қарор медиҳам***.** *Гуфтанд оё касеро қарор медиҳӣ***,** *ки дар он фасод ва хунрезӣ кунад***?** *Дар ҳоле ки мо ҳамд ва тасбеҳи туро мегӯем ва туро муқаддас мешуморем***.**

---

[1] Сураи Тоҳо, оёти 115 ва 122.

وَلَقَدْ عَهِدْنَا إِلَى آدَمَ مِن قَبْلُ فَنَسِيَ وَلَمْ نَجِدْ لَهُ عَزْماً (115)

ثُمَّ اجْتَبَاهُ رَبُّهُ فَتَابَ عَلَيْهِ وَهَدَى (122)

*Фармуд: ман чизе медонам, ки шумо намедонед. Ва тамоми асморо ба Одам омӯхт ва баъд онро ба фариштагон арза дошт ва пурсид агар рост мегӯед номҳои инҳоро ба ман хабар диҳед. Гуфтанд Худовандо! Ту муназзаҳӣ. Ба ҷуз он чи ки ба мо омӯхтаӣ чизе намедонем. Ту доно ва ҳакимӣ. Фармуд: эй Одам он номҳоро ба эшон хабар деҳ, ҳангоме ки Одам эшонро огоҳ сохт фармуд: нагуфтам ман ғайби осмонҳо ва заминро медонам ва аз он чи ки зоҳир мекунед ё махфӣ месозед бохабар ҳастам. Ҳангоме ки ба фариштагон гуфтем барои Одам саҷда кунед ҳамагӣ саҷда карданд, магар Иблис, ки сарпечӣ кард ва такаббур намуд. Ӯ аз кофирон буд. Ва гуфтем эй Одам ту ва ҳамсарат дар биҳишт сокин шавед ва аз ҳар ҷои он мехоҳед бихӯред, ки гувороятон бод, вале наздики ин дарахт нашавед, ки аз ситамкорон хоҳед шуд. Шайтон эшонро ба лағжиш андохт ва онҳоро аз он чи дар он буданд, берун кард. Ва гуфтем ҳамагӣ фуруд оед, бархе аз шумо душмани бархе дигар хоҳед буд. Ва шуморо то муддате дар замин ҷойгоҳ ва баҳрамандӣ хоҳад буд. Пас Одам аз Худояш калимоте фаро гирифт ва Худо тавбаашро пазируфт, ки ӯ тавбапазири меҳрубон аст.*[1]

---

[1] Сураи Бақара оёти 30-37.

**وَإِذْ قَالَ رَبُّكَ لِلْمَلاَئِكَةِ إِنِّي جَاعِلٌ فِي الأَرْضِ خَلِيفَةً قَالُواْ أَتَجْعَلُ فِيهَا مَن يُفْسِدُ فِيهَا وَيَسْفِكُ الدِّمَاء وَنَحْنُ نُسَبِّحُ بِحَمْدِكَ وَنُقَدِّسُ لَكَ قَالَ إِنِّي أَعْلَمُ مَا لاَ تَعْلَمُونَ** {30} **وَعَلَّمَ آدَمَ الأَسْمَاء كُلَّهَا ثُمَّ عَرَضَهُمْ عَلَى الْمَلاَئِكَةِ فَقَالَ أَنبِئُونِي بِأَسْمَاء هَـؤُلاء إِن كُنتُمْ صَادِقِينَ** {31} **قَالُواْ سُبْحَانَكَ لاَ عِلْمَ لَنَا إِلاَّ مَا عَلَّمْتَنَا إِنَّكَ أَنتَ الْعَلِيمُ الْحَكِيمُ** {32} **قَالَ يَا آدَمُ أَنبِئْهُم بِأَسْمَآئِهِمْ فَلَمَّا أَنبَأَهُمْ بِأَسْمَآئِهِمْ قَالَ أَلَمْ أَقُل لَّكُمْ إِنِّي أَعْلَمُ**

3-Ва дар сураи Оли Имрон, ояти 33:

***Инналлоҳастафо Одама ва Нӯҳан ва ола Иброҳима ва ола Ъимрона ъалал ъоламӣн*** **Ê**

**Ä** *Худованд Одам, Нӯҳ, хонаводаи Иброҳим ва хонаводаи Имронро бар ҷаҳониён баргузид.*[1]

Ва дар сураи Анъом, ояти 89 фармудааст:

***Улоикал лазӣна отайноҳумул китоба вал ҳукма ван нубуввата*** **Ê**

**Ä** *Онҳо (паёмбарон) касоне ҳастанд, ки ба онҳо китоби осмонӣ, фармонравоӣ ва нубувват ато кард...*[2]

## Шарҳи вожаҳо

**Иҷтабоҳу**: ӯро баргузид ва интихоб кард. Дар Муфрадоти Роғиб омадааст, ки иҷтабоҳуллоҳул ъабда, яъне ин ки Худованд бандаро ба файзи илоҳӣ махсус гардонида аст, тавре ки анвои неъматҳоро дар ихтиёри ӯ мегузорад, бидуни ин ки банда дар ин бора кӯшиш

---

غَيْبَ السَّمَاوَاتِ وَالأَرْضِ وَأَعْلَمُ مَا تُبْدُونَ وَمَا كُنتُمْ تَكْتُمُونَ {33} وَإِذْ قُلْنَا لِلْمَلاَئِكَةِ اسْجُدُواْ لآدَمَ فَسَجَدُواْ إِلاَّ إِبْلِيسَ أَبَى وَاسْتَكْبَرَ وَكَانَ مِنَ الْكَافِرِينَ {34} وَقُلْنَا يَا آدَمُ اسْكُنْ أَنتَ وَزَوْجُكَ الْجَنَّةَ وَكُلاَ مِنْهَا رَغَداً حَيْثُ شِئْتُمَا وَلاَ تَقْرَبَا هَـذِهِ الشَّجَرَةَ فَتَكُونَـا مِنَ الْظَّالِمِينَ {35} فَأَزَلَّهُمَا الشَّيْطَانُ عَنْهَا فَأَخْرَجَهُمَا مِمَّا كَانَا فِيهِ وَقُلْنَا اهْبِطُواْ بَعْضُكُمْ لِبَعْضٍ عَدُوٌّ وَلَكُمْ فِي الأَرْضِ مُسْتَقَرٌّ وَمَتَاعٌ إِلَى حِينٍ {36} فَتَلَقَّى آدَمُ مِن رَّبِّهِ كَلِمَاتٍ فَتَابَ عَلَيْهِ إِنَّهُ هُوَ التَّوَّابُ الرَّحِيمُ {37}

[1] Сураи Оли Имрон, ояи 33.

إِنَّ اللّهَ اصْطَفَى آدَمَ وَنُوحاً وَآلَ إِبْرَاهِيمَ وَآلَ عِمْرَانَ عَلَى الْعَالَمِينَ {33}

[2] Сураи Анъом, ояи 89.

أُوْلَـئِكَ الَّذِينَ آتَيْنَاهُمُ الْكِتَابَ وَالْحُكْمَ وَالنُّبُوَّةَ ... {89}

карда бошад. Ин файз махсуси анбиё, сиддиқон ва шуҳадо мебошад.

**Тоба**: тавба кард, тавбаи абд нишондиҳандаи пушаймонии банда аст, аз маъсияте, ки карда аст. Ӯ ирода ба тарки он гуноҳ намуда ва то ҳадди имкон дар ҷуброни он аст.

Аммо тавба аз *рабб* ба маънои пазириши тавбаи банда аст, ва гузаштан аз хатояш ва лутф ба ӯ ва омурзиши вай.

**Халӣфа**: аз паси баҳсе, ки дар офариниши фариштагон доштем мегӯем:

Луғати халифа дар Қуръон ҳам ба сурати шахси танҳо ва ҷамъ омадааст ва ҳам шахси танҳо бо ҷонишини ҷамъ. Он ҷо ки ба сурати шахси танҳо омада аст, мақсуд баргузидае аз баргузидагони Худованд аст дар рӯи замин, аммо он ҷо ки бо лафзи ҷамъ ва ё ҳамроҳи ҷонишини ҷамъ омада аст, манзур ҷонишинии мардуме ба ҷои ақвом пеш аз худ дар рӯи замин мебошад.

Дар мавриди аввал:

А)-Хитоби Худованд ба фариштагон:

***Иннӣ ҷоъилун фил арзи халӣфа*** **Ê**

**Ä***Ман дар рӯи замин халифае қарор медиҳам*.

Б)-Хитоби Худованд ба Довуд:

***Ё Довуду инно ҷаъалнока халӣфатан фил арз*** **Ê**

**Ä***Эй Довуд! Мо туро дар замин мақоми хилофат додем*.

Агар мақсуд дар мавриди аввал ин бошад, ки Худованд навъи инсонро дар рӯи замин халифа ва ҷонишини худ қарор дода аст, дигар барои Довуд мавриди хосе барои ташрифи ӯ ба мақоми хилофат боқӣ намемонад, зеро ки ӯ ҳам яке аз мардум аст, ки Худованд ононро то ҷаҳон барқарор аст, халифа ва ҷонишини худ дар рӯи замин қарор дода аст.

Бино бар ин ногузир бояд гуфт: мақсуд аз сухани ҳазрати Парвардигор ба фариштагонаш, ки:

***“Иннӣ ҷоъилун фил арзи халӣфатан” -***

танҳо ҳазрати Одам[(а)] мебошад, ё ҳазрати Одам ва фарзандони баргузидаи ӯ, ки имомон ва пешвоёни мардум ба сӯи роҳи рост мебошанд.

Дар мавриди дуввум:

1-Он ҷо ки дар сураи Аъроф, ояти 69, дар баёни сухани Ҳуд ба қавмаш мефармояд:

***Узкурӯ из ҷаъалакум хулафоа мин баъди қавми Нӯҳин... Ê***

**Ä...** *Ба ёд дошта бошед, ки Худованд шуморо ҷонишинони қавми Нӯҳ қарор дод...*[1]

2-Баъд аз он, дар баёни сухани Солеҳ ва қавмаш дар ҳамон сура, ояти 74 мефармояд:

***Вазкурӯ из ҷаъалакум хулафоа мин баъди Ъодин... Ê***

---

[1] Сураи Аъроф, ояи 69.

... اذْكُرُواْ إِذْ جَعَلَكُمْ خُلَفَاء مِن بَعْدِ قَوْمِ نُوحٍ ... {69}

***Ä** Ва ба ёд овapeд, ки шуморо ҷонишинони баъд аз Од қарор дод...*[1]

Чӣ гуна мумкин аст душманони Худо монанди ақвоми Од ва Самуд ва пеш аз онҳо қавми Нӯҳ, ки бар асари нофармонӣ ва душманӣ бо Худо, Худованд онҳоро ҳалок сохта решаашонро аз замин барканда аст, хулафо ва ҷонишинони Худованд бар рӯи замин бошанд?!

Бинобар ин мақсуди Ҳуд[(а)] дар суханонаш ба қавми худ, ки:

***"Ҷаъалакум хулафоа мин баъди қавми Нӯҳин",-***

ин аст, ки Худованд шуморо ҷонишинони қавми Нӯҳ дар рӯи замин қарор дода аст. Ва дар сухани Солеҳ[(а)] ба қавмаш, ки:

***"Ҷаъалакум хулафоа мин баъди Ъод",-***

ин аст, ки баъд аз қавми Од, шуморо ҷонишинони эшон дар рӯи замин қарор дода аст.

Мавриди саввум, ки ҷонишини ҷамъ меояд низ ҳамин хел аст. Масалан дар сураи Аъроф, ояти 129 дар хитоби ҳазрати Юнус ба қавмаш чунин омадааст:

***Ъасо раббукум ан юҳлика ъадуввакум ва ястахлифакум фил арз Ê***

---

[1] Сураи Аъроф, ояи 74.

وَاذْكُرُواْ إِذْ جَعَلَكُمْ خُلَفَاء مِن بَعْدِ عَادٍ ... {74}

*Ä**Умед аст, ки Худованд душманатонро аз миён бардорад ва шуморо ҷонишини эшон дар рӯи замин гардонад...*[1]

Дар ин ҷо мақсуд ин аст, ки Худованд онҳоро ба ҷои душманонашон бар рӯи замин ҷонишин гардонд.

**Ал-асмо'**: барои "исм" дар луғати араб ду маъно вуҷуд дорад:

А)-Лафзе, ки далолат бар мусаммо (он чи ки бар он гузошта шуда аст) мекунад ва ӯро аз дигарон ҷудо месозад. Монанди Макка, ки номе аст барои шаҳре, ки дар он Каъбаи мушаррафа ва Байтуллоҳилҳаром қарор дорад ва номи шахсҳо монанди Юсуф, Файсал, Аббос ва ғайра.

Б)-Лафзе, ки далолат бар ҳақиқати мусаммо ё сифати ӯ мекунад, монанди лафзи "исм" дар ин ояи шарифа:

***"Саббиҳисма раббикал аъло" Ê***

***Ä(****Эй расули мо!****)*** *Ба номи Худои худ, ки бартар ва болотар аз ҳамаи мавҷудот аст ба тасбеҳ машғул бош.*[2]

Дар ин ҷо мақсуд аз тасбеҳ кардани исми Худо нест, балки мақсуд сифати Рабб аст. Яъне пок ва муназзаҳ бидор рубубияти Парвардигори баландмартабаатро аз мавориде, ки зебандаи зоти кибриёии ӯ нест. Ва боз дар ҳамин маврид ин ояи шарифа аст, ки мефармояд:

---

[1]Сураи Аъроф, ояи 129.

**... عَسَى رَبُّكُمْ أَن يُهْلِكَ عَدُوَّكُمْ وَيَسْتَخْلِفَكُمْ فِي الأَرْضِ ...** {129}

[2] Сураи Аъло, ояи 1.

**سَبِّحِ اسْمَ رَبِّكَ الْأَعْلَى** {1}

***“Ва ъаллама Одамал асмоа куллаҳо”,***[1]

ки дар ин ҷо манзур ин нест, ки Худованд ба халифаи худ ҳазрати Одам номҳои пойтахтҳо чун Бағдод ва Теҳрон ва Лондон ва ё аъзои бадани одамӣ монанди чашм, сар, гардан ва ё номи меваҳо монанди анҷир, зайтун, анор ва ё сангҳо чун ёқут, дурр, забарҷад ва ё маъданҳо монанди тилло, нуқра, мис, оҳан ва ғайраро (ки одамӣ ашёро бо гӯишҳои мухталиф ба он номида аст) таълим дода бошад. Балки қасд ин аст, ки Худованд ба халифаи худ сифоти ашё ва ҳақоиқи онҳоро омӯхта аст. Мо ба хости Худо дар ҳамин замина, дар баҳси “Асмои ҳуснои илоҳӣ” дар ҷилди дуввум ба тафсил сухан гуфтаем.

**Нусаббиҳу биҳамдика**: *саббаҳа* яъне муназзаҳ донист ва *субҳоналлоҳ*, яъне пок ва муназзаҳ аст Худованд.

**Нуқаддису**: *қаддасаллоҳа тақдисо*, яъне Худоро ба шоистатарин шакл тақдис кард ва бар ӯ дуруд фиристод, бузургвору бузургаш шуморид ва ӯро аз ҳар чӣ шоиста ва боистаи мақом ва маснади улуҳият набошад, пок ва муназзаҳ донист.

## Тафсири оёт

Худованд тавбаи Одамро пазируфт ва ӯро интихоб кард ва барои дарёфти ваҳй баргузид, ҳамон гуна ки дигар паёмбаронашро барои ҳидояти мардумон баргузида аст.

---

[1] Сураи Бақара, ояи 31.

وَعَلَّمَ آدَمَ الأَسْمَاء كُلَّهَا ... {31}

Дар Табақоти Ибни Саъд ва Муснади Аҳмад чунин омадааст (ва мо иборатро аз Табақоти Ибни Саъд нақл мекунем):

Дар бораи ҳазрати Одам аз Расули Худо(с) пурсиданд, ки оё ҳазрати Одам набӣ буда аст ё фаришта? Расули Худо(с) посух дода буд: балки набии мукаллам будааст (яъне шахсе, ки Худо ба воситаи ваҳй бо ӯ сухан мегуфтааст).

Аз Абӯзар низ ривоят шудааст, ки гуфт: аз Расули Худо(с) пурсидам: нахустин набӣ чӣ касе будааст?.

Фармуд: Одам.

Пурсидам: оё Одам набӣ буд?

Фармуд: оре набии мукаллам буд.

Пурсидам: теъдоди расулон чанд нафар буда аст?

Фармуд: ҳамагӣ сесаду понздаҳ нафар.[1]

Ва аз ҷумла умуре, ки дар шариати ӯ омада буд, ҳаҷ ва тавоф гирди Каъба ва (намози) ҷумъа будааст.

Ва дар Табақоти Ибни Саъд омада аст:

Расули Худо(с) фармуд: рӯзи ҷумъа сайиди рӯзҳо ва азимтарини онҳо назди Худо аст. Худованд Одамро дар он рӯз офарид, дар он рӯз Одамро ба замин фуруд овард ва ҳам дар он рӯз Одамро аз дунё бурд.[2]

---

[1] Табақоти Ибни Саъд, чопи Бейрут, ҷ. 1, саҳ. 32-34, соли 1376, чопи Аврупо, с. 10-12; Муснади Аҳмад, ҷ. 5, саҳ. 178, 179 ва 265-266; Таърихи Табарӣ, чопи Аврупо, ҷ. 1, с. 152 ва ҳадисҳое дар манобеи дигар бо лафзҳои гуногун.

[2] Табақоти Ибни Саъд, чопи Аврупо, ҷ. 1, саҳ. 8 ва чопи Бейрут, ҷ. 1, саҳ. 30.

Ҳазрати Одам[а] паёмбаре буд, ки Худованд ба ӯ китоб ва ҳукм ато карда буд то мардуми замонашро, ки ҳамон ҳамсар ва фарзандонаш буданд, ҳидоят кунад. Ӯ аз паёмбарони Улулъазм, яъне башир ва назир набуда аст.

Аз Паёмбари Худо[с] ворид шуда аст, ки ҳазрати Одамро дар сарзамини Ироқ, ки ҳам дар он ҷо чашм аз ҷаҳон пӯшида буд, ба хок супурданд.

Ҳазрати Одам дар замони ҳаёт ба фарзандаш Шис васият кард ва ӯро ба нигаҳдории шариаташ ва таблиғи он баъд аз вафоташ супориш фармуд. Ба хости Худо ахбори ин мазӯъро дар фаслҳои оянда пайгирӣ мекунем.

## Муқаддима

Дар Табақоти Ибни Саъд ва Таърихи Табарӣ ва дигар манобеъ (бо талхис) аз Ибни Аббос ривоят шуда аст, ки ӯ гуфт:

Ҳавво барои Одам, Ҳибатуллоҳро ба дунё овард, ки ба забони ибрӣ ба ӯ Шис гуфта мешавад ва ҳазрати Одам ӯро васии худ қарор дод.

Шис дорои фарзанде ба номи Анӯш шуд ва чун Шис бемор шуд, Анӯшро васии худ кард ва аз дунё рафт.

Қайнон фарзанди Анӯш , васии падараш шуд.

Маҳлоил фарзанди Қайнон ва васии падараш буд.

Ярд ё Илёрд, фарзанди Маҳлоил ва васии ӯ буд.

Ухнух, ки ҳамон Идриси паёмбар аст фарзанди Ярд ва васии ӯ буд.[1]

---

[1] Барои ёфтани ахбори мазкур муроҷиат кунед ба Табақоти Ибни Саъд, чопи Аврупо, ҷ. 1, саҳ. 14-17; Таърихи Табарӣ, чопи Аврупо, ҷ. 1, саҳ. 153 ва 165-166 ва Хабари васияти Одам ба Шис дар Таърихи Ибни Асир, ҷ. 1, саҳ. 19-20, 40-48 ва 98; Таърихи Яъқубӣ, ҷ. 1, саҳ. 11. Дар он гуфта аст, ки Ухнух ҳамон Идриси паёмбар(а) мебошад.

Матушалах фарзанди Ухнух ва васии ӯ буд.

Ламак фарзанди Матушалах ва васии ӯ шуд.

Ин матолиб фишурдае аз ривоёти Ибни Саъд ва Табарӣ аз Ибни Аббос дар мавриди ахбори васиён ва ҷонишинони ҳазрати Одам мебошад.

Ахбори инҳо бо шарҳ ва тафсили кофӣ дар Таърихи Яъқубӣ (мутаваффои соли 284-и ҳиҷрӣ) ва Таърихи Масъудӣ (мутаваффои соли 346-и ҳиҷрӣ) ва Таърихи Сибт ибни Ҷавзӣ (мутаваффои соли 654-и ҳиҷрӣ) ба шарҳе, ки гуфта хоҳад шуд, омада аст.

## 1. Шис - Ҳибатуллоҳ дар китобҳои сира

### Таваллуди Шис

Масъудӣ дар Муруҷуззаҳаб менависад:

“Замоне ки Шис дар батни Ҳавво буд, нуре дар пешонии Ҳавво дурухшидан гирифт ва замоне, ки Шисро ба дунё овард он нур ба Шис мунтақил гардид. Баъд аз ин ки Шис болиғ гардид ва ҷавони барӯманд ва комил шуд, ҳазрати Одам ӯро васии худ кард ва васияташро ба ӯ дар миён ниҳод. Ӯро огоҳ кард, ки ӯ ҳуҷҷати Худо баъд аз Одам аст ва халифаи Худост бар рӯи замин. Ӯ бояд ҳақро ба ҷонишинони худ бирасонад. Шис дуввумин касе аст, ки нури Паёмбари Хотам(с) ба ӯ мунтақил шуда аст”.[1]

### Васияти ҳазрати Одам ба Шис

Дар китоби Ахборуззамон омадааст:

“Ҳангоме ки Худованд марги Одамро ирода фармуд, ба вай фармон дод то васияти худро ба фарзандаш Шис бисупорад ва ҳамаи улум ва донишро, ки ба вай омӯхта шуда буд, ба ӯ биомӯзад. Одам низ чунин кард”.[2]

---

[1] Хулосае аз шарҳи ҳоли Шис дар Муруҷуззаҳаби Масъудӣ, ҷ. 1, саҳ. 47 ва 48.

[2] Хулосае аз Ахборуззамони Масъудӣ, Бейрут, соли 1978, Сибт ибни Ҷавзӣ низ баъзе аз ахбори васиятро дар шарҳи ҳоли Шис, дар Миръотуззамон саҳ. 223, чопи Дорушшуруқи Бейрут, соли 1405 ҳиҷрӣ оварда аст.

Дар Таърихи Яъқубӣ омадааст:

“Чун марги Одам[(а)] фаро расид, Шис ба ҳамроҳи фарзанд ва фарзандзодааш ба хидмати ӯ расид. Ҳазрати Одам бар онҳо дуруд фиристод ва барояшон аз Худованд баракат хост. Сипас васияташро дар ихтиёри Шис гузошт ва ба ӯ дастур дод, ки ҷасадашро ҳифз кунад ва пас аз марг дар ғори Ганҷ бигзорад. Ӯ ҳамчунин бояд пас аз худ ба фарзанд ва фарзандзодагонаш яке пас аз дигаре васият кунад ва ҳангоми марг ҳар кадом дигареро васии худ намояд. Ва чун аз сарзамини худ фуруд омаданд ҷасади ӯро бигиранд ва дар мобайни замин қарор диҳанд. Сипас ба Шис дастур дод то пас аз ӯ қоиммақоми вай дар фарзандонаш буда, ононро ба тақвои илоҳӣ, ибодат ва парастиши некӯи ӯ (Худо) фармон диҳад ва ононро аз омезиш бо қобилиёни малъун нигаҳ дорад. Сипас ҳазрати Одам бар ҳамаи онон дуруд фиристод ва он гоҳ дида бар ҳам ниҳод ва дар рӯзи ҷумъа ҷаҳонро падруд гуфт.[1]

## Қазовати Шис ва ҳаҷҷи Хонаи Худо

А) Дар Таърихи Яъқубӣ омадааст:

“Шис пас аз марги падараш ҳазрати Одам, ба ҷои ӯ нишаст ва мардумро ба тақвои илоҳӣ ва кори нек фармон дод”.[2]

Ва дар китоби Ахборуззамон омадааст:

---

[1] Таърихи Яъқубӣ, чопи Бейрут, ҷ. 1, саҳ. 7.

[2] Ҳамон, ҷ.1, саҳ. 8.

“Худованд Шисро фармон дод то хонаи Каъбаро бунёд кунад, ҳаҷ ва умра ба ҷой оварад. Шис нахустин касе аст, ки ҳаҷҷи умра анҷом дода аст”.[1]

Б) Дар китоби Миръотуззамон омадааст:

“Ҳангоме ки Одам аз дунё рафт, Шис ба Макка омад ва ҳаҷҷи умра гузошт ва хонаи Каъбаро, ки фарсуда шуда буд аз нав бино кард ва онро бо сангу гил сохт. Вай ба умрон ва ободии замин пардохт ва ҳамчун падараш ҳудуди Худоро бар муфсидон ҷорӣ кард”.[2]

В) Дар китоби Муруҷуззаҳаб омадааст:

Ҳангоме ки Одам ба Шис васият кард, Шис онро баргирифт ва мӯҳтавои онро ба хотир супурд. Ӯ ба фармонравоӣ ва ҳукумат миёни мардум пардохт ва муқаррароти падарашро ба иҷро гузошт. Сипас ҳамсараш аз ӯ бордор шуд ва Анӯшро ба дунё овард. Он гоҳ буд, ки нури дурахшони мавҷуд дар пешонии Шис ба Анӯш мунтақил гардид. Ин интиқол замони ба дунё омадани ӯ сурат гирифт. Чун Анӯш ба ҳадди камол расид, Шис ваъдаи Одам[(а)]-ро ба ӯ супурд ва ӯро аз мавқеият, шараф ва кароматӣ ин васият огоҳ сохт. Ба ӯ супориш кард, ки (ӯ низ) фарзандашро ба ҳақиқати ин шараф ва каромат бохабар созад ва ӯ низ фарзандонашро бар ин амр огоҳ гардонад. Онҳо бояд амри ин васиятро то замоне, ки наслашон барқарор аст дар миёни худ яке пас аз дигаре интиқол диҳанд.[3]

---

[1] Ахборуззамон, саҳ. 76.

[2] Миръотуззамон, саҳ. 223.

[3] Муруҷуззаҳаби Масъудӣ, ҷ. 1, саҳ. 50.

Васият ҳамчунон ҷорӣ буд ва аз қарне ба қарни дигар мунтақил мешуд то ин ки Худованд нури тобонро ба Абдулмуталлиб[1] ва аз ӯ ба фарзандаш Абдуллоҳ падари Расули Худо(с) расонид. Ва мо ба хости Худо ахбори бархе аз эшонро зимни ахбори аҷдоди Паёмбар(с) хоҳем овард.

## Васияти Шис ба фарзандаш Анӯш

Дар Таърихи Яъқубӣ омада аст:

“Чун марги Шис фаро расид, фарзандон ва фарзандзодагонаш, ки шомили Анӯш, Қайнон, Маҳлоил, Ярд, Ухнух, занон ва фарзандонашон буданд гирди бистари ӯро гирифтанд. Шис бар онон дуруд фиристод ва барояшон аз Худованд баракат хост ва пеш аз ҳама ба ин амр супориш кард, ки бо фарзандони Қобили малъун омезиш накунанд. Он гоҳ ба фарзандаш Анӯш васият карда ва ӯро фармон дод то ҷасади Одамро ҳамчунон нигаҳ дорад, тақвои илоҳӣ пеша кунад ва қавмашро низ ба тақвои илоҳӣ ва ибодати некӯ фармон диҳад. Он гоҳ дида аз ҷаҳон фурӯ баст”.[2]

---

[1] Абдулмутталиб низ навишта мешавад

[2] Таърихи Яъқубӣ, ҷ. 1, саҳ. 8-9.

## *2. Анӯш - фарзанди Шис*

### Валодати Анӯш, васияти Шис ба ӯ ва интиқоли нури Хотами Паёмбарон[(с)] ба вай

Дар китоби Миръотуззамон омадааст: Анӯш дар замони ҳаёти ҳазрати Одам[(а)] ба дунё омад. Вақте ки Шис марги худро наздик дид, фарзандаш Анӯшро васии худ кард ва ӯро аз нуре, ки ҳангоми таваллуди ӯ ба вай мунтақил шудааст (яъне нури Паёмбари Хотам[(с)], ки аз насли ӯ ба дунё хоҳад омад) огоҳ намуд. Ӯро фармон дод, ки фарзандонашро аз ин ифтихор ва шараф, ки аз бузурге ба бузурги дигар ва аз насле ба насли дигар мунтақил хоҳад шуд, огоҳ кунад.

Анӯш баъд аз вафоти падараш ба хубӣ ба анҷоми фармонҳои ӯ бархост ва ба тадбири корҳои мардум ва иҷрои қонунҳои илоҳӣ, ҳамон гуна ки дар замони падараш буд, қиём намуд. Ӯ нахустин касе аст, ки нахли хурмо кошт ва дона дар замин афшонд.[1]

### Аввалин касе, ки дарахт шинонд ва зироат кард

Дар китоби Муруҷуззаҳаб омадааст: Анӯш ба ободонии замин пардохт. Баъд аз ин ки фарзандаш Қайнон ба дунё омад, нури тобанда дар пешонии Қайнон дурахшидан гирифт. Анӯш дар бораи ин нур аз Қайнон паймон гирифт.[2] (Яъне аз ӯ паймон гирифт,

---

[1] Миръотуззамон, саҳ. 223.

[2] Муруҷуззаҳаби Масъудӣ, ҷ. 1, саҳ. 49.

ки ҳомилони нури Паёмбари Хотам(с)-ро, ки аз фарзандони ӯ хоҳад буд аз вуҷуд ва баракати он нур огоҳ созад).

### Васияти Анӯш ба писараш Қайнон ва таълими Суҳуфи Одам(а) ба ӯ

Дар Ахборуззамон омада аст:

“Анӯш писари Шис буд, ки нахустин фарзанди ӯ ба ҳисоб меомад ва васии падараш буд. Анӯш низ ба навбати худ писараш Қайнон ро васии худ қарор дод ва “Суҳуф”-и (ҳазрати Одам)-ро ба вай таълим дод”.[1]

Дар Таърихи Яъқубӣ омада аст:

“Анӯш и фарзанди Шис баъд аз падар ба ҳифз ва нигаҳдории васияти падар ва ҷаддаш бархост. Ӯ ба некӯтарин шакл Худоро бандагӣ ва ибодат кард ва қавмашро низ фармон дод то ба беҳтарин шакл Худоро ибодат кунанд”.[2]

### Вафоти Анӯш

Дар Таърихи Табарӣ омадааст:

“Анӯш баъд аз падараш ба идораи умури мулк, назм ва тадбири корҳои мардум пардохт”.[3]

“Ҳангоме ки замони реҳлаташ фаро расид, фарзандон ва фарзандзодагонаш: Қайнон, Маҳлоил,

---

1 Ахборуззамон, саҳ. 223-224.

2 Таърихи Яъқубӣ, чопи Бейрут, ҷ. 1, саҳ. 8.

3 Таърихи Табарӣ, чопи Аврупо, ҷ. 1, саҳ. 165.

Ярд, Ухнух, Матушалах ва занону фарзандонашонро фаро хонд. Чун ҳамагӣ ҳозир омаданд бар онҳо дуруд фиристод, барояшон аз Худованд баракат хост ва аз ин ки ҳатто яке аз фарзандони эшон қасди омезиш бо дудмони Қобили малъунро дошта бошад, онҳоро барҳазар дошт. Он гоҳ Қайнонро васии худ муаррифӣ намуд ва ӯро ба нигаҳдории ҷасади Одам супориш кард ва ҳамаро фармон дод, то дар хидмати вай Худоро намоз гузоранд ва ӯро бисёр тақдис кунанд. Он гоҳ дида бар ҳам ниҳод ва дунёро падруд гуфт".[1]

[1] Таърихи Яъқубӣ, ч. 1, саҳ. 8-9.

## *3. Қайнон - фарзанди Анӯш*

### Ба дунё омадани Қайнон ва дурахшиши нури Хотами Паёмбарон(с) дар пешонии ӯ

А) Дар китоби Муруҷуззаҳаб омадааст:

“Қайнони фарзанди Анӯш дар ҳоле ба дунё омад, ки нур дар пешониаш медурахшид (нури Хотами Паёмбарон(с)). Анӯш бо таваллуди Қайнон, дар мавриди васоят ва ҷонишинии ӯ аз дигарон паймон гирифт”.[1]

Б) Дар китоби Миръотуззамон омада аст:

“Чун замони марги Анӯш фаро расид ба писараш Қайнон васият кард ва нури маъҳуд ба Қайнон мунтақил шуд. Анӯш Қайнонро ба (ҳақиқати) он сир, ки ба вай супурда шуда буд огоҳ сохт. Пас аз вафоти Анӯш, Қайнон равиши падарро дар пеш гирифт”.[2]

Муаллиф мегӯяд: мақсуд аз сир ҳамон нури ҳазрати Хотами Паёмбарон(с) аст, ки паёпай аз яке аз онҳо ба дигаре мунтақил мешавад ва мо маънои ин аҳдро ба хости Худо баъди зикри ин матолиб баррасӣ хоҳем кард.

---

[1] Муруҷуззаҳаб, ҷ. 1, саҳ. 49.

[2] Миръотуззамон саҳ. 224.

## Анӯш Суҳуфро ба Қайнон омӯзонд ва вайро ба иқомаи намоз ва дигар аҳком фармон дод.

Дар китоби Ахборуззамон омада аст:

“Анӯш фарзандаш Қайнонро васии худ кард. Ӯ пеш аз он Суҳуфи ҳазрати Одам[а]-ро ба вай омӯхта буд ва пораҳои замин ва ин ки чӣ чизеро дар даруни худ доранд барояш баён кард.

Ӯ Қайнонро фармон дод то намозро барпо дорад, закот бипардозад, ҳаҷ бигзорад ва бо фарзандони Қобил биҷангад. Қайнон фармон дод ва дастуроти падарро ба иҷро гузошт”.[1]

## Васияти Қайнон ба фарзандаш Маҳлоил

Дар Таърихи Яъқубӣ омада аст: Қайнон, ки марди хушмуомила, парҳезкор ва муқаддасе буд. Ӯ баъд аз падараш ба анҷоми вазоифи худ бархост ва қавми худро ба фармонбардорӣ аз Худо, некӯ ибодат кардани парвардигор ва пайравӣ аз супоришҳои ҳазрати Одам ва Шис фармон дод. Замоне ки Қайнонро марг фаро расид, фарзандон ва фарзандзодагони ӯ, яъне Маҳлоил, Ярд Матушалах, Ламак, занон ва фарзандони онҳо ба ҳузури ӯ гирд омаданд. Қайнон бар онон дуруд фиристод ва барояшон аз Худо талаби баракат кард. Он гоҳ ба Маҳлоил васият кард ва ӯро ба ҳифз ва нигаҳдории ҷасади ҳазрати Одам[а] фармон дод.[2]

---

[1] Ахборуззамон, саҳ. 77.

[2] Таърихи Яъқубӣ, ҷ. 1, саҳ. 9.

## *4. Маҳлоил писари Қайнон*

### Маҳлоил қавмашро ба фармонбардорӣ аз Худо фармон медиҳад

Дар Таърихи Яъқубӣ омада аст:

“Баъд аз Қайнон, васии ӯ Маҳлоил дар миёни қавмаш ба по хест ва ононро ба фармонбардорӣ аз Худои таоло ва пайравӣ аз васияти падараш фармон дод.

Вақте ки марги Маҳлоил фаро расид, писараш Ярдро васии худ эълом кард ва супориши ҷасади Одам(а)-ро ба ӯ намуд. Он гоҳ аз дунё рафт”.[1]

Дар Миръотуззамон омада аст:

“Қайнон ҳангоми марг писараш Маҳлоилро васии худ қарор дод ва ӯро аз нуре, ки ба ӯ интиқол ёфта аст, огоҳ намуд. Маҳлоил низ ҳамон сираи падарро бо мардум дар пеш гирифт”.[2]

### Нахустин касе, ки хона сохт, масҷидҳо бино намуд ва маъдан истихроҷ кард.

Дар Таърихи Табарӣ омада аст:

Маҳлоил нахустин касе аст, ки дарахт бурид (ва аз ҷӯбаш баҳра ҷуст), хона сохт ва ба истихроҷи маъдан пардохт ва мардумони замонашро бар он водор кард,

---

[1] Таърихи Яъқубӣ, ҷ. 1, саҳ. 10.

[2] Миръотуззамон, саҳ. 224.

ки барои ибодат маҳалли махсусе омода кунанд. Ӯ аввалин касе аст, ки бунёди шаҳр бар рӯи замин ниҳод; ду шаҳреро, ки вай бунёд гузошт яке Бобул дар наздикии Кӯфа, дигаре шаҳри Шуш будааст.[1]

Дар "Таърихи Комил"-и Ибни Асир омадааст:

"Маҳлоил нахустин касе аст, ки оҳанро истихроҷ кард ва аз он василаи саноат сохт. Ӯ мардумро ба кори зироат ва кишоварзӣ ташвиқ кард ва дастур дод то ҷонварони даррандаро бикушанд ва пӯсти онҳоро бар тан кашанд ва гов, гӯсфанд ва ҳайвоноти биёбониро сар бибуранд ва аз гӯшти онҳо бихӯранд".[2]

## Васияти Маҳлоил ба писараш Ярд

Дар Ахборуззамон омада аст:

"Маҳлоил писараш Юворид (Ярд)-ро васии худ кард, Суҳуфи Одам[(а)]-ро ба вай ёд дод ва қисматҳои заминро ва ин ки дар ҷаҳон чӣ пеш хоҳад омад, ба вай таълим дод. Ӯ китоби Сирри Малакутро ки Маҳлоили фаришта ба Одам[(а)] ёд дода буд ва авсиё онро сарбаста ва мӯҳршуда ба ирс мебаранд, ба вай таслим намуд".[3]

---

[1] Таърихи Табарӣ, ҷ. 1, саҳ. 167.

[2] Алкомилу фитторих, ҷ. 1, саҳ. 22.

[3] Ахборуззамон саҳ. 77.

## 5. *Юворид писари Маҳлоил*

### Ба дунё омадани Юворид ва интиқоли нури Паёмбари Хотам(с) ба ӯ

Дар Муруҷуззаҳаб омадааст:

"Ёрд[1] писари Маҳлоил ба дунё омад ва нуре, ки (аз васие ба васии дигар) ба ирс мерасид ба ӯ мунтақил гашт. Паймон баста шуд ва ҳақ бар ҷойи худ қарор гирифт".[2]

### Васияти Маҳлоил ба писараш Ярд

Дар китоби Миръотуззамон омадааст:

"Маҳлоил ба писараш Ярд васият кард ва ӯро аз сирри макнун (рози пинҳон) ва интиқоли нур ба ҳазрати Хотам(с) огоҳ гардонид. Ярд сирати некӯкоронро дар пеш гирифт".

Дар Таърихи Яъқубӣ омада аст:

---

[1] Дар нусхаҳои Тавроти арабӣ **Ярд**ро, Юворид навишта аст. Дар Миръотуззамон, саҳ. 224 **Ярд**ро ба унвони калимаи ба арабӣ баргаштаи Ювориди мавҷуд дар Таврот ба кор бурда аст. Дар Таърихи Яъқубӣ, ҷ. 1, саҳ. 10 Ярдро ба ҷои калимаи кӯтоҳшудаи Ювориди Таврот дар Муруҷуззаҳаб, ҷ. 1, саҳ. 50 "Лур"-и таҳрифшударо истеъмол карда аст ва дар Ахборуззамон, саҳ. 77, Таърихи Ибни Асир, ҷ. 1, саҳ. 22 ва Таърихи Табарӣ ҷ. 1, саҳ. 168 Юворид қайд шуда аст.

[2] Муруҷуззаҳаб, ҷ. 1, саҳ. 50.

“Пас аз Маҳлоил, Ярд бар ҷои ӯ қарор гирифт. Ӯ марди боимон ва Худои азза ва ҷалларо ибодатгузори комил буд ва шабонарӯз намози бисёр мегузошт.

Дар замони Ярд буд, ки фарзандони Шис паймонеро, ки байнашон устувор буд шикастанд. (Ва баръакси супориши Шис ва дигарон аз кӯҳи раҳмат) ба зер омада ба сарзамини қобилиён пой ниҳоданд ва дар гуноҳ бо эшон ҳамдаст шуданд”.[1]

## Васияти Ярд ба писараш Идрис

“Чун марги Ярд фаро расид, писарон ва писарзодагонаш яъне Ухнух, Матушалах, Ламак ва Нӯҳ ба гирдаш ҷамъ омаданд. Ярд бар онҳо дуруд фиристод ва барояшон аз Худованд баракат хост. Он гоҳ писараш Ухнух (Идрис)-ро фармон дод, ки ҳамвора дар ғори Ганҷ (ки ҷасади Одам[(а)] дар он қарор дошт) намоз бигзорад. Сипас дида бар ҳам ниҳод ва аз дунё рафт”.[2]

[1] Таърихи Яъқубӣ, ҷ. 1, саҳ. 11, Ахборуззамон, саҳ. 77.
[2] Таърихи Яъқубӣ, ҷ. 1, саҳ. 11.

## 6. Идрис[а] - паёмбари Худо

### Номи Идрис дар Қурони карим

Худои таоло дар сураи Марям мефармояд:

***Вазкур фил китоби Идрӣса иннаҳу кона сиддӣқан набийё. Ва рафаъноҳу маконан ъалийё* Ê**

**Ä** *Ва ёд кун дар ин китоб Идрисро, ки ӯ паёмбари сиддиқ буд. Ва мо ба ӯ маконе воло ато кардем.*[1]

### Шарҳе аз ин калимот

**Сиддӣқ**: Тасдиқкунандаи тамоми амру фармонҳои илоҳӣ ва паёмбарони ӯ, ҳамон гуна ки дар сураи Ҳадид мефармояд:

***Вал лазӣна оманӯ биллоҳи ва русӯлиҳи улоика ҳумус сиддӣқӯн...* Ê**

**Ä** *Онон, ки ба Худо ва паёмбаронаш имон овардаанд, онҳо сиддиқон ҳастанд.*[2]

Чунин чизе имкон надорад, магар замоне, ки қавл ва феъли инсон дар пазириши амри Худо ва тарки ҳавои нафс яке бошад. Бино бар ин сиддиқон пас аз анбиё

---

[1] Сураи Марям, ояи 56 ва 57.

وَاذْكُرْ فِي الْكِتَابِ إِدْرِيسَ إِنَّهُ كَانَ صِدِّيقاً نَّبِيّاً (56)

وَرَفَعْنَاهُ مَكَاناً عَلِيّاً (57)

[2] Сураи Ҳадид, ояи 19.

وَالَّذِينَ آمَنُوا بِاللَّهِ وَرُسُلِهِ أُوْلَئِكَ هُمُ الصِّدِّيقُونَ ... (19)

қарор доранд ва ҳар набӣ сиддиқ аст, аммо бархе сиддиқон аз анбиё намебошанд.

**Ъалийян**: *Ъалийян* дар ин ҷо ба маънои макони рафеъ ва баланд аст.

Дар Таврот омада аст:

> *Ухнух ба ҳамроҳи Худо рафт ва дида нашуд, зеро Худованд ӯро баргирифта буд.*

## Идрис дар китобҳои сира

### Ба дунё омадани Идрис ва интиқоли нури Хотами Анбиё[с] ба ӯ

Дар Таърихи Табарӣ омада аст:

“Падари Идриси паёмбар, Ярд ва модараш Баракно будааст. Ӯ замоне ба дунё омад, ки аз умри ҳазрати Одам[а] шашсаду бисту ду сол гузашта буд. Ӯ аз он рӯ ба Идрис маъруф гардид, ки Суҳуфи Одам ва Шисро бисёр мутолиа мекард.

Идрис нахустин паёмбар баъд аз ҳазрати Одам[а] аст. Ӯ ҳомили нури муҳаммадӣ буд ва нахустин касе аст, ки либос дӯхт ва онро бар тан пӯшид”.

Дар ҳадис омада аст, ки рӯзии анбиё ё аз роҳи кишоварзӣ таъмин мешуд ё аз чорводорӣ, ба ҷуз Идриси паёмбар, ки ӯ дӯзанда буд. Аз ҳазрати Имом Содиқ[а] ривоят шудааст, ки фармуд:

Масҷиди Саҳла (дар Кӯфа) хонаи Идриси паёмбар буд, ки дар он дӯзандагӣ мекард ва намоз мегузошт.

Замоне ки Идрис ба шаступанҷсолагӣ расид, бо зане ба номи “Адона” издивоҷ кард ва аз ӯ Матушалах ва писарону духтарони дигар ба дунё омаданд. Он гоҳ аз фарзандони Шис хост, ки Худоро ибодат кунанд ва аз Шайтон пайравӣ нанамоянд ва бо қобилиён дар корҳои зишт ва гумроҳӣ якҷоя ва ҳамкорӣ накунанд. Вале аз ӯ пазиро нашуданд ва гурӯҳе аз эшон бо қобилиён омехта шуда, иртикоби маъсиятҳо ва корҳои ҳаром дар миёнашон афзоиш ёфт. Ҳар қадар, ки Идрис эшонро ба хайр далолат мекард ва аз маъсиятҳо нигаҳ медошт, онҳо сар метофтанд ва аз корҳои зишт дастбардор набуданд. Бино бар ин ӯ дар роҳи Худо бо эшон ҷангид, ҷамъеро кушт ва гурӯҳе аз фарзандони қобилиёнро ба асорат бурд ва ба ғуломӣ гирифт. Тамоми ин воқеаҳо дар айёми зиндагии ҳазрати Одам[(а)] сурат гирифта аст.

Замоне, ки Идрис ба синни сесаду ҳаштсолагӣ расид, ҳазрати Одам[(а)] чашм аз ҷаҳон фурӯ баст.

Идрис дар синни сесаду шасту панҷсолагӣ ба фармони Худо писараш Матушалахро ба ҷонишинии худ баргузид ва ба ӯ ва хонаводааш ёдовар шуд, ки Худованд фарзандони Қобил ва ҳар касро, ки бо эшон муошират кунад ва ба онҳо тамоюл дошта бошад, азоб хоҳад кард. Пас аз ин ҷиҳат онҳоро аз муоширот ва омезиш бо қобилиён манъ фармуд.[1]

Дар ҳамон ҳангом аз синни васии ӯ (Матушалах), ки ҳомили нури Муҳаммадӣ[(с)] буд, сесад сол мегузашт

[1] Таърихи Табарӣ, ҷ. 1, саҳ. 115-117.

ва падарони ӯ аз Ярд то ҳазрати Шис ҳамагӣ зиндаю дар қайди ҳаёт буданд.[1]

## Фиристода шудани Суҳуфи осмонӣ бар Идрис ва дӯзандагии ӯ

Дар Муруҷуззаҳаб омада аст:

“Пас аз Ярд, писараш Ухнух, ки ҳамон Идриси паёмбар[(а)] аст ҷои падарро гирифт. Собиин[2] чунин гумон доранд, ки Идрис ҳамон Ҳирмис аст. Ӯ ҳамон аст, ки Худованди азза ва ҷалла дар китобаш хабар дода аст, ки вайро ба макони боло ва баланд бардоштааст. Идрис нахустин касе буд, ки дӯзандагӣ кард ва барои дӯхтан сӯзан ба кор бурд. Бар Идриси Паёмбар[(а)] сӣ Саҳифа нозил шуд ва пеш аз ӯ бар ҳазрати Одам бисту як Саҳифа ва бар Шис низ бисту нӯҳ Саҳифа нозил шуда буд, ки дар он тасбеҳ ва таҳлил омадааст”.[3]

## Худованд бар Идриси паёмбар номҳои бурҷҳо ва ситорагонро омӯхт.

Дар Миръотуззамон омада аст:

Идриси паёмбар дар замони ҳазрати Одам ба дунё омад. Ӯ нахустин касе аст, ки фарзандон ва наберагони Қобилро ба асорат бурд ва бархеро низ ба ғуломӣ

---

[1] Ҳамон, ҷ. 1, саҳ. 117-118.

[2] Фарҳанги форсии Муин, ҷ. 5, саҳ. 963.

[3] Муруҷуззаҳаб, ҷ. 1, саҳ. 50.

гирифт. Ӯ дар илми нуҷум, мавқеияти осмон, бурҷи дувоздаҳгона, кавокиб ва сайёрот иттилооти васеъ дошт. Худованд шинохти ҳамаи онҳоро ба вай илҳом фармуда буд.[1]

## Омезиши наберагони Шис ва Қобил дар замони Идрис[(а)]

Дар Таърихи Яъқубӣ омада аст:

Баъд аз Ярд писараш Ухнух ба ҷои падар нишаст ва ба ибодати Худои субҳон пардохт. Дар замони Ухнух фарзандон ва наберагони Шис ва занону фарзандонашон (аз кӯҳи раҳмат) ба зер омада назди қобилиён рафтанд ва бо онҳо даромехтанд. Ин кори наберагони Шис бар Ухнух гарон омад, бинобар ин писараш Матушалах ва Ламак ва Нӯҳро фаро хонд ва ба онҳо гуфт:

> **“***Ман медонам***,** *ки Худованд ин умматро ба азоби сахт хоҳад гирифт ва раҳмат нахоҳад фармуд***.”**

Ухнух нахустин касе аст, ки қалам бар даст гирифт ва хат навишт. Ӯ ба фарзандонаш васият кард, ки Худоро холисона ибодат кунанд ва сидқу яқин ба кор баранд. Он гоҳ Худованд Идрис[(а)]-ро аз замин баргирифт ва ба осмон бурд.[2]

---

[1] Миръотуззамон, саҳ. 229.

[2] Таърихи Яъқубӣ, чопи Бейрут, Дори Содир; Таърихи Табарӣ, чопи Аврупо, ҷ. 1, саҳ. 173, 174 ва 350; Табақоти Иби Саъд, чопи Бейрут, ҷ. 1, саҳ. 29, чопи Аврупо, ҷ. 1, саҳ. 16, дар баёни ахбори Идриси Паёмбар; Ахборуззамон, саҳ. 77; Муруҷуззаҳаб, ҷ. 1, саҳ. 50; Миръотуззамон, саҳ.

Бинобар он чи зикр шуд, Идрис(а) сиддиқ ва набӣ буда аст. Худованд китоб ва ҳикмат ба вай марҳамат карда буд. Ӯ мардумони замонашро ба шариати илоҳӣ ҳидоят намуда буд. Сипас Худованд вайро ба макони баланде боло бурд. Бо ин ҳама ӯ аз ҷониби Худованд ба паёмбарии қавмаш барангехта нашуда аст ва бо оят ва мӯъҷизае аз сӯи Худованд, бимдиҳандаи эшон набуда аст.

Дар Табақоти Ибни Саъд ба санадаш аз Ибни Аббос ривоят карда аст, ки гуфт:

“Нахустин набӣ баъд аз ҳазрати Одам(а), Идрис буд, ки ҳамон Ухнух фарзанди Ярд мебошад... Писари Ухнух, Матушалах ном дошт, ки васии падар буд. Ухнух фарзандони дигаре ҳам доштааст. Писари Матушалах, Ламак аст, ки васии падар буд ва ба ғайр аз ӯ фарзандони дигаре ҳам доштааст. Писари Ламак ҳазрати Нӯҳ(а) будааст... “.[1]

## Васияти Юворид ба фарзандаш Ухнух

Дар китоби Ахборуззамон омада аст:

Юворид ба Ухнух васият кард ва улумеро, ки назди худ дошт ба вай таълим дод ва “Мусҳафи Сиррӣ”-ро таслими вай кард.

---

229. Хабари боло рафтани ӯ ба осмон дар китоби Таърихи Яъқубӣ ва Миръотуззамон аст.

[1] Табақоти Ибни Саъд, чопи Бейрут, ҷ. 1, саҳ. 39, чопи Аврупо, ҷ. 1, саҳ. 16, дар баёни ахбори Идриси Паёмбар.

## 7. Матушалаҳ писари Идриси паёмбар[(а)]

### Васияти Идрис[(а)] ба писараш ва нури Хотами Анбиё[(с)]

Дар китоби Ахборуззамон омада аст:

“Идрис ба писараш Матушалах васият кард, зеро Худованд ба ӯ ваҳй карда буд, ки ба писарат Матушалах васият кун, ки ман ба ҳамин зудӣ аз салби ӯ паёмбаре мабъус мекунам, ки корҳояш мавриди тасдиқ ва ризояти мост”[1].

Дар китоби Миръотуззамон омада аст:

“Идрис ба писараш Матушалах васият кард ва чун бо вай паймон ба ҷой овард, ӯро аз нуре, ки ба вай мунтақил гардида аст (нури ҳазрати Хатми мартабат[(с)] ) огоҳ намуд. Матушалах нахустин касе аст, ки бар шутур савор шудааст”.[2]

Дар китоби Муруҷуззаҳаб омада аст:

“Матушалахи писари Ухнух пас аз падар ба ҷои ӯ нишаст ва ба ободонии шаҳрҳо ва кишварҳо пардохт ва нури дурахшоне дар пешониаш нурафшонӣ мекард,[3] нури ҳазрати Хатмимартабат[(с)].[4]

[1] Ахборуззамон, саҳ. 79.

[2] Миръотуззамон, саҳ. 229 ва гуфта аст, ки ӯ Матушала**х** аст ё Матушала**ҳ**.

[3] Ахборуззамон, саҳ. 79, Миръотуззамон, саҳ. 229 ва гуфта аст, ки ӯ Матушала**х** аст ё Матушала**ҳ**, Муруҷуззаҳаб, ҷ. 1, саҳ. 50 ва Таърихи Табарӣ ҷ. 1, саҳ. 173.

[4] Муруҷуззаҳаб, ҷ. 1, саҳ. 50.

Дар Таърихи Табарӣ омада аст:

“Ухнух ӯ (Матушалах)-ро бино бар фармони Худованд ба ҷонишинии худ баргузид ва пеш аз он ки аз дунё биравад ба ӯ ва хонаводааш супоришҳои лозимро намуд ва ононро огоҳ сохт, ки Худои азза ва ҷалла ба зудӣ қобилиён ва ҳар касро, ки ба онҳо омезиш кунад ва ё дӯстдорашон бошад, азоб хоҳад кард ва онҳоро аз омезиши бо онон манъ кард”.[1]

## Нахустин аспсавор

Дар Таърихи Табарӣ омада аст:

“Ӯ (Матушалах) нахустин касе аст, ки бар маркаб савор шуда аст. Ӯ дар ҷиҳод пайрави падараш буд ва дар айёми зиндагониаш дар тоат ва ибодати Худованд роҳи падаронашро дар пеш гирифта буд”.[2]

[1] Таърихи Табарӣ, ҷ. 1, саҳ. 173.

[2] Ҳамон.

## *8. Ламак писари Матушалаҳ*

### Васияти Матушалаҳ ба писараш Ламак

Дар Таърихи Табарӣ ва Ахборуззамон омада аст:

“Чун марги Матушалах фаро расид ба писараш Ламак, ки падари Нӯҳ(а) буд, васият кард ва бо ӯ паймон баст ва Суҳуф ва китобҳои мӯҳршудаи Идриси паёмбарро дар ихтиёри ӯ гузошт ва ҳамин хел васият ба ӯ мунтақил гардид”.[1]

### Издивоҷи наберагони Шису Қобил ва ба дунё омадани зӯргӯён ва саркашон аз ин издивоҷҳо

Дар Муруҷуззаҳаб омадааст:

“Дар айёми Ламак рӯйдодҳо ва омезиш дар наслҳо падид омад”,[2] яъне омезиши насли Шис ва насли Қобили малъун.

Дар Таърихи Яъқубӣ (бо талхис) омада аст:

Ламак пас аз падараш ба тоат ва ибодати Худованд бархост. Дар замони ӯ теъдоди саркашон ва ситамгарон афзун шудан гирифт, зеро, ки писарони Шис бо духтарони Қобил даромехтанд ва зӯргӯён аз эшон зода шуданд.

---

[1] Ахборуззамон, саҳ. 80 ва Таърихи Табарӣ, чопи Аврупо, ҷ. 1, саҳ. 17.

[2] Муруҷуззаҳаб, ҷ. 1, саҳ. 50.

## Танҳо мондани ҳашт тан аз писарони Шис ва васияти ӯ ба Нӯҳ[а]

Чун марги Ламак фаро расид, Нӯҳ, Сом, Ҳом, Ёфис ва занонашонро ба назди худ даъват намуд.

Инон, ки ҳашт тан буданд танҳо бозмондагони авлоди Шис ба шумор мерафтанд ва аз авлоди Шис ҷуз ин ҳашт нафар каси дигаре (бар дини ростон) боқӣ намонда буд. Дигарон аз кӯҳи муқаддас поин омада ба назди авлоди Қобил рафта ва бо онҳо омезиш намуда буданд. Ламак бар ин ҳашт тан дуруд фиристод ва бароишон аз Худованд баракат хост ва ба онҳо гуфт:

Аз Худованде, ки Одамро офарид масъалат дорам, ки баракати падарамон Одамро бар шумо арзонӣ дорад ва салтанат ва қудратро дар фарзандонатон қарор диҳад. Эй Нӯҳ! Ман мемирам ва аз аҳли азоб ҷуз ту касе наҷот нахоҳад ёфт. Чун ман мурдам, маро бардор ва ҷанозаамро дар ғори Ганҷ (ки ҷанозаи Одам[а] дар он буд) қарор деҳ. Ва он гоҳ ки Худо хост бар киштӣ савор шавӣ ҷасади падарамон Одам[а]-ро бардор ва бо худ ба поин бар ва онро дар ҳуҷраи болои киштӣ қарор деҳ ва худату фарзандонат дар қисмати шарқии киштӣ ва занонату занони фарзандонат дар ноҳияи ғарбии он мақом гиред. Ҷасади Одам[а] бояд мобайни шумо қарор гирад, на шумо ба занонатон дастрасӣ дошта бошед ва на занонатон бо шумо. Ва бо онҳо нахӯреду наошомед ва ба онҳо наздик нашавед то аз киштӣ берун оед. Чун тӯфон фурӯ нишаст ва аз киштӣ пой бар замин гузоштед, ту бар ҷасади Одам намоз гузор,

он гоҳ ба Сом, писари бузургат супориш кун то ҷасади Одамро бо худ бибарад ва дар маркази Замин қарор бидиҳад ва яке аз фарзандонашро низ вазифадор кунад, ки назди он бимонад.

То он ҷо ки мегӯяд: Худованд фариштае аз фариштагонро роҳнамои ӯ (Сом) мекунад то вайро мунис бошад ва ба маркази Замин роҳнамоӣ кунад.[1]

ø ø ø

Мо ба нақли ҳамин миқдор аз ахбори анбиёи пеш аз ҳазрати Нӯҳ[(а)] аз Қуръони карим ва манобеи исломӣ басанда мекунем. Инак ба хости Худо ба нақли таърихи эшон аз Таврот мепардозем.

---

[1] Таърихи Яъқубӣ, чопи Бейрут, ҷ. 1, саҳ. 12 ва 13, соли 1379 ҳиҷрӣ.

## *Бархе аз саргузаштҳои васиён то асри Нӯҳ[а] ба нақл аз Таврот*

Дар Сифри Таквин, исҳоҳи панҷум омада аст:

Ин китоб дар таваллуди Одам аст. Рӯзе, ки Худованд Одамро ба дасти хеш офарид, нарина ва модина. Ӯро офарид ва баракаташ дод ва дар ҳамон рӯзи офариниш вайро Одам номид. Одам яксаду сӣ сол умр дошт, ки писаре ҳамшаклу шамоилаш ба дунё омад ва ӯро Шис ном ниҳод. Одам пас аз ба дунё омадани Шис ҳаштсад сол зист ва дар ин муддат дорои писарҳо ва духтарҳо шуд. Тамоми муддати умри Одам нӯҳсаду сӣ сол буд ва он гоҳ аз дунё рафт.

Шис замоне ки саду панҷ сол умр дошт, фарзандаш Анӯш ба дунё омад. Шис пас аз ба дунё омадани Анӯш ҳаштсаду ҳафт сол зист ва дорои писарҳо ва духтарҳо шуд. Тамоми муддати умри Шис нӯҳсаду дувоздаҳ сол буд ва он гоҳ аз дунё рафт.

Анӯш навадсола буд, ки писараш Қайнон ба дунё омад.

Анӯш баъд аз таваллуди Қайнон ҳаштсаду понздаҳ сол зист ва дорои писарҳо ва духтарҳо шуд. Тамоми муддати умри Анӯш нӯҳсаду панҷ сол буд ва он гоҳ аз дунё рафт.

Қайнон ҳафтодсола буд, ки писараш Маҳлалил[1] ба дунё омад. Қайнон баъд аз таваллуди Маҳлалил ҳаштсаду чиҳил сол зист ва дорои писарҳо ва духтарҳо шуд. Тамоми муддати умри Қайнон нӯҳсаду даҳ сол буд ва он гоҳ аз дунё рафт.

Маҳлоил шасту панҷ сол дошт, ки писараш Ёрад ба дунё омад. Маҳлоил баъд аз таваллуди Ёрад ҳаштсаду сӣ сол зист ва дорои писарҳо ва духтарҳо шуд. Тамоми муддати умри Маҳлоил ҳаштсаду наваду панҷ сол буд ва он гоҳ аз дунё рафт.

Ёрад саду шасту дусола буд, ки писараш Ухнух ба дунё омад. Ёрад пас аз таваллуди Ухнух ҳаштсад сол зист ва дорои писарҳо ва духтарҳо шуд. Тамоми муддати умри Ёрад нӯҳсаду шасту ду сол буд ва он гоҳ аз дунё рафт.

Ухнух шашсаду панҷ сол дошт, ки писараш Матушалаҳ” ба дунё омад. Вай пас аз ба дунё омадани Матушалаҳ то рафтанаш ба назди Худо сесад соли дигар дар дунё буд ва дар ин муддат дорои писарҳо ва духтарҳо шуд. Пас тамоми муддати зиндагии Ухнух сесаду шасту панҷ сол буд. Ухнух ба назди Худо рафт ва

---

[1] Дар Таврот ба ҳамин шакл омада аст ва талаффузи он ба монанди калимаи “Исроил” аст. Ҳамчунин баъзе аз номҳое, ки дар ин бахш бо тағир навишта шудаанд, ба хотири бидуни тағир овардани онҳо аз Таврот мебошад.

дигар дида нашуд, зеро ки Худованд ӯро баргирифта буд.

Матушалаҳ саду ҳаштоду ҳафтсола буд, ки дорои писарҳо ва духтарҳо шуд. Тамоми умри Матушалаҳ нӯҳсаду шасту нӯҳ сол буд ва он гоҳ аз дунё рафт.

Ломак саду ҳаштоду ду сол дошт, ки дорои писаре шуд ва номашро Нӯҳ гузошт ва мегуфт: ин фарзанд моро аз кор ва ҳосили меҳнатамон ва аз ҳосили замине, ки Парвардигор онро лаънат кардааст, баҳраманд хоҳад сохт.

Ломак пас аз таваллуди Нӯҳ панҷсаду наваду панҷ сол зист ва дорои писарҳо ва духтарҳо шуд. Замони муддати умри Ломак ҳафтсаду ҳафтоду ҳафт сол буд ва он гоҳ аз дунё рафт.

Нӯҳ панҷсадсола буд, ки писаронаш Сом, Ҳом ва Ёфис ба дунё омаданд.

**ø ø ø**

Ин тавр Таврот дар нақли ахбори авсиёи байни Одам[а] ва Нӯҳ[а] ба зикри муддати солҳои зиндагии ҳар як аз эшон басанда карда аст, ҷуз дар хабари Ухнух, ки ҷумлаи “Ва Ухнух ба назди Худованд рафт зеро, ки Худо ӯро баргирифта буд” –ро низ афзуда аст. Қуръони карим низ ба ҳамин амр ишора карда ва фармуда аст:

***Ва рафаъноҳу маконан ъалиййан* Ê**

**Ä** *Ӯро ба макони баланд бардоштем.*

## Натиҷаи баҳс

Худованд, Одам[а]-ро бахшид ва ӯро барои ҳидояти мадумон ва ба таблиғи он чи ки инсонҳои аввалияи ҳамзамони ӯ аз аҳкоми ислом ба он ниёз доштанд, баргузида ва интихоб фармуд. Он гоҳ ӯро ба назди худ бурд ва авсиёи ӯ пас аз вай ба муҳофизат ва посдорӣ аз шариати ӯ ва таблиғи он барои ҳидояти мардумон бархостанд. Башар то замони Идриси паёмбар[а] марҳала ба марҳала ба тамаддун ва густариши он наздиктар мешуд ва дар канори пешрафти тамаддун ниёзманд ба баён ва шарҳи тозае аз аҳкоми исломӣ дар масири зиндагии хеш буд. Ин буд, ки Худованд ба Идриси паёмбар[а] он чиро, ки мардумони замонаш аз аҳкоми ислом бар он ниёз доштанд ваҳӣ фармуд. Он ҳазрат низ рисолати худро ба некӯтарин шакл ба анҷом расонд ва он чиро, ки Худованд ба ӯ ваҳӣ карда буд ба мақсади ҳидояти мардумон ба эшон таблиғ кард. Пас аз он ҳикмати илоҳӣ бар он қарор гирифт, ки ӯро ба ҷойгоҳи баландмартабае бардорад ва Худо медонад, ки ӯро чӣ гуна ва куҷо боло бурда аст ва ин баҳсро низ маҷоле барои пайгирии он нест.

Гузашта аз ин, аз ахбори анбиё ва авсиё дар манбаъҳои исломӣ чунин дарёфтем, ки ҳар як аз эшон аз васии худаш дар бораи нури ҳазрати Хотами Паёмбарон[с] (ки ба ӯ мунтақил мешуд) паймон мегирифт ва ӯ низ бо васии баъд аз худаш чунин мекард ва ӯро мутааҳҳид менамуд. Таъкид бар ин

паймон гирифтан, дар Қуръони карим ба хубӣ намоён аст:

***Ва из ахазаллоҳу мӣсоқан набиййина ламо отайтукум мин китобин ва ҳикматин, сумма ҷоакум расӯлун мусаддиқун лимо маъакум лату'минунна биҳи ва латансурунноҳу, қола а'ақрартум ва ахазтум ъало золикум исрӣ қолу ақрарно қола фашҳадӯ ва ано маъакум минаш шоҳидӣн. Фаман таваллo баъда золика фаулоика ҳумул фосиқӯн*** **Ê**

**Ä** *Ва ҳангоме ки Худованд аз паёмбарон паймон гирифт, ки ба шумо китоб ва ҳикмат бахшидам. Он гоҳ, ки паёмбаре омад, ки гувоҳӣ ба дурустии китоби шумо дод, бояд ба ӯ имон оварда ӯро ёрӣ кунед. (Худованд ба паёмбарон фармуд:) Оё иқрор доред ва аз умматҳои худ тибқи он паймон гирифтаед? Гуфтанд: оре иқрор дорем. Фармуд: бар онон гувоҳ бошед, ки ман ҳам бо шумо аз гувоҳонам. Пас касе, ки баъд аз ин (яъне баъд аз омадани расулон) аз ҳақ рӯй бигардонад ҳамоно аз фосиқон хоҳад буд.*[1]

---

[1] Сураи Оли Имрон, ояи 81 ва 82.

وَإِذْ أَخَذَ اللّهُ مِيثَاقَ النَّبِيِّيْنَ لَمَا آتَيْتُكُم مِّن كِتَابٍ وَحِكْمَةٍ ثُمَّ جَاءكُمْ رَسُولٌ مُّصَدِّقٌ لِّمَا مَعَكُمْ لَتُؤْمِنُنَّ بِهِ وَلَتَنصُرُنَّهُ قَالَ أَأَقْرَرْتُمْ وَأَخَذْتُمْ عَلَى ذَلِكُمْ إِصْرِي قَالُواْ أَقْرَرْنَا قَالَ فَاشْهَدُواْ وَأَنَاْ مَعَكُم مِّنَ الشَّاهِدِينَ {81}

فَمَن تَوَلَّى بَعْدَ ذَلِكَ فَأُوْلَـئِكَ هُمُ الْفَاسِقُونَ {82}

Табарӣ дар тафсири ояти аввал аз Амири мӯъминон Алӣ[(а)] оварда аст, ки фармуд:

“Худованд, Одам ва паёмбарони баъд аз ӯро ба паёмбарӣ мабъус нафармуд, магар ин ки аз онҳо дар бораи ҳазрати Муҳаммад[(с)] паймон гирифт, ки агар он ҳазрат мабъус шуд ва онҳо зинда буданд, ба ӯ имон оварда ӯро ёрӣ кунанд ва аз қавмашон ҳамон паймонро бигиранд. Сипас ин оятро тиловат фармуд:

***“Ва из ахазаллоҳу мӣсоқан набиййина...”*** **.**

Дар тафсири ояти дуввум аз он ҳазрат оварда аст, ки Худованд мефармояд:

> *Ба ин матлаб гувоҳи умматҳоятон бошед**,** ки ман ҳам бар шумо гувоҳам ва ҳам бар онҳо**.** Пас эй Муҳаммад[(с)]**!** Ҳар кас пас аз чунин аҳд ва паймоне аз ҳамаи он умматҳо**,** аз ту рӯй гардонад аз фосиқон хоҳад буд**”.**[1]*

Қуртубӣ дар тафсири ояти мавриди баҳс мегӯяд:

“*Расул*” дар ин ҷо бино ба қавли Алӣ ва Ибни Аббос, ҳазрати Муҳаммад[(с)] аст.

Муаллиф мегӯяд:

Ин ду ояте, ки гузашт зери маҷмӯае аз оёт омада аст, ки худ гӯёи матолибе аст, ки ҳазрати Алӣ[(а)] ривоят

---

[1] Тафсири Табарӣ, ҷ. 3, саҳ. 236 ва 237, Зодулмасир фӣ ъилмиттафсир, таълифи Ибни Ҷавзӣ, ҷ. 1, саҳ. 416, Тафсири Ибни Касир, ҷ. 1, саҳ. 378, бо тағир дар лафз, Тафсири Қуртубӣ, ҷ. 4, саҳ. 125.

карда аст, ки дар сароғози он Худованд чунин мефармояд:

***Алам тара илал лазӣна ӯтӯ насӣбан минал китоби юдъавна ило китобиллоҳи лияҳкума байнаҳум сумма ятавалло фарӣқун минҳум ва ҳум муъризӯн*** **Ê**

**Ä** *Оё касонеро, ки андак баҳрае аз китоб доранд надидӣ, ки чун ба китоби Худо даъват шуданд, то миёнашон доварӣ шавад, гурӯҳе аз онон пушт карда рӯй бармегардонанд ва онҳо рӯйгардонандагонанд.*[1]

***Қул ин тухфӯ мо фӣ судӯрикум ав нубдӯҳо яъламҳуллоҳ...*** **Ê**

**Ä** *(Эй паёмбар!) Бигӯ: агар он чиро, ки дар дил доред пинҳон кунед ё ошкор созед, Худо ҳамаро медонад...*[2]

***Қул ин кунтум туҳиббӯналлоҳа фаттабиъӯнӣ юҳбибкумуллоҳу ва яғфир лакум зунӯбакум*** **Ê**

**Ä** *(Эй паёмбар!) Бигӯ: агар Худоро дӯст доред, маро пайравӣ кунед то Худо шуморо дӯст дорад ва гуноҳҳоятонро бахшад...*[3]

---

[1] Сураи Оли Имрон, ояи 23.

أَلَمْ تَرَ إِلَى الَّذِينَ أُوتُواْ نَصِيباً مِّنَ الْكِتَابِ يُدْعَوْنَ إِلَى كِتَابِ اللّهِ لِيَحْكُمَ بَيْنَهُمْ ثُمَّ يَتَوَلَّى فَرِيقٌ مِّنْهُمْ وَهُم مُّعْرِضُونَ {23}

[2] Сураи Оли Имрон, ояи .29

قُلْ إِن تُخْفُواْ مَا فِي صُدُورِكُمْ أَوْ تُبْدُوهُ يَعْلَمْهُ اللّهُ ... {29}

[3] Сураи Оли Имрон, ояи 31.

قُلْ إِن كُنتُمْ تُحِبُّونَ اللّهَ فَاتَّبِعُونِي يُحْبِبْكُمُ اللّهُ وَيَغْفِرْ لَكُمْ ذُنُوبَكُمْ ... {31}

***Қул атӣъуллоҳа вар расӯла фаин таваллав фаинналлоҳа ло юҳиббул кофирӣн*** **Ê**

**Ä(***Эй паёмар!***)** *Бигӯ: Худо ва паёмбарро итоат кунед, ки агар аз он ду рӯй гардонед, бегумон Худо кофиронро дӯст нахоҳад дошт.*[1]

Дар оёти 34 ба баъд, дар ҳамон сура баён медорад, ки Худои таоло Одам, Нӯҳ ва...-ро баргузид ва низ ин ки ӯ чӣ тавр Исоро офарид ва ба сӯи Бани Исроил фиристод ва ҳавориён ба вай чӣ хел имон оварданд.

Сипас мефармояд:

***Фаман ҳоҷҷака фӣҳи мин баъди мо ҷоака минал ъилми, фақул таъолав... Набтаҳил фанаҷъал лаънаталлоҳи ъалал козибӣн*** **Ê**

**Ä***Пас ҳар кас* **(***дар бораи Исо*[a] **)** *баъд аз он ки ба василаи ваҳй ба он огоҳӣ ёфтӣ бо ту муҷодила кунад, бигӯ: биёед... Мубоҳила кунем ва лаънати Худоро бар дурӯғгӯён қарор диҳем.*[2]

Сипас дар чанд ояти баъд мефармояд:

***Ё аҳлал китоби лима талбисунал ҳаққа бил ботили ва тактумӯнал ҳаққа ва антум таъламӯн*** **Ê**

---

[1] Сураи Оли Имрон, ояи 32.

قُلْ أَطِيعُواْ اللّهَ وَالرَّسُولَ فإِن تَوَلَّوْاْ فَإِنَّ اللّهَ لاَ يُحِبُّ الْكَافِرِينَ {32}

[2] Сураи Оли Имрон, ояи 61.

فَمَنْ حَآجَّكَ فِيهِ مِن بَعْدِ مَا جَاءكَ مِنَ الْعِلْمِ فَقُلْ تَعَالَوْاْ ... نَبْتَهِلْ فَنَجْعَل لَّعْنَةَ اللّهِ عَلَى الْكَاذِبِينَ {61}

*ÄЭй Аҳли китоб! Чаро ҳақро дар либоси ботил изҳор мекунед ва бо ин ки худ медонед ҳақро пинҳон мекунед?*[1]

Ва дар ҷои дигар мефармояд:

***Ва из ахазаллоҳу мӣсоқан набиййина ламо отайтукум... Ê***

*ÄВа он гоҳ, ки Худованд аз паёмбарон паймон гирифт, чун ба шумо китоб ва ҳикмат бахшидем...*[2]

Ва ин тавр аз баёни оёт маълум мешавад, ки мақсуди фармоиши Худои таоло аз ояти 81-и сураи Оли Имрон, ки дар он мефармояд:

*"Барои ҳидояти шумо Аҳли китоб расуле аз ҷониби Худо омад, ки гувоҳӣ ба ростии китоб ва шариати шумо медод, то имон оваред ва ӯро ёрӣ кунед..."*[3],-

ин аст, ки аз умматҳо паймон гирифта шуда аст, ки ба рисолати ҳазрати Хатмимартабат(с) имон оваранд, ҳамон гуна ки тафсири онро аз ҳазрати Алӣ(а) овардем. Илова бар ҳамаи инҳо диққати шуморо ба оёте, ки дар охири китоб таҳти унвони "Охирин шариат" хоҳем овард ҷалб мекунем, монанди ин оят, ки мефармояд:

---

[1] Сураи Оли Имрон, ояи 71.

يَا أَهْلَ الْكِتَابِ لِمَ تَلْبِسُونَ الْحَقَّ بِالْبَاطِلِ وَتَكْتُمُونَ الْحَقَّ وَأَنتُمْ تَعْلَمُونَ {71}

[2] Сураи Оли Имрон, ояи 81.

وَإِذْ أَخَذَ اللّهُ مِيثَاقَ النَّبِيِّيْنَ لَمَا آتَيْتُكُم ... {81}

[3] Сураи Оли Имрон, ояи 81.

... جَاءكُمْ رَسُولٌ مُّصَدِّقٌ لِّمَا مَعَكُمْ لَتُؤْمِنُنَّ بِهِ وَلَتَنصُرُنَّهُ ... {81}

***Яърифӯнаҳу камо яърифӯна абноаҳум* Ê**

***Ä(**Аҳли китоб**)** Ӯ **(**паёмбари Хотам[с]**)**-ро чунон мешиносанд**,** ҳамчунон ки фарзандонашонро**.**[1]*

Аз тамоми ин оёт дармеёбем, ки Худои мутаол аз анбиёи гузашта аҳд ва паймон гирифта аст, ки умматҳояшонро ба вуҷуди имон ба рисолати ҳазрати Хотам[с] огоҳ кунанд.[2] Ҳар як аз анбиё аз васии худ дар ин маврид аҳд ва паймон гирифта аст. Ҳамон гуна ки шарҳ ва тафсили он аз манобеи исломӣ то замони Нӯҳи паёмбар[а] гузашт.

Инҳо бархе аз ахбори паёмбарон ва авсиёи эшон аз ҳазрати Одам[а] то асри Нӯҳ[а] буд.

Дар замони ҳазрати Нӯҳ наберагони Шис бо наберагони Қобил омезиш карданд ва дар натиҷа насли саркаш, гумроҳ ва бутпараст ба вуҷуд оварданд. Ба хости Худо ахбори эшонро зимни хабари Нӯҳ[а] хоҳем овард.

---

[1] Сураи Бақара, ояи 146.

**... يَعْرِفُونَهُ كَمَا يَعْرِفُونَ أَبْنَاءهُمْ ...** {146}

[2] *Лубобуттаъвил фӣ маъониттанзил*, маъруф ба Тафсири Хозин, соли вафот 741 ҳиҷрӣ, ҷ. 1, саҳ. 252; тафсири Баҳрулмуҳит, Абӯҳайён, соли вафот 745 ҳиҷрӣ, ҷ. 2, саҳ. 508 ва 509 ва тафсири Аддуррулмансур, Суютӣ, соли вафот 911 ҳиҷрӣ ҷ. 2, саҳ. 47 ва 48.

## *Сира ва равиши Нӯҳ дар оёти Қуръони карим*

1-Худованди субҳон дар сураи Ҳадид, ояти 26 мефармояд:

***Ва лақад арсално Нӯҳан ва Иброҳима ва ҷаъално фӣ зуррийятиҳимо, аннубуввата вал китоба фаминҳум муҳтадӣн ва касӣрун минҳум фосиқӯн Ê***

**Ä** *Ва мо Нӯҳ ва Иброҳимро* **(***ба рисолат***)** *фиристодем ва дар миёни фарзандонашон китоб ва нубувватро қарор додем***,** *пас бархе аз эшон ҳидоят ёфтанд ва бисёре ба фисқ ва табоҳӣ рӯй овარданд***.**[1]

2-Ва дар сураи Анкабут, ояти 14:

***Ва лақад арсално Нӯҳан ило қавмиҳи фалабиса фӣҳим алфа санатин илло хамсӣна ъоман... Ê***

---

[1] Сураи Ҳадид, ояи 26.

وَلَقَدْ أَرْسَلْنَا نُوحاً وَإِبْرَاهِيمَ وَجَعَلْنَا فِي ذُرِّيَّتِهِمَا النُّبُوَّةَ وَالْكِتَابَ فَمِنْهُم مُّهْتَدٍ وَكَثِيرٌ مِّنْهُمْ فَاسِقُونَ {26}

***Ä****Ва мо Нӯҳро* **(***ба рисолат***)** *ба сӯи қавмаш фиристодем***,** *ӯ нӯҳсаду панҷоҳ сол дар миёни онон зиндагӣ кард***...**[1]

3-Ва дар сураи Мӯъминун оёти 23-25:

***Фақола ё қавми уъбудуллоҳа мо лакум мин илоҳин ғайруҳу, афало таттақӯн. Фақолал малаул лазӣна кафарӯ мин қавмиҳи мо ҳозо илло башарун мислукум юрӣду ан ятафаззала ъалайкум ва лав шоаллоҳу лаанзала малоикатан мо самиъно биҳозо фӣ обоинал аввалӣн. Ин ҳува илло раҷулун биҳи ҷиннатун фатараббасу биҳи ҳатто ҳӣн Ê***

***Ä*****(***Нӯҳ***)** *гуфт: эй қавм***!** *Худоро бипарастед***,** *ки ҷуз ӯ шуморо Худое нест***,** *оё аз Худо наметарсед***?!** *Бузургони кофири қавми ӯ гуфтанд***:** *ин* **(***Нӯҳ***)** *касе нест***,** *магар башаре чун шумо***,** *ки мехоҳад бар шумо сарварӣ кунад ва агар Худо мехост паёмбаре бифиристад фариштае мефиристод***.** *Мо* **(***иддаои ӯро***)** *аз падарони пешини худ нашунидаем***.** *Ин мард ҷуз девонае беш нест***.** *То муддате бо ӯ* **(***мадоро кунед***)** *ва интизор бошед***.**[2]

---

[1] Сураи Анкабут, ояи 14.

وَلَقَدْ أَرْسَلْنَا نُوحاً إِلَى قَوْمِهِ فَلَبِثَ فِيهِمْ أَلْفَ سَنَةٍ إِلَّا خَمْسِينَ عَاماً ... {14}

[2] Сураи Мӯъминун, оёти 23-25.

... فَقَالَ يَا قَوْمِ اعْبُدُوا اللَّهَ مَا لَكُم مِّنْ إِلَهٍ غَيْرُهُ أَفَلَا تَتَّقُونَ {23} فَقَالَ الْمَلَأُ الَّذِينَ
كَفَرُوا مِن قَوْمِهِ مَا هَذَا إِلَّا بَشَرٌ مِّثْلُكُمْ يُرِيدُ أَن يَتَفَضَّلَ عَلَيْكُمْ وَلَوْ شَاء اللَّهُ لَأَنزَلَ
مَلَائِكَةً مَّا سَمِعْنَا بِهَذَا فِي آبَائِنَا الْأَوَّلِينَ {24} إِنْ هُوَ إِلَّا رَجُلٌ بِهِ جِنَّةٌ فَتَرَبَّصُوا بِهِ
حَتَّى حِينٍ {25}

4-Ва дар сураи Шуаро оёти 106-108:

***...Қола лаҳум ахӯҳум Нӯҳун ало таттақӯн. Иннӣ лакум расӯлун амӣн. Фаттақуллоҳа ва атӣъӯн*** **Ê**

**Ä...***Бародарашон Нӯҳ ба эшон гуфт***:** *оё худотарс ва парҳезкор намешавед***?!** *Ман барои шумо паёмбари амин ҳастам Пас***,** *аз Худо битарсед ва маро итоат кунед***.**[1]

5-Дар сураи Юнус, ояти 72:

***Фаин таваллайтум фамо саалтукум мин аҷрин, ин аҷрия илло ъалаллоҳи ва умирту ан акӯна минал муслимӣн*** **Ê**

**Ä(***Нӯҳ ба умматаш гуфт***:)** *Пас агар шумо аз ҳақ рӯй гардонед***,** *ман аз шумо подоше намехоҳам***,** *ки аҷр ва подошам бар Худост ва ман маъмур ҳастам***,** *ки аз мусулмонон буда***,** *таслими ҳукми ӯ бошам***.**[2]

6-Дар сураи Шуаро, оёти 111-116:

***Қолӯ а нуʼмину лака ваттабаъакал арзалӯн. Қола ва мо ъилмӣ бимо конӯ яъмалӯн. Ин ҳисобуҳум илло ъало раббӣ лав ташъурӯн. Ва мо ано биторидил муʼминӣн. Ин ано илло***

---

[1] Сураи Шуаро, оёти 106-108.

**... قَالَ لَهُمْ أَخُوهُمْ نُوحٌ أَلَا تَتَّقُونَ {106} إِنِّي لَكُمْ رَسُولٌ أَمِينٌ {107} فَاتَّقُوا اللَّهَ وَأَطِيعُونِ {108}**

[2] Сураи Юнус, ояи 72.

**فَإِن تَوَلَّيْتُمْ فَمَا سَأَلْتُكُم مِّنْ أَجْرٍ إِنْ أَجْرِيَ إِلاَّ عَلَى اللّهِ وَأُمِرْتُ أَنْ أَكُونَ مِنَ الْمُسْلِمِينَ {72}**

***назӣрун мубӣн. Қолӯ лаин лам тантаҳи ё Нӯҳу латакӯнанна минал марҷӯмӣн*** **Ê**

**Ä (***Қавми Нӯҳ ба он ҳазрат***)** *Гуфтанд: оё ба ту имон оварем ва ҳол он ки туро мардумони паст пайравӣ мекунанд*?! *Фармуд: маро чӣ кор, ки аҳвол ва аъмолиононро бидонам. Ҳисоби онҳо бо Парвардигори ман аст, агар шуур доред. Ва ман мӯъминонро аз гирди худ намеронам. Ман фақат тарсонандаи ошкор ҳастам. Гуфтанд: эй Нӯҳ! Агар аз ин суханон кӯтоҳ наоӣ туро сахт сангсор мекунем.*[1]

7-Ва дар сураи Ҳуд, ояти 28-33:

**(***Нӯҳ***)** *Гуфт: эй қавм! Чӣ мегӯед, ҳар гоҳ бибинед, ки маро далели равшан аз ҷониби Парвардигорам мебошад ва раҳмати ӯ шомили ҳолам шуда аст, боз ҳақиқат аз шумо пӯшида хоҳад монд?! Оё шуморо бар зидди хостаатон маҷбур кунам?! Эй қавм! Агар ман он мардумони худопарастро аз худ биронам, чӣ касе маро аз хашми Худо ёрӣ хоҳад дод?! Оё панд намегиред?! Ман намегӯям, ки хазинаҳои Худо назди ман аст. Ва иддао надорам, ки илми ғайб медонам ва намегӯям, ки ман фаришта ҳастам ва намегӯям, ки Худо ба касоне, ки пеши чашми шумо беарзишанд хайре намедиҳад.*

---

[1] Сураи Шуаро, оёти 111-116.

قَالُوا أَنُؤْمِنُ لَكَ وَاتَّبَعَكَ الْأَرْذَلُونَ {111} قَالَ وَمَا عِلْمِي بِمَا كَانُوا يَعْمَلُونَ {112} إِنْ حِسَابُهُمْ إِلَّا عَلَى رَبِّي لَوْ تَشْعُرُونَ {113} وَمَا أَنَا بِطَارِدِ الْمُؤْمِنِينَ {114} إِنْ أَنَا إِلَّا نَذِيرٌ مُّبِينٌ {115} قَالُوا لَئِن لَّمْ تَنتَهِ يَا نُوحُ لَتَكُونَنَّ مِنَ الْمَرْجُومِينَ {116}

*Худо ба ҳолашон огоҳтар аст ва ман агар ин суханонро бигӯям аз ситамкорон ба шумо хоҳам омад. Гуфтанд: эй Нӯҳ! Ту бо мо ҷидол кардӣ ва ҷидол бо моро ба дарозо кашондӣ. Агар рост мегӯӣ он чиро, ки ба мо ваъда додаӣ, биёвар. Нӯҳ гуфт: агар Худо бихоҳад онро бар шумо хоҳад овард ва шумо дар баробари он ҳеҷ қудрат ва гурезгоҳе надоред.*[1]

8-Ва дар сураи Нӯҳ, оёти 5-28:

*Нӯҳ гуфт: Парвардигоро! Ман шабу рӯз қавмамро фаро хондам. Аммо даъвати ман ҷуз фирор ба онҳо наяфзуд. Ва ман ҳар вақт даъваташон кардам то онҳоро биёмурзӣ, ангуштонашонро дар гӯшҳояшон карданд ва либосашонро бар сар кашиданд ва такаббур карданд, такаббури бузург. Сипас ман бо овози баланд онҳоро даъват кардам. Ва он гоҳ ошкоро ва пинҳон даъвати худро изҳор намудам ва гуфтам: аз Худо мағфират бихоҳед, ки ӯ бисёр омурзанда аст, то бар шумо борони фаровон фиристад. Ва кӯмак кунад шуморо ба амвол ва писарон ва барои шумо боғҳо ва наҳрҳое қарор диҳад.*

---

[1] Сураи Ҳуд, ояи 28-33.

قَالَ يَا قَوْمِ أَرَأَيْتُمْ إِن كُنتُ عَلَى بَيِّنَةٍ مِّن رَّبِّيَ وَآتَانِي رَحْمَةً مِّنْ عِندِهِ فَعُمِّيَتْ عَلَيْكُمْ أَنُلْزِمُكُمُوهَا وَأَنتُمْ لَهَا كَارِهُونَ {28} وَيَا قَوْمِ لا أَسْأَلُكُمْ عَلَيْهِ مَالاً إِنْ أَجْرِيَ إِلاَّ عَلَى اللّهِ وَمَا أَنَاْ بِطَارِدِ الَّذِينَ آمَنُواْ إِنَّهُم مُّلاَقُو رَبِّهِمْ وَلَـكِنِّيَ أَرَاكُمْ قَوْماً تَجْهَلُونَ {29} وَيَا قَوْمِ مَن يَنصُرُنِي مِنَ اللّهِ إِن طَرَدتُّهُمْ أَفَلاَ تَذَكَّرُونَ {30} وَلاَ أَقُولُ لَكُمْ عِندِي خَزَآئِنُ اللّهِ وَلاَ أَعْلَمُ الْغَيْبَ وَلاَ أَقُولُ إِنِّي مَلَكٌ وَلاَ أَقُولُ لِلَّذِينَ تَزْدَرِي أَعْيُنُكُمْ لَن يُؤْتِيَهُمُ اللّهُ خَيْراً اللّهُ أَعْلَمُ بِمَا فِي أَنفُسِهِمْ إِنِّي إِذاً لَّمِنَ الظَّالِمِينَ {31} قَالُواْ يَا نُوحُ قَدْ جَادَلْتَنَا فَأَكْثَرْتَ جِدَالَنَا فَأْتَنِا بِمَا تَعِدُنَا إِن كُنتَ مِنَ الصَّادِقِينَ {32} قَالَ إِنَّمَا يَأْتِيكُم بِهِ اللّهُ إِن شَاء وَمَا أَنتُم بِمُعْجِزِينَ {33}

*Шуморо чӣ шуда аст, ки ба азамати Худо сар поин намеоваред. Ҳол он ки шуморо дар навъҳои гуногун офарида аст?! Оё намебинед, ки чӣ гуна Худованд ҳафт осмонро болои ҳам офарида аст ва моҳро дар миёни онҳо нур ва офтобро чароғи бузург офаридааст. Ва Худо шуморо бо рӯидани (ба монанди гиёҳ) аз замин рӯёнид ва сипас шуморо ба он бармегардонад ва ба таври махсус хориҷ мекунад?! Худованд заминро барои шумо густурд, барои он ки дар роҳҳои васеъ ва даври он қадам бигзоред. Нӯҳ гуфт: Парвардигоро! Онҳо маро мухолифат карданд ва аз касе фармон бурданд, ки мол ва фарзандаш ҷуз гумроҳӣ ба ӯ наяфзуд ва найранг ба кор бурданд, найранги бузург. Ва гуфтанд: аз худоёни худ даст набардоред ва онҳоро раҳо накунед: бутҳои Вадд, Сувоъ, Яғус, Яъуқ ва Насрро. Онҳо бисёреро гумроҳ карданд, бар золимон ҷуз залолат маяфзой. Ба хотири гуноҳҳояшон ғарқ шуданд ва дохили оташи бузурге гардиданд ва ба ҷуз Худо ёваре барои худ наёфтанд. Нӯҳ гуфт: Парвардигоро! Бар рӯи замин ҳеҷ як аз кофиронро зинда магузор, ки агар онҳоро зинда бигзорӣ, бандагони туро гумроҳ кунанд ва ба ҷуз шахси бадкори кофир назоянд. Парвардигоро! Маро ва падару модарамро биёмурз ва низ касеро, ки мӯъмин ба хонаи ман ворид шавад ва ҳам мӯъминину муъминотро ва бар ситамгарон ба ҷуз ҳалокат ва нобудӣ маяфзой.*[1]

[1] Сураи Нӯҳ, оёти 5-28.

9-Ва дар сураи Ҳуд, оёти 37-48:

*Ва зери назар ва роҳнамоии мо киштӣ бисоз ва дар бораи золимон бо ман сухан магӯ, ки ғарқ хоҳанд шуд. Нӯҳ киштӣ месохт ва ҳар гоҳ гурӯҳе аз қавмаш бар ӯ мегузаштанд, ӯро масхара мекарданд. Нӯҳ гуфт: агар моро масхара мекунед, мо низ шуморо ҳамон тавр масхара хоҳем кард. Ба зудӣ медонед, ки кадом аст он ки азоби хоркунанда ба ӯ мерасад ва азоби доим бар ӯ ворид мешавад. Вақте ки фармон расид ва* (*аз*) *танӯр* (*об*) *фаввора зад, гуфтем: аз ҳар ҳайвон як ҷуфт дар киштӣ бор кун. Хонаводаатро ҳам савор кун, магар он кас, ки ваъдаи азоб бар ӯ гузаштааст ва низ мӯъминонро*

---

قَالَ رَبِّ إِنِّي دَعَوْتُ قَوْمِي لَيْلاً وَنَهَاراً {5} فَلَمْ يَزِدْهُمْ دُعَائِي إِلَّا فِرَاراً {6} وَإِنِّي
كُلَّمَا دَعَوْتُهُمْ لِتَغْفِرَ لَهُمْ جَعَلُوا أَصَابِعَهُمْ فِي آذَانِهِمْ وَاسْتَغْشَوْا ثِيَابَهُمْ وَأَصَرُّوا
وَاسْتَكْبَرُوا اسْتِكْبَاراً {7} ثُمَّ إِنِّي دَعَوْتُهُمْ جِهَاراً {8} ثُمَّ إِنِّي أَعْلَنتُ لَهُمْ وَأَسْرَرْتُ
لَهُمْ إِسْرَاراً {9} فَقُلْتُ اسْتَغْفِرُوا رَبَّكُمْ إِنَّهُ كَانَ غَفَّاراً {10} يُرْسِلِ السَّمَاء عَلَيْكُم
مِّدْرَاراً {11} وَيُمْدِدْكُمْ بِأَمْوَالٍ وَبَنِينَ وَيَجْعَل لَّكُمْ جَنَّاتٍ وَيَجْعَل لَّكُمْ أَنْهَاراً {12}
مَّا لَكُمْ لَا تَرْجُونَ لِلَّهِ وَقَاراً {13} وَقَدْ خَلَقَكُمْ أَطْوَاراً {14} أَلَمْ تَرَوْا كَيْفَ خَلَقَ
اللَّهُ سَبْعَ سَمَاوَاتٍ طِبَاقاً {15} وَجَعَلَ الْقَمَرَ فِيهِنَّ نُوراً وَجَعَلَ الشَّمْسَ سِرَاجاً
{16} وَاللَّهُ أَنبَتَكُم مِّنَ الْأَرْضِ نَبَاتاً {17} ثُمَّ يُعِيدُكُمْ فِيهَا وَيُخْرِجُكُمْ إِخْرَاجاً
{18} وَاللَّهُ جَعَلَ لَكُمُ الْأَرْضَ بِسَاطاً {19} لِتَسْلُكُوا مِنْهَا سُبُلاً فِجَاجاً {20} قَالَ
نُوحٌ رَّبِّ إِنَّهُمْ عَصَوْنِي وَاتَّبَعُوا مَن لَّمْ يَزِدْهُ مَالُهُ وَوَلَدُهُ إِلَّا خَسَاراً {21} وَمَكَرُوا
مَكْراً كُبَّاراً {22} وَقَالُوا لَا تَذَرُنَّ آلِهَتَكُمْ وَلَا تَذَرُنَّ وَدّاً وَلَا سُوَاعاً وَلَا يَغُوثَ وَيَعُوقَ
وَنَسْراً {23} وَقَدْ أَضَلُّوا كَثِيراً وَلَا تَزِدِ الظَّالِمِينَ إِلَّا ضَلَالاً {24} مِمَّا خَطِيئَاتِهِمْ
أُغْرِقُوا فَأُدْخِلُوا نَاراً فَلَمْ يَجِدُوا لَهُم مِّن دُونِ اللَّهِ أَنصَاراً {25} وَقَالَ نُوحٌ رَّبِّ لَا
تَذَرْ عَلَى الْأَرْضِ مِنَ الْكَافِرِينَ دَيَّاراً {26} إِنَّكَ إِن تَذَرْهُمْ يُضِلُّوا عِبَادَكَ وَلَا يَلِدُوا
إِلَّا فَاجِراً كَفَّاراً {27} رَبِّ اغْفِرْ لِي وَلِوَالِدَيَّ وَلِمَن دَخَلَ بَيْتِيَ مُؤْمِناً وَلِلْمُؤْمِنِينَ
وَالْمُؤْمِنَاتِ وَلَا تَزِدِ الظَّالِمِينَ إِلَّا تَبَاراً {28}

*савор кун. Ва ба ӯ (Нӯҳ) имон наёварда буданд, магар андаке. Нӯҳ ба онҳо гуфт: дар киштӣ савор шавед, ҳаракат ва истодани он ба номи Худост, ки Худои мо омурзанда ва меҳрубон аст. Киштӣ онҳоро дар мавҷе чун кӯҳ ба пеш мебурд. Нӯҳ писарашро, ки дар канор истода буд, бонг заду гуфт: Писарам! Бо мо савор шав ва аз кофирон мабош! (Писараш) Гуфт: инак ба кӯҳе паноҳ мебарам, ки маро аз сел нигаҳ дорад. Нӯҳ гуфт: имрӯз аз азоби Худо нигаҳдоре нест, магар он кас, ки Худо мавриди раҳматаш қарор додааст. Ва мавҷе миёнашон фосила андохт ва гарқ гардид. Фармон расид, ки: Эй Замин! Обатро фурӯ бар ва эй осмон! (Аз боридан) Биист. Об фурӯ рафт ва он чи амр шуда буд анҷом ёфт ва киштӣ бар Ҷудӣ қарор гирифт ва гуфта шуд: дур бод ситамгарон аз раҳмати Худованд. Ва Нӯҳ Парвардигорашро нидо дод, ки Парвардигоро! Писарам аз хонаводаи ман аст ва ваъдаи ту низ ҳақ ва ту одилтарини доварон ҳастӣ. Худо гуфт: эй Нӯҳ! ӯ аз хонаводаат нест, ӯ амали носолеҳ аст, он чиро, ки намедонӣ аз ман махоҳ. Ман туро панд медиҳам, ки мабодо аз ҷоҳилон бошӣ. Нӯҳ гуфт: Парвардигоро ба ту паноҳ мебарам, ки аз ту чизе бихоҳам, ки ба он илм надорам. Агар маро авф накунӣ ва бар ман раҳм нанамоӣ аз зиёнкорон мешавам. Гуфта шуд: эй Нӯҳ! Фуруд ой ба саломат ва бо фоидаҳое бар ту ва бар умматҳое аз касоне, ки бо ту ҳастанд,*

*умматҳое низ ҳастанд, ки онҳоро баҳраманд мекунем, сипас аз мо ба онҳо азоб хоҳад расид.*[1]

10-Ва дар сураи Соффот, оёти 77-81:

***Ва ҷаъално зурриятаҳу ҳумул боқӣн. Ва таракно ъалайҳи фил охирӣн. Саломун ъало Нӯҳин фил ъоламӣн. Инно казолика наҷзил муҳсинӣн. Иннаҳу мин ъибодинал му'минӣн* Ê**

**Ä** *Ва танҳо хонаводаи ӯро боқӣ гузоштем. Ва дар миёни оянддагон номи некӯяш гузоштем. Салом бар Нӯҳ бар миёни мардумон бод. Мо некӯкоронро*

---

[1] Сураи Ҳуд, оёти 37-48.

وَاصْنَعِ الْفُلْكَ بِأَعْيُنِنَا وَوَحْيِنَا وَلاَ تُخَاطِبْنِي فِي الَّذِينَ ظَلَمُواْ إِنَّهُم مُّغْرَقُونَ {37}
وَيَصْنَعُ الْفُلْكَ وَكُلَّمَا مَرَّ عَلَيْهِ مَلأٌ مِّن قَوْمِهِ سَخِرُواْ مِنْهُ قَالَ إِن تَسْخَرُواْ مِنَّا فَإِنَّا
نَسْخَرُ مِنكُمْ كَمَا تَسْخَرُونَ {38} فَسَوْفَ تَعْلَمُونَ مَن يَأْتِيهِ عَذَابٌ يُخْزِيهِ وَيَحِلُّ عَلَيْهِ
عَذَابٌ مُّقِيمٌ {39} حَتَّى إِذَا جَاء أَمْرُنَا وَفَارَ التَّنُّورُ قُلْنَا احْمِلْ فِيهَا مِن كُلٍّ زَوْجَيْنِ
اثْنَيْنِ وَأَهْلَكَ إِلاَّ مَن سَبَقَ عَلَيْهِ الْقَوْلُ وَمَنْ آمَنَ وَمَا آمَنَ مَعَهُ إِلاَّ قَلِيلٌ {40} وَقَالَ
ارْكَبُواْ فِيهَا بِسْمِ اللّهِ مَجْرَاهَا وَمُرْسَاهَا إِنَّ رَبِّي لَغَفُورٌ رَّحِيمٌ {41} وَهِيَ تَجْرِي
بِهِمْ فِي مَوْجٍ كَالْجِبَالِ وَنَادَى نُوحٌ ابْنَهُ وَكَانَ فِي مَعْزِلٍ يَا بُنَيَّ ارْكَب مَّعَنَا وَلاَ تَكُن
مَّعَ الْكَافِرِينَ {42} قَالَ سَآوِي إِلَى جَبَلٍ يَعْصِمُنِي مِنَ الْمَاء قَالَ لاَ عَاصِمَ الْيَوْمَ مِنْ
أَمْرِ اللّهِ إِلاَّ مَن رَّحِمَ وَحَالَ بَيْنَهُمَا الْمَوْجُ فَكَانَ مِنَ الْمُغْرَقِينَ {43} وَقِيلَ يَا أَرْضُ
ابْلَعِي مَاءكِ وَيَا سَمَاء أَقْلِعِي وَغِيضَ الْمَاء وَقُضِيَ الأَمْرُ وَاسْتَوَتْ عَلَى الْجُودِيِّ
وَقِيلَ بُعْداً لِّلْقَوْمِ الظَّالِمِينَ {44} وَنَادَى نُوحٌ رَّبَّهُ فَقَالَ رَبِّ إِنَّ ابُنِي مِنْ أَهْلِي وَإِنَّ
وَعْدَكَ الْحَقُّ وَأَنتَ أَحْكَمُ الْحَاكِمِينَ {45} قَالَ يَا نُوحُ إِنَّهُ لَيْسَ مِنْ أَهْلِكَ إِنَّهُ عَمَلٌ
غَيْرُ صَالِحٍ فَلاَ تَسْأَلْنِ مَا لَيْسَ لَكَ بِهِ عِلْمٌ إِنِّي أَعِظُكَ أَن تَكُونَ مِنَ الْجَاهِلِينَ {46}
قَالَ رَبِّ إِنِّي أَعُوذُ بِكَ أَنْ أَسْأَلَكَ مَا لَيْسَ لِي بِهِ عِلْمٌ وَإِلاَّ تَغْفِرْ لِي وَتَرْحَمْنِي أَكُن مِّنَ
الْخَاسِرِينَ {47} قِيلَ يَا نُوحُ اهْبِطْ بِسَلاَمٍ مِّنَّا وَبَرَكَاتٍ عَلَيْكَ وَعَلَى أُمَمٍ مِّمَّن مَّعَكَ
وَأُمَمٌ سَنُمَتِّعُهُمْ ثُمَّ يَمَسُّهُم مِّنَّا عَذَابٌ أَلِيمٌ {48}

*инчунин подош медиҳем. Ӯ аз бандагони мӯъмини мост.*[1]

11-Ва дар сураи Ҳуд, ояти 49:

***Тилка мин анбоил ғайби нӯҳӣҳо илайка мо кунта таъламуҳо анта ва ло қавмука мин қабли ҳозо, фасбир инная ъоқибата лилмуттақӣн Ê***

***Ä** Инҳо аз хабарҳои ғайбӣ аст, ки бар ту ваҳй кардаем, на ту онҳоро пеш аз ин медонистӣ ва на қавми ту. Сабурӣ пеша кун, ки поёни кор ба фоидаи парҳезкорон аст.*[2]

## Шарҳи вожаҳо

**Фаъуммият ъалайкум**: *Ъуммиятул ахбору вал умуру ъанҳу ва ъалайҳ:* ахбор ва чараёнҳо аз ӯ пинҳон ва пӯшида монд ва *ъуммо ъалайҳи тариқуҳ*, яъне роҳ бар ӯ пӯшида монд.

**Бимуъҷизӣн**: Вақте гуфта мешавад *аъҷаза фалон*, яъне гурехт ва гирифтор нашуд, ки ин маъно муносиби мақом аст.

**Истағшав сиёбаҳум**: Худро бо ҷома пӯшониданд, (ҷома бар сар кашиданд) то бишнаванд вале набинанд.

---

[1] Сураи Соффот, оёти 77-81.

وَجَعَلْنَا ذُرِّيَّتَهُ هُمُ الْبَاقِينَ {77} وَتَرَكْنَا عَلَيْهِ فِي الْآخِرِينَ {78} سَلَامٌ عَلَى نُوحٍ فِي الْعَالَمِينَ {79} إِنَّا كَذَلِكَ نَجْزِي الْمُحْسِنِينَ {80} إِنَّهُ مِنْ عِبَادِنَا الْمُؤْمِنِينَ {81}

[2] Сураи Ҳуд, ояи 49.

تِلْكَ مِنْ أَنبَاءِ الْغَيْبِ نُوحِيهَا إِلَيْكَ مَا كُنتَ تَعْلَمُهَا أَنتَ وَلاَ قَوْمُكَ مِن قَبْلِ هَـذَا فَاصْبِرْ إِنَّ الْعَاقِبَةَ لِلْمُتَّقِينَ {49}

**Мидроран**: паи ҳам, пай дар пай, тез ва босуръат боридан.

**Виқоран**: Ҳилм, бурдборӣ, сукун ва оромиш ҳамроҳ бо азамат ва дар ин ҷо маънии азамат муносиб аст.

**Атворан**: Шакли танҳои он "***тавр***" аст, ки ба маънои ҳолат ва шакл мебошад.

**Тибоқан**: Табақа-табақа ва рӯи ҳам қарор гирифтан, бефосила ё бофосила.

**Фиҷоҷан**: Роҳҳои фарох. Шакли танҳои он "***фаҷҷ***" аст.

**Табоoccurran**: Ҳалокат ва нобудӣ.

**Биаъюнино**: Зери назар ва таваҷҷӯҳи мо ва дар паноҳи ҳифзи мо.

**Танӯр**: Аз ҷумлаи маъноҳои он фаввора ва чашма мебошад. Дар шарҳи ҳоли ҳазрати Нӯҳ дар таърихи Ибни Асокир[1] чунин омада аст: "Ин танӯр дар гӯшаҳое аз масҷиди Кӯфа қарор доштааст".

**Ғайз**: Об дар замин фурӯ рафт.

**Ҷӯдӣ**: Дар ин ки ин "Ҷӯдӣ" дар ҷазираи Ибни Умар қарор дошта ё навоҳии Мусил, ё дар ғоре дар наздики рӯди Фурот ва бар баландиҳои Наҷаф, ё ҷои дигар ихтилоф аст.

Дар Қомуси китоби муқаддас омада аст: киштии Нӯҳ дар кӯҳи Арарат, ки байни рӯди Арас ва баҳри Вон қарор дорад, воқеъ шуда аст. "**Ҷӯдӣ**" дар луғати Мӯъҷамулбулдони Ҳамавӣ омада аст: "Ҷӯдӣ кӯҳе аст

[1] Таърихи Ибни Асокир, нусхаи хаттӣ, шумораи 329, алиф.

часпида бар ҷазираи Ибни Умар дар ноҳияи шарқии Даҷла, аз ноҳияҳои Мусел аст ки киштии Нӯҳ(а) дар он ҷой гирифт".

Дар тафсири "**Вастават ъалал Ҷӯдӣ**" дар тафсири Табарӣ, Ибни Касир ва Суютӣ дар ривоёте омада аст: Ҷудӣ дар ҷазираи Ибни Умар ва дар ривоёти дигар дар Мусел[1] воқеъ шуда аст. Ва дар Равзаи Кофӣ омада аст, ки: кӯҳи Ҷудӣ ҳамон Фуроти Кӯфа аст. Маҷлисӣ дар шарҳи ин матлаби Равзаи Кофӣ, дар китоби Миръотулъуқул менависад: эҳтимолан ин матлаб дар асл "**қарибул Кӯфа**" буда, ки баъдҳо дар нусхабардорӣ ба "**Фуротул Кӯфа**" табдил шуда аст.[2]

Устоди мухаққиқ ҷаноби Сайид Сомӣ Албадрӣ дар посух ба номаи инҷониб дар мавриди "**Ҷӯдӣ**" чунин навишта аст:

Дар Тавроте, ки ба забони арабӣ тарҷума шуд, омада аст, ки киштии Нӯҳ(а) бар кӯҳҳои "**Арарат**" паҳлӯ гирифта аст ва дар Қомуси китоби муқаддас омада аст: ин лафзе аст ибрӣ, ки аз асли Окодии "**Урорту**" гирифта шуда аст, ки бар наҳрҳои кӯҳистонии шимоли Ошӯр, ки дар шимоли Ироқ қарор дорад итлоқ мешавад. Киштии Нӯҳ бар яке аз кӯҳҳои он ҷо паҳлӯ гирифта аст.

Аммо ба назари ман калимаи Окодии "**Урорту**" аз ду ҷузъ ташкил шуда аст:

---

[1] Тафсири Табарӣ, ҷ. 12, саҳ. 29 ва 30; тафсири Ибни Касир, саҳ. 446 ва 447 ва Аддуррулмасур, ҷ. 3, с 331, 334-335.

[2] Равзатулкофӣ, ҳадиси 421, ҳамчунин муроҷиат кунед ба Биҳоруланвор, ҷ. 11, саҳ. 303, 313, 333 ва 338.

1-”Ур”, ки ба маънои шаҳр аст, мисли “**Уршалим**” ба маънои шаҳри салом, “**Уркалдонийин**” ба маънои шаҳри калдониҳо ва “**Урбил**” ё шаҳри бути Баъл.

2-“**Арту**” ё “**Арду**”, ки ин лафз ҳам ба маъноҳои гуногуне омада аст, аз он ҷумла исме аст барои рӯди Фурот ва низ номи қадимии шаҳри Бобул мебошад.

Бинобар он чи гуфта шуд, калимаи “**Урорту**” ба забони Окодӣ шаҳри Фурот, шаҳри Бобул буда аст.

Он чи ки назарияи моро тасдиқ мекунад, тарҷумаи оромии Тавроти Ибрӣ дар Аҳди Масеҳ(a), ки имрӯз назди Яҳудиён ба номи “Тарҷумаи Унқилиюс” маъруф аст, мебошад. Дар он ҷо калимаи “**Арарат**”-ро ба “**Қарду**” ва “**Қардун**” тарҷума карда аст ва Таврот ба забони сирёнӣ низ ҳамонро гирифта аст.

Донишмандони соҳибназари давраи Ошӯр мегӯянд, ки “**Қурду**” исме аст, ки дар ҳудуди ҳазору панҷсад сол пеш аз таваллуди Масеҳ аз сӯи Кашинҳо (ки наздик ба чаҳорсад сол бар Бобул ҳукмронӣ доштаанд) ба сарзамини Бобул итлоқ мешуда аст.

Бино бар ин, мурод аз кӯҳҳои Арарат ҳамон кӯҳҳои Бобул ё Фурот аст, ки маҷмӯае ҳастанд аз шаххҳои баланд ва кӯҳҳои пасти парокандае, ки аз баландиҳои сегонаи Наҷаф кашида шуда ба шимолу ғарби дарёи Наҷаф ва Ҳаббония идома меёбад, ки ба “**Алторот**” маъруфанд.

Аммо, он чи ки дар китоби Равзаи Кофӣ омада аст, ки: “Бар Ҷӯде қарор гирифт ва он Фуроти Кӯфа мебошад” тасдиққунандаи ин матлаб аст, ки лафзи

“**Ҷӯдӣ**” ва “**Ҷӯдо**” номе барои Фуроти Куфа мебошад, ки санги навиштаи он ҳамин охирҳо ба даст омада аст. Мо шарҳи муфассали онро дар матолибе, ки дар бораи Тӯфони Нӯҳ(а) нигоштаем, овардаем.[1]

Муаллиф мегӯяд:

Нуктаи дигар дар тасдиқм матолиби боло ин аст, ки сарзаминҳои Байнаннаҳрайн (Даҷла ва Фурот), ки аз қадим ба хотири сарсабзии киштзорҳо ва нахлистонҳои ба ҳам пайвастаи он ба “**Арозии савод**” (сарзаминҳое, ки аз шиддати сарсабзӣ сиёҳранг дида мешаванд) маъруф буда аст ва аз Ҳира (Наҷафи кунунӣ) ва Мадоин (Бағдоди имрӯза) то резишгоҳи ду рӯди Даҷла ва Фурот дар баҳр тӯл кашида аст, аз замони ҳазрати Одам(а) то даврони ҳукумати Бани Аббос аз беҳтарин заминҳои ҳаёти башарӣ маҳсуб мешуданд, бар хилофи кӯҳҳои шимолии Ироқ, ки барфгир ва дорои зимистоҳои тӯлонӣ аст. Ҳикмати илоҳӣ чунин иқтизо дошта аст, ки киштинишинони Нӯҳ, ки ҳеҷ гуна васоиле барои зиндагонии худ надоштанд, дар макони муносиб барои зиндагӣ ва идомаи ҳаёт фуруд оянд.

---

1 Устод Бадрӣ, дорои мутолиоти васее аз башоратҳои паёмбарон, дар мероси қадими Шарқ мебошад.

## Тафсири оёте, ки гузашт[1]

Насли Одам баъд аз гузашти солҳои зиёде рӯ ба афзоиш гирифт ва возеҳ аст, ки онҳо дар заминҳои сарсабз ва ободи канораи ду рӯди Фурот ва Даҷла ва ҷӯйборҳое, ки аз онҳо сарчашма мегирифтанд ё дар онҳо мерехтанд, сокин мешуданд. Дар аҳди Нӯҳ[(а)] ободонӣ ва тамаддун рӯ ба пешрафт ниҳод. Аз ин сабаб аҳкоми исломие, ки барои инсонҳои аввалия дар асри Одам[(а)] қарор дода шуда буд ва баъд аз он, он чизеро ки бар Идриси паёмбар[(а)] барои такмили он омада буд ниёзи қавми Нӯҳро намебаровард, зеро инсонҳои асри Нӯҳ[(а)] дар тамаддун пешрафт карда буданд. Мардумони замони он паёмбар, ором-ором ба парастиши бутҳое ба номи "Вадд, Сувоъ, Яғус, Яъуқ ва Наср" рӯй оварда буданд. Ин бутҳо дар асл муҷассамаҳое буданд, ки ба ёдгории панҷ тан аз шоистагон ва некони қавм, ки байни асри ҳазрати Одам[(а)] ва Нӯҳи паёмбар[(а)] мезистанд ,тарошида буданд ва ба ин восита хотироти онҳоро гиромӣ медоштанд. Шайтон аз ҳамин роҳ суд бурд ва эшонро бар он дошт, то нахуст ба он ҳайкалҳо табаррук биҷӯянд ва рафта-рафта ба ибодат ва парастиши онҳо бипардозанд ва онҳоро ба унвони худоёни хурдтар дар баробари "Аллоҳ" ба худоӣ бипазиранд.

---

[1] Дар тафсири оёте, ки вобаста ба саргузашти анбиёи илоҳӣ аст, ба ёрии Худованд он чиро ки ба баҳси ояндаи мо марбут мебошад, баррасӣ хоҳем кард.

Ҳазрати Нӯҳ[(а)] нӯҳсаду панҷоҳ сол дар миёни он қавм зиндагӣ кард ва эшонро ба ибодат ва парастиши Худованд ва амал ба аҳкоми ислом ва тарки бутпарастӣ даъват кард, аммо саркашӣ ва туғёни эшон афзун гашт. Онон паёмбарашонро озорҳои сахт медоданд ва ба ӯ имон намеоварданд. Ин буд, ки Худованд боронро аз эшон қатъ фармуд, зеро ҳикмати Раббулъоламин бар ин иқтизо дошт, ки умматҳое, ки ба инкори паёмбаронаш бармехостанд ба дармондагӣ, машаққат, зиён дар молҳо ва ҷонҳо фурӯ гирад, бошад ки ба худ оянд ва ба узрхоҳӣ дар пешгоҳи Худо бархезанд. Нӯҳ[(а)] аз эшон хост тавба кунанд ва ба сӯи Худо баргарданд ва ба онон ваъда дод, ки агар чунон кунанд Худованд бар киштзори эшон борони фаровон хоҳад фиристод. Аммо онҳо баръакс бар душманӣ ва бероҳаравии худ афзуданд, Нӯҳро хор шумурданд ва ба озор ва азияти ӯ пардохтанд. Аз он ҷумла яке аз онҳо фарзандашро назди Нӯҳ меовард ва он ҳазратро ба фарзандаш нишон дода мегуфт: эй фарзанд! Агар ту баъд аз ман зинда мондӣ, набояд ба ин девона имон биёварӣ!!

Саранҷом бар асари ин душманӣ ва хирасарӣ сазовори азоби ҳалоккунандаи Худованд шуданд ва нахуст бо нозо шудани занонашон азоби илоҳӣ бар онҳо нозил шуд. Он гоҳ Худованд ба Нӯҳ[(а)] фармон дод, ки ба сохтани киштӣ бипардозад. Нӯҳ фармон бурд ва зери назар ва таълим ва роҳнамоии Худованд онро сохт. Он гоҳ тӯфон бо ҷӯшидани об аз танӯре, ки нишонаи саршавӣ ва оғози тӯфон буд, шурӯъ шуд.

Танӯри зикршуда ҳамон тавр, ки Ибни Асокир гуфта аст, дар гушае аз масҷиди Кӯфа[1] қарор дошта аст.

Нӯҳ[(а)] мӯъминони ба худ (онҳое, ки аз гуфтаҳои вай итоат ва пайравӣ намуданд) ва бархе аз ҷунбандагонеро, ки Худо фармуда буд, савор бар киштӣ кард. Сипас замин аз ҳар гӯша даҳон кушод ва оби селосо аз он ҷӯшидан гирифт ва борони сахте борид. Об заминро пӯшонд то он ҷо, ки киштии Нӯҳро бардошт ва онро дар амвоҷе ба баландии кӯҳҳо ба пеш бурд.

Писари Нӯҳ аз савор шудан бар киштӣ сар тофт. Шафқати падарӣ дили Нӯҳро ба дард овард, (шафқате, ки ҳамаи афроди башар доро ҳастанд) аз ин ҷиҳат писарро хитоб карда гуфт:

> ***...Ё бунайя иркаб маъано ва ло такун маъал кофирӣн. Қола саово ило ҷабалин яъсимунӣ минал мои, қола ло ъосимал явма мин амриллоҳи илло ман раҳима, ва ҳола байнаҳумал мавҷу факона минал муғрақӣн. ...Ва нодо Нӯҳун раббаҳу фақола рабби инна ибнӣ мин аҳлӣ ва инна ваъадакал ҳаққу ва анта аҳкамул ҳокимӣн. Қола ё Нӯҳу иннаҳу лайса мин аҳлика, иннаҳу ъамалун ғайру солиҳӣн фало тас'алнӣ мо лайса лака биҳи ъилм*** Ê
>
> Ä *Эй писараки ман! Ҳамроҳи мо ба киштӣ савор шав ва бо кофирон мабош! Писари Нӯҳ гуфт: ман ба*

---

[1] Мурoҷиат шавад ба шарҳи ҳоли Нӯҳ[(а)] дар Таърихи Ибни Асокир, дастнавишт дар Маҷмаи илмии исломӣ, варақаи 329, алиф.

*кӯҳе паноҳ мебарам, ки маро аз ин об муҳофизат кунад. Нӯҳ гуфт: имрӯз ҳеҷ чизе пеши амри Худоро намегирад, магар касе ки Худо бар ӯ раҳм кунад. Ва мавҷ миёни онҳо фосила андохт ва ӯ ҳам ғарқ шуд. Нӯҳ Парвардигори худро нидо кард, ки: Парвардигоро! Писарам аз хонаводаи ман аст ва ваъдаи ту низ ҳақ ва ту аз ҳамаи ҳукмгузорон, ҳукмкунандаи беҳтарӣ. Худованд гуфт: эй Нӯҳ! Ӯ дар қатори хонадони ту нест. Ӯ кори ношоиста мекард, пас ту чизеро, ки намедонӣ аз ман махоҳ.*[1]

Нӯҳ, ки бо хитоби илоҳӣ ва ҳақиқате, ки аз он огоҳӣ надошт воқеъ гардид ва донист, ки писараш ба хотири корҳои норавояш сазовори азоби Худованд гашта аст, арз кард:

***Рабби иннӣ аъузу бика ан ас'алака мо лайса лӣ биҳи ъилмун...* Ê**

**Ä** *Парвардигоро! Ман ба ту паноҳ мебарам аз ин ки аз ту чизе бихоҳам, ки ба он илм надорам.*[2]

---

[1] Сураи Ҳуд, ояи 42-43 ва 45-46.

**... يَا بُنَيَّ ارْكَب مَّعَنَا وَلاَ تَكُن مَّعَ الْكَافِرِينَ {42} قَالَ سَآوِي إِلَى جَبَلٍ يَعْصِمُنِي مِنَ الْمَاءِ قَالَ لاَ عَاصِمَ الْيَوْمَ مِنْ أَمْرِ اللّهِ إِلاَّ مَن رَّحِمَ وَحَالَ بَيْنَهُمَا الْمَوْجُ فَكَانَ مِنَ الْمُغْرَقِينَ {43}**
**وَنَادَى نُوحٌ رَّبَّهُ فَقَالَ رَبِّ إِنَّ ابُنِي مِنْ أَهْلِي وَإِنَّ وَعْدَكَ الْحَقُّ وَأَنتَ أَحْكَمُ الْحَاكِمِينَ {45} قَالَ يَا نُوحُ إِنَّهُ لَيْسَ مِنْ أَهْلِكَ إِنَّهُ عَمَلٌ غَيْرُ صَالِحٍ فَلاَ تَسْأَلْنِ مَا لَيْسَ لَكَ بِهِ عِلْمٌ ... {46}**

[2] Сураи Ҳуд, ояи 47.

**... رَبِّ إِنِّي أَعُوذُ بِكَ أَنْ أَسْأَلَكَ مَا لَيْسَ لِي بِهِ عِلْمٌ ... {47}**

Худованд ҳар касеро ки бар киштии Нӯҳ савор нашуда буд ҳалок кард. Баъд аз он борони селосо қатъ шуд ва об дар замин фурӯ рафт. Инсонҳое, ки дар киштӣ буданд дар сарзамини Бобул пой бар замин ниҳоданд[1] ва ҳайвонҳое, ки Нӯҳ(а) дар он қарор дода буд, берун омада пароканда шуданд.

Мардумоне, ки баъд аз Нӯҳи паёмбар(а) дар дунё то ба имрӯз падид омаданд аз се фарзанди ӯ, яъне Сом, Ҳом ва Ёфис мебошанд.

Қурайшро аз моҷарои Нӯҳ(а) огоҳӣ набуд ва ба василаи ахбори ғайбӣ, ки ҳазрати Хотами Анбиё(с) аз роҳи ваҳйи илоҳӣ дарёфт карда буд, аз он воқеа огоҳ гардиданд.

Он чи ки гузашт чакидаи ахбори Нӯҳ(а) дар тафсири оёт ва бархе аз ахборе буд, ки дар манобеи исломӣ омада аст. Инак ба пораи дигар аз ахбори он ҳазрат дар манобеи исломӣ мепардозем.

---

[1] Ҳамавӣ дар Мӯъҷамулбулдони худ дар луғати “Бобул” бо талхис менависад: Бобул номи ноҳияе аст, ки Ҳилла ва Кӯфа тобеи он аст. Дар он ҷо Нӯҳ ва ҳамроҳонаш аз киштӣ берун шуда паноҳгоҳе гирифтанд. Он ҷо нахустин ҷое буд, ки онон дар он ба ободонӣ пардохта зиндагӣ намуданд ва ба зиёд намудан наслашон пардохтанд, то ин ки теъдодашон зиёд шуд. Баъзе аз онҳо ба тахти подшоҳӣ нишаста шаҳрҳо сохтанд ва маҳдудаи зиндагии онҳо ба Даҷлаву Фурот ва аз ноҳияи Даҷла ба поини Каскар ва дар ноҳияи Фурот ба берун аз Кӯфа кашида шуд, ки онро Савод гӯянд. Подшоҳонашон дар Бобул монда, онро пойтахти худ қарор доданд.

## Достони Нӯҳ[(а)] дар сарчашмаҳои исломӣ

Дар Таърихи Яъқубӣ (бо хулоса) чунин омадааст:

Худованд дар рӯзгори бобои Нӯҳ[(а)] - Ухнух, ки ҳамон Идрис бошад ва пеш аз он ки вайро ба осмон боло барад ба Нӯҳ ваҳӣ карда фармон дод, то қавмашро бим диҳад ва аз анҷоми гуноҳҳое, ки анҷом медиҳанд нигаҳ дошта аз азоби илоҳӣ битарсонад. Нӯҳ фармон бурд ва худ ба ибодати Худои таоло ва даъвати қавмаш пардохт. Сипас Яъқубӣ (ва дигар таърихнависон) ба шарҳи муфассали он чи ки мо мухтасаран пеш аз ин дар тафсири оёте, ки гузашт овардаем, пардохта ва менависад:

Нӯҳ пас аз берун омадан аз киштӣ сесаду шаст сол зиндагӣ кард ва чун маргаш фаро расид, фарзандони сегонааш (Сом, Ҳом ва Ёфис) ва фарзандони эшонро фаро хонд ва ба эшон васият кард ва фармон дод, ки ба ибодати Худои мутаол бипардозанд.

Он гоҳ Сомро гуфт: чун аз дунё рафтам бидуни ин ки касе огоҳӣ ёбад, худат вориди киштӣ шав ва ҷасади Одамро ба макони муқаддас, ки дар миёнаи замин қарор дорад, бардошта бар ва изофа кард: эй Сом чун ту ба кӯмаки писарат Маликяздиқ ҷасади Одамро бардоштед, Худованд фариштае аз фариштагонро бар шумо ҳамроҳ мекунад, то роҳнамоятон бошад ва маркази заминро бароятон нишон диҳад. Дар ин маъмурият ҳеҷ кас набояд аз кори ту огоҳӣ ёбад, ки ин васияти Одам аст ба писараш, ки ҳар кадом ба дигаре васият карда то кунун ба ту расида аст. Пас чун ба он

ҷойгоҳ, ки фаришта шуморо раҳнамун мешавад расидед, ҷасади Одамро дар он ҷо ба хок супоред ва "Маликяздиқ"-ро дастур деҳ, ки дар ҳамон ҷо ва барои ҳамеша боқӣ монда аз он ҷудо нашавад ва коре ҷуз ибодат ва парастиши Худои таоло анҷом надиҳад.[1]

Нӯҳ чун зиндагиро падруд гуфт, дар ҳамон ҷое, ки дар Ироқ аз дунё гузашта буд ба хок супурда шуд, зеро Паёмбари Худо(с) фармуда аст:

> ***Ва мо қубиза набиййин илло дуфина ҳайсу юқбазу* Ê**
>
> **Ä** *Ҳар паёмбар дар ҳамон ҷо, ки аз дунё меравад ба хок супурда мешавад.*[2]

Бар ин асос макони дафни ҳазрати Одам бояд ҳамон ҷое бошад, ки он ҳазрат аз дунё рафта аст.

---

[1] Таърихи Яъқубӣ, чопи Бейрут, ҷ. 1, саҳ. 13 ва 16, соли 1379.

[2] Сираи Ибни Ҳишом, ҷ. 4, саҳ. 343, Сунани Ибни Моҷа, ҳадиси 1628, Фатҳулборӣ, ҷ. 1, саҳ. 529 ва Канзулъуммол, ҳадиси 18763.

## 1. Сом писари Нӯҳ(а)

### Васияти Нӯҳ ба писараш Сом

Дар Таърихи Ибни Асир омада аст:

“Нӯҳ ба писараш Сом, ки фарзанди калониаш буд, васият намуд”.[1]

Дар Ахборуззамони Масъудӣ омада аст:

“Худованд баъд аз Нӯҳ раёсатро дар писараш Сом қарор дод ва ӯро вориси китобҳои паёмбарони пеш аз худ намуд ва васияти махсуси Нӯҳро, на дар дигар бародаронаш, балки дар ӯ ва фарзандони ӯ қарор дод”.[2]

### Сом ҷасади Одамро аз киштӣ берун меоварад

Дар Таърихи Яъқубӣ омада аст:

Сом баъд аз падар ба ибодати Худои мутаол ва фармонбардорӣ аз ӯ пардохт. Ӯ дари киштиро боз кард ва махфиёна, бидуни огоҳӣ ва ҳузури ду бародари дигараш, танҳо ба кӯмаки писараш ҷасади Одамро аз он ҷо гирифт ва берун овард. Фариштаи нигаҳбон роҳро ба эшон нишон дод. Онҳо ҳамчунон ҷасади Одамро бо худ мебурданд, то ба ҷойгоҳе расиданд, ки қарор буд пайкари Одам дар он ҷо ба хок супурда шавад. Пас ҷасади Одамро дар он ҷо ба хок супурданд.

### Васияти Сом ба писараш Арфахшад

Чун вафоти Сом фаро расид, писараш Арфахшадро ба наздаш даъват намуда, ба ӯ васият кард.[3]

---

[1] Таърихи Ибни Асир, ҷ. 1, саҳ. 26, чопи аввал, Миср.

[2] Ахборуззамони Масъудӣ, Бейрут, соли 1386 ҳиҷрӣ.

[3] Таърихи Яъқубӣ, чопи Бейрут, ҷ. 1, саҳ. 17, соли 1379 ҳиҷрӣ.

## 2. Арфахшад, писари Сом

### Арфахшад баъд аз падараш Сом

Дар Муруҷуззаҳаби Масъудӣ омада аст:

Пас аз Сом, писараш Арфахшад зимоми умурро ба даст гирифт.[1]

Дар Таърихи Яъқубӣ омада аст:

Арфахшад пас аз падараш Сом ба ибодат ва фармонбардорӣ аз фармонҳои Худои таоло пардохт ва пас аз ин ки ба синни саду ҳаштоду панҷсолагӣ расид, писараш Шолеҳ ба дунё омад. Дар замони ӯ писарони Нӯҳ пароканда шуда дар маконҳои мухталиф маскан гузиданд. Зӯргӯён ва саркашон рӯ ба афзоиш ниҳоданд ва дасти зӯрӣ ва таҷовуз ба ҳар сӯй кушоданд ва фарзандони Канъон ибни Ҳомро ба фасод ва табоҳӣ кашонданд ва густохонаю ошкоро муртакиби гуноҳҳо шуданд.[2]

### Васияти Арфахшад ба писараш

Дар Таърихи Яъқубӣ омада аст:

"Замоне ки марги Арфахшад фаро расид, писарон ва наздиконаш гирди ӯ ҷамъ омаданд. Арфахшад ононро ба ибодати Худои таоло ва дурӣ аз гуноҳҳо супориш кард. Он гоҳ ба писараш Шолеҳ гуфт: васиятамро нигаҳ дор ва пас аз ман дар миёни хонаводаат ба ибодати Худои таоло бипардоз. Сипас дида бар ҳам ниҳод ва дунёро падруд гуфт".[3]

---

[1] Муруҷуззаҳаби Масъудӣ, ҷ. 1, саҳ. 54.

[2] Таърихи Яъқубӣ, ҷ. 1, саҳ. 18.

[3] Ҳамон.

## 3. Шолеҳ писари Арфахшад

### Қиёми Шолеҳ ба итоат ва ибодати Худои таоло

Дар Таърихи Яъқубӣ омада аст:

“Сипас Шолеҳ писари Арфахшад (бино бар васияти падар) ба ибодати Худои таоло дар қавмаш пардохт ва онҳоро ба фармонбардорӣ аз Худованд амр ва аз иртикоби маъсиятҳо наҳй фармуд ва аз азоби Худо, ки бар аҳли гунаҳкор хоҳад омад, онҳоро барҳазар медошт. Шолеҳ саду сисола буд, ки писараш Обир ба дунё омад. Чун замони вафоташ фаро расид ба писараш Обир васият кард ва ӯро амр фармуд, ки аз корҳои гуноҳолуди фарзандони Қобили малъун дурӣ гузинад. Он гоҳ чашм бар ҳам ниҳод ва ҷаҳонро падруд гуфт”.[1]

ø ø ø

Мо дар баҳсҳои пешин, аз саргузашти он гурӯҳ аз авсиёи Нӯҳ(а), ки ҷузъи анбиё набудаанд, танҳо ба саргузашти Сом, Арфахшад ва Шолеҳ басанда кардаем. Инак ба хости Худо ба овардани бархе аз ахбори анбиё ва паёмбарон аз ҷонишинон ва авсиёи Нӯҳ(а) ба шарҳе, ки дар Қуръони карим омада аст, мепардозем.

---

1 Ҳамон.

## *1. Ҳуд алайҳиссалом*

### Сираи Ҳуд дар оёти карима

Худои таоло дар сураи Аҳқоф, оёти 21-25, расулашро мухотаб қарор дода, дар бораи ҳазрати Ҳуд[а] ба ӯ мефармояд:

*Ёд кун бародари қавми Одро вақте, ки қавмашро дар сарзамини Аҳқоф бим дод, бо он ки паёмбароне дар замони ӯ ва пеш аз ӯ омада буданд, (бар ин ки) ҷуз Худоро ибодат накунед, ки ман аз азоби рӯзи бузург бар шумо бимнокам. Гуфтанд: оё омадаӣ то моро аз худоёнамон баргардонӣ? Азобе, ки моро ваъда мекунӣ биёвар, агар рост мегӯӣ. (Ҳуд) Гуфт: илми (азоб) назди Худост. Он чиро, ки ба он фиристода шудаам ба шумо мерасонам, аммо ман шуморо қавме мебинам, ки ба роҳи ҷаҳолат меравед. Ва чун азобро диданд, ки монанди абре ба тарафи сарзамини онҳо меояд, гуфтанд: ин абре аст, ки ба мо борон медиҳад. (Ҳуд гуфт: ин тавр нест) Балки ин ҳамон чизе аст, ки ба омаданаш шитоб мекардед. Боде аст, ки дар он азоби дарднок қарор дорад ва ҳар чизи зиндаро ба амри Парвардигораш аз миён мебардорад. Эшонро субҳ*

*фаро расид ва ба ҷуз хонаҳояшон* **(***чизе***)** *дида намешуд***.** *Мо қавми гунаҳкорро инчунин ҷазо медиҳем***.**[1]

2-Ва дар сураи Ҳуд, оёти 50-55:

*Ба сӯи қавми Од бародарашон Ҳудро фиристодем***.** *Гуфт***:** *эй қавми ман***!** *Худоро ибодат кунед***,** *ки ҷуз ӯ маъбуде надоред***.** *Шумо* **(***бо парастидани бутҳо***)** *коре намекунед***,** *магар тӯҳмат задан* **(***ба Худованди субҳон***).** *Эй қавм***!** *Ман музди рисолат аз шумо намехоҳам***,** *музди ман бар ӯҳдаи касе аст***,** *ки маро офарида аст***,** *оё андешидан намехоҳед***?!** *Эй қавми ман***!** *Аз Худоятон омурзиш бихоҳед ва ба сӯи ӯ тавба кунед***,** *то борони фаровон бар шумо бифиристад ва бар тавонатон бияфзояд ва бо гунаҳкорӣ аз ман рӯй нагардонед***.** *Гуфтанд***:** *эй Ҳуд***!** *Далеле пеши мо наёвардӣ ва мо худоёни худро ба гуфтани суханат тарк намекунем ва ба ту имон намеоварем***.** *Танҳо инро мегӯем***,** *ки бархе аз худоёни мо ба ту осеб расонидаанд***.** *Ҳуд гуфт***:** *Худоро гувоҳ мегирам ва шумо ҳам гувоҳ бошед***,** *ки ман аз он чи ки ҷуз Худо шарик* **(***-и Худо***)** *медонед***,** *безорам***.** *Пас*

---

[1]Сураи Аҳқоф, оёти 21-25.

وَاذْكُرْ أَخَا عَادٍ إِذْ أَنذَرَ قَوْمَهُ بِالْأَحْقَافِ وَقَدْ خَلَتْ النُّذُرُ مِن بَيْنِ يَدَيْهِ وَمِنْ خَلْفِهِ أَلَّا تَعْبُدُوا إِلَّا اللَّهَ إِنِّي أَخَافُ عَلَيْكُمْ عَذَابَ يَوْمٍ عَظِيمٍ {21} قَالُوا أَجِئْتَنَا لِتَأْفِكَنَا عَنْ آلِهَتِنَا فَأْتِنَا بِمَا تَعِدُنَا إِن كُنتَ مِنَ الصَّادِقِينَ {22} قَالَ إِنَّمَا الْعِلْمُ عِندَ اللَّهِ وَأُبَلِّغُكُم مَّا أُرْسِلْتُ بِهِ وَلَكِنِّي أَرَاكُمْ قَوْماً تَجْهَلُونَ {23} فَلَمَّا رَأَوْهُ عَارِضاً مُّسْتَقْبِلَ أَوْدِيَتِهِمْ قَالُوا هَذَا عَارِضٌ مُّمْطِرُنَا بَلْ هُوَ مَا اسْتَعْجَلْتُم بِهِ رِيحٌ فِيهَا عَذَابٌ أَلِيمٌ {24} تُدَمِّرُ كُلَّ شَيْءٍ بِأَمْرِ رَبِّهَا فَأَصْبَحُوا لَا يُرَى إِلَّا مَسَاكِنُهُمْ كَذَلِكَ نَجْزِي الْقَوْمَ الْمُجْرِمِينَ {25}

*ҳамаи шумо ба ман найранг бизанед ва маро мӯҳлат надиҳед.*[1]

3-Ва дар сураи Мӯъминун, оёти 33-41:

*Ашрофи қавми ӯ (Ҳуд), ки кофир шуда олами охиратро инкор карда буданд ва дар дунё зиндагонии фарох ба онҳо дода будем, гуфтанд: ин (Ҳуд) ҳам фақат башаре аст монанди шумо, мехӯрад аз он чӣ шумо мехӯред ва меошомад аз он чӣ шумо меошомед. Ва агар аз башаре чун худатон фармон баред, дар он вақт шумо аз зиёнкорон хоҳед буд. Оё ӯ ба шумо ваъда медиҳад, ки чун мурдед ва пӯсида гаштед ва хок шудед, аз гӯр берун хоҳед омад?! Чӣ қадр дур аст ваъдае, ки ба шумо дода шуда аст. Зиндагӣ ҳамин дунёст, ки мемирем ва зинда мешавем ва дигар барангехта намешавем. Ин мард ба Худо дурӯғ баста ва мо ба ӯ имон намеоварем. (Ҳуд) Гуфт: Парвардигоро! Ёриам кун, ки маро инкор карданд. Худо фармуд: баъд аз андак замоне пушаймон хоҳанд шуд. Сайҳаи (садои) осмонӣ онҳоро ба ҳақ фурӯ гирифт ва мо ононро (хоку) хошоки биёбони марг сохтем, ки нафрини Худо бар ин қавми ситамгар бод.*[2]

---

[1] Сураи Ҳуд, оёти 50-55.

وَإِلَى عَادٍ أَخَاهُمْ هُوداً قَالَ يَا قَوْمِ اعْبُدُواْ اللّهَ مَا لَكُم مِّنْ إِلَـهٍ غَيْرُهُ إِنْ أَنتُمْ إِلاَّ مُفْتَرُونَ {50} يَا قَوْمِ لا أَسْأَلُكُمْ عَلَيْهِ أَجْراً إِنْ أَجْرِيَ إِلاَّ عَلَى الَّذِي فَطَرَنِي أَفَلاَ تَعْقِلُونَ {51} وَيَا قَوْمِ اسْتَغْفِرُواْ رَبَّكُمْ ثُمَّ تُوبُواْ إِلَيْهِ يُرْسِلِ السَّمَاء عَلَيْكُم مِّدْرَاراً وَيَزِدْكُمْ قُوَّةً إِلَى قُوَّتِكُمْ وَلاَ تَتَوَلَّوْاْ مُجْرِمِينَ {52} قَالُواْ يَا هُودُ مَا جِئْتَنَا بِبَيِّنَةٍ وَمَا نَحْنُ بِتَارِكِي آلِهَتِنَا عَن قَوْلِكَ وَمَا نَحْنُ لَكَ بِمُؤْمِنِينَ {53} إِن نَّقُولُ إِلاَّ اعْتَرَاكَ بَعْضُ آلِهَتِنَا بِسُوَءٍ قَالَ إِنِّي أُشْهِدُ اللّهِ وَاشْهَدُواْ أَنِّي بَرِيءٌ مِّمَّا تُشْرِكُونَ {54} مِن دُونِهِ فَكِيدُونِي جَمِيعاً ثُمَّ لاَ تُنظِرُونِ {55}

[2] Сураи Мӯъминун, оёти 33-41.

4-Ва дар сураи Аъроф, оёти 65-72:

*Ва ба сӯи қавми Од бародарашон Ҳудро фиристодем. Гуфт: эй қавми ман! Худои якторо бипарастед, ки ҷуз ӯ худое надоред. Оё (аз азоби ӯ) намеҳаросед?! Бузургони кофири қавм гуфтанд: мо туро дар нодонӣ ва бехирадӣ мебинем ва гумон мебарем, ки аз дурӯғгӯён ҳастӣ. Ҳуд гуфт: эй қавми ман! Ман бехирад нестам, балки паёмбаре аз ҷониби Парвардигори ҷаҳониён ҳастам. Паёмҳои Парвардигорамро ба шумо мерасонам ва хайрхоҳи амине барои шумо ҳастам. Оё тааҷҷуб кардед, ки шуморо аз ҷониби Парвардигоратон ба василаи марде аз шумо панде омада аст, то шуморо бим диҳад?! Ба ёд оваред он гоҳ, ки Худованд шуморо аз паси қавми Нӯҳ ҷонишини онҳо кард ва ба тавонатон афзуд, хелҳои неъматҳои худоиро ба хотир оваред, ки растагор шавед. Қавми Ҳуд гуфтанд: омадаӣ, ки мо танҳо Худоро бипарастем ва он чиро ки падаронамон мепарастидаанд, раҳо кунем? Азоберо, ки бар мо ваъда додаӣ биёвар, агар рост мегӯӣ. Ҳуд гуфт: ҳатман азоб ва ғазаби Худованд бар шумо нозил хаҳад шуд, оё бо ман дар бораи номҳое, ки худ ва падаронатон ба он бутҳо додаед ва Худо далеле дар мавриди онҳо нозил*

---

وَقَالَ الْمَلأُ مِن قَوْمِهِ الَّذِينَ كَفَرُوا وَكَذَّبُوا بِلِقَاء الْآخِرَةِ وَأَتْرَفْنَاهُمْ فِي الْحَيَاةِ الدُّنْيَا مَا
هَذَا إِلَّا بَشَرٌ مِّثْلُكُمْ يَأْكُلُ مِمَّا تَأْكُلُونَ مِنْهُ وَيَشْرَبُ مِمَّا تَشْرَبُونَ {33} وَلَئِنْ أَطَعْتُم
بَشَراً مِثْلَكُمْ إِنَّكُمْ إِذاً لَّخَاسِرُونَ {34} أَيَعِدُكُمْ أَنَّكُمْ إِذَا مِتُّمْ وَكُنتُمْ تُرَاباً وَعِظَاماً أَنَّكُم
مُّخْرَجُونَ {35} هَيْهَاتَ هَيْهَاتَ لِمَا تُوعَدُونَ {36} إِنْ هِيَ إِلَّا حَيَاتُنَا الدُّنْيَا نَمُوتُ
وَنَحْيَا وَمَا نَحْنُ بِمَبْعُوثِينَ {37} إِنْ هُوَ إِلَّا رَجُلٌ افْتَرَى عَلَى اللَّهِ كَذِباً وَمَا نَحْنُ لَهُ
بِمُؤْمِنِينَ {38} قَالَ رَبِّ انصُرْنِي بِمَا كَذَّبُونِ {39} قَالَ عَمَّا قَلِيلٍ لَّيُصْبِحُنَّ نَادِمِينَ
{40} فَأَخَذَتْهُمُ الصَّيْحَةُ بِالْحَقِّ فَجَعَلْنَاهُمْ غُثَاء فَبُعْداً لِّلْقَوْمِ الظَّالِمِينَ {41}

*накарда аст, муҷодила мекунед?! Пас мунтазир бошед, ки ман ҳам бо шумо мунтазирам. Мо Ҳуд ва касонеро, ки бо ӯ буданд ба раҳмати худ наҷот додем ва решаи касонеро, ки оёти моро инкор карданд ва имон наёварда буданд, буридем.*[1]

5-Дар сураи Қамар, оёти 18-20:

***Каззабат Ъодун факайфа кона ъазобӣ ва нузур. Инно арсално ъалайҳим рӣҳан сарсаран фӣ явми наҳсин мустамир. Танзиъун носа кааннаҳум аъҷози нахлин мунқаъир Ê***

**Ä** *Қавми Од (паёмбари худро) инкор карданд. Пас (бибинанд) азоб ва инзорҳои ман чӣ гуна буд? Мо тундбоди ваҳшатнок ва сардеро дар як рӯзи шум паёпай бар онон фиристодем, ки он бод мардумро ҳамчун танаи нахлҳои решаканшуда аз ҷой бармеканд.*[2]

---

[1] Сураи Аъроф, оёти 65-72.

وَإِلَى عَادٍ أَخَاهُمْ هُوداً قَالَ يَا قَوْمِ اعْبُدُواْ اللّهَ مَا لَكُم مِّنْ إِلَـهٍ غَيْرُهُ أَفَلاَ تَتَّقُونَ
{65} قَالَ الْمَلأُ الَّذِينَ كَفَرُواْ مِن قَوْمِهِ إِنَّا لَنَرَاكَ فِي سَفَاهَةٍ وِإِنَّا لَنَظُنُّكَ مِنَ الْكَاذِبِينَ
{66} قَالَ يَا قَوْمِ لَيْسَ بِي سَفَاهَةٌ وَلَكِنِّي رَسُولٌ مِّن رَّبِّ الْعَالَمِينَ {67} أُبَلِّغُكُمْ
رِسَالاتِ رَبِّي وَأَنَاْ لَكُمْ نَاصِحٌ أَمِينٌ {68} أَوَعَجِبْتُمْ أَن جَاءكُمْ ذِكْرٌ مِّن رَّبِّكُمْ عَلَى
رَجُلٍ مِّنكُمْ لِيُنذِرَكُمْ وَاذكُرُواْ إِذْ جَعَلَكُمْ خُلَفَاء مِن بَعْدِ قَوْمِ نُوحٍ وَزَادَكُمْ فِي الْخَلْقِ
بَسْطَةً فَاذْكُرُواْ آلاء اللّهِ لَعَلَّكُمْ تُفْلِحُونَ {69} قَالُواْ أَجِئْتَنَا لِنَعْبُدَ اللّهَ وَحْدَهُ وَنَذَرَ مَا
كَانَ يَعْبُدُ آبَاؤُنَا فَأْتِنَا بِمَا تَعِدُنَا إِن كُنتَ مِنَ الصَّادِقِينَ {70} قَالَ قَدْ وَقَعَ عَلَيْكُم مِّن
رَّبِّكُمْ رِجْسٌ وَغَضَبٌ أَتُجَادِلُونَنِي فِي أَسْمَاء سَمَّيْتُمُوهَا أَنتُمْ وَآبَآؤكُم مَّا نَزَّلَ اللّهُ بِهَا
مِن سُلْطَانٍ فَانتَظِرُواْ إِنِّي مَعَكُم مِّنَ الْمُنتَظِرِينَ {71} فَأَنجَيْنَاهُ وَالَّذِينَ مَعَهُ بِرَحْمَةٍ
مِّنَّا وَقَطَعْنَا دَابِرَ الَّذِينَ كَذَّبُواْ بِآيَاتِنَا وَمَا كَانُواْ مُؤْمِنِينَ {72}

[2] Сураи Қамар, оёти 18-20.

كَذَّبَتْ عَادٌ فَكَيْفَ كَانَ عَذَابِي وَنُذُرِ {18} إِنَّا أَرْسَلْنَا عَلَيْهِمْ رِيحاً صَرْصَراً فِي يَوْمِ
نَحْسٍ مُّسْتَمِرٍّ {19} تَنزِعُ النَّاسَ كَأَنَّهُمْ أَعْجَازُ نَخْلٍ مُّنقَعِرٍ {20}

**Шарҳи вожаҳо**

**Аҳқоф**: *Ҳақаф*: тӯдаҳои реги дароз ва пурпечу хамро гӯянд: ва ҷамъи он *аҳқоф* аст. мақсуд аз *аҳқоф* дар ин ҷо минтақае аст, регзор аз Уммон то Ҳазармавт. Тафсили хабарро дар Мӯъҷамулбулдони Ҳамавӣ, калимаи "***аҳқоф***" мутолиа кунед.

**Лита'фикано**: *Ифк:* дурӯғ ва тӯҳмати калон аст. Мақсади мушрикон ин буд, ки: ту омадаӣ то бо дурӯғ ва тӯҳмати калонат моро аз худоёнамон рӯйгардон кунӣ?!

**Ъориз**: Ъориз: он чӣ дар уфуқ, аз тӯдаи абр, ё малах, ё занбӯр пайдо мешавад.

**Атрафноҳум**: *Тарф*: дар луғат ба маънои танаъъум[1] аст. *Атрафноҳум*, яъне онҳоро ба хелҳои неъматҳо аз мол ва фарзанд ва хонаҳои олӣ бархурдор кардем.

**Ҳайҳот**: *Ҳайҳот ҳозал амр*, манзур дур будани анҷоми он аст, ношуданӣ аст.

**Бастатун**: Баста дар луғат ба ҳамон маънии баст ва густардагӣ аст. *Бастатун фил ъилм*, ба маънои вусъат ва фазилат ва зиёдатӣ дар илм аст. *Бастатун фил ҷисм*, ба маънои зиёдатии нерӯ ва тавонмандӣ аст, ки дар ин ҷо қисмати ахир манзур аст.

**Риҷс**: Риҷс дар ин ҷо ба маънои азобе аст, ки бар асари корҳои зишт ва нописанд нозил мешавад.

**Қатаъно добираҳум**: *Қатаъуд добир*, киноя аз дармондагӣ аст ва *қатаъаллоҳу добираҳум*, яъне Худованд решаи онҳоро барканд ва онҳоро аз миён бардошт.

---

[1] Танаъъум: некӯаҳволӣ, беҳбудии, ба хушӣ зистан.

## Фишурдае аз тафсири оёте, ки гузашт

Қабилаи Од аз насли Нӯҳ[а] буданд. Онон дар тамаддун ба ҳадде пешрафт карда буданд, ки мутаносиб бо шариати густурдаи Нӯҳ шуданд, аммо Шайтон тавонист оҳоро ором-ором ба ибодати бутҳо кашонад. Ба ин сабаб буд, ки Худованд барои ҳидояти эшон Ҳуд[а]-ро, ки аз ҳамон қабилаи Од буд, ба паёмбарӣ фиристод. Ҳуд эшонро ба ибодат ва бандагии Худои якто ва амал ба дини ислом, ки аз шариати Худованд буд ва Нӯҳ[а] онро оварда буд, фаро хонд. Ӯ онҳоро панду андарз дод, аммо қавми Од роҳи душманӣ ва гумроҳӣ дар пеш гирифтанд. Худованд ҳам бар онон сахт гирифт ва боронро аз эшон гирифт бошад, ки ба худ оянд ва роҳи тоат ва ибодати Худоро дар пеш гиранд. Боз Ҳуд[а] ононро мужда дод, ки агар имон оварда аз корҳои зишт ва норавои худ тавба кунанд, Худованд борони фаровон бар онҳо хоҳад фиристод. Нӯҳ ононро аз азоби Худованд бим дод. Аммо онон баръакс бар саркашӣ ва душмании худ афзуданд. Ин буд, ки Худованд боди сиёҳ ва тира ба сӯяшон фиристод. Қавми Од замоне ки онро дар масофаи дур ва дар канораи уфуқ мушоҳида карданд гумон бурданд, ки он абри боронзост, ғофил аз ин ки он боди сахтест, ки онҳоро аз пой меафтонад ва хонаҳояшонро барҷо мегузорад.

Қавми Самуд низ чунин саранҷомеро дошт, ки инак ба хости Худо ба шарҳи хабари эшон мепардозем:

## *2. Солеҳ алайҳиссалом*

### Сира ва равиши Солеҳ[(а)] дар Қуръони карим

1-Худованди субҳон дар сураи Намл, оёти 45-47 мефармояд:

***Ва лақад арсално ило Самӯда ахоҳум Солиҳан аниъбудуллоҳа фаизоҳум фарӣқони яхтасимӯн. Қола ё қавми лима тастаъҷилӯна биссайййати қаблал ҳасанати, лавло тастағфирӯналлоҳа лаъаллакум турҳамӯн. Қолут тайярно бика ва биман маъака қола тоирукум ъиндаллоҳи бал антум қавмун туфтанӯн*** **Ê**

**Ä***Ва мо ба сӯи қавми Самуд бародараш Солеҳро фиристодем, ки бигӯяд, Худои якторо бипарастед. Қавми ӯ бар ду гурӯҳ шуданд (як гурӯҳи мӯъмин ва гурӯҳи дигар кофир) ва ба ҷидол пардохтанд. Солеҳ гуфт: эй қавм! Чаро пеш аз ин ки кори нек анҷом диҳед, ба кори бад шитоб мекунед?! Чаро аз корҳои зишти худ аз Худо омурзиш намехоҳед, то мавриди раҳмати ӯ қарор гиред?! Гуфтанд: мо ба ту ва пайравонат фоли бад мезанем. Солеҳ гуфт: сарнавишти шумо назди Худост, балки шумо мардуми фитназадае ҳастед.*[1]

---

[1] Сураи Намл, оёти 45-47.

وَلَقَدْ أَرْسَلْنَا إِلَى ثَمُودَ أَخَاهُمْ صَالِحاً أَنِ اعْبُدُوا اللَّهَ فَإِذَا هُمْ فَرِيقَانِ يَخْتَصِمُونَ {45} قَالَ يَا قَوْمِ لِمَ تَسْتَعْجِلُونَ بِالسَّيِّئَةِ قَبْلَ الْحَسَنَةِ لَوْلَا تَسْتَغْفِرُونَ اللَّهَ لَعَلَّكُمْ تُرْحَمُونَ {46} قَالُوا اطَّيَّرْنَا بِكَ وَبِمَن مَّعَكَ قَالَ طَائِرُكُمْ عِندَ اللَّهِ بَلْ أَنتُمْ قَوْمٌ تُفْتَنُونَ {47}

2-Ва дар сураи Шуаро, оёти 141-155:

*Қавми Самуд низ паёмбарони худро рад карданд. Ҳангоме ки бародарашон Солеҳ ба эшон гуфт: оё аз Худо наметарсед?! Ман аз шумо музде барои рисолатам намехоҳам, ки аҷри ман ҷуз бо Парвардигори ҷаҳониён нест. Оё чунин пиндоред, ки шумо то абад дар ин нозу неъмати дунё хоҳед монд?! Дар боғистонҳо, чашмасорҳо, киштзорҳо ва нахлистонҳо, ки гулҳои латиф доранд. Ва дар кӯҳҳо бо маҳорат ва устодӣ хонаҳо месозед?! Аз Худо битарсед ва маро фармон баред. Ва исрофкоронро фармон набаред, ҳамон касоне ки дар ин сарзамин фасод мекунанд ва ислоҳ наменамоянд. Гуфтанд: ҳаққо, ки ту ҷоду шудаӣ. Ту ҷуз башаре монанди мо нестӣ, агар рост мегӯӣ мӯъҷизае биёвар. (Солеҳ) гуфт: ин шутуре мода аст, ки ӯро навбате обе аст ва шуморо навбате аст, дар рӯзи муайян.*[1]

3-Ва дар сураи Ҳуд ояти 61-68:

*Ва бар қавми Самуд бародарашон Солеҳро ба паёмбарӣ фиристодем. Солеҳ гуфт: эй қавми ман!*

---

[1] Сураи Шуаро, оёти 141-155.

**كَذَّبَتْ ثَمُودُ الْمُرْسَلِينَ {141} إِذْ قَالَ لَهُمْ أَخُوهُمْ صَالِحٌ أَلَا تَتَّقُونَ {142} إِنِّي لَكُمْ
رَسُولٌ أَمِينٌ {143} فَاتَّقُوا اللَّهَ وَأَطِيعُونِ {144} وَمَا أَسْأَلُكُمْ عَلَيْهِ مِنْ أَجْرٍ إِنْ
أَجْرِيَ إِلَّا عَلَى رَبِّ الْعَالَمِينَ {145} أَتُتْرَكُونَ فِي مَا هَاهُنَا آمِنِينَ {146} فِي
جَنَّاتٍ وَعُيُونٍ {147} وَزُرُوعٍ وَنَخْلٍ طَلْعُهَا هَضِيمٌ {148} وَتَنْحِتُونَ مِنَ الْجِبَالِ
بُيُوتاً فَارِهِينَ {149} فَاتَّقُوا اللَّهَ وَأَطِيعُونِ {150} وَلَا تُطِيعُوا أَمْرَ الْمُسْرِفِينَ
{151} الَّذِينَ يُفْسِدُونَ فِي الْأَرْضِ وَلَا يُصْلِحُونَ {152} قَالُوا إِنَّمَا أَنتَ مِنَ
الْمُسَحَّرِينَ {153} مَا أَنتَ إِلَّا بَشَرٌ مِّثْلُنَا فَأْتِ بِآيَةٍ إِن كُنتَ مِنَ الصَّادِقِينَ {154}
قَالَ هَذِهِ نَاقَةٌ لَّهَا شِرْبٌ وَلَكُمْ شِرْبُ يَوْمٍ مَّعْلُومٍ {155}**

*Худоеро, ки ҷуз ӯ худое нест бипарастед. Ӯ шуморо аз хок офарид ва барои обод кардани он интихоб намуд. Пас аз ӯ омурзиш бихоҳед ва аз гуноҳҳо тавба кунед, ки Парвардигори ман (ба шумо) наздик аст ва тавбапазир. Гуфтанд: эй Солеҳ! Ту пеш аз ин назди мо паноҳгоҳе (маҳалли умед) будӣ. Оё ту моро аз ибодати худоёни падаронамон бозмедорӣ? Мо нисбат ба он чи ки моро ба он даъват мекунӣ дар шак ва бадбинӣ ҳастем. Солеҳ гуфт: эй қавми ман! Агар ман аз Парвардигорам мӯъҷизае дуруст дошта бошам, ки ӯ маро ба раҳмати худ барангехта аст, чӣ назар доред? Ва агар фармони ӯро набарам чӣ касе маро аз (хашм)-и Худо дар амон хоҳад дошт? Ки шумо ҷуз зарар ва зиён бар ман чизе нахоҳед афзуд. Ва эй қавми ман! Ин шутури модаи Худост, ки барои шумо мӯъҷизае аст, ӯро гузоред то дар замини Худо бичарад ва ба ӯ озор нарасонед вагарна азоби Худо ба зудӣ шуморо хоҳад гирифт. Қавми Солеҳ шутурро куштанд. Солеҳ ба онҳо гуфт: се рӯзи дигар дар хонаҳои худатон аз зиндагӣ баҳра гиред, ин ваъда дурӯғ нест. Чун азоби мо омад Солеҳ ва касонеро, ки бо ӯ имон оварда буданд, ба раҳмати худ аз балои он рӯз наҷот додем. Парвардигори ту қавӣ ва азиз аст ва ситамгаронро сайҳаи осмонӣ фаро гирифт ва субҳгоҳон дар диёрашон ба хоби марг афтода буданд. Гӯё онҳо аслан дар он диёри зинда набуданд. Бидонед, ки қавми Самуд кофир шуданд ба*

*Парвардигорашон ва аз раҳмати Худо дур гардиданд.*[1]

4-Ва дар сураи Аъроф оёти 73-79:

*Ва бар қавми Самуд, бародарашон Солеҳро ба паёмбарӣ фиристодем. Солеҳ гуфт: эй қавми ман! Худоро бипарастед, ки ба ҷуз ӯ Худое нест. Инак аз сӯи Парвардигоратон мӯъҷизаи ошкор омада аст: ин ноқаи Худост, ки мӯъҷизае барои шумост. Ӯро гузоред то дар замини Худо чарад ва ба ӯ озор нарасонед вагарна ба азоби дарднок гирифтор хоҳед шуд. Ва ба хотир оред он гоҳ, ки Худованд шуморо баъд аз ҳалоки қавми Од ҷонишини гузаштагон кард ва дар замин манзил дод, ки дар даштҳои он қасрҳо месозед ва дар кӯҳҳо хонаҳо бино мекунед, пас неъматҳои Худоро ёд кунед ва дар замин фасод барпо накунед. Бузургони қавмаш, ки гарданкашӣ карда буданд, ба касоне ки паст ба ҳисоб меомаданд ва имон оварда буданд гуфтанд: шумо чӣ медонед, ки Солеҳ аз сӯи Парвардигораш фиристода шуда*

---

[1] Сураи Ҳуд ояи 61-68.
وَإِلَى ثَمُودَ أَخَاهُمْ صَالِحاً قَالَ يَا قَوْمِ اعْبُدُواْ اللّهَ مَا لَكُم مِّنْ إِلَـهٍ غَيْرُهُ هُوَ أَنشَأَكُم مِّنَ الأَرْضِ وَاسْتَعْمَرَكُمْ فِيهَا فَاسْتَغْفِرُوهُ ثُمَّ تُوبُواْ إِلَيْهِ إِنَّ رَبِّي قَرِيبٌ مُّجِيبٌ {61} قَالُواْ يَا صَالِحُ قَدْ كُنتَ فِينَا مَرْجُوّاً قَبْلَ هَـذَا أَتَنْهَانَا أَن نَّعْبُدَ مَا يَعْبُدُ آبَاؤُنَا وَإِنَّنَا لَفِي شَكٍّ مِّمَّا تَدْعُونَا إِلَيْهِ مُرِيبٍ {62} قَالَ يَا قَوْمِ أَرَأَيْتُمْ إِن كُنتُ عَلَى بَيِّنَةً مِّن رَّبِّي وَآتَانِي مِنْهُ رَحْمَةً فَمَن يَنصُرُنِي مِنَ اللّهِ إِنْ عَصَيْتُهُ فَمَا تَزِيدُونَنِي غَيْرَ تَخْسِيرٍ {63} وَيَا قَوْمِ هَـذِهِ نَاقَةُ اللّهِ لَكُمْ آيَةً فَذَرُوهَا تَأْكُلْ فِي أَرْضِ اللّهِ وَلاَ تَمَسُّوهَا بِسُوءٍ فَيَأْخُذَكُمْ عَذَابٌ قَرِيبٌ {64} فَعَقَرُوهَا فَقَالَ تَمَتَّعُواْ فِي دَارِكُمْ ثَلاَثَةَ أَيَّامٍ ذَلِكَ وَعْدٌ غَيْرُ مَكْذُوبٍ {65} فَلَمَّا جَاء أَمْرُنَا نَجَّيْنَا صَالِحاً وَالَّذِينَ آمَنُواْ مَعَهُ بِرَحْمَةٍ مِّنَّا وَمِنْ خِزْيِ يَوْمِئِذٍ إِنَّ رَبَّكَ هُوَ الْقَوِيُّ الْعَزِيزُ {66} وَأَخَذَ الَّذِينَ ظَلَمُواْ الصَّيْحَةُ فَأَصْبَحُواْ فِي دِيَارِهِمْ جَاثِمِينَ {67} كَأَن لَّمْ يَغْنَوْاْ فِيهَا أَلاَ إِنَّ ثَمُودَ كَفرُواْ رَبَّهُمْ أَلاَ بُعْداً لِّثَمُودَ {68}

*аст? Гуфтанд: мо ба оине, ки оварда аст, имон овардаем. Касоне ки гарданкашӣ карда буданд, гуфтанд: мо ба оине ки шумо имон овардаед, кофирем. Пас шутурро куштанд ва аз фармони Парвардигорашон сарпечӣ карданд ва гуфтанд: эй Солеҳ! Агар ту аз паёмбаронӣ, азоберо, ки ба мо ваъда медиҳӣ биёвар. Пас ба зилзила гирифтор шуданд ва дар хонаҳояшон беҷон афтоданд. Он гоҳ Солеҳ аз эшон рӯй бартофт ва гуфт: эй қавми ман! Ман паёми Парвардигорамро ба шумо расондам ва шуморо панду андарз додам, аммо шумо хайрхоҳонро дӯст намедоред.*[1]

5-Ва дар сураи Намл оёти 48-53:

***Ва кона фил мадӣнати тисъату раҳтин юфсидӯна фил арзи ва ло юслиҳӯн. Қолӯ тақосамӯ биллоҳи ланубайййитаннаҳу ва аҳлаҳу сумма ланақуланна ливалийййиҳи мо шаҳидно маҳлика аҳлиҳи ва инно ласодиқӯн. Ва***

---

[1] Сураи Аъроф, оёти 73-79.

وَإِلَى ثَمُودَ أَخَاهُمْ صَالِحاً قَالَ يَا قَوْمِ اعْبُدُواْ اللّهَ مَا لَكُم مِّنْ إِلَـهٍ غَيْرُهُ قَدْ جَاءتْكُم بَيِّنَـةٌ مِّن رَّبِّكُمْ هَـذِهِ نَاقَةُ اللّـهِ لَكُمْ آيَـةً فَذَرُوهَا تَأْكُلْ فِـي أَرْضِ اللّـهِ وَلاَ تَمَسُّوهَا بِسُوَءٍ فَيَأْخُذَكُمْ عَذَابٌ أَلِيمٌ {73} وَاذْكُرُواْ إِذْ جَعَلَكُمْ خُلَفَاء مِن بَعْدِ عَادٍ وَبَوَّأَكُمْ فِـي الأَرْضِ تَتَّخِذُونَ مِن سُهُولِهَا قُصُوراً وَتَنْحِتُونَ الْجِبَـالَ بُيُوتـاً فَاذْكُرُواْ آلاء اللّـهِ وَلاَ تَعْثَوْا فِـي الأَرْضِ مُفْسِدِينَ {74} قَالَ الْمَلأُ الَّذِينَ اسْتَكْبَرُواْ مِن قَوْمِـهِ لِلَّذِينَ اسْتُضْعِفُواْ لِمَنْ آمَنَ مِنْهُمْ أَتَعْلَمُونَ أَنَّ صَالِحاً مُّرْسَلٌ مِّن رَّبِّهِ قَالُواْ إِنَّا بِمَا أُرْسِلَ بِـهِ مُؤْمِنُونَ {75} قَالَ الَّذِينَ اسْتَكْبَرُواْ إِنَّا بِالَّذِيَ آمَنتُمْ بِهِ كَافِرُونَ {76} فَعَقَرُواْ النَّاقَةَ وَعَتَوْاْ عَنْ أَمْرِ رَبِّهِمْ وَقَالُواْ يَا صَالِحُ ائْتِنَا بِمَا تَعِدُنَا إِن كُنتَ مِنَ الْمُرْسَلِينَ {77} فَأَخَذَتْهُمُ الرَّجْفَةُ فَأَصْبَحُواْ فِي دَارِهِمْ جَاثِمِينَ {78} فَتَوَلَّى عَنْهُمْ وَقَالَ يَا قَوْمِ لَقَدْ أَبْلَغْتُكُمْ رِسَالَةَ رَبِّي وَنَصَحْتُ لَكُمْ وَلَكِن لاَّ تُحِبُّونَ النَّاصِحِينَ {79}

***макарӯ макран ва макарно макран ва ҳум ло яшъурӯн. Фанзур кайфа кона ъоқибату макриҳим анно даммарноҳум ва қавмаҳум аҷмаъӣн. Фатилка буютуҳум ховиятан бимо заламӯ инна фӣ золика лаоятан лиқавмин яъламӯн. Ва анҷайнал лазӣна оманӯ ва конӯ яттақӯн*** **Ê**

***Ä****Дар он шаҳр нӯҳ* **(***нафар аз раисон***)***-и қабила буданд, ки фасод мекарданд ва ислоҳ наменамуданд. Инон гуфтанд: ба Худо ҳамқасам шавед то шабона ӯ* **(***Солеҳ***)***-ро бо касонаш бикушем ва он вақт ба вориси ӯ бигӯем: мо ҳангоми ҳалоки касони ӯ ҳозир набудем ва мо рост мегӯем. Онҳо найранги сахт карданд ва мо дар бехабарии эшон тадбир намудем. Бингар, ки оқибати найрангашон чӣ шуд. Мо ҳамаги онҳо ва қавмашонро ҳалок кардем ва ин хонаҳои холии онҳост, ки деворҳо ва сақфҳояш фурӯ рехта аст, ба хотири он ситамҳо, ки карданд. Ва дар ин барои онҳо, ки медонанд ибрате аст. Ва касонеро, ки имон оварда ва парҳезкор буданд наҷот додем.*[1]

[1] Сураи Намл, оёти 48-53.

وَكَـانَ فِـي الْمَدِينَـةِ تِسْـعَةُ رَهْـطٍ يُفْسِـدُونَ فِـي الْـأَرْضِ وَلَـا يُصْـلِحُونَ {48} قَـالُوا تَقَاسَمُوا بِاللَّهِ لَنُبَيِّتَنَّـهُ وَأَهْلَـهُ ثُمَّ لَنَقُولَنَّ لِوَلِيِّـهِ مَـا شَـهِدْنَا مَهْلِكَ أَهْلِـهِ وَإِنَّـا لَصَـادِقُونَ {49} وَمَكَرُوا مَكْراً وَمَكَرْنَا مَكْراً وَهُمْ لَـا يَشْعُرُونَ {50} فَـانظُرْ كَيْـفَ كَـانَ عَاقِبَـةُ مَكْرِهِمْ أَنَّا دَمَّرْنَـاهُمْ وَقَـوْمَهُمْ أَجْمَعِينَ {51} فَتِلْـكَ بُيُـوتُهُمْ خَاوِيَـةً بِمَـا ظَلَمُـوا إِنَّ فِـي ذَلِكَ لَآيَةً لِّقَوْمٍ يَعْلَمُونَ {52} وَأَنـجَيْنَا الَّذِينَ آمَنُوا وَكَانُوا يَتَّقُونَ {53}

## Шарҳи вожаҳо

**Атайярно ва тоирукум**: Татайяра ва атайяра: фоли бад зад ва тоирукум дар ин ҷо ба маънои *фоли бад ва нохушоянди шумо* мебошад.

**Ҳазӣм**: *Ҳазим* ба маънои меваи расида аст ва латиф, яъне гуворо ва мулоим.

**Фориҳӣн**: *Фориҳ:* сармаст ва моҳир, ки ҳар ду маъно муносиби баҳс аст.

**Ҷосимӣн**: *Ҷасама ҷусӯман*: часпида ба замин, афтода ва ҳалокшуда.

**Бавваакум**: *Баввааҳу манзилан*: дар он ҷо ӯро фуруд овард.

**Ва ло таъсав**: табаҳкорӣ накунед. *Ъоса ва ъасо*: ба сахтӣ табаҳкорӣ кард.

**Ъутувван**: *Ъато ъутувван*: такаббур кард, саркаширо аз ҳад гузаронд.

**Раҷфатун**: *Раҷафа*: ӯро ба ҳаракат ва ҷунбиши сахт водошт, *ар-раҷфа*: якбор ларзидан (зилзила).

**Раҳтун**: *Раҳт* дар ин ҷо гурӯҳе камтар аз даҳ нафар мард аст, ки дар миёнашон зане набошад.

## Чакидае аз тафсири оёт

Қабилаи Самуд аз боқимондаи ҳазрати Нӯҳ(а) буданд, ки баъд аз қавми Од зиндагӣ мекарданд. Онон дар

кохҳои зебое, ки байни Мадина ва Шом[1] қарор дошт, зиндагӣ мекарданд.

Ин қавм дучори худбинӣ ва саркашӣ шуда, Худоро раҳо карданд ва ба парастиши бутҳо пардохтанд. Худованд, низ паёмбараш Солеҳ[(а)]-ро, ки аз ҳамон қабилаи Самуд буд, бо маъмурияти башорат ва инзор бар эшон фиристод. Аз оёте, ки гузашт дидем, ки байни ӯ ва афроди қабилааш чӣ гузашт.

Саранҷом қавми Самуд аз паёмбарашон мӯъҷизае хостанд ва он ин буд ки аз кӯҳ, модашутуреро ба унвони сидқи муддаояш берун оварад. Худованд хостаи ононро бароварда сохт. Кӯҳ бо шиддат ба печу тоб даромад ва сипас аз он модашутури калонандом ва обистан берун шуд ва пеши рӯи қавми Самуд бачашутуре зоид.

Ҳазрати Солеҳ[(а)] бо қавмаш қарор гузошт, ки оби наҳрашон якрӯздармиён аз они шутур бошад. Дар ин рӯз каси дигаре аз он об истифода накунад ва шири шутур дар он рӯз ба ҷои об аз они қавм бошад. Рӯзи дигар бошад оби наҳр аз они эшон ва чаҳорпоёнашон.

Рӯзгоре бар ин қарор гузаронданд, то ин ки нӯҳ нафар аз афроди авбош ва ситамгари қавм тасмим ба куштани шутур гирифтанд ва саранҷом он ҳайвонро куштанд. Дар натиҷа ба хурӯши осмонӣ ва ҷунбиши сахти замин (заминларза) гирифтор шуданд ва дар ҷои худ ба ҳалокат расиданд.

---

[1] Дар хабар аст, ки Расули Худо[(с)] замоне, ки ба ғазваи Табук мерафтанд, аз макони онҳо гузаштанд. Ба ахбори ғазваи Табук дар китобҳои Мағозиюлвоқидӣ ва Имтоъуласмо мурољиат кунед.

## Натиҷаи баҳс

Худованд Ҳуд ва Солеҳ[(а)]-ро башоратдиҳанда (ба раҳмати Худованд) ва тарсонанда (аз азоби ӯ) ба сӯи қавмашон фиристод. Онҳо низ қавми худро ба амал ба шариат ва муқаррароти оини Нӯҳ[(а)] даъват намуданд.

Ба ин тариқ, ҳар кас ки пас аз ҳазрати Нӯҳ меомад ва ба таблиғи шариатҳои оини он ҳазрат қиём мекард, васии Нӯҳи паёмбар бар шариати ӯ буд. Ин шахс хоҳ расуле бошад аз ҷониби Худо, монанди Ҳуд ва Солеҳ[(а)], ё набошад чун Сом фарзанди Нӯҳ ва дигар авсиёе, ки баъд аз ӯ омаданд. Ин то он замон идома дошт, ки Худованд ҳазрати Иброҳим[(а)]-ро бо шариати ҳанифе ба рисолат барангехт, ки ба хости Худо матолиби ин мавзӯъ дар баҳсе, ки дар пеш дорем хоҳад омад.

## *Намунаҳое аз саргузашти Иброҳим алайҳиссалом дар Қуръони карим*

### Намунаи аввал: Иброҳим ва мушрикон

1-Худованди субҳон дар сураи Шуаро оёти 69-82 мефармояд:

> **(***Эй паёмбар***!)** *Хабари Иброҳимро барои уммат баён кун***.** *Он гоҳ ки ба падар ва қавмаш гуфт***:** *шумо чӣ маъбудеро мепарастед***?** *Гуфтанд***:** *бутҳоеро***,** *ки ҳамеша мавриди парастиши мо буда аст***.** *Гуфт***:** *он гоҳ ки шумо онҳоро даъват мекунед сухани шуморо мешунаванд***?!** *Ё ба ҳоли шумо ҳеҷ суду зиёне доранд***?!** *Гуфтанд***:** *мо падарони худро дидаем***,** *ки чунин мекунанд***.** *Иброҳим гуфт***:** *оё медонед он чиро***,** *ки шумо мепарастед***.** *Шумо ва падарони пешини шумо***.** *Ман ҳамаи онҳоро душман медонам ба ҷуз Парвардигори ҷаҳониёнро***,** *ки ӯ маро офарид ва ба роҳи рост роҳнамоиям кард***.** *Ӯ касе аст***,** *ки маро сер гардонд ва ташнагиамро фурӯ нишонд***.** *Ва чун бемор шавам шифо диҳад***.** *Ва ин ки маро*

*бимиронад ва сипас зинда кунад. Худое, ки чашми умед дорам, то ба рӯзи қиёмат хатоҳоямро биёмурзад.*[1]

2-Ва дар сураи Анъом оёти 74-81:

*Ва ёд кун (эй паёмбар!) ҳангомеро, ки Иброҳим ба падарш Озар гуфт: оё ту бутҳоро ба Худоӣ баргузидаӣ?! Ман ту ва қавми туро дар гумроҳии ошкоре мебинам. Ва ин гуна малакути осмонҳо ва заминро ба Иброҳим нишон додем, то ба мақоми яқин расад. Пас чун торикии шаб бар ӯ даромад ситораеро дид, гуфт: ин Парвардигори ман аст, аммо чун он ситора ғуруб кард гуфт: ман ғурубкунандагонро дӯст надорам. Пас чун моҳро дурахшанда дид, гуфт: ин Парвардигори ман аст, аммо чун ғуруб кард, гуфт: агар Худоям маро раҳнамоӣ накунад, ҳамоно аз гурӯҳи гумроҳон хоҳам буд. Ва чун хуршеди тобонро дид, гуфт: ин Парвардигори ман аст. Ин аз ҳама бузургтар аст, аммо чун ғуруб кард гуфт: эй қавми ман! Аз он чи ки шумо шарики Худо қарор медиҳед безорам. Ман бо имони холис рӯй ба сӯи Худое овардаам, ки*

---

[1] Сураи Шуаро, оёти 69-82.

وَاتْلُ عَلَيْهِمْ نَبَأَ إِبْرَاهِيمَ {69} إِذْ قَالَ لِأَبِيهِ وَقَوْمِهِ مَا تَعْبُدُونَ {70} قَالُوا نَعْبُدُ أَصْنَاماً فَنَظَلُّ لَهَا عَاكِفِينَ {71} قَالَ هَلْ يَسْمَعُونَكُمْ إِذْ تَدْعُونَ {72} أَوْ يَنفَعُونَكُمْ أَوْ يَضُرُّونَ {73} قَالُوا بَلْ وَجَدْنَا آبَاءنَا كَذَلِكَ يَفْعَلُونَ {74} قَالَ أَفَرَأَيْتُم مَّا كُنتُمْ تَعْبُدُونَ {75} أَنتُمْ وَآبَاؤُكُمُ الْأَقْدَمُونَ {76} فَإِنَّهُمْ عَدُوٌّ لِّي إِلَّا رَبَّ الْعَالَمِينَ {77} الَّذِي خَلَقَنِي فَهُوَ يَهْدِينِ {78} وَالَّذِي هُوَ يُطْعِمُنِي وَيَسْقِينِ {79} وَإِذَا مَرِضْتُ فَهُوَ يَشْفِينِ {80} وَالَّذِي يُمِيتُنِي ثُمَّ يُحْيِينِ {81} وَالَّذِي أَطْمَعُ أَن يَغْفِرَ لِي خَطِيئَتِي يَوْمَ الدِّينِ {82}

*офаринандаи осмонҳо ва Замин аст ва ман ҳаргиз бо мушрикон мувофиқ нахоҳам буд. Қавми Иброҳим бо ӯ дар мақоми хусумат ба баҳс (ва мунозира) баромаданд. Гуфт: оё бо ман дар бораи Худо гуфтугӯ (ҷадал) мекунед ва ҳол он ки Худо маро ҳақиқатан ҳидоят кард? Ман аз он чи шумо шарики Худо қарор медиҳед бим надорам, магар он ки Худо бихоҳад. Илми Парвардигори ман ба ҳамаи мавҷудот иҳотакунанда аст. Оё шумо ёдовар намешавед?! Ва ман чӣ гуна аз он чи шумо шарики Худо қарор медиҳед битарсам, дар ҳолате ки шумо аз ширк овардан ба Худо наметарсед, бо он ки ҳеҷ бурҳон ва ҳуҷҷате бар он надоред?! Оё кадом як аз мо ба эминӣ (ва кадом ба тарс) сазовортерем, агар шумо медонед.*[1]

3-Ва дар сураи Анкабут, оёти 16-18 ва 24-25:

*Ва ба ёд ор ҳикояти Иброҳимро, ки ба қавмаш гуфт: Худоро бипарастед ва аз ӯ битарсед, ки ин*

---

[1] Сураи Анъом, оёти 74-81.

**وَإِذْ قَالَ إِبْرَاهِيمُ لأَبِيهِ آزَرَ أَتَتَّخِذُ أَصْنَاماً آلِهَةً إِنِّي أَرَاكَ وَقَوْمَكَ فِي ضَلاَلٍ مُّبِينٍ**
**{74} وَكَذَلِكَ نُرِي إِبْرَاهِيمَ مَلَكُوتَ السَّمَاوَاتِ وَالأَرْضِ وَلِيَكُونَ مِنَ الْمُوقِنِينَ**
**{75} فَلَمَّا جَنَّ عَلَيْهِ اللَّيْلُ رَأَى كَوْكَباً قَالَ هَذَا رَبِّي فَلَمَّا أَفَلَ قَالَ لا أُحِبُّ الآفِلِينَ**
**{76} فَلَمَّا رَأَى الْقَمَرَ بَازِغاً قَالَ هَذَا رَبِّي فَلَمَّا أَفَلَ قَالَ لَئِن لَّمْ يَهْدِنِي رَبِّي لأَكُونَنَّ**
**مِنَ الْقَوْمِ الضَّالِّينَ {77} فَلَمَّا رَأَى الشَّمْسَ بَازِغَةً قَالَ هَذَا رَبِّي هَذَا أَكْبَرُ فَلَمَّا**
**أَفَلَتْ قَالَ يَا قَوْمِ إِنِّي بَرِيءٌ مِّمَّا تُشْرِكُونَ {78} إِنِّي وَجَّهْتُ وَجْهِيَ لِلَّذِي فَطَرَ**
**السَّمَاوَاتِ وَالأَرْضَ حَنِيفاً وَمَا أَنَاْ مِنَ الْمُشْرِكِينَ {79} وَحَآجَّهُ قَوْمُهُ قَالَ أَتُحَاجُّونِّي**
**فِي اللّهِ وَقَدْ هَدَانِ وَلاَ أَخَافُ مَا تُشْرِكُونَ بِهِ إِلاَّ أَن يَشَاءَ رَبِّي شَيْئاً وَسِعَ رَبِّي كُلَّ**
**شَيْءٍ عِلْماً أَفَلاَ تَتَذَكَّرُونَ {80} وَكَيْفَ أَخَافُ مَا أَشْرَكْتُمْ وَلاَ تَخَافُونَ أَنَّكُمْ أَشْرَكْتُم**
**بِاللّهِ مَا لَمْ يُنَزِّلْ بِهِ عَلَيْكُمْ سُلْطَاناً فَأَيُّ الْفَرِيقَيْنِ أَحَقُّ بِالأَمْنِ إِن كُنتُمْ تَعْلَمُونَ {81}**

*барои шумо беҳтар аст, агар бифаҳмед. Он чиро ки ба ҷуз Худованд мепарастед, бутҳо ва дурӯғҳое аст, ки худ сохтаед ва касонеро ки ба ҷуз Худо мепарастед, қодир ба рӯзӣ додан ба шумо нахоҳанд буд. Аз Худованд рӯзӣ бихоҳед, ӯро бипарастед ва шукри ӯро ба ҷой оваред, ки бозгашти шумо ба сӯи ӯст. Ва агар шумо маро инкор мекунед, умматҳои пеш аз шумо ҳам* **(***паёмбаронашонро***)** *рад кардаанд, вале бар расул, ба ҷуз расондани ошкори рисолат чизи дигаре нест...* **(***Баъд аз ин ҳама андарз, ки Иброҳим*[(а)] *дод***)** *Посухи қавмаш ҷуз ин набуд, ки гуфтанд: ӯро бикушед ё бисӯзонед; ва Худованд ӯро аз оташ бираҳонид. Ба ростӣ, ки дар ин ҳикоят оёте аст барои қавме, ки имон овварданд. Боз Иброҳим гуфт: эй мардум! Он чиро, ки ба ҷуз Худо ба худоӣ гирифтаед бутҳое аст, ки танҳо барои дӯстии байни худатон дар зиндагонии дунё баргирифтаед. Ва рӯзи қиёмат шумо якдигарро такфир хоҳед кард, бар якдигар лаънату нафрин хоҳед намуд ва ҷойгоҳи абадии шумо оташи дӯзах хоҳад буд ва ҳеҷ ёре ҳам надоред.*[1]

---

[1] Сураи Анкабут, оёти 16-18 ва 24-25.

**وَإِبْرَاهِيمَ إِذْ قَالَ لِقَوْمِهِ اعْبُدُوا اللَّهَ وَاتَّقُوهُ ذَٰلِكُمْ خَيْرٌ لَّكُمْ إِن كُنتُمْ تَعْلَمُونَ {16} إِنَّمَا تَعْبُدُونَ مِن دُونِ اللَّهِ أَوْثَاناً وَتَخْلُقُونَ إِفْكاً إِنَّ الَّذِينَ تَعْبُدُونَ مِن دُونِ اللَّهِ لَا يَمْلِكُونَ لَكُمْ رِزْقاً فَابْتَغُوا عِندَ اللَّهِ الرِّزْقَ وَاعْبُدُوهُ وَاشْكُرُوا لَهُ إِلَيْهِ تُرْجَعُونَ {17} وَإِن تُكَذِّبُوا فَقَدْ كَذَّبَ أُمَمٌ مِّن قَبْلِكُمْ وَمَا عَلَى الرَّسُولِ إِلَّا الْبَلَاغُ الْمُبِينُ {18}**
**فَمَا كَانَ جَوَابَ قَوْمِهِ إِلَّا أَن قَالُوا اقْتُلُوهُ أَوْ حَرِّقُوهُ فَأَنجَاهُ اللَّهُ مِنَ النَّارِ إِنَّ فِي ذَٰلِكَ لَآيَاتٍ لِّقَوْمٍ يُؤْمِنُونَ {24} وَقَالَ إِنَّمَا اتَّخَذْتُم مِّن دُونِ اللَّهِ أَوْثَاناً مَّوَدَّةَ بَيْنِكُمْ فِي**

4-Дар сураи Соффот, оёти 79 ва 83-98:

***Саломун ъало Нӯҳин фил ъоламӣн. ...Ва инна мин шӣъатиҳи ла-Иброҳим. Из ҷоа раббаҳу биқалбин салӣм. Из қола лиабӣҳи ва қавмиҳи мозо таъбудӯн. А ифкан олиҳатан дуналлоҳи туридӯн. Фамо заннакум бираббил ъоламӣн. Фаназара назратан фин нуҷӯм. Фақола иннӣ сақӣм. Фатаваллав ъанҳу мудбирӣн. Фароға ило олиҳатиҳим, фақола ало та'кулӯн. Мо лакум ло тантиқӯн. Фароға ъалайҳим зарбан бил ямӣн. Фаақбалӯ илайҳи язиққӯн. Қола атаъбудӯна мо танҳитӯн. Валлоҳу халақакум ва мо таъмалӯн. Қолубнӯ лаҳу бунёнан фаалқӯҳу фил ҷаҳӣм. Фаародӯ биҳи кайдан фаҷаъалноҳумул асфалӣн*** **Ê**

**Ä***Салом бар Нӯҳ дар миёни ҷаҳониён... . Ва Иброҳим яке аз пайравони ӯст. Ӯ, ки бо қалби пок ва солим ба даргоҳи Парвардигораш шитофт. Он замон, ки ба падар ва қавмаш гуфт: ин чист, ки мепарастед?! Оё худоёни дурӯғинро ба ҷои Худо мехоҳед?! Дар бораи Худо чӣ гумон мебаред?! Дар ин ҳангом назаре ба ситорагон андохт. Ва гуфт: ман беморам, (мардум) аз ӯ рӯй гардонида берун рафтанд. Ӯ ба сӯи бутҳои эшон мутаваҷҷеҳ шуд ва гуфт: оё (ғизоҳоеро, ки мушрикон дар рӯзи ид бароятон овардаанд) намехӯред?! Шуморо чӣ шуда*

---

الْحَيَاةِ الدُّنْيَا ثُمَّ يَوْمَ الْقِيَامَةِ يَكْفُرُ بَعْضُكُم بِبَعْضٍ وَيَلْعَنُ بَعْضُكُم بَعْضاً وَمَأْوَاكُمُ النَّارُ وَمَا لَكُم مِّن نَّاصِرِينَ {25}

*аст? Чаро гап намезанед?! (Инро гуфт) ва маҳкам (бо табар) бар бутҳо кӯбид (ва ҷуз бути бузург) ҳамаро дарҳам шикаст. (Мардуми шаҳр) саросема ба сӯи ӯ шитофтанд. Иброҳим пурсид: оё сохтаи дасти худатонро мепарастед, бо он ки Худованд шумо ва ҳосили корҳоятонро офарида аст?! Гуфтанд: барои ӯ пойгоҳе бисозед ва вайро дар оташ афканед. Онҳо барои ӯ нақша кашиданд ва мо онҳоро хортарини (мардум) гардонидем.*[1]

5-Ва дар сураи Анбиё, оёти 51-70:

*Ва ба гумони мо дар гузашта ба Иброҳим он рушдеро, ки метавонист дошта бошад, додаем ва мо ба ӯ огоҳ будем. Вақте ба падар ва қавмаш гуфт: ин ҳайкалҳо чист, ки ба ибодати онҳо пардохтаед?! Гуфтанд: мо падарони хешро парастандаи онҳо ёфтем. Иброҳим гуфт: бегумон шумо ва падаронатон дар гумроҳии ошкор будаед. Пурсиданд: оё ту ба ҳақ ба сӯи мо омадаӣ ё ту ҳам аз бозигаронӣ? Гуфт: балки Парвардигори шумо, Парвардигори осмонҳо ва Замин аст, касе ки онҳоро*

---

[1] Сураи Соффот, оёти 79 ва 83-98.

سَلَامٌ عَلَى نُوحٍ فِي الْعَالَمِينَ {79}
وَإِنَّ مِن شِيعَتِهِ لَإِبْرَاهِيمَ {83} إِذْ جَاء رَبَّهُ بِقَلْبٍ سَلِيمٍ {84} إِذْ قَالَ لِأَبِيهِ وَقَوْمِهِ
مَاذَا تَعْبُدُونَ {85} أَئِفْكاً آلِهَةً دُونَ اللَّهِ تُرِيدُونَ {86} فَمَا ظَنُّكُم بِرَبِّ الْعَالَمِينَ
{87} فَنَظَرَ نَظْرَةً فِي النُّجُومِ {88} فَقَالَ إِنِّي سَقِيمٌ {89} فَتَوَلَّوْا عَنْهُ مُدْبِرِينَ
{90} فَرَاغَ إِلَى آلِهَتِهِمْ فَقَالَ أَلَا تَأْكُلُونَ {91} مَا لَكُمْ لَا تَنطِقُونَ {92} فَرَاغَ
عَلَيْهِمْ ضَرْباً بِالْيَمِينِ {93} فَأَقْبَلُوا إِلَيْهِ يَزِفُّونَ {94} قَالَ أَتَعْبُدُونَ مَا تَنْحِتُونَ
{95} وَاللَّهُ خَلَقَكُمْ وَمَا تَعْمَلُونَ {96} قَالُوا ابْنُوا لَهُ بُنْيَاناً فَأَلْقُوهُ فِي الْجَحِيمِ
{97} فَأَرَادُوا بِهِ كَيْداً فَجَعَلْنَاهُمُ الْأَسْفَلِينَ {98}

*офарид ва ман бар ин амр гувоҳӣ медиҳам. Ба Худо савганд, баъд аз берун шуданатон дар кори бутҳоятон андешае ба кор хоҳам бурд. Он гоҳ Иброҳим бутҳоро қитъа-қитъа кард магар бути бузургашон, бошад, ки ба он руҷӯъ кунанд. Гуфтанд: касе, ки бо худоёни мо чунин карда аст аз ситамгарон мебошад. Гуфтанд: шунидаем, ки ҷавоне, ки ба ӯ Иброҳим мегӯянд, бутҳоро ба бадӣ ёд мекунад. Гуфтанд: ӯро дар баробари мардум ҳозир кунед, то ҳамагон гувоҳӣ диҳанд. Пурсиданд: эй Иброҳим! Ту бо худоёни мо чунин кардӣ? Иброҳим гуфт: балки ин бузургашон чунин карда аст. Агар метавонанд сухан гӯянд, аз худашон пурсед! (Қавм) Ба худашон мурочиат карданд ва гуфтанд: шумо худ ситамгаронед. Сипас сар ба зер андохта ва гуфтанд: ту ки медонӣ инҳо сухан намегӯянд. Гуфт: пас чаро ба ҷуз Худо чизеро, ки на суде ба шумо мерасонад на зиёне парастиш мекунед?! Уф бар шумо ва бутҳое, ки ба ҷои Худо мепарастед. Оё намеандешед?! (Мардум гуфтанд) ӯро бисӯзонед ва худоёнатонро ёрӣ диҳед, агар коре аз шумо сохта аст. Ва мо хитоб кардем, ки: эй оташ! Бар Иброҳим сард ва саломат бош. Онҳо дар бораи ӯ найранге карданд ва мо онҳоро зиёнкортарини (мардум) гадонидем.*[1]

---

[1] Сураи Анбиё, оёти 51-70.

**وَلَقَدْ آتَيْنَا إِبْرَاهِيمَ رُشْدَهُ مِن قَبْلُ وَكُنَّا به عَالِمِينَ {51} إِذْ قَالَ لِأَبِيهِ وَقَوْمِهِ مَا هَذِهِ التَّمَاثِيلُ الَّتِي أَنتُمْ لَهَا عَاكِفُونَ {52} قَالُوا وَجَدْنَا آبَاءنَا لَهَا عَابِدِينَ {53} قَالَ لَقَدْ كُنتُمْ أَنتُمْ وَآبَاؤُكُمْ فِي ضَلَالٍ مُّبِينٍ {54} قَالُوا أَجِئْتَنَا بِالْحَقِّ أَمْ أَنتَ مِنَ اللَّاعِبِينَ**

6-Ва дар сура Бақара, ояти 258:

***Аламтара илаллазӣ ҳоҷҷа Иброҳима фӣ раббиҳи ан атоҳуллоҳул мулка, из қола Иброҳиму раббиял лазӣ юҳйӣ ва юмӣту, қола ано уҳйӣ ва умӣту қола Иброҳиму фаинналоҳа йа'тӣ биш шамси минал машриқи, фа'тӣ биҳо минал мағриби, фабуҳитал лазӣ кафара, валлоҳу ло яҳдил қавмаз золимӣн*** **Ê**

**Ä***Оё надидӣ, ки* **(***подшоҳи замони Иброҳим***)** *бо Иброҳим дар бораи Парвардигораш ба баҳс* **(***ва ҷидол***)** *бархост***.** *Он гоҳ Иброҳим гуфт***:** *Парвардигори ман зинда мекунад ва мемиронад***. (***Ӯ***)** *Гуфт***:** *ман ҳам зинда мекунам ва мемиронам***.** *Иброҳим гуфт***:** *Худованд офтобро аз Шарқ берун меоварад***,** *ту онро аз Мағриб берун ор***.** *Он кофир мабҳуту вомонда*

---

{55} قَالَ بَل رَّبُّكُمْ رَبُّ السَّمَاوَاتِ وَالْأَرْضِ الَّذِي فَطَرَهُنَّ وَأَنَا عَلَى ذَلِكُم مِّنَ
الشَّاهِدِينَ {56} وَتَاللَّهِ لَأَكِيدَنَّ أَصْنَامَكُم بَعْدَ أَن تُوَلُّوا مُدْبِرِينَ {57} فَجَعَلَهُمْ
جُذَاذاً إِلَّا كَبِيراً لَّهُمْ لَعَلَّهُمْ إِلَيْهِ يَرْجِعُونَ {58} قَالُوا مَن فَعَلَ هَذَا بِآلِهَتِنَا إِنَّهُ لَمِنَ
الظَّالِمِينَ {59} قَالُوا سَمِعْنَا فَتًى يَذْكُرُهُمْ يُقَالُ لَهُ إِبْرَاهِيمُ {60} قَالُوا فَأْتُوا بِهِ
عَلَى أَعْيُنِ النَّاسِ لَعَلَّهُمْ يَشْهَدُونَ {61} قَالُوا أَأَنتَ فَعَلْتَ هَذَا بِآلِهَتِنَا يَا إِبْرَاهِيمُ
{62} قَالَ بَلْ فَعَلَهُ كَبِيرُهُمْ هَذَا فَاسْأَلُوهُمْ إِن كَانُوا يَنطِقُونَ {63} فَرَجَعُوا إِلَى
أَنفُسِهِمْ فَقَالُوا إِنَّكُمْ أَنتُمُ الظَّالِمُونَ {64} ثُمَّ نُكِسُوا عَلَى رُؤُوسِهِمْ لَقَدْ عَلِمْتَ مَا
هَؤُلَاء يَنطِقُونَ {65} قَالَ أَفَتَعْبُدُونَ مِن دُونِ اللَّهِ مَا لَا يَنفَعُكُمْ شَيْئاً وَلَا يَضُرُّكُمْ
{66} أُفٍّ لَّكُمْ وَلِمَا تَعْبُدُونَ مِن دُونِ اللَّهِ أَفَلَا تَعْقِلُونَ {67} قَالُوا حَرِّقُوهُ
وَانصُرُوا آلِهَتَكُمْ إِن كُنتُمْ فَاعِلِينَ {68} قُلْنَا يَا نَارُ كُونِي بَرْداً وَسَلَاماً عَلَى إِبْرَاهِيمَ
{69} وَأَرَادُوا بِهِ كَيْداً فَجَعَلْنَاهُمُ الْأَخْسَرِينَ {70}

*шуд ва дар ҷавоб нотавон монд ва Худованд ситамкоронро роҳнамоӣ нахоҳад кард.*[1]

## Намунаи дуввум: Иброҳим ва Лут[(а)]

1-Ва дар сураи Анкабут, оёти 26-27, 31-32 мефармояд:

***Фаоман лаҳу Лӯтун ва қола иннӣ муҳоҷирун ило раббӣ иннаҳу ҳувал ъазӣзул ҳакӣм. Ва ваҳабно лаҳу Исҳоқа ва Яъқӯба ва ҷаъално фӣ зуррийятиҳин нубуввата вал китоба ва отайноҳу аҷраҳу фид дунё ва иннаҳу фил охирати ламинас солиҳӣн. ...Ва ламмо ҷоат русулуно Иброҳима бил бушро қолӯ инно муҳликӯ аҳли ҳозиҳил қаряти, инна аҳлаҳо конӯ золимӣн. Қола инна фӣҳо Лӯтан, қолӯ наҳну аъламу биман фӣҳо лануначҷияннаҳу ва аҳлаҳу илло имраатаҳу конат минал ғобирӣн*** Ê

Ä *Пас, Лут ба ӯ (Иброҳим) имон овард ва гуфт: ман (аз ин диёри ширк) ба сӯи Парвардигорам ҳиҷрат мекунам, Парвардигори ман азиз ва ҳаким аст. Ва мо Исҳоқ ва Яъқубро бар ӯ ато кардем ва дар хонадонаш мақоми нубувват ва китоби осмонӣ қарор додем. Ва дар дунё аҷри ӯро марҳамат кардем ва дар охират низ ӯ аз зумраи солеҳон аст... . Ва чун расулони мо барои Иброҳим мужда*

---

[1] Сура Бақара, ояи 258.

أَلَمْ تَرَ إِلَى الَّذِي حَآجَّ إِبْرَاهِيمَ فِي رِبِّهِ أَنْ آتَاهُ اللّهُ الْمُلْكَ إِذْ قَالَ إِبْرَاهِيمُ رَبِّيَ الَّذِي يُحْيِي وَيُمِيتُ قَالَ أَنَا أُحْيِي وَأُمِيتُ قَالَ إِبْرَاهِيمُ فَإِنَّ اللّهَ يَأْتِي بِالشَّمْسِ مِنَ الْمَشْرِقِ فَأْتِ بِهَا مِنَ الْمَغْرِبِ فَبُهِتَ الَّذِي كَفَرَ وَاللّهُ لاَ يَهْدِي الْقَوْمَ الظَّالِمِينَ {258}

*(таваллуди фарзандашро) оварданд гуфтанд: мо (ба амри Парвардигор) мардуми ин диёрро, ки аз зумраи ситамгарон ҳастанд ҳалок мекунем. Иброҳим гуфт: Лут дар он ҷо аст. Гуфтанд: мо ба сокинони он ҷо огоҳтарем. Мо Лут ва хонаводаашро, ба ғайр аз зани вай, ки аз ҳалокшудагон аст, наҷот хоҳем дод.*[1]

2-Ва дар сураи Ҳуд, оёти 69-76:

*Ва фариштагони мо барои Иброҳим башорат оварданд ва ӯро салом гуфтанд. Иброҳим низ салом гуфт ва (чун онҳоро ба сурати одамӣ дид) чанде нагузашт, ки гӯсолаи кабобшуда ҳозир сохт. Ва чун дид, ки онҳо даст ба таом намебаранд, онҳоро нохуш дошт (бегона шумурд) ва дар дил аз онҳо эҳсоси тарс кард. (Фариштагон) Гуфтанд: натарс мо ба сӯи қавми Лут фиристода шудаем. Зани ӯ, ки истода буд (аз шодӣ) хандид (ва одати моҳиёна шуд). Пас ба Исҳоқ башораташ додем ва аз паси Исҳоқ, ба Яъқуб. Гуфт: эй вой! Ман, ки пиразане ҳастам ва ин шавҳарам низ пир аст. Оё ман бачадор хоҳам шуд?! Ба ростӣ, ки ин чизи аҷибе аст. Гуфтанд: оё аз кори Худо тааҷҷуб мекунӣ?!*

---

[1] Сураи Анкабут, оёти 26-27, 31-32.

فَآمَنَ لَهُ لُوطٌ وَقَالَ إِنِّي مُهَاجِرٌ إِلَى رَبِّي إِنَّهُ هُوَ الْعَزِيزُ الْحَكِيمُ {26} وَوَهَبْنَا لَهُ إِسْحَاقَ وَيَعْقُوبَ وَجَعَلْنَا فِي ذُرِّيَّتِهِ النُّبُوَّةَ وَالْكِتَابَ وَآتَيْنَاهُ أَجْرَهُ فِي الدُّنْيَا وَإِنَّهُ فِي الْآخِرَةِ لَمِنَ الصَّالِحِينَ {27}

وَلَمَّا جَاءَتْ رُسُلُنَا إِبْرَاهِيمَ بِالْبُشْرَى قَالُوا إِنَّا مُهْلِكُو أَهْلِ هَذِهِ الْقَرْيَةِ إِنَّ أَهْلَهَا كَانُوا ظَالِمِينَ {31} قَالَ إِنَّ فِيهَا لُوطاً قَالُوا نَحْنُ أَعْلَمُ بِمَن فِيهَا لَنُنَجِّيَنَّهُ وَأَهْلَهُ إِلَّا امْرَأَتَهُ كَانَتْ مِنَ الْغَابِرِينَ {32}

*Раҳмат ва баракоти Худо бар шумо аҳли хонадон бод. Ӯ сазовори ҳамд ва ӯст маҷид. Чун аз Иброҳим тарсу ваҳшат рафт ва башорати фарзанд биёмад, бо мо дар бораи қавми Лут ба муҷодила бархост. Дар ҳақиқат ки Иброҳим бурдбор, бисёр ғамхор (ва) бозгашткунанда (ба сӯи Худо) буд. Эй Иброҳим! Аз ин ҷидол даргузар, ки амри Парвардигори ту омада аст ва азоби бебозгашт ба сӯи онон хоҳад омад.*[1]

3-Ва дар сураи Зориёт, оёти 24-37:

*Оё ҳикояти меҳмонони гиромии Иброҳим ба ту расида аст? Ҳангоме ки онҳо ба назди ӯ даромаданд ва салом гуфтанд. (Ва Иброҳим) Салом гуфт ва ба эшон фармуд, ки шумо марди ноошно ҳастед. Он гоҳ назди аҳли байти худ рафт ва кабоби гӯсолаи фарбеҳе овард ва онро назди онҳо гузошт ва ба эшон гуфт: оё намехӯред?! Он гоҳ аз онҳо ба биму андеша афтод. Онҳо гуфтанд: натарс ва ӯро ба писари доно (Исҳоқ) мужда доданд. Пас зани ӯ ба онҳо рӯй овард ва фарёдзанон ба рӯяш зад ва гуфт: ман пиразани нозо (чӣ гуна писаре ба дунё оварда метавонам?!)*

---

[1] Сураи Ҳуд, оёти 69-76.

وَلَقَدْ جَاءتْ رُسُلُنَا إِبْرَاهِيمَ بِالْبُـشْرَى قَالُواْ سَلاَماً قَالَ سَلاَمٌ فَمَا لَبِثَ أَن جَاء بِعِجْلٍ حَنِيذٍ {69} فَلَمَّا رَأَى أَيْدِيَهُمْ لاَ تَصِلُ إِلَيْهِ نَكِرَهُمْ وَأَوْجَسَ مِنْهُمْ خِيفَةً قَالُواْ لاَ تَخَفْ إِنَّا أُرْسِلْنَا إِلَى قَوْمِ لُوطٍ {70} وَامْرَأَتُهُ قَآئِمَةٌ فَضَحِكَتْ فَبَشَّرْنَاهَا بِإِسْحَاقَ وَمِن وَرَاء إِسْحَاقَ يَعْقُوبَ {71} قَالَتْ يَا وَيْلَتَى أَأَلِدُ وَأَنَاْ عَجُوزٌ وَهَـذَا بَعْلِي شَيْخاً إِنَّ هَـذَا لَشَيْءٌ عَجِيبٌ {72} قَالُواْ أَتَعْجَبِينَ مِنْ أَمْرِ اللّهِ رَحْمَتُ اللّهِ وَبَرَكَاتُهُ عَلَيْكُمْ أَهْلَ الْبَيْتِ إِنَّهُ حَمِيدٌ مَّجِيدٌ {73} فَلَمَّا ذَهَبَ عَنْ إِبْرَاهِيمَ الرَّوْعُ وَجَاءتْهُ الْبُشْرَى يُجَادِلُنَا فِي قَوْمِ لُوطٍ {74} إِنَّ إِبْرَاهِيمَ لَحَلِيمٌ أَوَّاهٌ مُّنِيبٌ {75} يَا إِبْرَاهِيمُ أَعْرِضْ عَنْ هَذَا إِنَّهُ قَدْ جَاء أَمْرُ رَبِّكَ وَإِنَّهُمْ آتِيهِمْ عَذَابٌ غَيْرُ مَرْدُودٍ {76}

*Гуфтанд: Парвардигори ту чунин фармуда аст. Ӯ ҳаким ва доно аст. Иброҳим аз онҳо пурсид: эй расулони Худо! Чӣ маъмурияте доред? Гуфтанд: мо ба сӯи қавми бадкор фиристода шудаем, то бар сари онҳо бороне аз гил ва санг биборем. Сангҳое, ки назди Парвардигорат барои исрофкорон нишондор аст. Ва аз мӯъминон ҳар кас, ки он ҷо буд берун овардем. Ва дар ҳамаи он диёр, ба ҷуз як хонаводаи муслим ва худопараст, наёфтем. Ва барои онон, ки аз азоби дардноки Худованд метарсанд, нишона ва ибрате ниҳодем.*[1]

4-Ва дар сураи Шуаро оёти 160-173:

*Қавми Лут, паёмбаронро рад карданд. Ҳангоме, ки бародарашон Лут ба онҳо гуфт: оё аз Худо наметарсед ва тақво пеша намекунед? Ман барои шумо паёмбари амин ва хайрхоҳам, аз Худо битарсед ва итоат кунед. Ман аз шумо музде бар ин (рисолат) намехоҳам, ки музди ман ҷуз ба ӯҳдаи Парвардигори ҷаҳониён намебошад. Оё ба мардони замона рӯ мекунед ва занонатонро, ки*

---

[1] Сураи Зориёт, оёти 24-37.

هَلْ أَتَاكَ حَدِيثُ ضَيْفِ إِبْرَاهِيمَ الْمُكْرَمِينَ {24} إِذْ دَخَلُوا عَلَيْهِ فَقَالُوا سَلَاماً قَالَ
سَلَامٌ قَوْمٌ مُّنكَرُونَ {25} فَرَاغَ إِلَى أَهْلِهِ فَجَاء بِعِجْلٍ سَمِينٍ {26} فَقَرَّبَهُ إِلَيْهِمْ قَالَ
أَلَا تَأْكُلُونَ {27} فَأَوْجَسَ مِنْهُمْ خِيفَةً قَالُوا لَا تَخَفْ وَبَشَّرُوهُ بِغُلَامٍ عَلِيمٍ {28}
فَأَقْبَلَتِ امْرَأَتُهُ فِي صَرَّةٍ فَصَكَّتْ وَجْهَهَا وَقَالَتْ عَجُوزٌ عَقِيمٌ {29} قَالُوا كَذَلِكَ قَالَ
رَبُّكِ إِنَّهُ هُوَ الْحَكِيمُ الْعَلِيمُ {30} قَالَ فَمَا خَطْبُكُمْ أَيُّهَا الْمُرْسَلُونَ {31} قَالُوا إِنَّا
أُرْسِلْنَا إِلَى قَوْمٍ مُّجْرِمِينَ {32} لِنُرْسِلَ عَلَيْهِمْ حِجَارَةً مِّن طِينٍ {33} مُسَوَّمَةً عِندَ
رَبِّكَ لِلْمُسْرِفِينَ {34} فَأَخْرَجْنَا مَن كَانَ فِيهَا مِنَ الْمُؤْمِنِينَ {35} فَمَا وَجَدْنَا فِيهَا
غَيْرَ بَيْتٍ مِّنَ الْمُسْلِمِينَ {36} وَتَرَكْنَا فِيهَا آيَةً لِّلَّذِينَ يَخَافُونَ الْعَذَابَ الْأَلِيمَ {37}

*Парвардигоратон барои шумо офарида, аст вомегузоред (нигоҳ намекунед)?! Ростӣ, ки шумо мардуми таҷовузгар ҳастед. Гуфтанд: эй Лут! Агар аз ин пас даст аз наҳй ва манъ набардорӣ туро аз шаҳр берун хоҳем кард. Лут гуфт: ман аз душманони сарсахти кори шумо ҳастам. Парвардигоро! Маро ва хонаводаамро аз корҳои (зиште) ки муртакиб мешаванд, наҷот деҳ. Мо, ӯ ва ҳамаи хонаводаашро наҷот додем, магар пиразане, ки ҷузъи боқимондагон буд (ва бояд ҳалок мешуд). Сипас дигаронро ҳалок кардем. Бар онҳо боронидем, чӣ бороне. Ва чӣ бад буд борони таҳдидшудагон!*[1]

## Намунаи саввум: Иброҳим ва Исмоил алайҳиссалом ва бинои Каъба

1-Худованди субҳон дар сураи Иброҳим, оёти 35-37-39-41 мефармояд:

*Ва ба ёд овар ваҷтеро ки Иброҳим арз кард: Парвардигоро! Ин шаҳр (Макка)-ро амн гардон ва*

---

[1] Сураи Шуаро, оёти 160-173.

كَذَّبَتْ قَوْمُ لُوطٍ الْمُرْسَلِينَ {160} إِذْ قَالَ لَهُمْ أَخُوهُمْ لُوطٌ أَلَا تَتَّقُونَ {161} إِنِّي لَكُمْ رَسُولٌ أَمِينٌ {162} فَاتَّقُوا اللَّهَ وَأَطِيعُونِ {163} وَمَا أَسْأَلُكُمْ عَلَيْهِ مِنْ أَجْرٍ إِنْ أَجْرِيَ إِلَّا عَلَى رَبِّ الْعَالَمِينَ {164} أَتَأْتُونَ الذُّكْرَانَ مِنَ الْعَالَمِينَ {165} وَتَذَرُونَ مَا خَلَقَ لَكُمْ رَبُّكُمْ مِنْ أَزْوَاجِكُم بَلْ أَنتُمْ قَوْمٌ عَادُونَ {166} قَالُوا لَئِن لَّمْ تَنتَهِ يَا لُوطُ لَتَكُونَنَّ مِنَ الْمُخْرَجِينَ {167} قَالَ إِنِّي لِعَمَلِكُم مِّنَ الْقَالِينَ {168} رَبِّ نَجِّنِي وَأَهْلِي مِمَّا يَعْمَلُونَ {169} فَنَجَّيْنَاهُ وَأَهْلَهُ أَجْمَعِينَ {170} إِلَّا عَجُوزاً فِي الْغَابِرِينَ {171} ثُمَّ دَمَّرْنَا الْآخَرِينَ {172} وَأَمْطَرْنَا عَلَيْهِم مَّطَراً فَسَاء مَطَرُ الْمُنذَرِينَ {173}

*ману фарзандонамро аз парастиши ин бутҳо дур дор. Парвардигоро! Инон бисёре аз мардумонро гумроҳ кардаанд, пас ҳар кас, ки маро пайравӣ кунад аз ман аст ва ҳар кас, ки маро нофармонӣ кунад, ту омурзанда ва меҳрубонӣ. Парвардигоро! Ман бахше аз хонаводаамро дар биёбони беобу алаф наздики хонае, ки ҳарами туст сокин сохтам. Парвардигоро! То намоз гузоранд, пас дилҳои бархе мардумонро ба сӯи онҳо моил гардон, аз меваҳои гуногун ба онҳо рӯзӣ деҳ, шояд, ки шукргузор бошанд... Сипос Худоеро, ки дар солхӯрдагӣ, Исмоил ва Исҳоқро ба ман бахшид, Парвардигори ман шунавандаи дуо аст. Парвардигоро! Маро барподорандаи намоз қарор деҳ ва аз фарзандони ман низ. Парвардигоро! Дуои маро қабул фармо. Парвардигоро! Рӯзе, ки (мизони адл ва) ҳисоб барпо шавад, ман ва падару модарамро бо ҳамаи мӯъминон биёмурз.*[1]

2-Ва дар сураи Ҳаҷ оёти 26-27- ва 78:

***Ва из бавва'но ли-Иброҳима маконал байти ан ло тушрик бӣ шай'ан ва таҳҳир байтия***

---

[1] Сураи Иброҳим, оёти 35-37-39-41.

وَإِذْ قَالَ إِبْرَاهِيمُ رَبِّ اجْعَلْ هَـذَا الْبَلَدَ آمِناً وَاجْنُبْنِي وَبَنِيَّ أَن نَّعْبُدَ الأَصْنَامَ {35} رَبِّ إِنَّهُنَّ أَضْلَلْنَ كَثِيراً مِّنَ النَّاسِ فَمَن تَبِعَنِي فَإِنَّهُ مِنِّي وَمَنْ عَصَانِي فَإِنَّكَ غَفُورٌ رَّحِيمٌ {36} رَّبَّنَا إِنِّي أَسْكَنتُ مِن ذُرِّيَّتِي بِوَادٍ غَيْرِ ذِي زَرْعٍ عِندَ بَيْتِكَ الْمُحَرَّمِ رَبَّنَا لِيُقِيمُواْ الصَّلاَةَ فَاجْعَلْ أَفْئِدَةً مِّنَ النَّاسِ تَهْوِي إِلَيْهِمْ وَارْزُقْهُم مِّنَ الثَّمَرَاتِ لَعَلَّهُمْ يَشْكُرُونَ {37} الْحَمْدُ لِلّهِ الَّذِي وَهَبَ لِي عَلَى الْكِبَرِ إِسْمَاعِيلَ وَإِسْحَاقَ إِنَّ رَبِّي لَسَمِيعُ الدُّعَاء {39} رَبِّ اجْعَلْنِي مُقِيمَ الصَّلاَةِ وَمِن ذُرِّيَّتِي رَبَّنَا وَتَقَبَّلْ دُعَاء {40} رَبَّنَا اغْفِرْ لِي وَلِوَالِدَيَّ وَلِلْمُؤْمِنِينَ يَوْمَ يَقُومُ الْحِسَابُ {41}

***литтоифӣна вал қоимӣна варруккаъис суҷӯд. Ва аззин фин носи бил ҳаҷҷӣ я'тӯка риҷолан ва ъало кулии зомирин и'тӣна мин кулли фаҷҷин ъамӣқ. ...Ва ҷоҳадӯ филлоҳи ҳаққа ҷиҳодиҳи ҳуваҷтабокум ва мо ҷаъала ъалайкум фид дӣни мин ҳараҷин миллата абӣкум Иброҳима ҳува саммокумул муслимӣна мин қаблу... Ê***

***Ä***Ва ҳангоме ки макони хонаро барои Иброҳим омода кардем ва **(**фармудем:**)** чизеро бо ман шарик ва анбоз накун ва хонаамро барои тавофкунандагону муқимон ва саҷдагузорон**,** поку покиза гардон**.** Ва нидои ҳаҷ дар миёни мардумон сар деҳ**,** то пиёдаю савора бар маркабҳои логар аз дараҳои дур ба сӯи ту равон шаванд**...** **.** Ва дар роҳи Худо корзор кунед**,** корзоре**,** ки ӯро шоиста аст**.** Ӯ шуморо баргузид ва дар дин барои шумо душворӣ қарор надод**,** ойини падаронатон Иброҳим аст**,** ки ӯ шуморо аз пеш мусулмонон номида аст**...**[1]

3-Ва дар сураи Бақара, оёти 124-129:

*Ва ҳангоме***,** *ки Худованд Иброҳимро бо чанд чиз имтиҳон фармуд ва чун аз ӯҳдаи онҳо баромад Худованд гуфт: ман туро пешвои мардумон қарор додам***.** *Иброҳим гуфт: ва фарзандони маро низ***?**

---

[1] Сураи Ҳаҷ, оёти 26-27 ва 78.

**وَإِذْ بَوَّأْنَا لِإِبْرَاهِيمَ مَكَانَ الْبَيْتِ أَن لَّا تُشْرِكْ بِي شَيْئاً وَطَهِّرْ بَيْتِيَ لِلطَّائِفِينَ وَالْقَائِمِينَ وَالرُّكَّعِ السُّجُودِ** {26} **وَأَذِّن فِي النَّاسِ بِالْحَجِّ يَأْتُوكَ رِجَالاً وَعَلَى كُلِّ ضَامِرٍ يَأْتِينَ مِن كُلِّ فَجٍّ عَمِيقٍ** {27}

**وَجَاهِدُوا فِي اللَّهِ حَقَّ جِهَادِهِ هُوَ اجْتَبَاكُمْ وَمَا جَعَلَ عَلَيْكُمْ فِي الدِّينِ مِنْ حَرَجٍ مِّلَّةَ أَبِيكُمْ إِبْرَاهِيمَ هُوَ سَمَّاكُمُ الْمُسْلِمينَ مِن قَبْلُ ...** {78}

*Худованд фармуд: Паймони ман ба ситамкорон намерасад. Ва ҳангоме ки Каъбаро мақоми амн ва мурочиати мардумон қарор додем. Ва муқаррар доштем, ки аз мақоми Иброҳим чойгоҳе барои намоз интихоб кунед ва аз Иброҳиму Исмоил паймон гирифтем, ки хонаи маро барои тавофкунандагон ва эътикофкунандагон ва сачдагузорон, поку покиза доранд. Ва ҳангоме ки Иброҳим арз кард: Парвардигоро! Ин шаҳрро чойгоҳи амн қарор деҳ ва мардумонашро, ки ба Худо ва рӯзи қиёмат имон овардаанд аз меваҳо рӯзӣ деҳ. Худованд фармуд: ҳар кас, ки куфр варзад, дар дунё низ андаке ӯро баҳраманд кунам, лекин дар охират дар оташи дӯзах, ки манзилгоҳи баде аст, ӯро ҳатман азоб хоҳам дод. Ва он гоҳ, ки Иброҳим ва Исмоил пояҳои хонаро боло оварданд, гуфтанд: Парвардигоро! Ин хидматро аз мо бипазир, ки ту шунаво ва доно ҳастӣ. Парвардигоро! Моро таслим фармони худ гардон ва фарзандони моро низ уммати таслим дар баробари фармонҳои худ бидор ва равиши ибодатро ба мо нишон деҳ ва бар мо бибахшой, ки ту бахшанда ва меҳрубонӣ. Парвардигоро! Дар миёни эшон паёмбаре аз худашон барангез, то оёти туро барояшон бихонад ва онҳоро китоб ва ҳикмат биёмӯзад, ки ту азиз ва ҳакимӣ.*[1]

[1] Сураи Бақара, оёти 124-129.
وَإِذِ ابْتَلَى إِبْرَاهِيمَ رَبُّهُ بِكَلِمَاتٍ فَأَتَمَّهُنَّ قَالَ إِنِّي جَاعِلُكَ لِلنَّاسِ إِمَاماً قَالَ وَمِن ذُرِّيَّتِي
قَالَ لاَ يَنَالُ عَهْدِي الظَّالِمِينَ {124} وَإِذْ جَعَلْنَا الْبَيْتَ مَثَابَةً لِّلنَّاسِ وَأَمْناً وَاتَّخِذُواْ
مِن مَّقَامِ إِبْرَاهِيمَ مُصَلًّى وَعَهِدْنَا إِلَى إِبْرَاهِيمَ وَإِسْمَاعِيلَ أَن طَهِّرَا بَيْتِيَ لِلطَّائِفِينَ

4-Ва дар сураи Соффот, оёти 99-107:

***Ва қола иннӣ зоҳибун ило раббӣ саяҳдӣн. Рабби ҳаб лӣ минас солиҳӣн. Фабаширноҳу биғуломин ҳалӣм. Фаламмо балаға маъаҳус саъя қола ё бунайя иннӣ аро фил маноми аннӣ азбаҳука фанзур мозо таро, қола ё абати, ифъал мо ту'мару сатаҷидунӣ иншоаллоҳу минас собирӣн. Фаламмо асламо ва таллаҳу лилҷабӣн. Ва нодайноҳу ан ё Иброҳим. Қад саддақтар ру'ё инно казолика наҷзил муҳсинӣн. Инна ҳозо лаҳувал балоул мубӣн. Ва фадайноҳу бизабҳин ъазӣм Ê***

***Ä****Ва Иброҳим гуфт: ман ба сӯи Худо меравам, ки албатта ҳидоятам хоҳад фармуд. Парвардигоро! Маро фарзанди солеҳ ато кун. Пас ӯро ба писари бурдбор ва шикебо мужда додем. Ва он гоҳ, ки он писар рушд ёфт ва бо ӯ ба саъй ва амал шитофт Иброҳим гуфт: эй писари ман! Дар хоб дидаам, ки туро қурбонӣ мекунам, назари ту чист? Писар гуфт: эй падар! Он чиро, ки ба ту фармон дода шуда аст, ба анҷом расон, ки ба хости Худо маро аз собирон хоҳӣ ёфт. Пас чун ҳар ду таслими амри*

---

وَالْعَاكِفِينَ وَالرُّكَّعِ السُّجُودِ {125} وَإِذْ قَالَ إِبْرَاهِيمُ رَبِّ اجْعَلْ هَـذَا بَلَداً آمِناً وَارْزُقْ أَهْلَهُ مِنَ الثَّمَرَاتِ مَنْ آمَنَ مِنْهُم بِاللّهِ وَالْيَوْمِ الآخِرِ قَالَ وَمَن كَفَرَ فَأُمَتِّعُهُ قَلِيلاً ثُمَّ أَضْطَرُّهُ إِلَى عَذَابِ النَّارِ وَبِئْسَ الْمَصِيرُ {126} وَإِذْ يَرْفَعُ إِبْرَاهِيمُ الْقَوَاعِدَ مِنَ الْبَيْتِ وَإِسْمَاعِيلُ رَبَّنَا تَقَبَّلْ مِنَّا إِنَّكَ أَنتَ السَّمِيعُ الْعَلِيمُ {127} رَبَّنَا وَاجْعَلْنَا مُسْلِمَيْنِ لَكَ وَمِن ذُرِّيَّتِنَا أُمَّةً مُّسْلِمَةً لَّكَ وَأَرِنَا مَنَاسِكَنَا وَتُبْ عَلَيْنَا إِنَّكَ أَنتَ التَّوَّابُ الرَّحِيمُ {128} رَبَّنَا وَابْعَثْ فِيهِمْ رَسُولاً مِّنْهُمْ يَتْلُو عَلَيْهِمْ آيَاتِكَ وَيُعَلِّمُهُمُ الْكِتَابَ وَالْحِكْمَةَ وَيُزَكِّيهِمْ إِنَّكَ أَنتَ العَزِيزُ الحَكِيمُ {129}

*ҳақ шуданд ва Иброҳим писарро барои куштан пешонӣ ба хок ниҳод. Ӯро нидо додем, ки эй Иброҳим! Ту (маъмурияти) дар хоб гирифтаи худро анҷом додӣ ва мо некӯкоронро чунин подош медиҳем. Ин озмоише аст ошкору равшан ва мо ӯро ба қурбонии бузурге товон додем.*[1]

5-Ва дар сураи Оли Имрон, оёти 65, 67 ва 68, 95:

***Ё аҳлал китоби лима туҳоҷҷӯна фӣ Иброҳима ва мо унзилатит Тавроту вал Инҷӣлу илло мин баъдиҳи афало таъқилӯн. ...Мо кона Иброҳиму яҳӯдийян ва ло насронийян ва локин кона ҳанӣфан муслиман ва мо кона минал мушрикӣн. Инна авлан носи би-Иброҳима лиллазӣнат табиъӯҳу ва ҳозан набийю вал лазӣна оману валлоҳу валийюл му'минӣн. ...Қул садақаллоҳу фаттабиъӯ миллата Иброҳима ҳанӣфан ва мо кона минал мушрикӣн Ê***

*Ä Эй Аҳли китоб! Чаро дар оини Иброҳим бо якдигар муҷодила мекунед, дар ҳоле, ки Таврот ва Инҷил баъд аз ӯ нозил шуда аст, оё намеандешед?!... Иброҳим на яҳудӣ буд ва на насронӣ, лекин ба дини*

[1] Сураи Соффот, оёти 99-107.

وَقَالَ إِنِّي ذَاهِبٌ إِلَى رَبِّي سَيَهْدِينِ {99} رَبِّ هَبْ لِي مِنَ الصَّالِحِينَ {100}
فَبَشَّرْنَاهُ بِغُلَامٍ حَلِيمٍ {101} فَلَمَّا بَلَغَ مَعَهُ السَّعْيَ قَالَ يَا بُنَيَّ إِنِّي أَرَى فِي الْمَنَامِ أَنِّي
أَذْبَحُكَ فَانظُرْ مَاذَا تَرَى قَالَ يَا أَبَتِ افْعَلْ مَا تُؤْمَرُ سَتَجِدُنِي إِن شَاءَ اللَّهُ مِنَ
الصَّابِرِينَ {102} فَلَمَّا أَسْلَمَا وَتَلَّهُ لِلْجَبِينِ {103} وَنَادَيْنَاهُ أَنْ يَا إِبْرَاهِيمُ
{104} قَدْ صَدَّقْتَ الرُّؤْيَا إِنَّا كَذَلِكَ نَجْزِي الْمُحْسِنِينَ {105} إِنَّ هَذَا لَهُوَ الْبَلَاءُ
الْمُبِينُ {106} وَفَدَيْنَاهُ بِذِبْحٍ عَظِيمٍ {107}

*ҳанифи тавҳид ва ислом буд ва аз мушрикон набуд. Наздиктарини мардум ба Иброҳим касоне ҳастанд, ки пайрави ӯ ҳастанд ва ин паёмбар ва касоне, ки имон овардаанд. Ва Худованд сарпарасти мӯъминон аст... Бигӯ (эй паёмбар!) сухани Худо рост аст (на даъвои шумо), пас оини Иброҳимро пайравӣ кунед, ки дини пок ва беолоиш аст ва (Иброҳим) ҳаргиз аз мушрикон набуда аст.*[1]

6-Ва дар сураи Наҳл, ояти 123:

***Сумма авҳайно илайка анит табиъ миллата Иброҳима ҳанӣфан ва мо кона минал мушрикӣн Ê***

***Ä****Сипас ба ту ваҳӣ кардем, ки аз ойини поки Иброҳим пайравӣ кун, ки ӯ ҳаргиз ба Худои якто ширк наоварад.*[2]

7-Ва дар сураи Нисо, ояти 125:

***Ва ман аҳсану дӣнан мимман аслама ваҷҳаҳу лиллоҳи ва ҳува муҳсинун ват табаъа миллата***

---

[1] Сураи Оли Имрон, оёти 65, 67, 68 ва 95.
يَا أَهْلَ الْكِتَابِ لِمَ تُحَآجُّونَ فِي إِبْرَاهِيمَ وَمَا أُنزِلَتِ التَّورَاةُ وَالإنجِيلُ إِلاَّ مِن بَعْدِهِ أَفَلاَ تَعْقِلُونَ {65}
مَا كَانَ إِبْرَاهِيمُ يَهُودِيّاً وَلاَ نَصْرَانِيّاً وَلَكِن كَانَ حَنِيفاً مُّسْلِماً وَمَا كَانَ مِنَ الْمُشْرِكِينَ {67}
إِنَّ أَوْلَى النَّاسِ بِإِبْرَاهِيمَ لَلَّذِينَ اتَّبَعُوهُ وَهَـذَا النَّبِيُّ وَالَّذِينَ آمَنُواْ وَاللّهُ وَلِيُّ الْمُؤْمِنِينَ {68}
قُلْ صَدَقَ اللّهُ فَاتَّبِعُواْ مِلَّةَ إِبْرَاهِيمَ حَنِيفاً وَمَا كَانَ مِنَ الْمُشْرِكِينَ {95}

[2] Сураи Наҳл, ояи 123.
ثُمَّ أَوْحَيْنَا إِلَيْكَ أَنِ اتَّبِعْ مِلَّةَ إِبْرَاهِيمَ حَنِيفاً وَمَا كَانَ مِنَ الْمُشْرِكِينَ {123}

***Иброҳима ҳанӣфан ват тахазаллоҳу Иброҳима халӣло Ê***

*ÄДини чӣ касе беҳтар аст, аз он касе ки рӯ ба Худо карда ва некӯкор аст ва дини поки Иброҳимро пайравӣ карда аст? Ки Худованд Иброҳимро халил ва дӯсти худ гирифта аст.*[1]

## Намунаи чаҳорум: Иброҳим, Исҳоқ ва Яъқуб

1-Худованди субҳон дар сураи Марям, оёти 49 ва 50 мефармояд:

***Фаламмо иътазалаҳум ва мо яъбудӯна мин дуниллоҳи ваҳабно лаҳу Исҳоқа ва Яъқӯба ва куллан ҷаъално набийё. ...Ва ҷаъално лаҳум лисона сидқин ъалийё Ê***

*ÄЧун (Иброҳим) аз эшон ва аз он чи ки ба ҷои Худованд мепарастиданд канора гирифт, мо ба ӯ Исҳоқ ва Яъқубро ато кардем ва ҳамаро набӣ қарор додем... Ва зикри хайри баландовозае ба онҳо ато кардем.*[2]

2-Ва дар сураи Анбиё, оёти 72 ва 73:

***Ва ваҳабно лаҳу Исҳоқа ва Яъқӯба нофилатан ва куллан ҷаъално солиҳӣн. Ва ҷаъалноҳум***

---

[1] Сураи Нисо, ояи 125.

**وَمَنْ أَحْسَنُ دِيناً مِّمَّنْ أَسْلَمَ وَجْهَهُ لله وَهُوَ مُحْسِنٌ واتَّبَعَ مِلَّةَ إِبْرَاهِيمَ حَنِيفاً وَاتَّخَذَ اللّهُ إِبْرَاهِيمَ خَلِيلاً** {125}

[2] Сураи Марям, оёти 49 ва 50.

**فَلَمَّا اعْتَزَلَهُمْ وَمَا يَعْبُدُونَ مِن دُونِ اللَّهِ وَهَبْنَا لَهُ إِسْحَاقَ وَيَعْقُوبَ وَكُلّاً جَعَلْنَا نَبِيّاً** {49} **... وَجَعَلْنَا لَهُمْ لِسَانَ صِدْقٍ عَلِيّاً** {50}

***аимматан яҳдӯна биамрино ва авҳайно илайҳим фиълал хайроти ва иқомас салоти ва итоаз закоти ва конӯ лано ъобидӣн Ê***

***Ä** Ва мо ба ӯ **(**Иброҳим**)** Исҳоқ ва Яъқубро ато кардем ва ҳамаро солеҳ гардонидем**.** Ва ононро пешво қарор додем то **(**мардумонро**)** ба амри мо ҳидоят кунанд**.** Ва корҳои хайр ва некӯ ва барпо доштани намоз ва пардохтани закотро ба эшон ваҳӣ намудем ва онон парастандагони мо буданд**.**[1]*

3-Ва дар сураи Марям, ояти 58:

***Улоикал лазӣна анъамаллоҳу ъалайҳим минан набиййина мин зуррийяти Одама ва мимман ҳамално маъа Нӯҳин ва мин зуррийяти Иброҳима ва Исроила... Ê***

***Ä** Инон касоне ҳастанд**,** ки Худованд бар онон миннат ниҳода аст**,** расулоне аз миёни авлоди Одам ва авлоди ононе**,** ки бо Нӯҳ дар киштӣ нишондем ва авлоди Иброҳим ва Яъқуб ва Исроил**...**[2]*

**Шарҳи вожаҳо**

---

[1] Сураи Анбиё, оёти 72 ва 73.

وَوَهَبْنَا لَهُ إِسْحَاقَ وَيَعْقُوبَ نَافِلَةً وَكُلًّا جَعَلْنَا صَالِحِينَ {72} وَجَعَلْنَاهُمْ أَئِمَّةً يَهْدُونَ بِأَمْرِنَا وَأَوْحَيْنَا إِلَيْهِمْ فِعْلَ الْخَيْرَاتِ وَإِقَامَ الصَّلَاةِ وَإِيتَاءَ الزَّكَاةِ وَكَانُوا لَنَا عَابِدِينَ {73}

[2] Сураи Марям, ояи 58.

أُوْلَئِكَ الَّذِينَ أَنْعَمَ اللَّهُ عَلَيْهِم مِّنَ النَّبِيِّينَ مِن ذُرِّيَّةِ آدَمَ وَمِمَّنْ حَمَلْنَا مَعَ نُوحٍ وَمِن ذُرِّيَّةِ إِبْرَاهِيمَ وَإِسْرَائِيلَ ... {58}

**Ҳанӣфан**: Ҳаниф: шахси мухлисе, ки таслими фармони Худо аст ва дар ҳеҷ мавриде аз ӯ рӯйгардон нест; касе ки аз гумроҳӣ ба роҳи рост гароиш дорад.

**Ҳанаф**: аз гумроҳӣ ба роҳи рост гаравидан.

**Ҷанаф**: аз роҳи рост ба гумроҳӣ рӯй овардан.

**Роғa**: рӯй овард, мутаваҷҷеҳ шуд.

**Язиффӯн**: *заффа*: шитоб кард. Язиффун: шитоб мекунанд.

**Уффин**: калимае аст, ки баёнгари безорӣ ва нафрат мебошад.

**Ҷузозан**: *ҷаззаҳу*: онро шикаст ва тикка-тикка кард.

**Буҳита**: *буҳитар раҷул*: ҳайратзада шуд; дар баробари далел ва бурҳон мутаҳаййир гашт.

**Бавва'но**: *бавваaҳу манзилан*: ӯро фурӯд овард. Бавваал манзил: ҷойгоҳе барояш муҳайё сохт.

**Зомир**: *замурал ҷамал*: шутур лоғар ва камгӯшт ва устухонӣ шуд. Зомир, яъне шутури лоғар.

**Фаҷҷун амӣқ**: *ал-фаҷҷ*: роҳи кушода ва васеъ.

**Масобатун**: *ал-масоб вал масоба*: хона, паногоҳ.

**Таллаҳу**: Дар ин ҷо яъне ӯро ба рӯй андохт.

**Қонитан**: *қаната лиллоҳ*: фармонбардорӣ кард ва ибодати Худои Таолоро дар муддатҳои тӯлонӣ анҷом дод.

**Аввоҳ**: *ал'аввоҳ*: бисёр дуокунанда. Раҳим: меҳрубон ва нозукдил.

**Мунӣб**: бисёр тавбакунанда.

*Тоба илайҳ*: борҳо рӯй ба даргоҳаш овард. *Ноба илаллоҳ*: тавба кард ва ба Худо рӯй овард.

**Сарратун**: *ас-сарратун*: фарёд ва хурӯш.

**Фасаккат**: *саккат* дар ин ҷо яъне аз тааҷҷуб ва шигифтӣ латма ба чеҳра зад.

**Нофилатун**: зиёдатӣ.

Аз ҷумла маъноҳое, ки муносиби ин баҳс аст иборатанд аз: некии беш аз ҳад, ҳар чиро, ки писандида бошад ва фарзандзода зеро зоид бар фарзанд аст.

**Исройл**: Исроил лақаби ҳазрати Яъқуби паёмбар буд ва ба ҳамин хотир фарзандони он ҳазратро Бани Исроил гуфтаанд.[1]

## *Мавридҳои қобили таваҷҷӯҳ дар тафсири оёти гузашта ва намунаҳое аз саргузашти ҳазрати Иброҳими Халилуллоҳ(а) ва шеваи паёмбарон дар пешкаш кардани ақоиди Ислом*

### Намунаи нахустин: Иброҳим ва мушрикон

Дар Бобул, зодгоҳи ҳазрати Иброҳим(а) ба ҷои парастиши Худои ягона, се навъ парастиш ба шарҳи зер одат буда аст:

1-Парастиши ситорагон

2-Парастиши бутҳо

---

[1] Қомуси китоби муқаддас, луғати "Исроил".

3-Парастиши тоғути замон, яъне Намруд

Ҳазрати Иброҳим(а) дар баҳсу ҷидол бо мушрикон фақат бар далелҳои ақлии маҳз такя накард (коре, ки донишмандони илми калом пас аз интишори тарҷумаи китобҳои фалсафаи юнонӣ, аз қарни дуввуми ҳиҷрӣ то ба имрӯз анҷом дода ва медиҳанд) ва низ он ҳазрат дар далелҳои худ бар баҳсҳое монанди мумкинулвуҷуд,[1] воҷибулвуҷуд[2] ва мумтанеъулвуҷуд[3] таъкид наварзид, балки танҳо бар далелҳои ҳиссии ламсшаванда ва маъқул ба шарҳи зер такя карда аст. Таваҷҷӯҳ кунед:

## 1-Иброҳим(а) ва ситорапарастон

Иброҳими Халил(а) дар баҳсҳои худ бо ситорапарастон ором-ором қадам ба пеш мебардошт. Нахуст ба онҳо фармуд: шумо ашёи пурнурро Парвардигори худ медонед, моҳ, ки аз онҳо пурнуртар аст, пас ин Парвардигори ман мебошад?!

Ин натиҷагирӣ табиӣ, маҳсус ва маъқул аст ва ҳамин амр зина ба зина ба ин марҳала мерасад, ки зеҳнҳои онҳо аз моҳ, таваҷҷӯҳ ба офтоб мекунад. Иброҳим мегӯяд: ин (офтоб) парвардигори ман аст, зеро ин ки калонтар ва пурнуртар аст?! Таваҷҷӯҳ ба бузургӣ ва пурнур будани офтоб, зеҳнҳои ситорапарастонро баъд аз ғуруби офтоб ва аз байн рафтани нури он ба ин амр

---

[1] Мавҷуде, ки ҳаст шуданаш мумкин аст.

[2] Мавҷуде, ки ҳаст шуданаш зарур аст.

[3] Мавҷуде, ки ҳаст шуданаш мумкин нест.

мутаваҷҷеҳ месозад, ки чизи азбайнраванда лоиқи парастиш нест. Ин ҷост, ки Иброҳим[(а)] мегӯяд:

***Иннӣ барӣун миммо тушрикӯн. Иннӣ ваҷҷаҳту ваҷҳия лиллазӣ фатарас самовоти вал арз...*** Ê

Ä *Эй гурӯҳи мушрикон! Ман аз он чи шумо шарики Худо қарор медиҳед, безорам. Ман бо имони холис рӯй бар сӯи Худое овардам, ки офаринандаи осмонҳо ва Замин аст.*[1]

## 2-Иброҳим бо бутпарастҳо

Бутпарастҳо, бутро дуо мекарданд ва аз онҳо мехостанд то барояшон борон бифиристанд. Аз онҳо дар рондани душманон шафоат ва ёрӣ меҷустанд ва низ рӯй ба онҳо оварда бароварда шудани ниёзҳояшонро ошкоро ва пинҳон аз онҳо талаб мекарданд!

Дар ин ҷо барои ошкор сохтани нотавонӣ ва дармондагии ин бутҳо дар боварҳои бутпарастон ҳеҷ далеле кӯбандатар аз шикастани он бутҳо ва масхара кардани боварҳои онҳо вуҷуд надошт.

Қаҳрамони тавҳид ҳамин роҳро дар пеш гирифт ва бо диққати зиёд бутҳоро пора-пора сохт ва дар охир табарашро бар гардани бути калон ниҳод!

---

[1] Сураи Анъом, ояи 78- 79

... إِنِّي بَرِيءٌ مِّمَّا تُشْرِكُونَ {78} إِنِّي وَجَّهْتُ وَجْهِيَ لِلَّذِي فَطَرَ السَّمَاوَاتِ وَالأَرْضَ ...{79}

Бутпарастон замоне ки аз маросими идашон бозгаштанд ва бутҳояшонро шикаста ёфтанд, аз якдигар мепурсиданд, ки чӣ касе ба худоёни мо чунин кардааст?

Гуфтанд: ҷавонеро шунидаем, ки ба масхара аз онҳо ёд мекард, ба ӯ Иброҳим мегӯянд!

Гуфтанд:

> ***Фа'тӯ биҳи ъало аъюнин носи лаъаллаҳум яшҳадӯн*** **Ê**
>
> **Ä***Дар ҳузури ҷамоат ва пеши чашмҳои мардум ӯро ҳозир созед*, *то бар ин кори ӯ гувоҳӣ диҳанд*.[1]

Ва чун ӯро оварданд, аз ӯ пурсиданд:

> ***А анта фаъалта ҳозо биолиҳатино ё Иброҳим. Қола бал фаъалаҳу кабируҳум ҳозо, фас'алуҳум ин конӯ янтиқӯн*** **Ê**
>
> **Ä***Оё ту бо Худоёни мо чунин кардӣ*? *Иброҳим дар мақоми мунозира гуфт: балки ин корро бузурги он карда аст*. *Шумо аз ин бутҳо савол кунед*, *агар сухан мегӯянд*.[2]

Далели Иброҳим дар ҳадди қотеътарин далели равшан, пирӯз шуд. Мушрикон дар худ фурӯ рафтанд ва бо хештан гуфтанд:

---

[1] Сураи Анбиё ояи 61

قالُوا فَأْتُوا بِهِ عَلى أَعْيُنِ النَّاسِ لَعَلَّهُمْ يَشْهَدُونَ (61)

[2] Сураи Анбиё, оёти 62-63

قالُوا أَ أَنْتَ فَعَلْتَ هذا بِآلِهَتِنا يا إِبْراهِيمُ (62) قالَ بَلْ فَعَلَهُ كَبِيرُهُمْ هذا فَسْئَلُوهُمْ إِن كانُوا يَنْطِقُونَ (63)

***Иннакум антумуз золимӯн Ê***

***Ä**Шумо ситамкор ҳастед**,** на Иброҳим**,** ки онҳоро шикаста аст**.**[1]*

Пас сарҳо ба зер афканданд ва ҷавобе надоштанд, ки бидиҳанд ва ба хубӣ медонистанд, ки бутҳо сухан намегӯянд! Онон аз муқобила бо далели Иброҳим(а) дармонда шуданд. Ин аз он ҷиҳат буд, ки бутҳо дар дифоъ аз хештан дармонда ва нотавонанд, чӣ расад, ки битавонанд фоида ва нафъе ба мардум бирасонанд! Аз ин сабаб:

***Фамо кона ҷавоба қавмиҳи илло ан қолӯ уқтулӯҳу ав ҳарриқӯҳу... Ва қолубнӯ лаҳу бунёнан фаалқӯҳу фил ҷаҳӣм Ê***

***Ä** (Баъд аз ин ҳама насиҳатҳо ва андарзи Иброҳим**)** Боз қавм ҷуз он ки гуфтанд**:** ӯро бикушед ва дар оташ биандозед**,** посух надоданд**...** Қавм **(**ҳуҷҷат ва бурҳонашро нашунида гирифтанд ва**)** гуфтанд**:** бояд бар ӯ оташхонае бисозед ва ӯро дар оташ бисӯзонед**.** [2]*

***Ҳаррикӯҳу вансурӯ олиҳатакум ин кунтум фоъилӣн. Қулно ё нору кӯнӣ бардан ва саломан ъало Иброҳим. Ваародӯ биҳи кайдан фаҷаъалноҳумул ахсарӣн Ê***

---

[1] Сураи Анбиё 64

**... إِنَّكُمْ أَنْتُمُ الظَّالِمُونَ (64)**

[2] Сураи Анкабут ояи 24 ва Соффот ояи 97

**فما كانَ جَوابَ قَوْمِهِ إِلاَّ أَنْ قالُوا اقْتُلُوهُ أَوْ حَرِّقُوهُ ... (24)**

**قالُواْ ابْنُواْ لَهُ بُنْيانًا فَأَلْقُوهُ فِي الْجَحِيمِ (97)**

*Ä Ва гуфтанд: ӯро бисӯзонед ва худоёни худро ёрӣ кунед, агар* **(***ба ризои худоён***)** *коре хоҳед кард.* **(***Он қавм оташи азим барафрӯхтанд ва Иброҳимро дар он афкананд***)** *Мо хитоб кардем, ки: эй оташ! Бар Иброҳим сард ва саломат бош. Онон дар мақоми макру кинаи ӯ баромаданд ва мо макрашонро ботил карда, онҳоро ба зиён андохтем.*[1]

### 3-Иброҳим ва тоғути замонаш

Иброҳим[(a)] бар тоғути замонаш Намруд, ки ҳукумати паҳновареро дар даст дошт ва иддаои худоӣ мекард, баҳсу ҷидол кард. Худованд мефармояд:

***Алам тара илал лазӣ ҳоҷҷа Иброҳима фӣ раббиҳи ан атоҳуллоҳул мулка... Ê***

*Ä Оё надидӣ он касро, ки Худо ба ӯ мулк ато карда буд, бо Иброҳим дар бораи Парвардигораш баҳс* **(***ва ҷадал***)** *кард...*[2]

Ва ҳамон тавр ки шеваи Қуръон дар баёни мавзеи ибрат аз баҳс мебошад, пас аз он фармуда аст:

***Из қола Иброҳиму раббил лазӣ юҳйӣ ва юмӣт Ê***

---

[1] Сураи Анбиё оёти 68, 69, 70

... حَرِّقُوهُ وَ انْصُرُوا آلِهَتَكُمْ إِنْ كُنْتُمْ فاعِلِين {68}
قُلْنا يا نارُ كُونِي بَرْداً وَ سَلاماً عَلى إِبْراهِيمَ {69}
وَ أَرادُوا بِهِ كَيْداً فَجَعَلْناهُمُ الْأَخْسَرِينَ {70}

[2] Сураи Бақара ояи 258

أَ لَمْ تَرَ إِلَى الَّذِي حَاجَّ إِبْراهِيمَ فِي رَبِّهِ أَنْ آتاهُ اللَّهُ الْمُلْكَ {258}

**Ä***Он гоҳ, ки Иброҳим* **(***ба Намруд***)** *гуфт: Парвардигори ман касе аст, ки зинда мекунад ва мемиронад.*[1]

Ин сухан дар муқобили иддаои рубубияти Намруд зада шуда аст ва Қуръон баъд аз он сухани Намрудро дар баробари ҳазрати Иброҳим овада аст, ки “***Ано уҳйи ва умит***”,- *ман ҳам зинда мекунам ва мемиронам.*[2]

Намруд фавран фармон медиҳад, то инсони озодеро гирифта ба қатл расонанд ва маҳкум ба маргеро низ озод кунанд! Ӯ ба хаёли худаш иддаоеро, ки карда буд, чунин собит кард. Дар ин ҷо ҳазрати Иброҳим даст ба ҷидоли ақлӣ бо Намруд назад, ки куштани як бегуноҳи озод ва раҳо сохтани як маҳкум ба марг, мирондан ва зинда кардани як ҳақиқат нест, балки истидлоли маҳсус ва маъқули дагаре дар пеш кашид, ки:

***Фаинналлоҳа я'тӣ бишшамси минал машриқи фа'ти биҳо минал мағриб. Фабуҳитал лазӣ кафар*** **Ê**

**Ä***Худованд офтобро аз машриқ меоварад, ту онро аз мағриб биёвар, ки он кофир мабҳут монд!”*[3]

---

[1]Сураи Бақара 258

إِذْ قَالَ إِبْرَاهِيمُ رَبِّيَ الَّذِي يُحْيِي وَ يُمِيتُ {258}

[2] Сураи Бақара 258

قَالَ أَنَا أُحْيِي وَ أُمِيتُ {258}

[3] Сураи Бақара 258.

... فَإِنَّ اللّهَ يَأْتِي بِالشَّمْسِ مِنَ الْمَشْرِقِ فَأْتِ بِهَا مِنَ الْمَغْرِبِ فَبُهِتَ الَّذِي كَفَرَ ... {258}

Ҳазрати Иброҳими Халилурраҳмон инчунин далоили маҳсус ва маъқулро дар баҳсҳои худ бо мушрикон ба кор мебарад. Дигар паёмбарон низ дар баробари мушрикони асри худ ҳамин равишро пеш гирифтаанд.

Қуръони карим низ, он гоҳ ки бо ҳамаи мардум сухан мегӯяд ва ё гурӯҳҳои мухталифи мушрикинро мухотаб қарор медиҳад, ҳамин равишро пиёда мекунад ва дар истидлол, танҳо донишманд ва ё файласуфро дар назар намегирад. Масалан, дар сураи Ҳаҷ, ояти 73 мисоли маҳсус ва маъқуле барои ҳамаи инсонҳо меоварад, ки:

***Ё айюҳан носу зуриба масалун фастамиъӯ лаҳу, инналлазӣна тадъӯна мин дӯниллоҳи лан яхлуқӯ зубобан*** **Ê**

**Ä***Эй мардум! Масале зада шуд, ба он гӯш фаро диҳед. Бутҳоеро, ки шумо ба ҷои Худо мепарастидед, ҳаргиз наметавонанд ҳатто магасе биофаранд.*[1]

Худои таоло дар мисоле, ки оварда аст сухан аз ҳашароти нопоке ба миён оварда аст, ки ҳама кас аз он нафрат доранд ва дар ҳама ҷо ҳам пайдо мешавад. Мефармояд: бутҳоеро, ки ба ҷои Худо ибодат мекунед, то ниёзи зиндагонии шуморо дар дунё баровварда кунанд, аз офаридани ҳашароти нопок ва пасте чун

---

[1]Сураи Ҳаҷ, ояи 73

**يا أَيُّهَا النَّاسُ ضُرِبَ مَثَلٌ فَاسْتَمِعُوا لَهُ إِنَّ الَّذِينَ تَدْعُونَ مِنْ دُونِ اللَّهِ لَنْ يَخْلُقُوا ذُباباً**

{73}

магас оҷизанд ва онро бо лафзи “*лан*” яъне *ҳаргиз*, оварда аст, то чунин тавоноиро аз онҳо нафйи абад карда бошад. Сипас бештар ба баёни аҷз ва нотавонии худоёни сохтагии мавриди парастиши онҳо пардохта фармуда аст:

***Ва ин яслубҳумуз зубобу шай'ан ло ястанқизӯҳу минҳ Ê***

***Ä** Ва агар магас чизе аз онҳо бигирад**,** натавонанд аз ӯ боз бигиранд**.**[1]*

Ин магас бо ҳамин хурдӣ ва нотавонияш, агар аз хуни Фиръавн (тоғути Миср) ва ё говҳое, ки худоёни ҳиндуҳост (ва дигар худоёни инхелии башар) миқдоре дар ҳадди худ бимакад, он худо қодир нест то ҳаққи худро аз он ҳашароти нопок ва хурди нотавон бозпас бигирад! Он гоҳ матлабро ба авҷ расонда мефармояд:

***“Мо қадаруллоҳа ҳаққа қадриҳи”.**[2]*

Ин бандагони нотавон, Худоро (он тавр, ки бояд ва шояд мешинохтанд) нашинохтаанд. Зеро барои Худое, ки холиқи осмонҳо ва замин аст, он маҷудоти хор ва заифро шарик қарор додаанд!

Баҳсу мунозираи Худованд ва паёмбаронаш аз ин қарор аст ва дар онҳо чизе аз равиши уламои илми

---

[1] Сураи Ҳаҷ 73

وَ إِنْ يَسْلُبْهُمُ الذُّبابُ شَيْئاً لا يَسْتَنْقِذُوهُ مِنْهُ {73}

[2] Сураи Анъом, ояи 91

... ما قَدَرُوا اللَّهَ حَقَّ قَدْرِهِ {91}

калом, ки дар таълифоти онҳо омада аст, дида намешавад. Ростӣ кадом равиш шоистатар аст то дар мунозира ва эҳтиҷоҷ ба кор бурда шавад?!

Ҳазрати Иброҳим(а) дар зодгоҳаш Бобул, бо ситорапарастон ва бутпарастҳо ва тоғути замонаш ба муқобила бархоста аст. Ӯ пас аз ин ки ба сарзамини Канъониён дар Шом муҳоҷират намуд, дар он ҷо низ моҷароҳое ба шарҳи зер дошта аст.

### Намунаи дуввум: ҷойгоҳи Иброҳим(а) дар достони қавми Лут

Худои таоло дар сураи Анкабут, ояти 26 мефармояд:

***Фаомана лаҳу Лӯт...*** **Ê**

**Ä***Лут ба ӯ* **(***яъне ба Иброҳим***)** *имон овард***.**[1]

Аз ин ояи шарифа чунин бармеояд, ки ҳазрати Лут(а) ба шариати Иброҳими Халил(а) амал мекарда аст. Худованд ӯро ба диёре, ки дар он корҳои зиште сурат мегирифта аст, фиристода аст[2], то дар он ҷо шариати ҳазрати Иброҳимро таблиғ кунад. Худои таоло дар сураи Соффот, ояти 133 мефармояд:

***Ва инна Лӯтан ламинал мурсалӣн*** **Ê**

---

[1] Сураи Анкабут, ояи 26.

فَآمَنَ لَهُ لُوطٌ ... {26}

[2] Ба тафсири ояи шарифа дар тафсирҳои Табарӣ, Қуртубӣ, Ибни Касир ва Суютӣ мурочиат кунед.

*ÄЛут аз паёмбарон буда аст.*[1]

Ва аз мавориди хабари Иброҳим бо Лут[(а)] мавзее аст, ки он ҳазрат дар масъалаи нузули азоби Худо бар қавми Лут[(а)] гирифта аст. Ин мавзеъгирӣ дар Қуръон чунин омада аст:

А) Дар сураи Анкабут, ояти 32:

***Қола инна фӣҳо Лӯтан қолӯ наҳну аъламу биман фӣҳо ланунаҷҷияннаҳу ва аҳлаҳу илло имраатаҳу конат минал ғобирӣн Ê***

*Ä(Иброҳим ба фариштагони маъмури азоби қавми Лут) Гуфт: Лут дар ин диёр аст. Посух доданд, ки мо ба сокинони он ҷо донотарем. Лут ва хонаводаашро наҷот медиҳем, магар занашро, ки ҷузъи ҳалокшавандагон аст.*[2]

Б) Дар сураи Ҳуд, оёти 74-76:

***Фаламмо заҳаба ъан Иброҳимар равъу ва ҷоатҳул бушро юҷодилуно фӣ қавми Лӯт. Инна Иброҳима лаҳалӣмун аввоҳун мунӣб. Ё Иброҳиму аъриз ъан ҳозо иннаҳу қад ҷоа амру раббика ва иннаҳум отӣҳум ъазобун ғайру мардӯд Ê***

---

[1] Сураи Соффот, ояи 133.

وَإِنَّ لُوطاً لَّمِنَ الْمُرْسَلِينَ {133}

[2] Сураи Анкабут, ояи 32.

قَالَ إِنَّ فِيهَا لُوطاً قَالُوا نَحْنُ أَعْلَمُ بِمَن فِيهَا لَنُنَجِّيَنَّهُ وَأَهْلَهُ إِلَّا امْرَأَتَهُ كَانَتْ مِنَ الْغَابِرِينَ {32}

***Ä****Чун тарс аз Иброҳим рафт ва мужда бар ӯ омад, бо мо дар бораи қавми Лут муҷодила мекард. Иброҳим бисёр шикебо, тазаррӯъкунанда ва тавбакунанда буд. Эй Иброҳим! Аз ин даргузар, ки фармони Парвардигорат омада аст ва онҳоро азоби бебозгаште фаро расида аст.*[1]

Ҷидолеро, ки Худованд аз он хабар медиҳад, ҷидоли Иброҳим[(а)] бо фариштагони маъмури азоб буда аст ва ҳангоме ба вуқӯъ пайваста аст, ки фариштагон он ҳазратро огоҳ карда буданд, ки Худованд эшонро маъмури ҳалокати қавми Лут карда аст. Иброҳим аз эшон мепурсад: агар дар миёни он шаҳр гурӯҳе аз мусулмонон бошад боз ҳам мардумони он ҷоро ҳалок мекунед?

Ва дар ривоёт омада аст, ки Иброҳим[(а)] пурсид: агар дар он ҷо панҷоҳ нафар мусулмонон сокин бошанд, эшонро ҳалок мекунед?

Фариштагон посух доданд: агар панҷоҳ нафар бошанд албатта, ки на.

Пурсид: агар чиҳил нафар?

Гуфтанд: агар чиҳил нафар ҳам бошанд на.

Пурсид: агар сӣ нафар?

Фариштагон гуфтанд: агар сӣ нафар ҳам бошанд на!

---

[1] Сураи Ҳуд, оёти 74-76.

فَلَمَّا ذَهَبَ عَنْ إِبْرَاهِيمَ الرَّوْعُ وَجَاءَتْهُ الْبُشْرَى يُجَادِلُنَا فِي قَوْمِ لُوطٍ {74} إِنَّ إِبْرَاهِيمَ لَحَلِيمٌ أَوَّاهٌ مُّنِيبٌ {75} يَا إِبْرَاهِيمُ أَعْرِضْ عَنْ هَذَا إِنَّهُ قَدْ جَاءَ أَمْرُ رَبِّكَ وَإِنَّهُمْ آتِيهِمْ عَذَابٌ غَيْرُ مَرْدُودٍ {76}

Ва ҳамин тавр идома дод то он ҷо, ки пурсид: агар дар миёни онҳо даҳ нафар мусулмон бошад чи тавр?

Фариштагон гуфтанд: ҳатто агар даҳ нафар мусулмон дар миёни онҳо бошад, онҳоро ҳалок нахоҳем кард.

Ва аз ҳамин лутфи Қуръон, ки мефармояд:

***“Қола инна фӣҳо Лӯтан”,***

мушаххас мешавад, ки танҳо ҳазрати Лут буда аст ва фариштагон гуфта будаанд, ки ҳатто агар як нафар мусулмон бошад, онҳоро азоб нахоҳем кард. Ин буд, ки Иброҳим ба онҳо фармуд: Лут, ки дар миёни онҳост ва билофосила фариштагон гуфтанд: ӯро наҷот медиҳем.

Дилсӯзӣ ва утуфате, ки ҳазрати Иброҳим(а) нисбат ба қавми Лут иброз дошта аст ва кӯшишеро, ки он ҳазрат барои дафъи азоб аз эшон ба кор бурда аст, мавриди тамҷид ва таърифи Худои таоло қарор гирифта ва фармуда аст:

***“Инна Иброҳима лаҳалӣмун аввоҳун мунӣб”.***[1]

## Намунаи саввум, хабари Иброҳим ва Исмоил(а), сохтани Каъба ва нидо ба ҳаҷ

Сора ҳамсари Иброҳим(а) ва духтархолаи ӯ буд. (Аз он ҷо, ки ӯ аз Иброҳим фаразанде надошт) канизи худ Ҳоҷарро ба Иброҳим бахшид, то бо ӯ омезиш кунад.

[1] Сураи Ҳуд, ояи 75

إِنَّ إِبْرَاهِيمَ لَحَلِيمٌ أَوَّاهٌ مُنِيبٌ {75}

Ҳоҷар бордор шуд ва Исмоил[a]-ро ба дунё овард. Аз дидани Ҳоҷар ва Исмоил рашку ҳасодат ба ҷони Сора афтод, лизо аз шавҳараш Иброҳим хост, ки Ҳоҷар ва фарзандаш Исмоилро аз пеши чашми ӯ дур карда, он дуро дар сарзамини ғайри қобили кишт сокин гардонад. Худованд низ ба Иброҳим фармон дод то хостаҳои завҷааш Сорaро бароварда созад.

Иброҳим, Ҳоҷар ва Исмоилро бар чаҳорпое нишонд ва рӯй бар биёбон ниҳод. Ӯ ҳар гоҳ ба сарзамини зироатдор ва обдоре мегузашт ва қасди фуруд омадан дар он ҷоро менамуд, Ҷабраили амин бо ваҳйи Худо ӯро, монеъ мешуд. Онҳо ба роҳи худ идома медоданд, то ин ки ба Макка дар замини "Форон" дар миёни кӯҳҳо, сангоҳои сиёҳ, замини ғайри қобили кишт, беоб, наздики Байтуллоҳилҳаром ва ҷое, ки маҳалли тавофи Одам[a] ва дигар паёмбарон буда аст, расиданд. Дар он ҷо буд, ки Ҷабраил[a] аз онҳо хост, ки дар ҳамон ҷо фуруд оянд ва бору буна бигзоранд. Иброҳим[a] фармон бурд ва зану фарзандашро дар он ҷо фуруд овард ва гуфт:

> ***Раббано иннӣ асканту мин зуррийятӣ биводин ғйри зӣ заръин ъинда байтикал муҳаррам. Раббано лиюқӣмус салота фаҷъал аф'идатан минан носи таҳвӣ илайҳим*** **Ê**
>
> **Ä** *Парвардигоро! Ман баъзе аз фарзандонамро дар дараи гайри қобили кишт, дар канори хонаи муҳтарами ту ҷой додам. Парвардигоро! То намоз*

*барпо доранд, пас дилҳои бархе аз мардумонро ба эшон мутамоил кун.*[1]

Иброҳим[(а)] он дуро он ҷо гузошт ва ба манзили худ дар Шом бозгашт.

Обе, ки Ҳоҷар ба ҳамроҳ дошт тамом шуд. Шираш низ хушк шуд ва дар гармои кушандаи Ҳиҷоз марг бар чеҳраи кӯдаки бегуноҳ болу пар кушод. Кӯдак аз шиддати бетобӣ пошнаи по бар замин мезад ва Ҳоҷар саросема ба ҳар тараф сар мекашид ва девонавор ба ҷониби кӯҳи Сафо ба давидан оғоз кард ва аз он боло рафт то шояд дар он сӯи кӯҳ ва дар дара касеро бинад. Аммо чун касеро надид ва садое ба ҷуз акси садои худ нашунид аз Сафо поин омад ва рӯ ба кӯҳи Марва ниҳод ва аз он боло рафт. Ӯ ин рафту баргашт миёни ду кӯҳи Сафо ва Марваро ҳафт бор такрор кард ва дар ҳар навбат чун ба наздикии кӯдаки худ мерасид, бар суръати қадамҳои худ меафзуд. Пас аз поёни ҳафтумин бор саъй ва талош байни ду кӯҳ, ба назди кӯдакаш баргашт то аз ҳол ва вазъаш огоҳӣ ёбад, ки бо камоли шигифтӣ дид об аз зери пойҳои фарзандаш ҷорӣ шуда аст. Пас, бошитоб бо дастҳои худ хоки атрофи обро ҷамъ кард ва монеи ҳаракати он гардид. Сипас аз он об нӯшид, кӯдакашро низ сероб кард ва ӯро шир дод.

Замоне нагузашт, ки қофилае аз қабилаи Ҷарҳум аз он навоҳӣ дар ҳоли гузаштан буд. Онон аз вуҷуди

---

[1] Иброҳим 37
رَبَّنَا إِنِّي أَسْكَنْتُ مِنْ ذُرِّيَّتِي بِوَادٍ غَيْرِ ذِي زَرْعٍ عِنْدَ بَيْتِكَ الْمُحَرَّمِ رَبَّنَا لِيُقِيمُوا الصَّلَاةَ فَاجْعَلْ أَفْئِدَةً مِنَ النَّاسِ تَهْوِي إِلَيْهِمْ {37}

паррандагон дар фазои Макка ба ҷустуҷӯи иллати он баромаданд, ки ба вуҷуди об дар он сарзамини сӯзон пай бурданд. Аз ин сабаб ба дидори Ҳоҷар ва фарзандаш Исмоил омада аз он бону иҷозат хостанд, ки дар канори ӯ фуруд оянд ва маскан гузинанд, ки Ҳоҷар бо пешниҳоди эшон мувофиқат фармуд.

Муддатҳо гузашт, Исмоил калон ва калонтар шуд. Ӯ духтаре аз қабилаи Ҷарҳумро ба ҳамсарӣ гирифт ва падараш Иброҳим(а) ба дидори эшон шитофт ва Худованд низ ба Иброҳим фармон дод Каъбаро аз нав созад.

Иброҳим бо кӯмаки фарзанди худ Исмоил Каъбаро сохт ва Худованд низ аъмоли ҳаҷро ба ӯ омӯхт. Иброҳим дар ҳамон ҳол, ки Каъбаро месохт аз Парвардигораш чунин дархост намуд:

> ***Раббано ваҷъално муслимайни лака ва мин зуррийятино умматан муслиматан лака Ê***
>
> ***Ä****Парвардигоро! Моро таслими фармони худ гардон ва фарзандони моро ҳам ба таслим ва ризои худ бидор.*[1]

Ва низ гуфт:

> ***Раббиҷъалнӣ муқӣмас салоти ва мин зуррийятӣ Ê***

---

[1] Сураи Бақара, ояи 128

رَبَّنا وَ اجْعَلْنا مُسْلِمَيْنِ لَكَ وَ مِنْ ذُرِّيَّتِنا أُمَّةً مُسْلِمَةً لَكَ ... {128}

*ÄПарвардигоро! Ман ва зурриямро намозгузор гардон.*[1] *Ва он гоҳ писаронашро чунин супориш фармуд:*

***Инналлоҳастафо лакумуд дӣна фало тамӯтунна илло ва антум муслимӯн Ê***

*ÄХудованд ин динро барои шумо баргузида аст, пас намиред магар он ки мусулмон бошед.*[2]

Пас аз ин ки бинои Каъба ба поён расид, ҳазрати Иброҳим(а) ба ҳамроҳи писараш Исмоил(а) ба қасди адои аъмоли ҳаҷ азимат намуданд. Ҳангоме ки онон аз Арафот ба сӯи Мино баргаштанд, ҳазрати Иброҳим ба огоҳии фарзандаш Исмоил расонд, ки ӯ дар хоб дида аст, ки вайро сар мебурид. (Аз он ҷиҳат, ки хоби паёмбарон як навъ ваҳӣ аст), Иброҳим аз ин сабаб аз фарзанди худ назарашро пурсид. Исмоил гуфт:

***Ё абати ифъал мо туъмар, сатаҷидӯнӣ иншоаллоҳу минассобирӣн Ê***

*ÄПадар! Ҳар чи ба ту амр шуда аст, онро анҷом деҳ, ки ба хости Худо маро аз сабурон хоҳӣ ёфт*[3].

---

[1] Сураи Иброҳим, ояи 40

رَبِّ اجْعَلْنِي مُقِيمَ الصَّلاةِ وَ مِنْ ذُرِّيَّتِي ... {40}

[2] Сураи Бақара, ояи 132

إِنَّ اللَّهَ اصْطَفى لَكُمُ الدِّينَ فَلا تَمُوتُنَّ إِلاَّ وَ أَنْتُمْ مُسْلِمُونَ {132}

[3] Сураи Соффот, ояи 102

يا أَبَتِ افْعَلْ ما تُؤْمَرُ سَتَجِدُنِي إِنْ شاءَ اللَّهُ مِنَ الصَّابِرِينَ {102}

Иброҳим писарро рӯи замин хобонид ва ба қасди буридани сари писар корд бар ҳалқуми ӯ кашидан гирифт, вале бо ҳамаи шигифтӣ корд гардани Исмоилро намебурид. Дар ин ҳол Худованд вайро нидо кард:

***Ё Иброҳиму. Қад саддақтар ру'ё Ê***

***Ä** Эй Иброҳим! Ту маъмурияти олами хобро анҷом додаӣ.*[1]

Зеро, ки Иброҳим[(а)] дар хоб дида буд, ки сари фарзандашро мебурад, на ин ки Исмоилро сар бурида аст, бино бар ин ӯ он чиро, ки дар хоб дид анҷом дода буд. Худованд низ гӯсфандеро ба ҳамроҳи Ҷабраил барои қурбонии ӯ фиристод ва Иброҳим[(а)] он гӯсфандро сар бурид ва маносики ҳаҷро ба поён расонд. Пас аз қиёми ҳазрати Иброҳим ба анҷоми корҳое, ки гузашт, Худованд ӯро фармон дод то бонг баровarad ва мардумонро ба ҳаҷ даъват намояд, то онон ҳатто савор бар шутурони лоғар аз дурдастҳо ба зиёрати хонаи Худо биёянд. Ба ин тариқ ҳаҷҷи Байтуллоҳилҳаром асоси шариати ҳанифаи Иброҳим гардид ва сутуни миллате гардид, ки Худои таборак ва таоло дар бораи он фармуда аст:

***Фаттабиъӯ миллата Иброҳима ҳанӣфан Ê***

---

[1]Сураи Соффот, оёти 104, 105

... يا إِبْرَاهِيمُ {104}
قَدْ صَدَّقْتَ الرُّؤْيَا... {105}

*ÄАз оини Иброҳим, ки дини пок ва беолоиш аст, пайравӣ кунед.*[1]

Пас аз он ки ҳазрати Иброҳими Халил(а) марҳалаҳои зикршударо гузаронд, Худованд ӯро имом ва пешвои мардумон қарор дод ва фармуд:

***Ва изибтало Иброҳима раббуҳу бикалимотин фаатаммаҳунна, қола иннӣ ҷоъилука линноси имоман, қола ва мин зуррийятӣ, қола ло янолу ъаҳдиз золимӣн Ê***

*ÄВа ҳангоме ки Худованд Иброҳимро ба чанд дастур имтиҳон фармуд ва ӯ ҳамаро ба ҷой овард. Худо ба ӯ гуфт: ман туро ба имомат ва пешвоии халқ баргузидам. Иброҳим арз кард: ин имоматро ба фарзандони ман низ ото хоҳӣ кард? Фармуд, ки аҳди ман ҳаргиз ба мардуми ситамкор нахоҳад расид.*[2]

Мо дар сира ва равиши ҳазрати Иброҳими Халил(а) ду вижагии ошкори махсуси ӯ, ки дар миёни ҳамаи анбиё ва паёмбарон мумтоз аст, мушоҳида мекунем:

1-Вижагии меҳмоннавозӣ ва эҳтимоме, ки он ҳазрат дар таом додани мардумон дошт, ки Худованд низ аз он хабар дода ва фармуда аст:

---

[1]Сураи Оли Имрон, ояи 95

فَاتَّبِعُوا مِلَّةَ إِبْراهِيمَ حَنِيفاً ... {95}

[2]Сураи Бақара, ояи 126

وَ إِذِ ابْتَلى إِبْراهِيمَ رَبُّهُ بِكَلِماتٍ فَأَتَمَّهُنَّ قالَ إِنِّي جاعِلُكَ لِلنَّاسِ إِماماً قالَ وَ مِنْ ذُرِّيَّتِي قالَ لا يَنالُ عَهْدِي الظَّالِمِينَ {126}

***Фамо лабиса ан ҷоа биъиҷлин ҳанӣз* Ê**

**Ä** *Пас бедиранг гӯсолаи бирён фароҳам овард.*[1]

Ва низ аз иқдоми он ҳазрат барои омода кардани таоме барои меҳмононе, ки барояш ношинос буданд, маълум мешавад, ки меҳмоннавозӣ ва пазироӣ аз эшон, ҷузъи хислати он ҳазрат буда аст ва фақат ихтисос ба пазироӣ аз ҳамон меҳмонон надошта аст.

2-Қиём ва эҳтимоми ӯ ба барпо доштани Каъба ва Байтуллоҳилҳаром ва фаро хондани мардумон барои адои маносики ҳаҷ. Худои субҳон низ фармуда аст:

***Ва таҳҳир байтия лит тоифӣна вал қоимӣна вар руккаъис суҷӯд. Ва аззин фин носи билҳаҷҷи я'тӯка риҷолан ва ъало кулли зомирин я'тӣна мин кулли фаҷҷин ъамӣқ* Ê**

**Ä***Ва* **(***ба ӯ ваҳӣ кардем***,** *ки***)** *хонаи маро барои тавофкунандагон ва намозгузорон ва рукӯъ ва суҷудкунандагон покиза дор***.** *Ва эълом кун мардумро ба огози маносики ҳаҷ***,** *то мардум пиёда ва савора бар шутурони лоғар аз ҳар роҳи дур ба сӯи ту оянд***.**[2]

---

[1] Сураи Ҳуд, ояи 69

فَما لَبِثَ أَنْ جاءَ بِعِجْلٍ حَنِيذٍ {69}

[2]Сураи Ҳаҷ, оёти 26, 27

وَ طَهِّرْ بَيْتِيَ لِلطَّائِفِينَ وَ الْقائِمِينَ وَ الرُّكَّعِ السُّجُود {26}
وَ أَذِّنْ فِي النَّاسِ بِالْحَجِّ يَأْتُوكَ رِجالاً وَ عَلى كُلِّ ضامِرٍ يَأْتِينَ مِنْ كُلِّ فَجٍّ عَمِيق {27}

Мо ба зудӣ ва ба хости Худо ин ду сифатро, ки дар тӯли зиндагонии он ҳазрат ҳамроҳи вай будаанд, дар авсиёи ӯ низ, ки онҳоро аз ӯ ба ирс бурдаанд, мавриди баррасӣ қарор хоҳем дод.

## Намунаи чаҳорум, Иброҳим[а] бо ду сулола аз хонаводааш

Пас аз ин ки ҳазрати Иброҳим[а] Ҳоҷар ва писараш Исмоилро ба Макка кӯчонд, Хонаи Каъбаро ба ҳамроҳии фарзандаш Исмоил сохт ва маносики ҳаҷро ба ҷо овард ва баъд аз он ба ватанаш Шом баргашт. Он вақт буд, ки Худованд бар қавми Лут азоб фиристод ва ба ҳазрати Иброҳим[а] низ Исҳоқ ва фарзанди ӯ Яъқубро изофа бар он ато фармуд ва Худованд эшонро пешвоёне қарор дод, ки ба фармони Худо мардумро ба сӯи ҳақ раҳбар бошанд ва ба онҳо анҷоми корҳои хайр ва барпо доштани намоз ва пардохтани закотро ваҳӣ фармуд.

Ин ҷост, ки нубувват ва висоят баъд аз ҳазрати Иброҳими Халил ба ду сулола мунтақил мешавад:

**Сулолаи аввал**: сулолаи ҳазрати Исмоил[а] ва писарони ӯ, ки дар Макка мебошанд ва инон авсиёи ҳазрати Иброҳим бар шариати ҳанифаи ҳастанд.

**Сулолаи дуввум**: сулолаи ҳазрати Исҳоқ ва писараш Яъқуб ва писарони ӯ, ки дар Фаластин ҳастанд ва Худованд онҳоро шариати махсусе муқаррар дошта аст, ки бо шариати ҳазрати Мӯсо[а] такмил шуда аст.

Ба хости Худо ҳар як аз ду сулоларо ба таври ҷудогона мавриди баҳс қарор медиҳем

Нахуст ба баррасии сулолаи писари хурдӣ, яъне Ҳазрати Исҳоқ ва фарзандонаш мепардозем.

## Исҳоқ(а) писари Иброҳим(а) ва писараш Яъқуб (Исроил) ва фарзандони ӯ (Бани Исроил)

Дар ахбори ҳазрати Исҳоқ(а) ба хабаре, ки далолат бар он дошта бошад, ки он ҳазратро шариати хос ба ғайр аз шариати падараш Иброҳим(а) буда аст, даст наёфтем. Мо ин матлабро он ҷо ки Худованд аз писараш Яъқуб (мулаққаб ба Исроил) хабар медиҳад ба даст овардаем, ки ба хости Худо онро дар баҳси оянда мавриди мутолиа ва баррасӣ қарор хоҳем дод.

## *Яъқуби писари Исҳоқ - мулаққаб ба “Исроил” ва фарзандонаш “Бани Исроил” ва аҳакоме, ки Худованд барои онҳо ташреъ фармуда аст.*

1-Худованди субҳон дар сураи Оли Имрон, ояти 93 мефармояд:

> ***Куллут таъоми кона ҳиллан ли бани Исроила илло мо ҳаррама Исроилу ъало нафсиҳи мин қабли ан туназзалат Тавроту қул фа'тӯ бит Тавроти фатлӯҳо, ин кунтум содиқӣн Ê***
>
> ***Ä*** *Ҳамаи таомҳо барои Бани Исроил ҳалол буд**,** ҷуз он чиро**,** ки Исроил **(**Яъқуб**)** пеш аз нузули Таврот бар худаш ҳаром карда буд**. (**Агар ҷуз ин аст**)** Бигӯ**:** Тавротро биёваред ва бихонед**,** агар рост мегӯед**.**[1]*

2-Дар сураи Исро, ояти 2:

---

[1] Сураи Оли Имрон, ояи 93.
كُلُّ الطَّعَامِ كَانَ حِـلاًّ لِّبَنِي إِسْرَائِيلَ إِلاَّ مَا حَرَّمَ إِسْرَائِيلُ عَلَـى نَفْسِـهِ مِن قَبْـلِ أَن تُنَـزَّلَ التَّوْرَاةُ قُلْ فَأْتُواْ بِالتَّوْرَاةِ فَاتْلُوهَا إِن كُنتُمْ صَادِقِينَ {93}

***Ва отайно Мўсал китоба ва ҷаъалноҳу ҳудан либани Исроила... Ê***

*Ä**Ва ба Мўсо китоби Тавротро додем ва онро василаи ҳидояти Бани Исроил гардондем**...*[1]

3-Ва дар сураи Саҷда, ояти 23:

***Валақад отайно Мўсал китоба, фало такун фӣ мирятин мин лиқоиҳи ва ҷаъалноҳу ҳудан либани Исроила Ê***

*Ä**Ва мо ба Мўсо китоби Тавротро ато кардем ва **(ту эй паёмбар!)** дар мулоқоти ў тардид макун ва мо Тавротро василаи ҳидояти Бани Исроил қарор додем.*[2]

4-Ва дар сураи Моида, ояти 44:

***Инно анзалнат Таврота фӣҳо ҳудан ва нўрун яҳкуму биҳан набийюнал лазӣна асламў лиллазӣна ҳодў вар раббониюна вал аҳбору бимо устуҳфизў мин китобиллоҳи ва конў ъалайҳи шуҳадоа фало тахшавун носа вахшавни ва ло таштарў биоётӣ саманан қалӣлан ва ман лам яҳкум бимо анзалаллоҳу, фаулоика ҳумул кофирўн Ê***

---

[1] Сураи Исро, ояи 2.

وَآتَيْنَا مُوسَى الْكِتَابَ وَجَعَلْنَاهُ هُدًى لِّبَنِي إِسْرَائِيلَ ... {2}

[2] Сураи Саҷда, ояи 23.

وَلَقَدْ آتَيْنَا مُوسَى الْكِتَابَ فَلَا تَكُن فِي مِرْيَةٍ مِّن لِّقَائِهِ وَجَعَلْنَاهُ هُدًى لِّبَنِي إِسْرَائِيلَ {23}

**Ä***Мо Тавротро, ки дар он ҳидоят ва нур буд, фурӯ фиристодем то паёмбарон, ки таслими (амри Худо) ҳастанд, ба он васила бар яҳудиён ва худошиносон ва донишмандоне, ки маъмури ҳифз ва нигаҳдории аҳком аз китоби Худо ҳастанд ва бар дурустии он гувоҳӣ медиҳанд, ҳукм кунанд. Пас (дар ичрои аҳкоми илоҳӣ) аз мардум натарсед, балки аз ман битарсед ва оёти маро ба баҳои андак мафурӯшед, ки ҳар кас хилофи он чи Худо фармуда аст ҳукм кунад, ӯ аз кофирон хоҳад буд.*[1]

5-Ва дар сураи Саф, ояти 5:

***Из қола Мӯсо лиқавмиҳи ё қавми лима ту'зӯнанӣ ва қад таъламӯна аннӣ расӯлуллоҳи илайкум...*** **Ê**

**Ä***Ва он гоҳ ки Мӯсо ба қавмаш гуфт: эй қавми ман! Чаро маро озор медиҳед ва ҳол он ки яқинан медонед, ки ман фиристодаи Худо ба сӯи шумо ҳастам...*[2]

6-Ва дар сураи Оли Имрон, оёти 45 ва 49:

***...Ё Маряму инналлоҳа юбашшируки бикалиматин минҳу исмуҳул Масӣҳу Ъӣсабну***

---

[1] Сураи Моида, ояи 44.
**إِنَّا أَنزَلْنَا التَّوْرَاةَ فِيهَا هُدًى وَنُورٌ يَحْكُمُ بِهَا النَّبِيُّونَ الَّذِينَ أَسْلَمُواْ لِلَّذِينَ هَادُواْ وَالرَّبَّانِيُّونَ وَالأَحْبَارُ بِمَا اسْتُحْفِظُواْ مِن كِتَابِ اللّهِ وَكَانُواْ عَلَيْهِ شُهَدَاء فَلاَ تَخْشَوُاْ النَّاسَ وَاخْشَوْنِ وَلاَ تَشْتَرُواْ بِآيَاتِي ثَمَناً قَلِيلاً وَمَن لَّمْ يَحْكُم بِمَا أَنزَلَ اللّهُ فَأُوْلَـئِكَ هُمُ الْكَافِرُونَ** {44}

[2] Сураи Саф, ояи 5.
**...إِذْ قَالَ مُوسَى لِقَوْمِهِ يَا قَوْمِ لِمَ تُؤْذُونَنِي وَقَد تَّعْلَمُونَ أَنِّي رَسُولُ اللَّهِ إِلَيْكُمْ...**{5}

***Маряма, ваҷӣҳан фӣд дунё вал охирати ва минал муқаррабӣн. Ва расӯлан ило бани Исроила... Ê***

***Ä*** *Фариштагон ба Марям гуфтанд: эй Марям! Худованд туро ба калимае аз худ, ки номаш Масеҳ Исо писари Марям аст ва дар дунё ва охират обруманд ва аз муқаррабони даргоҳи Худост, мужда медиҳад ... Ӯ паёмбаре аст, ба сӯи Бани Исроил...*[1]

7-Ва дар сураи Саф, ояти 6:

***Ва из қола Ъӣсабну Маряма ё бани Исроил, иннӣ расӯлӯллоҳи илайкум... Ê***

***Ä*** *Ва (эй паёмбар! Ёд кун) Он гоҳ, ки Исо писари Марям гуфт: эй Бани Исроил! Ман паёмбари Худо ба сӯи шумо ҳастам...*[2]

## Шарҳи вожаҳо

**Ҳодӯ**: дар ин ҷо ба маънои афроди пойбанд ба дини яҳуд аст.

**Раббониюн**: *раббонӣ* ба маънои донишманде ки донандаи илмҳои динӣ аст.

---

[1] Сураи Оли Имрон оёти 45 ва 49.

**... يَا مَرْيَمُ إِنَّ اللّهَ يُبَشِّرُكِ بِكَلِمَةٍ مِّنْهُ اسْمُهُ الْمَسِيحُ عِيسَى ابْنُ مَرْيَمَ وَجِيهاً فِي الدُّنْيَا وَالآخِرَةِ وَمِنَ الْمُقَرَّبِينَ** {45}

**وَرَسُولاً إِلَى بَنِي إِسْرَائِيلَ ...** {49}

[2] Сураи Саф, ояи 6.

**وَإِذْ قَالَ عِيسَى ابْنُ مَرْيَمَ يَا بَنِي إِسْرَائِيلَ إِنِّي رَسُولُ اللَّهِ إِلَيْكُم ...** {6}

**Аҳбор**: *ҳибр* ва *ҳабр* ба маънои донишманд аст ва дар Қуръони карим бар уламои Аҳли китоб итлоқ шуда аст.

**Калиматун**: *калима* дар ин ҷо ба маънои офаридае аст, ки Худои таоло бо *лафзи* *кун* (бош) ва монанди он ва бидуни василаи шинохташуда аз сабабҳо ва васоиле онро офарида аст.

**Масӣҳ**: *лақаби* ҳазрати Исо[(а)] аст, зеро он ҳазрат ҳангоме ки бемореро "*масҳ*" мекард аз он беморӣ шифо меёфт ва ғайр аз инро ҳам гуфтаанд, вале мо ин маънoро, ки дар бораи *Масеҳ* гуфтаанд, нисбат ба дигар маъно беҳтар донистем.

## Тафсири оёте, ки гузашт

Аҳкоми итисноӣ барои қавми яҳуд, дар муддати замони хос:

Бани Исроил (фарзандон ва наберагони ҳазрати Яъқуб[(а)]) дар сарзамини Миср ва диёри ғурбат, ба зиллат ва хорӣ рӯзгор мегузарониданд, зеро қибтиён онҳоро ба бардагӣ мегирифтанд, писаронашонро мекуштанд ва духтаронашонро зинда нигаҳ медоштанд.

Дар тӯли ин муддати ғуломиашон дар Миср дар онҳо рӯҳи озодихоҳӣ кушта шуд ва ба ҷои он рӯҳи таҳқиру хорӣ, тарсу изтироб насл ба насл ҷонишини он шуда буд. Ҳангоме ки Худованд онҳоро аз он зиллат ва хорӣ, ки дар Миср ба он гирифдор буданд, наҷот дод, мебоист бо қавмҳои саркаш ва ситамгар дар Шом

биҷангаанд. Дар ин ҳангом буд, ки ҳикмати илоҳӣ бар он қарор гирифт, ки барои зиндагонии онҳо қавонин ва муқаррароте қарор дода шавад. Ин аз он ҷиҳат буд, ки дар сояи ин қонунҳо рӯҳи эътимод ба нафс ва ифтихору иззатмандӣ ба падаронашон, ки аз зумраи анбиё ва паёмбарон будаанд, дар он зинда гардад ва бидонанд, ки эшон аз қавмҳои кофир ва саркаше, ки бо онҳо дар ҷанг ҳастанд, ҷудо ва бартар мебошанд.

Дар ин роҳ нахустин мавриде, ки бар онҳо муқаррар шуд, ҳаром будан ва манъ будани он чизҳое буд, ки падарашон паёмбари Худо Исроил (Яъқуб(а)) бар худ ҳаром карда буд то ба он васила имтиёзи набуввати Исроил - паёмбари Худоро дарёбанд. Пас аз он бо нузули Таврот бар ҳазрати Мӯсо(а) ва Инҷил бар ҳазрати Исо(а) шариати махсуси онҳо комил гардид.

Мо баъд аз мутолиа ва баррасии ахбори марбут ба ҳазрати Шуайби паёмбар (ба хотири ба тартиб баён намудани ахбори паёмбарон аз рӯи замон) ба зикри порае аз онҳо хоҳем пардохт.

## *Шуайб паёмбар алайҳиссалом*

1-Худованди субҳон дар сураи Ҳуд, оёти 84-95 мефармояд:

*Барои Мадян бародарашон Шуайбро фиристодем. Ӯ гуфт: эй қавми ман! Худоро бипарастед, ки маъбуде ҷуз ӯ надоред. Аз паймона ва тарозу кам накунед, ман шуморо дар неъмат мебинам ва ман бар шумо аз азоби рӯзе, ки ҳамаро дар бар мегирад бимнокам. Ва эй қавми ман! Паймона ва тарозуро ба адл, комил бидоред, моли мардумро ночиз нашумуреду ба бадӣ васф накунед ва дар замин барои фасод талош накунед. Суди ҳалоли Худо барои шумо беҳтар аст, агар мӯъмин бошед. Ва ман (дар баробари азоби илоҳӣ) нигаҳбони шумо нестам. (Қавми вай аз рӯи масхара) Гуфтанд: эй Шуайб! Оё намози ту, туро дастур медиҳад, ки он чиро падаронамон ибодат мекарданд тарк кунем ё аз он чи мехоҳем дар амволамон даст бардорем?! Ту ки оқил ва комил ҳастӣ. Шуайб гуфт: эй қавми ман! Ба ман бигӯед агар аз Худо далели ошкор дошта бошам ва ба ман ризқи хубе бидиҳад (метавонам*

*хилофи ӯ рафтор кунам?) ва ман намехоҳам аз он чи шуморо манъ мекунам, худ муртакиб шавам ва то метавонам ҷуз салоҳ намехоҳам. Тавфиқи ман бо Худост, ба ӯ эътимод карда ба ӯ бармегардам. Эй қавми ман! Душманӣ бо ман шуморо ба он ҷо накашонад, ки азобе монанди азоби қавми Нӯҳ, ё қавми Ҳуд ва ё қавми Солеҳ ба шумо бирасад ва даврони қавми Лут аз шумо дур нест. Аз Парвардигоратон омурзиш бихоҳед ва ба сӯи ӯ баргардед, ки Парвардигорам мерубону мушфиқ аст. Гуфтанд: эй Шуайб! Мо бисёре аз он чиро, ки мегӯӣ намефаҳмем ва агар касони ту набуданд туро сангсор мекардем, ту бар мо қудрате надорӣ. Шуайб гуфт: эй қавми ман! Оё ақвоми ман бар шумо аз Худованд азизтаранд, ки ӯро пушти сар андохтаед?! Парвардигори ман бар он чи ки мекунед иҳота дорад. Эй қавми ман! Он чи метавонед ба амали худ идома диҳед, ман низ ба кори худ идома медиҳам. Ба зудӣ хоҳед ёфт, ки азоби хоркунанда чӣ касеро фурӯ хоҳад гирифт ва чӣ касе дурӯғгӯ аст. Мунтазир бошед, ман ҳам бо шумо мунтазирам. Ва чун фармони қаҳри мо омад Шуайбро бо касоне, ки бо ӯ имон оварда буданд ба раҳмати махсуси худ наҷот додем ва золимонро сайҳа (садои осмонӣ) фурӯ гирифт ва дар диёри худ нобуд шуданд, гӯё ки ҳаргиз дар он шаҳр набудаанд. Дур бод Мадян (аз раҳмати Худо) ҳамон гуна ки қавми Самуд аз раҳмати Худо дур шуданд.*[1]

[1] Сураи Ҳуд, оёти 84-95.

2-Ва дар сураи Аъроф, оёти 88 ва 89 мефармояд:

***Қолал малаул лазӣна истакбарӯ мин қавмиҳи ланухриҷаннака ё Шуъайбу вал лазӣна оманӯ маъака мин қарятино ав латаъӯдунна фӣ миллатино, қола авалав кунно кориҳӣн. Қадифтарайно ъалаллоҳи кизбан ин ъудно фӣ миллатикум баъда из наҷҷоноллоҳу минҳо Ê***

**Ä** *Бузургоне аз қавми ӯ, ки гарданкаш шуда буданд,* **(***гуфтанд***):** *эй Шуайб! Бе гумон ту ва имоновардагон ба туро аз шаҳрамон берун мекунем, магар ин ки ба дини мо баргардед.* **(***Шуайб***)** *Гуфт: оё агарчи моил набошем***?!** *Агар мо ба оини шумо баргардем, пас аз*

---

وَإِلَى مَدْيَنَ أَخَاهُمْ شُعَيْباً قَالَ يَا قَوْمِ اعْبُدُواْ اللّهَ مَا لَكُم مِّنْ إِلَـهٍ غَيْرُهُ وَلاَ تَنقُصُواْ
الْمِكْيَالَ وَالْمِيزَانَ إِنِّيَ أَرَاكُم بِخَيْرٍ وَإِنِّـيَ أَخَافُ عَلَيْكُمْ عَذَابَ يَوْمٍ مُّحِيطٍ {84} وَيَا
قَوْمِ أَوْفُواْ الْمِكْيَالَ وَالْمِيزَانَ بِالْقِسْطِ وَلاَ تَبْخَسُواْ النَّاسَ أَشْيَاءهُمْ وَلاَ تَعْثَوْاْ فِي
الأَرْضِ مُفْسِدِينَ {85} بَقِيَّةُ اللّهِ خَيْرٌ لَّكُمْ إِن كُنتُم مُّؤْمِنِينَ وَمَا أَنَاْ عَلَيْكُم بِحَفِيظٍ
{86} قَالُواْ يَا شُعَيْبُ أَصَلاَتُكَ تَأْمُرُكَ أَن نَّتْرُكَ مَا يَعْبُدُ آبَاؤُنَا أَوْ أَن نَّفْعَلَ فِي أَمْوَالِنَا
مَا نَشَاء إِنَّكَ لَأَنتَ الْحَلِيمُ الرَّشِيدُ {87} قَالَ يَا قَوْمِ أَرَأَيْتُمْ إِن كُنتُ عَلَىَ بَيِّنَةٍ مِّن
رَّبِّي وَرَزَقَنِي مِنْهُ رِزْقاً حَسَناً وَمَا أُرِيدُ أَنْ أُخَالِفَكُمْ إِلَى مَا أَنْهَاكُمْ عَنْهُ إِنْ أُرِيدُ إِلاَّ
الإِصْلاَحَ مَا اسْتَطَعْتُ وَمَا تَوْفِيقِي إِلاَّ بِاللّهِ عَلَيْهِ تَوَكَّلْتُ وَإِلَيْهِ أُنِيبُ {88} وَيَا قَوْمِ
لاَ يَجْرِمَنَّكُمْ شِقَاقِي أَن يُصِيبَكُم مِّثْلُ مَا أَصَابَ قَوْمَ نُوحٍ أَوْ قَوْمَ هُودٍ أَوْ قَوْمَ صَالِحٍ
وَمَا قَوْمُ لُوطٍ مِّنكُم بِبَعِيدٍ {89} وَاسْتَغْفِرُواْ رَبَّكُمْ ثُمَّ تُوبُواْ إِلَيْهِ إِنَّ رَبِّي رَحِيمٌ وَدُودٌ
{90} قَالُواْ يَا شُعَيْبُ مَا نَفْقَهُ كَثِيراً مِّمَّا تَقُولُ وَإِنَّا لَنَرَاكَ فِينَا ضَعِيفاً وَلَوْلاَ رَهْطُكَ
لَرَجَمْنَاكَ وَمَا أَنتَ عَلَيْنَا بِعَزِيزٍ {91} قَالَ يَا قَوْمِ أَرَهْطِي أَعَزُّ عَلَيْكُم مِّنَ اللّهِ
وَاتَّخَذْتُمُوهُ وَرَاءكُمْ ظِهْرِيّاً إِنَّ رَبِّي بِمَا تَعْمَلُونَ مُحِيطٌ {92} وَيَا قَوْمِ اعْمَلُواْ عَلَى
مَكَانَتِكُمْ إِنِّي عَامِلٌ سَوْفَ تَعْلَمُونَ مَن يَأْتِيهِ عَذَابٌ يُخْزِيهِ وَمَنْ هُوَ كَاذِبٌ وَارْتَقِبُواْ
إِنِّي مَعَكُمْ رَقِيبٌ {93} وَلَمَّا جَاء أَمْرُنَا نَجَّيْنَا شُعَيْباً وَالَّذِينَ آمَنُواْ مَعَهُ بِرَحْمَةٍ مَّنَّا
وَأَخَذَتِ الَّذِينَ ظَلَمُواْ الصَّيْحَةُ فَأَصْبَحُواْ فِي دِيَارِهِمْ جَاثِمِينَ {94} كَأَن لَّمْ يَغْنَوْاْ فِيهَا
أَلاَ بُعْداً لِّمَدْيَنَ كَمَا بَعِدَتْ ثَمُودُ {95}

*он ки Худованд моро аз он раҳоӣ дода аст,* *ба Худо дурӯғ бастаем*...[1]

**Шарҳи вожаҳо**

**Мадян**: *Мадян* номи қавми Шуайб буд, ки шаҳрашон низ ба номи онҳо номида шуда аст. Дар “Мӯъҷамулбулдон” омада аст, ки шаҳри *Мадян* дар канори баҳри Сурх дар муқобили шаҳри Табук қарор дошта аст. Ҳамчунин гуфта шуда аст: *Мадян* минтақае аст байни Водиюлқуро ва Шом. Водиюлқуро ба маҷмӯаи деҳаҳое, ки наздики Мадина буд, гуфта мешавад.

***Ло* яҷриманнакум**: *Ҷарамаш шайъ*, яъне касби нописанд кард, *ҷарамаҳуш шайъ*, яъне ба кори нописанд водораш кард, *ҷарамаҳу*, яъне ӯро ба он водор кард. *Ва ло яҷриманнакум*, яъне шуморо водор намекунад.

**Шиқоқӣ**: *шоққаҳу шиқоқан*: бо ӯ мухолифат ва душманӣ кард ва *шиқоқӣ* яъне, душманӣ бо ман.

***Ло* таъсав**: фасод накунед. *Ъасо*: яъне фасод кард, фасоди шадид.

**Бақиятуллоҳ**: *Бақия*, мондаи ҳар чизе аст ва дар ин ҷо ба маънои фармонбардории Худост ва савоб ва подоши хайре, ки назди ӯ захира мешавад.

---

[1] Сураи Аъроф, оёти 88 ва 89.
قَالَ الْمَلأُ الَّذِينَ اسْتَكْبَرُواْ مِن قَوْمِهِ لَنُخْرِجَنَّكَ يَا شُعَيْبُ وَالَّذِينَ آمَنُواْ مَعَكَ مِن قَرْيَتِنَا أَوْ لَتَعُودُنَّ فِي مِلَّتِنَا قَالَ أَوَلَوْ كُنَّا كَارِهِينَ {88} قَدِ افْتَرَيْنَا عَلَى اللّهِ كَذِباً إِنْ عُدْنَا فِي مِلَّتِكُم بَعْدَ إِذْ نَجَّانَا اللّهُ مِنْهَا ... {89}

## Нукоти муҳим дар тафсири оёте, ки гузашт

Худованд ҳазрати Шуайбро бо башорат ва инзор ба сӯи Мадян фиристод, то мардуми он диёрро ба амал ба шариати ҳанифаи Иброҳим(а) фаро хонад. Қавми Шуайб ба монанди дигар умматҳои мушрик, ки ба ахлоқи бад мавсуф буданд, ба бадтарин шакл дар зишткориҳо ва фасоди ахлоқӣ ғута мехӯрданд. Онҳо гузашта аз корҳои палиде, ки анҷом медоданд, аз моли дигарон бад мегуфтанд ва онҳоро ба чашми харидор бад нишон медоданд. Дар паймона ва тарозу хиёнат мекарданд ва камфурӯшӣ менамуданд ва чунин мепиндоштанд, ки чун дар тасарруфи амволи худ озоданд, ин қабил корҳои нораво низ ҳаққи онҳост. Даъвати ҳазрати Шуайб ва пандҳои ӯ ба эшон ва танбеҳашон, ки бингаранд бар сари ақвоми мушрики дигар, ки пеш аз онҳо будаанд аз азоби илоҳӣ чӣ омада аст, суде набахшид ва ин қавми ҷоҳил дар посухи ӯ гуфтанд:

> ***Ланухриҷаннака ва маниттабаъака мин қарятино ав латаъӯдунна фӣ миллатино* Ê**
>
> **Ä** *Ҳамоно ту ва пайравонатро аз шаҳр ва диёрамон берун мекунем, магар ин ки ба дин ва миллати мо дароед.*[1]

Бино бар ин қавми Шуайб барои худ ин ҳақро қоил буданд, ки худро дар ситам расондан бар дигарон ва хӯрдани ҳуқуқи эшон озод ва мухтор бидонанд. Аммо

---

[1] Сураи Аъроф , ояи 88.

ин ҳақро ба Шуайб ва мӯъминон дар тарки ахлоқи зишту нописанд ва низ ибодати Худои якто намедоданд!!

Гоҳ Шуайбро ба масхара гирифта мегуфтанд: оё намози ту ба ту фармон дода аст, ки мо худоёни мавриди парастиши падаронамонро раҳо кунем ва аз амволамон ба дилхоҳи худамон истифода накунем?!

Ва гоҳ душманӣ ва саркаширо аз ҳад гузаронида мегуфтанд: агар хешовандон ва қабилаи ту набуданд, бегумон туро сангсор мекардем. Аз ин оят ва аз иттилооте, ки аз насаби ҳазрати хотами паёмбарон Муҳаммади Мустафо[с] дорем, дармеёбем, ки Худои таоло паёмбаронашро аз миёни қудратмандтарин ва бонуфустарин хонаводаҳо интихоб мекунад, то хешовандонаш ӯро дар расондани рисолати илоҳӣ ёру мададгор бошанд.

Бале, замоне ки қавми Шуайб он ҳазратро инкор карданд ва мӯъминони ҳамроҳи онро хору ночиз шумориданд, ба азоби илоҳӣ гирифтор шуданд ва Худованд ононро бо сайҳаи осмонӣ фурӯ гирифт ва дар ҳамон шаҳр ва диёрашон ба ҳалокат расонид.

Худованд, пас аз Шуайб, ҳазрати Мӯсо[а] ва дигар паёмбарони Бани Исроилро ба рисолат фиристод, ки ба хости Худо ахборашонро дар фаслҳои баъдӣ баррасӣ хоҳем намуд.

## *Намунаи аввал: ба дунё омадани ҳазрати Мӯсо ва пазируфта шудани он ҳазрат ба унвони фарзанди Фиръавн*

Худованди мутаол дар сураи Қасас, оёти 7-13 мефармояд:

*Мо ба модари Мӯсо ваҳй кардем, ки ӯро шир бидеҳ ва чун бар ӯ тарсидӣ, ӯро ба дарё бияндоз ва натарс ва маҳзун мабош, ки мо ҳатман ӯро ба ту бармегардонем ва ӯро аз паёмбарон қарор медиҳем. Оли Фиръавн ӯро пайдо карданд, то барои онҳо душман ва мояи андӯҳ бошад. Дар ҳақиқат Фиръавн, Ҳомон ва сипоҳиёнаш аз хатокорон буданд. Зани Фиръавн (ба шафоат бархост ва) гуфт: ин бача мояи сурур ва нури чашми ману ту бошад. Ӯро накушед, шояд ба мо суд бирасонад ё ӯро ба фарзандӣ бигирем, ва онҳо дарк намекарданд. Ва қалби модари Мӯсо (аз ҳамаи чиз ба ҷуз ёди фарзанд) чунон холӣ шуда буд, ки агар бар қалби ӯ истиқомат нагузошта будем, то аз мӯъминон бошад, ҳатман (кори анҷом ёфтаро) фош мекард. Ӯ*

*ба хоҳари Мӯсо гуфт: Мӯсоро пайҷӯӣ кун ва ӯ бародарашро аз дур нигоҳ мекард ва онҳо намедонистанд. Занони ширдеҳро қаблан бар ӯ ҳаром карда будем. (Хоҳари Мӯсо) Гуфт: оё шуморо ба хонаводае ҳидоят бикунам, ки ӯро барои шумо нигаҳдорӣ кунанд ва хайрхоҳи ӯ ҳастанд? Пас ӯро ба модараш баргардонидем, то чашмаш ба ӯ равшан шавад ва ғамгин набошад ва бидонад, ки ваъдаи Худо ҳақ аст, аммо бештари мардум намедонанд.*[1]

## Шарҳи вожаҳо

**Фориған**: Аз ҷо канда шуда, дилаш холӣ шуда аз шиддати андӯҳ.

**Қуссӣҳи**: Ӯро таъқиб кун, пайҷӯӣ кун.

**Фабасурат биҳи ъан ҷунубин**: Аз дур чашмаш ба ӯ афтод. Аз дур ӯро дид ва зери чашм кард.

---

[1] Сураи Қасас, оёти 7-13.

وَأَوْحَيْنَا إِلَى أُمِّ مُوسَى أَنْ أَرْضِعِيهِ فَإِذَا خِفْتِ عَلَيْهِ فَأَلْقِيهِ فِي الْيَمِّ وَلَا تَخَافِي وَلَا
تَحْزَنِي إِنَّا رَادُّوهُ إِلَيْكِ وَجَاعِلُوهُ مِنَ الْمُرْسَلِينَ {7} فَالْتَقَطَهُ آلُ فِرْعَوْنَ لِيَكُونَ لَهُمْ
عَدُوّاً وَحَزَناً إِنَّ فِرْعَوْنَ وَهَامَانَ وَجُنُودَهُمَا كَانُوا خَاطِئِينَ {8} وَقَالَتِ امْرَأَتُ
فِرْعَوْنَ قُرَّتُ عَيْنٍ لِّي وَلَكَ لَا تَقْتُلُوهُ عَسَى أَن يَنفَعَنَا أَوْ نَتَّخِذَهُ وَلَداً وَهُمْ لَا يَشْعُرُونَ
{9} وَأَصْبَحَ فُؤَادُ أُمِّ مُوسَى فَارِغاً إِن كَادَتْ لَتُبْدِي بِهِ لَوْلَا أَن رَّبَطْنَا عَلَى قَلْبِهَا
لِتَكُونَ مِنَ الْمُؤْمِنِينَ {10} وَقَالَتْ لِأُخْتِهِ قُصِّيهِ فَبَصُرَتْ بِهِ عَن جُنُبٍ وَهُمْ لَا
يَشْعُرُونَ {11} وَحَرَّمْنَا عَلَيْهِ الْمَرَاضِعَ مِن قَبْلُ فَقَالَتْ هَلْ أَدُلُّكُمْ عَلَى أَهْلِ بَيْتٍ
يَكْفُلُونَهُ لَكُمْ وَهُمْ لَهُ نَاصِحُونَ {12} فَرَدَدْنَاهُ إِلَى أُمِّهِ كَيْ تَقَرَّ عَيْنُهَا وَلَا تَحْزَنَ
وَلِتَعْلَمَ أَنَّ وَعْدَ اللَّهِ حَقٌّ وَلَكِنَّ أَكْثَرَهُمْ لَا يَعْلَمُونَ {13}

## Намунаи дуввум: мӯъҷизоти нӯҳгона

Дар сураи Намл, оёти 7-12 мефармояд:

*Он гоҳ, ки Мӯсо ба аҳлаш гуфт: ман оташе дидам, ба зудӣ аз он барои шумо хабаре меоварам ё оташе меоварам, ки гарм шавед. Чун наздики он оташ омад, нидо шуд: муборак аст он кас, ки дар оташ аст ва он кас, ки дар атрофи он аст ва поку муназзаҳ аст Парвардигори ҷаҳониён. Эй Мӯсо! Манам Худои тавоно ва ҳаким. Асоятро биандоз. (Мӯсо чун асоро афканд) Онро дид, ки чун мори калон ба ҳаракат даромад, пушт кард ва дигар ба ақиб барнагашт, (ки хитоб расид): эй Мӯсо! Натарс, ки паёмбарон назди ман наметарсанд, магар он кас, ки ситам карда аст, сипас онро ба некӯӣ табдил намуда аст, ки ман омурзанда ва меҳрубонам. Ва дастатро дар гиребонат фурӯ кун, ки сафед ва бидуни осеб берун меояд. (Ин мӯъҷиза) Зимни оёти нӯҳгонае аст, (ки ту бо онҳо) ба сӯи Фиръавн ва қавмаш (фиристода мешавӣ ва) онҳо қавме фосиқанд.*[1]

Ва дар сураи Аъроф, оёти 103-135 мефармояд:

---

[1] Сураи Намл, оёти 7-12.
إِذْ قَالَ مُوسَى لِأَهْلِهِ إِنِّي آنَسْتُ نَاراً سَآتِيكُم مِّنْهَا بِخَبَرٍ أَوْ آتِيكُم بِشِهَابٍ قَبَسٍ لَّعَلَّكُمْ تَصْطَلُونَ {7} فَلَمَّا جَاءهَا نُودِيَ أَن بُورِكَ مَن فِي النَّارِ وَمَنْ حَوْلَهَا وَسُبْحَانَ اللَّهِ رَبِّ الْعَالَمِينَ {8} يَا مُوسَى إِنَّهُ أَنَا اللَّهُ الْعَزِيزُ الْحَكِيمُ {9} وَأَلْقِ عَصَاكَ فَلَمَّا رَآهَا تَهْتَزُّ كَأَنَّهَا جَانٌّ وَلَّى مُدْبِراً وَلَمْ يُعَقِّبْ يَا مُوسَى لَا تَخَفْ إِنِّي لَا يَخَافُ لَدَيَّ الْمُرْسَلُونَ {10} إِلَّا مَن ظَلَمَ ثُمَّ بَدَّلَ حُسْناً بَعْدَ سُوءٍ فَإِنِّي غَفُورٌ رَّحِيمٌ {11} وَأَدْخِلْ يَدَكَ فِي جَيْبِكَ تَخْرُجْ بَيْضَاء مِنْ غَيْرِ سُوءٍ فِي تِسْعِ آيَاتٍ إِلَى فِرْعَوْنَ وَقَوْمِهِ إِنَّهُمْ كَانُوا قَوْماً فَاسِقِينَ {12}

*Он гоҳ баъд аз онҳо Мӯсоро бо нишонаҳои хеш ба сӯи Фиръавн ва ашрофи ӯ фиристодем, онҳо оётро инкор карданд. Бингар саранҷоми табаҳкорон чӣ шуд. Мӯсо гуфт: эй Фиръавн! Ман фиристодаи Парвардигори ҷаҳониёнам. Сазовор ин аст, ки бар Худо ҷуз ҳақ нагӯем, барои шумо мӯъҷизае аз Парвардигоратон овардаам, пас Бани Исроилро бо ман ҳамроҳ кун. Фиръавн гуфт: агар аз ростгӯёнӣ ва мӯъҷизае овардаӣ, онҳоро нишон деҳ. Пас Мӯсо асояшро бияндохт ва ҳамон дам аждаҳое ошкор шуд ва даст аз гиребони худ берун овард, ки ногоҳ барои бинандагон сафед буд. Ашрофи қавми Фиръавн (ба Фиръавн) гуфтанд: ин ҷодугари доно аст, ки мехоҳад шуморо аз сарзаминатон берун кунад. Чӣ раъй медиҳед? (Пас аз мушовира дар бораи Мӯсо, қавм ба Фиръавн) Гуфтанд: ӯ ва бародарашро мӯҳлат деҳ ва ашхосе ба шаҳрҳо бифирист, то ҷодугарони моҳирро назди ту оранд. Ҷодугарон назди Фиръавн омаданд ва гуфтанд: агар мо ғолиб шудем ҳатман музде хоҳем дошт. Фиръавн гуфт: оре ва шумо аз муқаррабон хоҳед буд. Ҷодугарон гуфтанд: эй Мӯсо! Ё ту аввал асои худро биандоз ё мо василаи хешро бияфканем. Мӯсо гуфт: шумо бияндозед ва чун андохтанд чашмони мардумро ҷоду карда онҳоро сахт тарсонданд ва ҷодуи калон карданд. Ба Мӯсо ваҳй кардем асои худро бияндоз ва (он аждаҳо) ҳамон замон он чиро, ки онҳо ба дурӯғ оварда буданд, фурӯ бурд. Ҳақ ошкор шуд ва он чи ки мекарданд пуч гардид. Дар он майдон шикаст хӯрданд ва хор шуда баргаштанд. Ва ҷодугарон ба*

*саҷда даромаданд. Гуфтанд: мо ба Парвардигори ҷаҳониён имон овардем. Парвардигори Мӯсо ва Ҳорун. Фиръавн гуфт: пеш аз он ки ман иҷозат бидиҳам шумо ба ӯ имон овардаед?! Ин найранге аст, ки дар шаҳр сохтаед, то мардумашро аз он берун кунед. Ба зудӣ хоҳед фаҳмид, дастҳо ва поҳоятонро муқобили якдигар (аз тан) ҷудо мекунам ва он гоҳ ҳамаатонро ба дор меовезам. Гуфтанд: дар он сурат мо ба сӯи худоямон бармегардем. Хашми ту бар мо танҳо ба хотири имон овардани мо ба оёти Парвардигори мост, ки ба сӯямон омад. Парвардигоро! Бар мо сабр ато кун ва моро мусулмон бимирон. Ашрофи қавми Фиръавн гуфтанд: оё Мӯсо ва пайравонашро раҳо мекунӣ то дар ин сарзамин табоҳӣ (ва хароб) кунанд, ту ва Худоёнатро тарк намоянд? Фиръавн гуфт: ба зудӣ ҳамаи писаронашонро мекушем ва духтаронашро зинда нигаҳ медорем. Мо ба онҳо мусаллат ҳастем. Мӯсо ба қавми худ гуфт: аз Худо ёрӣ биҷӯед ва сабр пеша кунед, ки замин моли Худост, ба ҳар кас аз бандагонаш бихоҳад вогузор мекунад ва саранҷоми нек аз они парҳезкорон аст. Гуфтанд: пеш аз он ки ба сӯи мо биёӣ ва ҳам баъд аз омаданат, азияту озор кашидем. Гуфт: умед аст, ки Парвардигоратон душмани шуморо ҳалок кунад ва шуморо дар ин замин ҷонишин (-и онҳо) гардонад ва бингарад чӣ гуна амал мекунед. Фиръавнро ба солҳои сахт ва камбуди ҳосил дучор кардем, шояд панд бигиранд. Чун рифоҳ ва осоиш ба онҳо рӯй мекард, мегуфтанд ин ба хотири мост ва чун*

*пешомади баде ба онҳо мерасид, ба Мӯсо ва пайравонаш фоли бад мезаданд! Бидонед, ки фоли бади онҳо назди Худост (яъне сахтиҳо ва ранҷҳое, ки бар онҳо ворид мешуд аз ҷониби Худост) вале бештарашон намедонанд. (Фиръавниён ба Мӯсо) Гуфтанд: ҳар чӣ оят ва мӯъҷиза барои мо биёварӣ то моро ҷоду кунӣ, мо ҳаргиз ба ту имон намеоварем. Пас тӯфон, малах, шабушк, қурбоққа ва хун (хун шудани об)-ро, ки мӯъҷизаҳои ҷудо аз ҳам ва равшан ва ошкор буданд бар онҳо фиристодем, вале гарданкашӣ пеш гирифта, қавми нобакор шуданд. Чун азоб бар онҳо омад гуфтанд: эй Мӯсо! Парвардигоратро барои мо ба он паймон, ки бо ту ниҳода аст бихон, ки агар ин азобро аз мо бардорӣ, ҳатман ба ту имон меоварем ва Бани Исроилро бо ту мефиристем. Чун азобро то муддате, ки ба он мерасиданд аз онҳо бармедоштем, боз паймоншиканӣ мекарданд.*[1]

---

[1] Сураи Аъроф, оёти 103-135.

**ثُمَّ بَعَثْنَا مِن بَعْدِهِم مُّوسَى بِآيَاتِنَا إِلَى فِرْعَوْنَ وَمَلَئِهِ فَظَلَمُواْ بِهَا فَانظُرْ كَيْفَ كَانَ**
**عَاقِبَةُ الْمُفْسِدِينَ {103} وَقَالَ مُوسَى يَا فِرْعَوْنُ إِنِّي رَسُولٌ مِّن رَّبِّ الْعَالَمِينَ**
**{104} حَقِيقٌ عَلَى أَن لاَّ أَقُولَ عَلَى اللّهِ إِلاَّ الْحَقَّ قَدْ جِئْتُكُم بِبَيِّنَةٍ مِّن رَّبِّكُمْ فَأَرْسِلْ**
**مَعِيَ بَنِي إِسْرَائِيلَ {105} قَالَ إِن كُنتَ جِئْتَ بِآيَةٍ فَأْتِ بِهَا إِن كُنتَ مِنَ الصَّادِقِينَ**
**{106} فَأَلْقَى عَصَاهُ فَإِذَا هِيَ ثُعْبَانٌ مُّبِينٌ {107} وَنَزَعَ يَدَهُ فَإِذَا هِيَ بَيْضَاء**
**لِلنَّاظِرِينَ {108} قَالَ الْمَلأُ مِن قَوْمِ فِرْعَوْنَ إِنَّ هَـذَا لَسَاحِرٌ عَلِيمٌ {109} يُرِيدُ أَن**
**يُخْرِجَكُم مِّنْ أَرْضِكُمْ فَمَاذَا تَأْمُرُونَ {110} قَالُواْ أَرْجِهْ وَأَخَاهُ وَأَرْسِلْ فِي الْمَدَآئِنِ**
**حَاشِرِينَ {111} يَأْتُوكَ بِكُلِّ سَاحِرٍ عَلِيمٍ {112} وَجَاء السَّحَرَةُ فِرْعَوْنَ قَالْواْ إِنَّ**
**لَنَا لأَجْراً إِن كُنَّا نَحْنُ الْغَالِبِينَ {113} قَالَ نَعَمْ وَإَنَّكُمْ لَمِنَ الْمُقَرَّبِينَ {114} قَالُواْ**
**يَا مُوسَى إِمَّا أَن تُلْقِيَ وَإِمَّا أَن نَّكُونَ نَحْنُ الْمُلْقِينَ {115} قَالَ أَلْقُوْاْ فَلَمَّا أَلْقَوْاْ**

Ва дар сураи Шуаро, оёти 57- 66 мефармояд:

***Фаахраҷноҳум мин ҷаннотин ва ъуюн. Ва кунӯзин ва мақомин карӣм. Казолика ва авраснохо бани Исроил. Фаатбаъӯҳум мушриқӣн. Фаламмо тароал ҷамъони қола асҳобу Мӯсо инно ламудракӯн. Қола калло инна маъия раббӣ саяҳдӣн. Фаавҳайно ило Мӯсо***

---

سَحَرُواْ أَعْيُنَ النَّاسِ وَاسْتَرْهَبُوهُمْ وَجَاءوا بِسِحْرٍ عَظِيمٍ {116} وَأَوْحَيْنَا إِلَى
مُوسَى أَنْ أَلْقِ عَصَاكَ فَإِذَا هِيَ تَلْقَفُ مَا يَأْفِكُونَ {117} فَوَقَعَ الْحَقُّ وَبَطَلَ مَا كَانُواْ
يَعْمَلُونَ {118} فَغُلِبُواْ هُنَالِكَ وَانقَلَبُواْ صَاغِرِينَ {119} وَأُلْقِيَ السَّحَرَةُ سَاجِدِينَ
{120} قَالُواْ آمَنَّا بِرَبِّ الْعَالَمِينَ {121} رَبِّ مُوسَى وَهَارُونَ {122} قَالَ
فِرْعَوْنُ آمَنتُم بِهِ قَبْلَ أَن آذَنَ لَكُمْ إِنَّ هَـذَا لَمَكْرٌ مَّكَرْتُمُوهُ فِي الْمَدِينَةِ لِتُخْرِجُواْ مِنْهَا
أَهْلَهَا فَسَوْفَ تَعْلَمُونَ {123} لأُقَطِّعَنَّ أَيْدِيَكُمْ وَأَرْجُلَكُم مِّنْ خِلاَفٍ ثُمَّ لأُصَلِّبَنَّكُمْ
أَجْمَعِينَ {124} قَالُواْ إِنَّا إِلَى رَبِّنَا مُنقَلِبُونَ {125} وَمَا تَنقِمُ مِنَّا إِلاَّ أَنْ آمَنَّا بِآيَاتِ
رَبِّنَا لَمَّا جَاءتْنَا رَبَّنَا أَفْرِغْ عَلَيْنَا صَبْراً وَتَوَفَّنَا مُسْلِمِينَ {126} وَقَالَ الْمَلأُ مِن قَوْمِ
فِرْعَونَ أَتَذَرُ مُوسَى وَقَوْمَهُ لِيُفْسِدُواْ فِي الأَرْضِ وَيَذَرَكَ وَآلِهَتَكَ قَالَ سَنُقَتِّلُ أَبْنَاءهُمْ
وَنَسْتَحْيِـي نِسَاءهُمْ وَإِنَّا فَوْقَهُمْ قَاهِرُونَ {127} قَالَ مُوسَى لِقَوْمِهِ اسْتَعِينُوا بِاللّهِ
وَاصْبِرُواْ إِنَّ الأَرْضَ لِلّهِ يُورِثُهَا مَن يَشَاءُ مِنْ عِبَادِهِ وَالْعَاقِبَةُ لِلْمُتَّقِينَ {128}
قَالُواْ أُوذِينَا مِن قَبْلِ أَن تَأْتِينَا وَمِن بَعْدِ مَا جِئْتَنَا قَالَ عَسَى رَبُّكُمْ أَن يُهْلِكَ عَدُوَّكُمْ
وَيَسْتَخْلِفَكُمْ فِي الأَرْضِ فَيَنظُرَ كَيْفَ تَعْمَلُونَ {129} وَلَقَدْ أَخَذْنَا آلَ فِرْعَونَ بِالسِّنِينَ
وَنَقْصٍ مِّن الثَّمَرَاتِ لَعَلَّهُمْ يَذَّكَّرُونَ {130} فَإِذَا جَاءتْهُمُ الْحَسَنَةُ قَالُواْ لَنَا هَـذِهِ وَإِن
تُصِبْهُمْ سَيِّئَةٌ يَطَّيَّرُواْ بِمُوسَى وَمَن مَّعَهُ أَلا إِنَّمَا طَائِرُهُمْ عِندَ اللّهُ وَلَـكِنَّ أَكْثَرَهُمْ لاَ
يَعْلَمُونَ {131} وَقَالُواْ مَهْمَا تَأْتِنَا بِهِ مِن آيَةٍ لِّتَسْحَرَنَا بِهَا فَمَا نَحْنُ لَكَ بِمُؤْمِنِينَ
{132} فَأَرْسَلْنَا عَلَيْهِمُ الطُّوفَانَ وَالْجَرَادَ وَالْقُمَّلَ وَالضَّفَادِعَ وَالدَّمَ آيَاتٍ مُّفَصَّلاَتٍ
فَاسْتَكْبَرُواْ وَكَانُواْ قَوْماً مُّجْرِمِينَ {133} وَلَمَّا وَقَعَ عَلَيْهِمُ الرِّجْزُ قَالُواْ يَا مُوسَى
ادْعُ لَنَا رَبَّكَ بِمَا عَهِدَ عِندَكَ لَئِن كَشَفْتَ عَنَّا الرِّجْزَ لَنُؤْمِنَنَّ لَكَ وَلَنُرْسِلَنَّ مَعَكَ بَنِي
إِسْرَائِيلَ {134} فَلَمَّا كَشَفْنَا عَنْهُمُ الرِّجْزَ إِلَى أَجَلٍ هُم بَالِغُوهُ إِذَا هُمْ يَنكُثُونَ
{135}

Ва низ мурочиат кунед ба сураи Анбиё, оёти 100-104, сураи Шуаро, оёти 10-55 ва сураи Тоҳо, оёти 9-24.

***анизриб биъасокал баҳра фанфалақа факона куллу фирқин каттавдил ъазӣм. Ва азлафно суммал охарӣн. Ва анҷайно Мӯсо ва ман маъаҳу аҷмаъӣн. Сумма ағрақнал охарӣн Ê***

***Ä****Мо онҳо (яъне Фиръавниён)-ро аз боғҳо ва чашмасорҳо берун кардем ва аз ганҷинаҳо ва мақомоти баланд маҳрум сохтем. Чараён чунин буд ва ҳамаи онҳоро ба Бани Исроил вогузор намудем. Фиръавниён ба ҳангоми тулӯи офтоб Бани Исроилро таъқиб карданд. Чун ду гурӯҳ якдигарро диданд, ёрони Мӯсо гуфтанд: мо гирифтор хоҳем шуд. Мӯсо гуфт: ҳаргиз, Парвардигорам бо ман аст ва ҳидоятам хоҳад кард. Ба Мӯсо ваҳй кардем, ки асоятро ба баҳр бизан. Дарё бишикофт ва ҳар қисмати он монанди кӯҳи бузурге гардид. Дигарон (яъне Фиръавниёнро аз пайи Бани Исроил) ба баҳр овардем. Ва Мӯсо ва ҳамаи ҳамроҳони ӯро наҷот додем. Он гоҳ дигаронро ғарқ сохтем.*[1]

Ва дар сураи Юнус, оёти 90-92 мефармояд:

---

[1] Сураи Шуаро, оёти 57- 66.

**فَأَخْرَجْنَاهُم مِّن جَنَّاتٍ وَعُيُونٍ {57} وَكُنُوزٍ وَمَقَامٍ كَرِيمٍ {58} كَذَلِكَ وَأَوْرَثْنَاهَا**
**بَنِي إِسْرَائِيلَ {59} فَأَتْبَعُوهُم مُّشْرِقِينَ {60} فَلَمَّا تَرَاءى الْجَمْعَانِ قَالَ أَصْحَابُ**
**مُوسَى إِنَّا لَمُدْرَكُونَ {61} قَالَ كَلَّا إِنَّ مَعِيَ رَبِّي سَيَهْدِينِ {62} فَأَوْحَيْنَا إِلَى**
**مُوسَى أَنِ اضْرِب بِّعَصَاكَ الْبَحْرَ فَانفَلَقَ فَكَانَ كُلُّ فِرْقٍ كَالطَّوْدِ الْعَظِيمِ {63} وَأَزْلَفْنَا**
**ثَمَّ الْآخَرِينَ {64} وَأَنجَيْنَا مُوسَى وَمَن مَّعَهُ أَجْمَعِينَ {65} ثُمَّ أَغْرَقْنَا الْآخَرِينَ**
**{66}**

***Ва ҷовазно бибани Исроилал баҳра фаатбаъаҳум Фиръавну ва ҷунӯдуҳу бағян ва ъадван ҳатто изо адракаҳул ғарқу қола, оманту аннаҳӯ ло илоҳа иллал лазӣ оманат биҳӣ банӯ Исроила ва ано миная муслимӣн. Ал она ва қад ъасайта қаблу ва кунта минал муфсидӣн. Фалявма нунаҷӣка бибаданика литакӯна лиман халфака оятан, ва инна касӣран миннан носи ъан оётино лағофилӯн* Ê**

**Ä***Бани Исроилро аз баҳр гузарондем. Фиръавн ва сипоҳиёнаш ба ситам ва душманӣ онҳоро таъқиб карданд. То чун ҳангоми ғарқи ӯ фаро расид гуфт: имон овардам, ки Худое ба ҷуз Худои Бани Исроил, ки ба он имон овардаанд, намебошад ва ман аз таслимшудагонам. (Ба ӯ дар он ҳолати ғарқшудан, хитоб шуд:) Акнун имон меоварӣ? Бо он ки пеш аз ин нофармонӣ карда аз муфсидон будӣ? Имрӯз бадանатро ба соҳили наҷот мерасонем то барои онон, ки баъд аз ту меоянд ибрат ва нишонае бошӣ. Бо он ки бисёре аз мардумон аз оёт ва нишонаҳои мо сахт ғофилу бехабаранд.*[1]

[1] Сураи Юнус, оёти 90-92.

وَجَاوَزْنَا بِبَنِي إِسْرَائِيلَ الْبَحْرَ فَأَتْبَعَهُمْ فِرْعَوْنُ وَجُنُودُهُ بَغْياً وَعَدْواً حَتَّى إِذَا أَدْرَكَهُ الْغَرَقُ قَالَ آمَنتُ أَنَّهُ لا إِلِـهَ إِلاَّ الَّذِي آمَنَتْ بِهِ بَنُو إِسْرَائِيلَ وَأَنَاْ مِنَ الْمُسْلِمِينَ {90} آلآنَ وَقَدْ عَصَيْتَ قَبْلُ وَكُنتَ مِنَ الْمُفْسِدِينَ {91} فَالْيَوْمَ نُنَجِّيكَ بِبَدَنِكَ لِتَكُونَ لِمَنْ خَلْفَكَ آيَةً وَإِنَّ كَثِيراً مِّنَ النَّاسِ عَنْ آيَاتِنَا لَغَافِلُونَ {92}

## *Намунаи саввум: Бани Исроил дар саҳрои Сино ва саркашиҳои эшон дар замони Мӯсо(а) ва баъд аз ӯ*

Худованди мутаол дар сураи Аъроф, оёти 137-140 ва 160-164 ва 166 мефармояд:

*Мо Бани Исроилро аз баҳр гузаронидем, пас бар қавме гузаштанд, ки бутҳои худашонро парастиш мекарданд. (Бани Исроил) Ба Мӯсо гуфтанд: эй Мӯсо! Барои мо низ худое қарор деҳ, ҳамон гуна ки онҳоро худое аст. Мӯсо гуфт: ба ростӣ, ки шумо мардуми нодонед. Худоёни ин бутпарастон нобудшуданианд ва он чи мекунанд ботил ва беҳуда аст. (Мӯсо) Гуфт: оё ба ҷуз Худои воҳид, барои шумо худое биҷӯям, дар ҳоле ки Худованд шуморо бар ҷаҳониён бартарӣ дода аст?!... Онҳоро дувоздаҳ сулола ва уммат кардем ва он гоҳ, ки қавмаш аз Мӯсо дархости об карданд, ба Мӯсо ваҳӣ кардем, ки асоятро бар ин санг бизан. (Чун зад) Дувоздаҳ чашма аз он бишкофт, ки ҳар сулола макони обхӯрии худро донистанд. Ва абрро бар онҳо соябон кардем ва бар онҳо манн ва салво фурӯ фиристодем. Аз чизҳои покиза, ки рӯзиатон кардем, бихӯред. Онҳо на бар мо, балки бар худашон ситам мекунанд. Ва он гоҳ, ки ба эшон гуфта шуд дар ин қария (деҳа) сокин шавед ва аз ҳар ҷои он, ки хостед бихӯред ва бигӯед, ки гуноҳони моро бирез ва дар ҳоли саҷдаю хузӯъ аз дар ворид шавед, то гуноҳҳоятонро биёмурзем ва бар некӯкорон биафзоем. Ситамгарони эшон ин гуфтаро ба сухани ғайр аз он*

*чи ки ба эшон гуфта шуда буд табдил карданд, (ва дар натиҷа) ба хотири ин ситаме, ки раво доштанд азобе аз осмон бар онҳо фиристодем. Аз яҳудиён бипурс аз шаҳре, ки дар канори баҳр қарор дошт, ки мардумонаш дар рӯзи шанбе таҷовуз карданд ва эҳтроми онро нигаҳ надоштанд. Моҳиёни онҳо ошкоро дар рӯзи шанбе меомаданд, аммо дар рӯзи ғайри шанбе намеомаданд. Инчунин ба сазои табаҳкориашон онҳоро озмудем... Чун аз он чи ки манъ шуда буданд сарпечӣ карданд, ба онҳо гуфтем, ки ба шакли маймун шавед ва дур аз раҳмати Худо бошед.*[1]

Ва дар сураи Тоҳо, оёти 80-98 мефармояд:

---

[1] Сураи Аъроф, оёти 138-140 ва 160-164 ва 166.
... وَجَاوَزْنَا بِبَنِي إِسْرَائِيلَ الْبَحْرَ فَأَتَوْاْ عَلَى قَوْمٍ يَعْكُفُونَ عَلَى أَصْنَامٍ لَّهُمْ قَالُواْ يَا
مُوسَى اجْعَل لَّنَا إِلَـهاً كَمَا لَهُمْ آلِهَةٌ قَالَ إِنَّكُمْ قَوْمٌ تَجْهَلُونَ {138} إِنَّ هَـؤُلاء مُتَبَّرٌ
مَّا هُمْ فِيهِ وَبَاطِلٌ مَّا كَانُواْ يَعْمَلُونَ {139} قَالَ أَغَيْرَ اللّـهِ أَبْغِيكُمْ إِلَـهاً وَهُوَ فَضَّلَكُمْ
عَلَى الْعَالَمِينَ {140}
وَقَطَّعْنَاهُمُ اثْنَتَيْ عَشْرَةَ أَسْبَاطاً أُمَماً وَأَوْحَيْنَا إِلَى مُوسَى إِذِ اسْتَسْقَاهُ قَوْمُهُ أَنِ اضْرِب
بِّعَصَاكَ الْحَجَرَ فَانبَجَسَتْ مِنْهُ اثْنَتَا عَشْرَةَ عَيْناً قَدْ عَلِمَ كُلُّ أُنَاسٍ مَّشْرَبَهُمْ وَظَلَّلْنَا
عَلَيْهِمُ الْغَمَامَ وَأَنزَلْنَا عَلَيْهِمُ الْمَنَّ وَالسَّلْوَى كُلُواْ مِن طَيِّبَاتِ مَا رَزَقْنَاكُمْ وَمَا ظَلَمُونَا
وَلَـكِن كَانُواْ أَنفُسَهُمْ يَظْلِمُونَ {160} وَإِذْ قِيلَ لَهُمُ اسْكُنُواْ هَـذِهِ الْقَرْيَةَ وَكُلُواْ مِنْهَا
حَيْثُ شِئْتُمْ وَقُولُواْ حِطَّةٌ وَادْخُلُواْ الْبَابَ سُجَّداً نَّغْفِرْ لَكُمْ خَطِيئَاتِكُمْ سَنَزِيدُ الْمُحْسِنِينَ
{161} فَبَدَّلَ الَّذِينَ ظَلَمُواْ مِنْهُمْ قَوْلاً غَيْرَ الَّذِي قِيلَ لَهُمْ فَأَرْسَلْنَا عَلَيْهِمْ رِجْزاً مِّنَ
السَّمَاءِ بِمَا كَانُواْ يَظْلِمُونَ {162} وَاسْأَلْهُمْ عَنِ الْقَرْيَةِ الَّتِي كَانَتْ حَاضِرَةَ الْبَحْرِ إِذْ
يَعْدُونَ فِي السَّبْتِ إِذْ تَأْتِيهِمْ حِيتَانُهُمْ يَوْمَ سَبْتِهِمْ شُرَّعاً وَيَوْمَ لاَ يَسْبِتُونَ لاَ تَأْتِيهِمْ
كَذَلِكَ نَبْلُوهُم بِمَا كَانُوا يَفْسُقُونَ {163} وَإِذَ قَالَتْ أُمَّةٌ مِّنْهُمْ لِمَ تَعِظُونَ قَوْماً اللّهُ
مُهْلِكُهُمْ أَوْ مُعَذِّبُهُمْ عَذَاباً شَدِيداً قَالُواْ مَعْذِرَةً إِلَى رَبِّكُمْ وَلَعَلَّهُمْ يَتَّقُونَ {164}
فَلَمَّا عَتَوْاْ عَن مَّا نُهُواْ عَنْهُ قُلْنَا لَهُمْ كُونُواْ قِرَدَةً خَاسِئِينَ {166}

*Эй Бани Исроил! Мо шуморо аз душманатон Фиръавн наҷот додем ва ҷониби рости Тӯрро ба шумо ваъда кардем ва бар шумо манн ва салво нозил намудем. Аз покизаҳо он чиро, ки рӯзиатон кардаем бихӯред ва дар он туғён накунед, ки ғазаби ман бар шумо ворид мешавад. Ва ҳар кас сазовори хашму ғазаби ман гардад ҳамоно хор ва ҳалок хоҳад шуд. Ва ман ҳатман омурзандаам, ҳар касро ки тавба кунад, имон оварад, кори писандида кунад ва роҳ ёбад. Эй Мӯсо! Чӣ чиз туро бар он дошт, ки аз қавмат пешӣ гирӣ? Гуфт: онҳо пушти сари ман ҳастанд ва ба сӯи ту шитоб карданд, то ту хушнуд шавӣ. Гуфт: мо қавматро баъд аз ту озмудем ва Сомирӣ онҳоро гумроҳ сохт. Мӯсо хашмгин ва андӯҳнок ба сӯи қавмаш баргашт ва гуфт: эй қавми ман! Оё Парвардигоратон ба шумо ваъдаи хуб надод? Оё ғайбати ман барои шумо ба дарозо кашид, ё магар хостед, ки ғазабе аз Парвардигоратон шомили шумо шавад, ки ваъдаи маро риоя накардед? Гуфтанд: мо ба ихтиёри худ ваъдаи туро хилоф накардаем. Мо миқдоре аз зинат (аз тилло ва сангҳои қиматбаҳо)-и фиръавниёнро ба ҳамроҳ доштем, ки дар оташ афкандем ва Сомирӣ (фитнаангез) чунин ба мо вонамуд кард. Пас барои онҳо гӯсолае берун овард, ҷасаде, ки садои гӯсола дошт ва гуфтанд худои шумо ва худои Мӯсо ин аст, ки (Мӯсо) аз ёд бурда аст. Оё (ин гӯсолапарастон) наменигаранд, ки (гӯсола) ҷавоби онҳоро намедод ва ҳеҷ суду зиёне барои онҳо надошт?! Ҳорун қаблан ба онҳо гуфта буд, ки эй қавми ман! Шумо дар*

*мавриди ин гӯсола ба фитна гирифтор шудаед. Парвардигори шумо Худои раҳмон аст. Аз ман пайравӣ кунед ва фармонбардори ман бошед. Гуфтанд: мо онҳоро ҳамчунон парастиш хоҳем кард, то ҳангоме ки Мӯсо ба сӯи мо баргардад. Мӯсо (чун баргашт бо тундӣ ба Ҳорун) гуфт: Ҳорун! Чун дидӣ, ки гумроҳ шуданд, чӣ чиз пеши туро гирифт, ки аз қафои ман наомадӣ? Чаро аз фармони ман сарпечӣ кардӣ? Гуфт: эй писари модарам! Риш ва сари маро нагир, тарсидам, ки бигуӣ дар миёни Бани Исроил ҷудоӣ андохтаӣ ва дастури маро риоят накардаӣ. Мӯсо гуфт: эй Сомирӣ! Ин чӣ коре аст (ки ту кардаӣ)? Гуфт: дидаам он чиро, ки инон надидаанд, пас муште аз асари қадами расули Ҳақ (Ҷабраил)-ро баргирифтам ва онро андохтам. Хостаи дилам маро ба ин кор водор намуд. Мӯсо гуфт: бирав! Дар зиндагӣ бояд бигӯӣ бо ман тамос нагиред (яъне алоқа барқарор накунед) ва туро ваъдае аст, ки халалдор нашавад ва ба худоят, ки ба парастиши ӯ идома додаӣ бингар, ки онро месӯзонам ва (хокистарашро) ба баҳр мепошам. Ҳамоно Худои шумо Худое аст, ки ҷуз ӯ маъбуде нест ва илмаш дар ҳама чиз густурда аст.*[1]

---

[1] Сураи Тоҳо, оёти 80-98.

**يَا بَنِي إِسْرَائِيلَ قَدْ أَنجَيْنَاكُم مِّنْ عَدُوِّكُمْ وَوَاعَدْنَاكُمْ جَانِبَ الطُّورِ الْأَيْمَنَ وَنَزَّلْنَا عَلَيْكُمُ الْمَنَّ وَالسَّلْوَى {80} كُلُوا مِن طَيِّبَاتِ مَا رَزَقْنَاكُمْ وَلَا تَطْغَوْا فِيهِ فَيَحِلَّ عَلَيْكُمْ غَضَبِي وَمَن يَحْلِلْ عَلَيْهِ غَضَبِي فَقَدْ هَوَى {81} وَإِنِّي لَغَفَّارٌ لِّمَن تَابَ وَآمَنَ وَعَمِلَ صَالِحاً ثُمَّ اهْتَدَى {82} وَمَا أَعْجَلَكَ عَن قَوْمِكَ يَا مُوسَى {83} قَالَ هُمْ أُولَاء عَلَى أَثَرِي وَعَجِلْتُ إِلَيْكَ رَبِّ لِتَرْضَى {84} قَالَ فَإِنَّا قَدْ فَتَنَّا قَوْمَكَ مِن بَعْدِكَ وَأَضَلَّهُمُ**

Дар сураи Бақара, оёти 51 ва 54-57 мефармояд:

*Ва ёд оред, ки чиҳил шабро ба Мӯсо ваъда кардем, сипас шумо (шумо дар ғайби ӯ) гӯсоларо ба парастиш гирифтед ва ситамкор будед... Ва он гоҳ, ки Мӯсо ба қавмаш гуфт: эй қавми ман! Шумо бо гӯсолапарастӣ бар худ ситам кардаед. Пас ба сӯи Худои худ баргардед ва ба кайфари ҷаҳолати худ ба куштани якдигар теғ баркашед, ки ин дар назди Худоятон ба хайри шумост. Он гоҳ Худо тавбаи шуморо пазируфт, ки ӯ бисёр тавбапазир ва меҳрубон аст. Ва ба ёд оваред, ки ба Мӯсо гуфтед: эй Мӯсо! Мо ҳаргиз ба ту имон намеоварем, магар он гоҳ, ки Худоро ошкоро ба чашми худ бибинем. Пас раъду барқе шуморо гирифт дар ҳоле, ки медидед. Абрро бар сари шумо соябон кардем ва бар шумо*

---

السَّامِرِيُّ {85} فَرَجَعَ مُوسَى إِلَى قَوْمِهِ غَضْبَانَ أَسِفاً قَالَ يَا قَوْمِ أَلَمْ يَعِدْكُمْ رَبُّكُمْ
وَعْداً حَسَناً أَفَطَالَ عَلَيْكُمُ الْعَهْدُ أَمْ أَرَدتُّمْ أَن يَحِلَّ عَلَيْكُمْ غَضَبٌ مِّن رَّبِّكُمْ فَأَخْلَفْتُم
مَّوْعِدِي {86} قَالُوا مَا أَخْلَفْنَا مَوْعِدَكَ بِمَلْكِنَا وَلَكِنَّا حُمِّلْنَا أَوْزَاراً مِّن زِينَةِ الْقَوْمِ
فَقَذَفْنَاهَا فَكَذَلِكَ أَلْقَى السَّامِرِيُّ {87} فَأَخْرَجَ لَهُمْ عِجْلاً جَسَداً لَهُ خُوَارٌ فَقَالُوا هَذَا
إِلَهُكُمْ وَإِلَهُ مُوسَى فَنَسِيَ {88} أَفَلَا يَرَوْنَ أَلَّا يَرْجِعُ إِلَيْهِمْ قَوْلاً وَلَا يَمْلِكُ لَهُمْ ضَرّاً
وَلَا نَفْعاً {89} وَلَقَدْ قَالَ لَهُمْ هَارُونُ مِن قَبْلُ يَا قَوْمِ إِنَّمَا فُتِنتُم بِهِ وَإِنَّ رَبَّكُمُ الرَّحْمَنُ
فَاتَّبِعُونِي وَأَطِيعُوا أَمْرِي {90} قَالُوا لَن نَّبْرَحَ عَلَيْهِ عَاكِفِينَ حَتَّى يَرْجِعَ إِلَيْنَا مُوسَى
{91} قَالَ يَا هَارُونُ مَا مَنَعَكَ إِذْ رَأَيْتَهُمْ ضَلُّوا {92} أَلَّا تَتَّبِعَنِ أَفَعَصَيْتَ أَمْرِي
{93} قَالَ يَا ابْنَ أُمَّ لَا تَأْخُذْ بِلِحْيَتِي وَلَا بِرَأْسِي إِنِّي خَشِيتُ أَن تَقُولَ فَرَّقْتَ بَيْنَ بَنِي
إِسْرَائِيلَ وَلَمْ تَرْقُبْ قَوْلِي {94} قَالَ فَمَا خَطْبُكَ يَا سَامِرِيُّ {95} قَالَ بَصُرْتُ بِمَا لَمْ
يَبْصُرُوا بِهِ فَقَبَضْتُ قَبْضَةً مِّنْ أَثَرِ الرَّسُولِ فَنَبَذْتُهَا وَكَذَلِكَ سَوَّلَتْ لِي نَفْسِي {96}
قَالَ فَاذْهَبْ فَإِنَّ لَكَ فِي الْحَيَاةِ أَن تَقُولَ لَا مِسَاسَ وَإِنَّ لَكَ مَوْعِداً لَّنْ تُخْلَفَهُ وَانظُرْ
إِلَى إِلَهِكَ الَّذِي ظَلْتَ عَلَيْهِ عَاكِفاً لَّنُحَرِّقَنَّهُ ثُمَّ لَنَنسِفَنَّهُ فِي الْيَمِّ نَسْفاً {97} إِنَّمَا إِلَهُكُمُ
اللَّهُ الَّذِي لَا إِلَهَ إِلَّا هُوَ وَسِعَ كُلَّ شَيْءٍ عِلْماً {98}

*манн ва салво нозил намудем. Аз покизаҳое, ки рӯзиатон кардаем бихӯред. Онҳо (шукри ин неъматро, ки ба ҷо наоварданд) на ба мо, балки бар худ ситам раво доштанд.*[1]

Ва дар сураи Аъроф, ояти 155 мефармояд:

***Вахтора Мӯсо қавмаҳу сабъӣна раҷулан лимӣқотино, фаламмо ахазатҳумур раҷфату қола рабби лав ши'та аҳлактаҳум мин қаблу ва ийёя атуҳликуно бимо фаъалас суфаҳоу минно ин ҳия илло фатантука...*** **Ê**

**Ä** *Ва Мӯсо ҳафтод мардро аз қавми худ барои ваъдагоҳи мо интихоб намуд ва чун (ба ҷурми тақозои дидани Худо) ларза ва зилзилае онҳоро гирифт, (Мӯсо дар он ҳол) гуфт: Парвардигоро! Агар мехостӣ маро ва инҳоро аз пеш мемирондӣ, оё моро бо кори камхирадҳои мо нобуд мекунӣ? Ин нест магар озмоиш ва имтиҳони ту...*[2].

Дар сураи Бақара, ояти 61 мефармояд:

---

[1] Сураи Бақара, оёти 51 ва 54-57.

وَإِذْ وَاعَدْنَا مُوسَى أَرْبَعِينَ لَيْلَةً ثُمَّ اتَّخَذْتُمُ الْعِجْلَ مِن بَعْدِهِ وَأَنتُمْ ظَالِمُونَ {51}
وَإِذْ قَالَ مُوسَى لِقَوْمِهِ يَا قَوْمِ إِنَّكُمْ ظَلَمْتُمْ أَنفُسَكُمْ بِاتِّخَاذِكُمُ الْعِجْلَ فَتُوبُواْ إِلَى بَارِئِكُمْ فَاقْتُلُواْ أَنفُسَكُمْ ذَلِكُمْ خَيْرٌ لَّكُمْ عِندَ بَارِئِكُمْ فَتَابَ عَلَيْكُمْ إِنَّهُ هُوَ التَّوَّابُ الرَّحِيمُ {54} وَإِذْ قُلْتُمْ يَا مُوسَى لَن نُّؤْمِنَ لَكَ حَتَّى نَرَى اللَّهَ جَهْرَةً فَأَخَذَتْكُمُ الصَّاعِقَةُ وَأَنتُمْ تَنظُرُونَ {55} ثُمَّ بَعَثْنَاكُم مِّن بَعْدِ مَوْتِكُمْ لَعَلَّكُمْ تَشْكُرُونَ {56} وَظَلَّلْنَا عَلَيْكُمُ الْغَمَامَ وَأَنزَلْنَا عَلَيْكُمُ الْمَنَّ وَالسَّلْوَى كُلُواْ مِن طَيِّبَاتِ مَا رَزَقْنَاكُمْ وَمَا ظَلَمُونَا وَلَكِن كَانُواْ أَنفُسَهُمْ يَظْلِمُونَ {57}

[2] Сураи Аъроф, ояи 155.

وَاخْتَارَ مُوسَى قَوْمَهُ سَبْعِينَ رَجُلاً لِّمِيقَاتِنَا فَلَمَّا أَخَذَتْهُمُ الرَّجْفَةُ قَالَ رَبِّ لَوْ شِئْتَ أَهْلَكْتَهُم مِّن قَبْلُ وَإِيَّايَ أَتُهْلِكُنَا بِمَا فَعَلَ السُّفَهَاء مِنَّا إِنْ هِيَ إِلاَّ فِتْنَتُكَ ... {155}

***Ва из қултум ё Мӯсо лан насбира ъало таъомин воҳидин фадъу лано раббака юхриҷ лано миммо тунбитул арзу мин бақлиҳо ва қиссоиҳо ва фӯмиҳо ва ъадасиҳо ва басалиҳо, қола атастабдилӯнал лазӣ ҳува адно бил лазӣ ҳува хайрун, иҳбитӯ мисран фаинна лакум мо саалтум ва зурибат ъалайҳимуз зиллату вал масканату ва боӯ биғазабин миналлоҳи золика бианнаҳум конӯ якфурӯна биоётиллоҳи, ва яқтулӯнан набиййина биғайрил ҳаққи, золика бимо ъасав ва конӯ яътадӯн Ê***

*ÄВа чун гуфтед: эй Мӯсо! Мо ҳаргиз ба як навъ таом қаноат намекунем, пас аз Парвардигорат барои мо бихоҳ то аз он чи ки замин мерӯёнад чун хиёр (бодиринг) ва сир ва адас (наск) ва пиёз барои мо берун оварад. Мӯсо гуфт: оё мехоҳед он чиро, ки пасттар аст бо хубтар иваз кунед? (Пас) Ба шаҳри Миср дароед, ки он чиро хостед дар он ҷо мавҷуд аст. Зиллат ва бенавоӣ барои онҳо ҳатмӣ шуд. Гирифтори хашм ва ғазаби Худо шуданд, зеро онҳо ба хотири нофармонӣ ва таҷовуз, оёти Худоро мункир мешуданд ва паёмбаронро ба ноҳақ мекуштанд.*[1]

---

[1] Сураи Бақара, ояи 61.

وَإِذْ قُلْتُمْ يَا مُوسَى لَن نَّصْبِرَ عَلَىَ طَعَامٍ وَاحِدٍ فَادْعُ لَنَا رَبَّكَ يُخْرِجْ لَنَا مِمَّا تُنبِتُ الأَرْضُ مِن بَقْلِهَا وَقِثَّآئِهَا وَفُومِهَا وَعَدَسِهَا وَبَصَلِهَا قَالَ أَتَسْتَبْدِلُونَ الَّذِي هُوَ أَدْنَى بِالَّذِي هُوَ خَيْرٌ اهْبِطُواْ مِصْراً فَإِنَّ لَكُم مَّا سَأَلْتُمْ وَضُرِبَتْ عَلَيْهِمُ الذِّلَّةُ وَالْمَسْكَنَةُ وَبَآؤُوْاْ بِغَضَبٍ مِّنَ اللَّهِ ذَلِكَ بِأَنَّهُمْ كَانُواْ يَكْفُرُونَ بِآيَاتِ اللَّهِ وَيَقْتُلُونَ النَّبِيِّينَ بِغَيْرِ الْحَقِّ ذَلِكَ بِمَا عَصَواْ وَّكَانُواْ يَعْتَدُونَ {61}

Ва дар сураи Моида, оёти 20-26 мефармояд:

*Он гоҳ ки Мӯсо ба қавмаш гуфт: эй қавми ман! Неъмати Худоро бар худатон ба ёд оред, замоне ки дар миёни шумо паёмбароне қарор дод ва шуморо озод гардонид ва ба шумо чизҳое дод, ки ба ҳеҷ кас надода аст. Эй қавми ман! Ба сарзамини муқаддасе, ки Худованд бар шумо муқаррар фармуда аст, ворид шавед ва ба ақиб барнагардед (пушт ба ҳукми Худо накунед), ки аз зиёнкорон хоҳед буд. Гуфтанд: эй Мӯсо! Дар он ҷо қавми ситамкор ҳастанд ва мо ҳаргиз дохили он намешавем, магар ҳангоме ки онҳо аз он ҷо берун раванд ва чун берун шуданд мо ворид мешавем. Ду марди худотарс, ки мавриди лутфи Худо буданд (Юшаҳ ва Колиб) ба онҳо гуфтанд: шумо бар мардуми шаҳр аз дарвоза ворид шавед, ки чун дохил шудед пирӯз мешавед. Бар Худо эътимод кунед, агар мӯъмин ҳастед. Гуфтанд: эй Мӯсо! То онҳо дар он ҷо ҳастанд мо ҳаргиз вориди он ҷо намешавем. Ту ва Парвардигорат биравед ва бо онҳо биҷангед, мо ҳамин ҷо нишастаем! Мӯсо гуфт: Парвардигоро! Ман ва бародарам фақат бар худамон тасаллут дорем, ту миёни мо ва ин қавми фосиқ (ки фармон намебаранд) ҷудоӣ андоз. Худованд фармуд: (вуруд ба он шаҳр) чиҳил сол ба онҳо ҳаром аст ва дар биёбон саргардон мемонанд. Ту бар ин мардуми фосиқ афсӯс нахӯр.*[1]

---

[1] Сураи Моида, оёти 20-26.

**وَإِذْ قَالَ مُوسَى لِقَوْمِهِ يَا قَوْمِ اذْكُرُواْ نِعْمَةَ اللّهِ عَلَيْكُمْ إِذْ جَعَلَ فِيكُمْ أَنبِيَاء وَجَعَلَكُم مُّلُوكاً وَآتَاكُم مَّا لَمْ يُؤْتِ أَحَداً مِّن الْعَالَمِينَ {20} يَا قَوْمِ ادْخُلُوا الأَرْضَ المُقَدَّسَةَ**

Ва дар сураи Қасас оёти 76-81 мефармояд:

*Қорун аз қавми Мӯсо буд, ки бар онҳо таҷовуз кард. Ба ӯ он қадар аз ганҷинаҳо дода будем, ки бардоштани калидҳои онҳо ба заҳмат (-и зиёд) бар соҳибони қуввват имкон дошт. Он ҳангом ки қавмаш ба ӯ гуфтанд: такаббур макун, ки Худо такаббуркунандагонро дӯст надорад. Дар он чи Худоят дода аст, сарои охиратро биҷӯй ва баҳраатро аз дунё фаромӯш накун. Ва ҳамчунон, ки Худованд ба ту некӣ карда аст, ба дигарон некӣ кун ва аз аҳли фасод ва табоҳӣ набош, ки Худо муфсидонро дӯст надорад. Қорун гуфт: ин мол ба хотири доніше, ки дорам ба ман дода шуда аст. Оё ӯ намедонист, ки Худованд қарнҳо пеш аз ӯ касонеро, ки қавитар ва сарватмандтар аз ӯ буданд ҳалок кардааст ва гуноҳкорон аз гуноҳашон пурсише намешаванд. (Қорун) бо таҷаммул ва зевараш бар қавмаш берун омад. Онҳо, ки хоҳони дунё буданд гуфтанд: эй кош мо ҳам мисли Қорун сарват доштем. Ӯро баҳраи азим аст. Касоне, ки аҳли дониш буданд, гуфтанд: вой бар шумо! Савоби*

---

الَّتِي كَتَبَ اللّهُ لَكُمْ وَلاَ تَرْتَدُّوا عَلَى أَدْبَارِكُمْ فَتَنقَلِبُوا خَاسِرِينَ {21} قَالُوا يَا مُوسَى
إِنَّ فِيهَا قَوْماً جَبَّارِينَ وَإِنَّا لَن نَّدْخُلَهَا حَتَّى يَخْرُجُواْ مِنْهَا فَإِن يَخْرُجُواْ مِنْهَا فَإِنَّا
دَاخِلُونَ {22} قَالَ رَجُلاَنِ مِنَ الَّذِينَ يَخَافُونَ أَنْعَمَ اللّهُ عَلَيْهِمَا ادْخُلُواْ عَلَيْهِمُ الْبَابَ
فَإِذَا دَخَلْتُمُوهُ فَإِنَّكُمْ غَالِبُونَ وَعَلَى اللّهِ فَتَوَكَّلُواْ إِن كُنتُم مُّؤْمِنِينَ {23} قَالُواْ يَا
مُوسَى إِنَّا لَن نَّدْخُلَهَا أَبَداً مَّا دَامُواْ فِيهَا فَاذْهَبْ أَنتَ وَرَبُّكَ فَقَاتِلا إِنَّا هَاهُنَا قَاعِدُونَ
{24} قَالَ رَبِّ إِنِّي لا أَمْلِكُ إِلاَّ نَفْسِي وَأَخِي فَافْرُقْ بَيْنَنَا وَبَيْنَ الْقَوْمِ الْفَاسِقِينَ
{25} قَالَ فَإِنَّهَا مُحَرَّمَةٌ عَلَيْهِمْ أَرْبَعِينَ سَنَةً يَتِيهُونَ فِي الأَرْضِ فَلاَ تَأْسَ عَلَى الْقَوْمِ
الْفَاسِقِينَ {26}

*Худованд барои касоне, ки имон оварда, некӯкор бошанд беҳтар аст ва чунин савобе ҷуз ба собирон намерасад. Ӯ (Қорун) ва хонаашро ба замин фурӯ бурдем ва ӯро ёваре набуд то дар баробари Худованд кӯмакаш кунад ва худаш ҳам натавонист, ки худро ёрӣ диҳад.*[1]

## Шарҳи вожаҳо

**Ҷайбика**: *ҷайб*: гиребон, чоки пироҳан.

**Малааҳу**: *Ал мала'*: ашроф ва бузургони қавм, гоҳе низ ба ҷамоат тааллуқ мегирад ва ихтисос ба ашроф надорад.

**Арҷиҳи**: *арҷаал амра*: онро ба таъхир андохт.

*Арҷиҳи ва ахоҳу*: кори ӯ ва бародарашро ба таъхир бияндоз.

**Ҳоширӣн**: *ҳашр*: гирд омадан, ҷамъ шудан.

Ҳоширин: ҷамъ шуданд то соҳиронро гирд оваранд.

**Талқафу**: *лақафатат таъома*: таомро фурӯ бурд.

---

[1] Сураи Қасас, оёти 76-81.
إِنَّ قَارُونَ كَانَ مِن قَوْمِ مُوسَى فَبَغَى عَلَيْهِمْ وَآتَيْنَاهُ مِنَ الْكُنُوزِ مَا إِنَّ مَفَاتِحَهُ لَتَنُوءُ
بِالْعُصْبَةِ أُولِي الْقُوَّةِ إِذْ قَالَ لَهُ قَوْمُهُ لَا تَفْرَحْ إِنَّ اللَّهَ لَا يُحِبُّ الْفَرِحِينَ {76} وَابْتَغِ
فِيمَا آتَاكَ اللَّهُ الدَّارَ الْآخِرَةَ وَلَا تَنسَ نَصِيبَكَ مِنَ الدُّنْيَا وَأَحْسِن كَمَا أَحْسَنَ اللَّهُ إِلَيْكَ
وَلَا تَبْغِ الْفَسَادَ فِي الْأَرْضِ إِنَّ اللَّهَ لَا يُحِبُّ الْمُفْسِدِينَ {77} قَالَ إِنَّمَا أُوتِيتُهُ عَلَى
عِلْمٍ عِندِي أَوَلَمْ يَعْلَمْ أَنَّ اللَّهَ قَدْ أَهْلَكَ مِن قَبْلِهِ مِنَ الْقُرُونِ مَنْ هُوَ أَشَدُّ مِنْهُ قُوَّةً
وَأَكْثَرُ جَمْعاً وَلَا يُسْأَلُ عَن ذُنُوبِهِمُ الْمُجْرِمُونَ {78} فَخَرَجَ عَلَى قَوْمِهِ فِي زِينَتِهِ
قَالَ الَّذِينَ يُرِيدُونَ الْحَيَاةَ الدُّنيَا يَا لَيْتَ لَنَا مِثْلَ مَا أُوتِيَ قَارُونُ إِنَّهُ لَذُو حَظٍّ عَظِيمٍ
{79} وَقَالَ الَّذِينَ أُوتُوا الْعِلْمَ وَيْلَكُمْ ثَوَابُ اللَّهِ خَيْرٌ لِّمَنْ آمَنَ وَعَمِلَ صَالِحاً وَلَا
يُلَقَّاهَا إِلَّا الصَّابِرُونَ {80} فَخَسَفْنَا بِهِ وَبِدَارِهِ الْأَرْضَ فَمَا كَانَ لَهُ مِن فِئَةٍ يَنصُرُونَهُ
مِن دُونِ اللَّهِ وَمَا كَانَ مِنَ الْمُنتَصِرِينَ {81}

*Талқаф*: он чиро, ки соҳирон ҳила карда буданд, фурӯ бурд.

**Я'факӯн**: *афика, я'факу*: бӯҳтон ва тӯҳмат зад. Я'факун: воруна (баръакс) ҷилва доданд.

**Соғирӣн**: *согир*: хор ва залил.

**Мин хилоф**: *қатъул айди вал арҷули мин хилоф*: ҷудо кардани дасти рост ва пои чап ва ё баръакс.

**Афраға**: *афрагаллоҳус сабра ъалал қулуб*: Худо сабр ба дилҳо афканд, сабрро бар онҳо нозил кард.

**Синӣн**: *синин* ҷамъи "*сана*" аст ва ба маънои солҳои хушк ва бе обу алаф ва сахт.

**Ятайяру**: *тайяра*: шугуни бад зад, фоли бад зад.

Тоир, дар ин ҷо яъне шумӣ ва хайру шарри онҳо. Яъне тамоми ин корҳо аз худи онҳо сарчашма мегирад ва иртиботе ба дигарон надорад.

**Тӯфон**: борони бисёр сахте, ки мардумонро дар миён мегирад.

**Ҷаррод**: малах.

Манзур ин аст, ки малах ҳар чи гиёҳ ва рӯйиданӣ доштанд, ҳамаро хӯрд ва нобуд кард.

**Алқуммал**: Дар маънои он гуфтаанд, ҳашарае аст бисёр рез ва озордиҳада, монанди шабушки гандум, шабушки шутур ва ҳайвонӣ, монанди кана.

**Риҷз**: азоб.

**Янкусӯн**: паймонашонро мешикананд.

**Таввад**: кӯҳи калони сар ба фалак кашида.

**Азлафно**: наздик гардондем, яъне:

Фиръавн ва фиръавниёнро ба Мӯсо ва қавмаш наздик ва наздиктар кардем, то онҳоро бибинанд ва таъқибашон кунанд, то ҳамагӣ ғарқ шаванд.

**Матаббара**: *таббараҳу*: ӯро кушт, ба ҳалокат расонид. Матаббарун: ҳалокшуда ва кушташуда.

**Асботан**: *асбот*: қабилаҳо ва ҳар қабилае, ки аъзояш аз насли як мард ташкил шуда бошад.

**Инбаҷасат**: мунфаҷир шуд, аз ҳам пошида шуд.

**Манн ва Салво**:

*Ман*ро тафсир кардаанд, ки шилм будааст, ба монанди асали сахт ва шахшуда, ки аз осмон поин меомад ва бар дарахт ва ё санг, ки менишаст, чун қурс (дона) баста мешуд.

*Салво* низ номи паррандае аст обӣ ва муҳоҷир, ки Самон номида мешавад.

**Ҳаттатун**: *ҳатталлоҳу визраҳу*: Худованд гуноҳашро бахшид.

*Қӯлӯ ҳаттатун*: яъне бигӯед Парвардигоро! Гуноҳҳо ва аъмоли зишти моро нобуд фармо.

**Яъдӯна**: ситам мекунанд.

**Бақлиҳо ва қиссоиҳо ва фӯмиҳо**: *бақлиҳо*: сабзавотҳои нек ва покиза, ки бидуни ҳеҷ тағире хӯрда мешаванд; *алқисо*: бодиринг, *фумиҳо*: гандум, ё нон ва ё сир.

**Ло та'са ъалал қавм**: барои қавм маҳзун мабош.

**Ъатав**: такаббур варзида аз ҳад гузаронидаанд.

**Шурраъан**: зоҳир ва равон бар рӯи об.

**Хоси’ӣн**: хор ва рондашудагон.

**Хувор**: *хорус саври вал ъиҷли хуворан*: яъне гов ва гӯсола бонг зад ва овоз баровард.

***Ло* масоса**: *массаҳ ва мосса*: ламс кард ва даст кашид бар чизе бидуни монеа. *Ло масоса* дар ояи шарифа, яъне маро ламс накунед.

**Яъкуфӯна ва ъокифӣна**: *Ъакафа фил макон*: дар ҷое монд ва ъакафа фил масҷид, мӯътакиф дар масҷид шуд, дар масҷид монд барои муддате ба қасди ибодат.

**Набазтуҳо**: онро рехтам.

**Саввалат лӣ нафсӣ**: нафсам маро фиреб дод ва ин корро бароям зебо ҷилва дод.

**Нансифаннаҳу**: *насифатир рӣҳу аттуроба*: яъне бод, хокро пароканда сохт ва дар ин ҷо ба маънои он аст, ки зарроти онро дар баҳр марезанд.

**Фитнатука**: имтиҳони ту.

**Масканат**: фақр, бенавоӣ, заъф, нотавонӣ.

***Лан* набраҳа**: аз ибодати гӯсола канора намегирем, кӯтоҳ намеоем ва даст намебардорем.

***Лам* тарқаб**: нигаҳ надоштӣ, ҳифз накардӣ.

**Хатбука**: ҳоли ту ва мавқеияти ту.

## Мавридҳои муҳим ва диққатҷалбкунанда дар тафсири оёт

Фиръавн аз навзодони Бани Исроил онро, ки писар буд, сар мебурид. Зеро ба ӯ гуфта буданд, ки дар миёни Бани Исроил писаре ба дунё меояд, ки ҳалоки ӯ ва

қавми ӯ ба дасти он писар хоҳад буд. Ҳикмати Парвардигор бар ин қарор гирифт, ки Фиръавн худ тарбияти он писарро ба ӯҳда бигирад. Хости Худо чунон буд, ки он кӯдак дар хонаи Фиръавн нашъунамо кунад, то он гоҳ ки калон шавад ва ба камол расад.

Мӯсо рӯзе аз кохи Фиръавн пой берун ниҳод ва бидуни ин ки касе аз ӯ хабардор шавад, вориди шаҳр шуд. Дар он ҷо дид, ки марде қибтӣ бо марде аз Бани Исроил дастбагиребон шуда якдигарро мезананд. Чун марди қибтӣ бар ҳарифи худ пирӯз шуда буд, аз ин сабаб он исроилӣ аз Мӯсо оҷизона кӯмак талабид. Мӯсо қадаме ба пеш гузошт ва муште ба он марди қибтӣ зад, ки дар асари ҳамон зарба ба замин афтод ва дар ҳамон дам ҷон дод.

Фиръавниён бар интиқом ва куштани Мӯсо ҳамоҳанг шуданд. Аз ин рӯ вай ночор тарсону гирён дар ҳоле ки сахт ба чор тарафи худ нигоҳ мекард, пой аз Миср берун ниҳод ва ҳамин тавр мерафт, то ба Мадян расид. Дар он ҷо ба Шуайби паёмбар мардикор шуд ва чӯпонии гӯсфандони ӯро барои ҳашт ё даҳ соли хидмат дар баробари хонадор шудан бо яке аз духтарони ҳазрати Шуайб, бар ӯҳда гирифт.

Мӯсо даҳ сол хидмати Шуайбро кард. Дар поёни хидмат Шуайб илова бар вафо ба қарордоди худ, асоеро, ки аз паёмбарон ба ирс бурда буд ва ба кори чӯпонӣ ба кор мерафт,[1] ба вай бахшид.

---

[1] Ин матлаб дар ривоёт омада аст.

Мӯсо дар поёни хидмат, бо ҳамсар ва гӯсфандонаш рӯй ба саҳрои Сино ниҳод, ки дар он ҷо дар шаби сард ва зулмонӣ оташе мушоҳида кард. Ӯ рӯй ба ҷониби он оташ ниҳод то битавонад аз он шӯълае бигирад (ва хонаводаи худро гарм кунад) ва ё бар он оташ касеро биёбад, то вайро дар роҳи рост роҳнамоӣ кунад. Аммо ҳамин, ки Мӯсо ба он ҷо расид нидое шунид, ки мегуфт: эй Мӯсо! Ман Парвардигори ҷаҳониёнам.[1] Асоятро бияндоз. Чун чашми Мӯсо ба асо афтод, ки ба монанди ҷондоре меҷунбад, пушт карду гурехт ва пушти сари худро ҳам нигоҳ накард. Худованд ӯро нидо кард: эй Мӯсо! Натарс, ки мо онро ба ҳоли аввалаш бармегардонем. Пас Мӯсо даст ба сӯи асояш дароз кард ва ногоҳ дид, ки ҳамон асои чӯбине шуд, ки дар аввал буд. Боз Худованд ба ӯ фармуд: дастатро ба гиребонат фурӯ бар. Ва ҳоло берун овар, дастат аз сафедӣ дурахшон гашта аст, дар ҳоле, ки лаккае дар он нест. Он гоҳ Худованд ба ӯ фармуд:

Ин ду мӯъҷиза, дар миёни нӯҳ оят ва нишона аст. Бо онҳо ба (рисолат аз ҷониби ман) назди Фиръавн ва қавми ӯ бирав. Мӯсо гуфт: Парвардигоро! Ҳорун бародарамро, ки аз ман забони гӯётар дорад, ба ман ҳамроҳ кун. Худованд фармуд: бозувонатро ба бародарат маҳкам гардонидем. Инак ба сӯи Фиръавн биравед, ки ӯ туғён карда аст ва бо ӯ ба нармӣ сухан бигӯед шояд, ки ӯ панд гирифта (аз Худо) битарсад.

[1] Мо матолиби худро аз миёни оёти сураҳои Қасас, Намл, Аъроф, Тоҳо ва Шуаро ҷамъ намуда якҷоя кардаем.

Назди ӯ биравед ва бигӯед: мо паёмбарони Парвардигори ту ҳастем, Бани Исроилро ҳамроҳи мо кун ва эшонро беш аз ин озор ва азият нарасон. Мӯсои Калимуллоҳ паёми Худовандро ба Фиръавн ва ашрофи даргоҳаш расонид ва Худованд ҳам бар дасти Мӯсо оёти нӯҳгонаашро ба онҳо нишон дод. Вале Фиръавн ҳамаро инкор кард ва пайравӣ аз фармони Худоро қабул накард ва гуфт: эй Мӯсо! Оё омадаӣ, ки моро бо сеҳру ҷодуят аз сарзаминамон берун кунӣ?! Мо ҳам метавонем сеҳре монанди ҷодуи ту оварем. Сипас фармон дод ҳамаи соҳиронро дар рӯзи иди худашон ҳозир карданд.

Ҷодугарон ба Мӯсо[(а)] гуфтанд: эй Мӯсо! Ту асоятро меандозӣ ё аввал мо биандозем? Мӯсо[(а)] посух дод: шумо биандозед. Ҷодугарон чун ресмонҳо ва асоҳояшонро андохтанд, ҷодуяшон чашми мардумро гирифт ва онҳоро сахт тарсонид. Ҷодугарони Фиръавн, сеҳри бисёр бузурге нишон доданд. Майдони намоишгоҳ дар чашми мардумон аз морҳои хашмгини ҳамлакунанда мавҷ мезад! Дар ин ҳол Худои таоло ба Мӯсо фармон дод: асоятро бияфкан, ки ӯ ба танҳоӣ ҳамаи он чиро, ки ҷодугарон, ноҳақ ва нодуруст дар чашми дигарон нишон доданд, фурӯ хоҳад бурд.

Мӯсо[(а)] фармон бурд ва асояшро андохт. Асои он ҳазрат ба аждаҳои даҳшатнок табдил шуд, ки бо як ҳамлаи ӯ дигар асаре аз он ҳама сохтаҳою пардохтаҳои ҷодугарон дар паҳнаи он майдони васеъ чизе дида намешуд. Сипас Мӯсо[(а)] даст ба сӯи аждаҳои азиме, ки

тамоми таноб ва асоро фурӯ бурда буд дароз кард, ки он аждаҳои дамон дар дасти ӯ ҳамон асое шуд, ки буд.

Ҷодугарон дарёфтанд, ки балъидани он ҳама таноб ва асо ба василаи асои Мӯсо ва нобуд шудани онҳо барои ҳамеша наметавонад сеҳр ва ҷоду бошад, балки мӯъҷизае аст аз мӯъҷизоти бузурги илоҳӣ. Ин буд, ки ҳамагӣ ба саҷда афтоданд ва гуфтанд: мо ба Парвардигори ҷаҳониён, Парвардигори Мӯсо ва Ҳорун имон овардем. Фиръавн замоне ки имон овардани онҳоро дид, гуфт: пеш аз он ки ман ба шумо иҷозат диҳам, ба ӯ имон овардед? (Ба сазои ин кор) Даст ва поятонро мухолифи ҳам бурида ва шуморо ба дор мекашам. Соҳирон гуфтанд: аҳамият надорад, мо ба сӯи Парвардигорамон меравем.

Фиръавн ва фиръавниён пас аз он, пушти сари ҳам азоби илоҳӣ ба монанди: тӯфон, ҳуҷуми малах, шабушк, қурбоққа ва хун (хун шудани об)-ро дарёфт мекарданд ва ҳар гоҳ, ки яке аз ин азобҳо бар эшон нозил мешуд мегуфтанд: эй Мӯсо! Парвардигоратро бихон, ки агар ин азобро аз мо бигирад, мо ба ту имон меоварем ва Бани Исроилро ҳам ҳатман бо ту ҳамроҳ мекунем. Худованд ба дуои Мӯсо балоро (баъд аз гӯшмоли лозим) аз эшон бармедошт, аммо фиръавниён паймони худро мешикастанд.

Баъд аз ин ҷараёнҳо Худованд ба Мӯсо ваҳй фиристод, ки бандагони маро ҳаракат бидеҳ. Мӯсо низ Бани Исроилро шабона ҳаракат дод то ба Баҳри Сурх расид. Фиръавн ва сипоҳиёнаш онҳоро таъқиб карданд, то ин ки саранҷом бомдодон ба эшон расиданд. Бани

Исроил фарёдашон бархост, ки: гирифтор шудем. Ин ҷо буд, ки Худованд ба Мӯсо[а] фармон дод, ки асоятро ба баҳр зан. Мӯсо[а] фармон бурд ва асояшро ба баҳр зад. Бахр аз ҳам шикофт ва дувоздаҳ роҳи хушк баробари теъдоди қабилаи Бани Исроил падид омад ва ҳар қабила қадам ба роҳи махсус ниҳод ва пеш рафт. Фиръавн ва сипоҳиёнаш низ онҳоро дар роҳҳои хушки эҷодшуда дар баҳр таъқиб карданд. Ҳангоме ки охирин фарди Бани Исроил аз он сӯи баҳр берун омад ва охирин нафар аз сипоҳиёни Фираъвн вориди роҳҳои баҳр шуд, ногаҳон обҳо ба ҳам пайвастанд ва Фиръавн ва тамоми афроди сипоҳи ӯро дар коми худ фурӯ бурданд. Дар ин ҳолат буд, ки Фиръавн гуфт: имон овардам, ки Худое ҷуз Худое, ки Бани Исроил ба ӯ имон оварданд, намебошад ва ман таслими ӯям. Ба ӯ гуфта шуд: акнун!? То лаҳзае пеш исён меварзидӣ?! Имрӯз ҷасадатро ба соҳили наҷот мерасонем, то барои ояндагон ибрате бошад. Худои бузург рост фармуда аст ва имрӯз бадани мӯмиёишудаи ҳамин Фиръавн дар музеи осори бостонии Миср дар маърази тамошои боздидкунандагон қарор дорад ва ман (муаллиф) низ онро аз наздик дидаам.

Баъд аз он Худованд Бани Исроилро аз бахр гузаронд ва душманонашонро дар баҳр ғарқ фармуд ва ба ҷониби саҳрои Сино пеш рафтанд. Онҳо дар ин сафар ба мардуме бархӯрданд, ки бутҳояшонро парастиш мекарданд. Бани Исроил ба Мӯсо гуфтанд: Эй Мӯсо! Барои мо ҳам худоёне қарор деҳ, ҳамчунон ки инҳо худоёне доранд! Мӯсо фармуд: шумо мардуми бисёр

нодонед, кори инҳо ботил ва беҳуда аст. Оё ман барои шумо ба ғайр аз Худои воҳиде, ки шуморо (дар давраи худатон) бар ҷаҳониён баргузидааст, худои дигаре биҷӯям?!

Ин баргузидагӣ, ки ҳазрати Мӯсо ба он ишора мекард, аз он рӯ буд, ки Худованд паёмбаронеро аз худашон ва дар миёнашон фиристода буд ва навъҳои неъматҳояшро ба монанди соя андохтани абр бар сари онҳо барои пешгирӣ аз сӯзандагии офтоб ва хӯрондани таом аз манну салворо ба онҳо арзонӣ дошта буд.

Бо ин ҳама онҳо аз фармони Худованд, ки ба эшон фармон дода буд аз дарвоза, дар ҳоли саҷда ва шукргузории Худои таоло ворид шаванд ва бигӯянд: “Гуноҳҳои моро комилан бирез”, баръакс пуштакӣ-пуштакӣ вориди даргоҳ шуданд ва гуфтанд: “Гандуми сурх!”

Инчунин соҳилнишинони баҳр, ки онҳоро Худояшон аз сайди моҳӣ дар рӯзи шанбе манъ карда буд, (он гоҳ, ки дар он рӯз моҳиён гурӯҳ-гурӯҳ бар сатҳи об зоҳир мешуданд) Худоро нофармонӣ карда дар рӯзи шанбе ба шикор ва сайди онҳо мепардохтанд. Дар натиҷа, Худованд бар онҳо хашм гирифт ва эшонро ба шакли маймун даровард.

Пас аз он ки Бани Исроил саҳрои Синоро ишғол карданд ва дар он ҷо ҷомеаи азими инсонӣ ташкил доданд, ниёз ба низом ва муқарароте барои ҷамъияташон пайдо карданд. Дар ин ҳангом буд, ки Худованд ҷониби рости кӯҳи Тӯрро бо паёмбараш Мӯсо миқот (ҷои мулоқот) ниҳод, то баъд аз сӣ

шабонарӯз Тавротро ба ӯ ато кунад. Мӯсо фармон бурд ва барои муноҷот бо Парвардигораш ба мулоқот шитофт ва бародараш Ҳорунро ба ҷонишинии худ дар қавмаш баргузид. Парвардигори ҷаҳониён ваъдаи худро бо Мӯсо даҳ шаби дигар изофа намуд ва ин мулоқот дар чиҳил шаб тамом шуд.

Дар вақти набудани Мӯсо[(а)] Сомирӣ ба фиреб додан ва гумроҳ сохтани Бани Исроил пардохт. Вай зинатҳои тиллоиеро, ки Бани Исроил аз фиръавниён ба кироя гирифта буданд, аз онҳо гирифт ва об карда аз он, муҷассамае ба шакли гӯсола сохт. Дар даҳони он муҷассама, хоке аз ҷои наъли аспи Ҷабраил, ки ҳангоми фуруд ба ҳазрати Мӯсо[(а)] ба шакли инсони аспсавор даромада буд, бирехт. Дар асари ин кор аз даҳони муҷассамаи гӯсола садое монанди бонги гӯсола берун меомад ва ҳамин бонг танҳо имтиёзе буд, ки он гӯсолаи тиллоӣ дошт. Нафси Сомирӣ ин кори вайро барояш зебо ва ҷолиб ҷилва дода, вайро ба анҷоми он ташвиқ карда буд. Ҳазрати Мӯсо (баъд аз итмоми чиҳил шаб ва баъди баргаштан ба қавми худ) ба Сомирӣ фармуд: яккаву танҳо сар ба биёбонҳо бигзор, ки агар касе бо ту алоқа пайдо кунад, ҳар ду ба таб мубтало хоҳед шуд ва доимо хоҳӣ гуфт, ки бо ман алоқа накунед. Баъд аз он ҳам туро навиди азоби Худо дар рӯзи қиёмат медиҳем. Инак ба худое, ки сохта ва ба ибодати он пардохта будӣ бингар, ки онро ба оташ мекашам ва ба дарё меафканам. Ҳамоно Худои шумо, Худованди ҷалла ва ъалост.

Баъд аз ин ки гӯсолаи маъбуд нобуд шуд ва Сомирӣ ба биёбонҳо гурехт, он даста аз Бани Исроил, ки гӯсолаи ӯро парастиш карда буданд ба гуноҳи худ пай бурданд. Онон сар ба фармони Худованд фуруд оварданд то мӯъминоне, ки гӯсоларо напарастида буданд онҳоро бикушанд. Ҳамин тавбаи эшон аз гуноҳе буд, ки онон анҷом дода буданд. Замоне ки онҳо ин ҷазоро пазируфтанд ва тамкин карданд, Худованд бино бар шафоати ҳазраи Мӯсо тавбаашонро пазируфт.

Бо ин ҳама, Бани Исроил напазируфтанд, ки Мӯсо Калимуллоҳ аст ва Тавроте, ки оварда аст, Худованд ба ӯ дода аст. Ин буд, ки аз вай хостанд, худашон шоҳид бошанд ва Худовандро ба чашми хеш бинанд. Лизо Мӯсо ҳафтод тан аз онҳоро баргузид ва бо онҳо ба ҷониби кӯҳи Тӯр рафт. Ин гурӯҳ замоне, ки каломи Худоро шуниданд, гуфтанд: Худоро ошкоро ба мо нишон деҳ. Зилзила эшонро фаро гирифт ва ҳамагӣ ҳалок шуданд. Мӯсо аз он тарсид, ки агар хабари ин воқеаро ба Бани Исроил бирасонад онҳо бовар накунанд. Ин буд, ки ба пешгоҳи Худованд тазаррӯъ ва зорӣ кард, то ин ки Худованд дуояшро иҷобат фармуд ва онҳоро дубора зинда сохт.

Ва низ ҳазрати Мӯсо(а) ба онҳо фармуд: эй қавми ман! Ба сарзамини муқаддасе, ки Худои таоло онро барои шумо муқаррар фармуда аст ворид шавед. Онҳо дар посухи вай гуфтанд: эй Мӯсо! Дар он ҷо мардуми сахтгир ва ситамгар вуҷуд дорад ва мо ҳаргиз вориди он ҷо намешавем, магар вақте ки онҳо аз он ҷо берун шаванд. Ту бо Худоят бирав ва бо онҳо биҷанг, мо

ҳамин ҷо нишаста мунтазир мемонем!! Колиб ва Юшаъ ду тан аз некони онҳо ба эшон гуфтанд: шумо ҳамин, ки аз дарвозаи шаҳр ба онҳо ворид шавед, пирӯз хоҳед буд. Мӯсо гуфт: Парвардигоро! Ман ҷуз бар худам ва бародарам қудрат ва тасаллуте надорам ва ту байни мо ва ин қавми фосиқ ва табаҳкор ҷудоӣ андоз. Худои таоло низ фармуд: тасаллут бар чунон маконе ба муддати чиҳил сол бар онҳо ҳаром гардид. Онҳо дар ин муддат саргардони биёбонҳо хоҳанд буд. Ту бар ин қавми табаҳкор дил масӯзон ва андӯҳгин мабош.

Дар натиҷа Бани Исроил муддати чиҳил сол дар сармои шабонгоҳ аз ноҳияе кӯч мекарданд ва то бомдодон ба пеш меронданд, аммо субҳгоҳон худро дар ҳамон ноҳия, ки кӯч карда буданд мееёфтанд! Дар ин саргардонӣ, нахуст Ҳорун ва сипас Мӯсо(а) дида аз ҷаҳон фурӯ бастанд ва Юшаъ, васии он ҳазрат, раҳбарии Бани Исроилро бар ӯҳда гирифт. Ӯ бо бедодгарон ва зӯргӯёне, ки дар сарзаминҳои Шом манзил доштанд бичангид ва бо Бани Исроил вориди он ҷо шуд.

Худованди субҳон паёмбаронеро аз васиёни шариати ҳазрати Мӯсо пайдарпай ба сӯи Бани Исроил гусел дошт, то он гоҳ ки чунон аҳде ба ҳазрати Довуди паёмбар ва пас аз ӯ ба Сулаймон расид. Мо ба хости Худо дар мақоми баёни хабари ин ду паёмбар ҳастем.

## Намунаи чаҳорум: Довуд ва Сулаймон алайҳимоссалом

Худованди мутаол дар сураи Сод оёти 17-20 ва 26 мефармояд:

***Вазкур ъабдано Довуда зол'айди иннаҳу аввоб. Инно саххарнал ҷибола маъаҳу юсаббиҳна бил ъашиййи вал ишроқ. Ват тайра маҳшӯратан куллун лаҳу аввоб. Ва шададно мулкаҳу ва отайноҳул ҳикмата ва фаслал хитоб. ... Ё Довуду инно ҷаъалнока халӣфатан фил арзи фаҳкум байнан носи билҳақ... Ê***

*Ä Аз бандаи нерӯманди мо Довуд ёд кун, ки ба Худо бисёр таваҷҷӯҳ дошт. Мо кӯҳҳоро фармонбардор кардем, ки бо ӯ шомгоҳон ва бомдодон Худоро тасбеҳ гӯянд. Паррандагон низ ҷамъ омада, бо ӯ ҳамсадо буданд. Фармонравоӣ ва ҳукуматашро устувор кардем ва ба ӯ ҳикмат ва ҳукумати қотеъ додем .... Эй Довуд! Мо туро ҷонишини худ дар замин қарор додем, пас байни мардумон ба ҳақ доварӣ кун...*[1]

Ва дар сураи Сабо, оёти 10-11 мефармояд:

---

[1] Сураи Сод, оёти 17-20 ва 26.

... وَاذْكُرْ عَبْدَنَا دَاوُودَ ذَا الْأَيْدِ إِنَّهُ أَوَّابٌ {17} إِنَّا سَخَّرْنَا الْجِبَالَ مَعَهُ يُسَبِّحْنَ بِالْعَشِيِّ وَالْإِشْرَاقِ {18} وَالطَّيْرَ مَحْشُورَةً كُلٌّ لَّهُ أَوَّابٌ {19} وَشَدَدْنَا مُلْكَهُ وَآتَيْنَاهُ الْحِكْمَةَ وَفَصْلَ الْخِطَابِ {20}

يَا دَاوُودُ إِنَّا جَعَلْنَاكَ خَلِيفَةً فِي الْأَرْضِ فَاحْكُم بَيْنَ النَّاسِ بِالْحَقِّ ... {26}

***Ва лақад отайно Довуда минно фазлан ё ҷиболу аввибӣ маъаҳу, ват тайра ва аланно лаҳул ҳадӣд. Аниъмал собиғотин ва қаддир фис сард... Ê***

*Ä Ба Довуд аз сӯи худ фазл бахшидем ва гуфтем: эй кӯҳҳо! Ва эй паррандагон! Бо ӯ ҳамсадо шавед. Ва оҳанро барояш нарм кардем ва инак ( ту эй Довуд!) зиреҳҳои фарох бисоз ва дар ҳалқаҳои он андозаро риоят кун...*[1]

Ва дар сураи Анбиё, оёти 79-80 мефармояд:

***Ва саххарно маъа Довудал ҷибола юсаббиҳна ват тайра ва кунно фоъилӣн. Ва ъалламноҳу санъата лабӯсин лакум литуҳсинакум мин ба'сикум фаҳал антум шокирӯн Ê***

*Ä Кӯҳҳо ва паррандагонро мусаххар кардем то бо Довуд, моро тасбеҳ гӯянд ва мо ин корро кардем. Ва ба Довуд сохтани зиреҳро ёд додем, то шуморо аз шиддати ҷанг нигоҳ дорад. Оё бо ин ҳама шукри неъматро хоҳед гузошт?*[2]

Ва дар сураи Сод, оёти 30 ва 35 -38 мефармояд:

---

[1] Сураи Сабо, оёти 10-11.

**وَلَقَدْ آتَيْنَا دَاوُودَ مِنَّا فَضْلاً يَا جِبَالُ أَوِّبِي مَعَهُ وَالطَّيْرَ وَأَلَنَّا لَهُ الْحَدِيدَ {10} أَنِ اعْمَلْ سَابِغَاتٍ وَقَدِّرْ فِي السَّرْدِ ... {11}**

[2] Сураи Анбиё, оёти 79-80.

**... وَسَخَّرْنَا مَعَ دَاوُودَ الْجِبَالَ يُسَبِّحْنَ وَالطَّيْرَ وَكُنَّا فَاعِلِينَ {79} وَعَلَّمْنَاهُ صَنْعَةَ لَبُوسٍ لَّكُمْ لِتُحْصِنَكُم مِّن بَأْسِكُمْ فَهَلْ أَنتُمْ شَاكِرُونَ {80}**

***Ва ваҳабно ли-Довуда Сулаймона неъмал ъабду инначу аввоб. ... Қола раббиғфир лӣ ва ҳаб лӣ мулкан ло янбағӣ лиаҳадин мин баъдӣ, иннака антал ваҳҳоб. Фасаххарно лаҳур рӣҳа таҷрӣ биамриҳи рухоан ҳайсу асоб. Ваш шаётина кулла баноин ва ғаввос. Ва охарӣна муқарранӣна фил асфод.***

*Ва ба Довуд, фарзандаш Сулаймонро ато кардем. Ӯ бандаи хубе буд ва бисёр ба Худо таваҷҷӯҳ мекард... Сулаймон гуфт: Парвардигоро! Маро биёмурз ва салтанате ба ман ато кун, ки касеро баъд аз ман сазовор набошад, ки ту бисёр бахшанда ҳастӣ. Пас бодро мусаххари ӯ кардем ва ба фармони ӯ ҳар ҷо, ки ирода мекард ба оромӣ равон мешуд. Ва шайтонҳоро, (низ) ки (барои ӯ) бинокор ва ғаввос буданд ва дигар шаётине, ки дар канори якдигар ба занҷир кашида шуда буданд.*[1]

Ва дар сураи Намл, оёти 15-24 ва 27-44 мефармояд:

*Ба Довуд ва Сулаймон дониши махсусе додем. Он ду гуфтанд: сипос Худовандеро, ки моро ба бисёре аз бандагони мӯъминаш бартарӣ бахшидааст. Сулаймон аз Довуд ирс бурд ва гуфт: эй мардум! Ба мо забони паррандагонро омӯхтаанд ва аз ҳар чизе ба мо дода шуда аст. Ҳамоно ин бартарии ошкоре*

---

[1] Сураи Сод, оёти 30 ва 35-38.

وَوَهَبْنَا لِدَاوُودَ سُلَيْمَانَ نِعْمَ الْعَبْدُ إِنَّهُ أَوَّابٌ {30}
قَالَ رَبِّ اغْفِرْ لِي وَهَبْ لِي مُلْكاً لَّا يَنبَغِي لِأَحَدٍ مِّنْ بَعْدِي إِنَّكَ أَنتَ الْوَهَّابُ {35}
فَسَخَّرْنَا لَهُ الرِّيحَ تَجْرِي بِأَمْرِهِ رُخَاءً حَيْثُ أَصَابَ {36} وَالشَّيَاطِينَ كُلَّ بَنَّاءٍ
وَغَوَّاصٍ {37} وَآخَرِينَ مُقَرَّنِينَ فِي الْأَصْفَادِ {38}

*аст. Барои Сулаймон сипоҳиёнаш аз инс ва ҷин ва паррандагон гирд омаданд ва аз парокандашуданашон пешгирӣ мешуд, то чун бар водии мӯрчагон омаданд, мӯрчае гуфт: эй мӯрчагон ба хонаҳои худ дохил шавед, то Сулаймон ва сипоҳиёнаш надониста шуморо зери по накунанд. Сулаймон аз сухани мӯрча табассум кард ва хандиду гуфт: Парвардигоро! Бар ман лутф кун то туро бар неъмате, ки бар ман ва падару модарам арзонӣ доштаӣ сипос гӯям ва амали солеҳе, ки мавриди ризояти ту бошад анҷом диҳам ва маро ба раҳматат дар зумраи бандагони шоистаат ворид кун. Сулаймон паррандагонро қатор ва сафкашида дид, пас гуфт: чӣ шуда аст, ки ҳудҳудро намебинам? Магар аз гоибон аст (бидуни узр гоиб шудааст)? Савганд, ки ӯро азоби сахт хоҳам кард ё ӯро сар хоҳам бурид, магар ин ки узри ошкор ва қабулшаванда биёварад. Замоне нагузашт, (ки ҳудҳуд омад ва) гуфт: ба матлабе даст ёфтаам, ки ту бехабарӣ ва аз қавми Сабо хабари яқине барои ту овардаам. Ман (бар Сабоиён) занеро дидам, ки бар онҳо ҳукумат мекунад ва ба ӯ ҳар чизе дода шуда аст ва ӯ тахти азим дорад. Дидам, ки ӯ ва қавмаш ба ҷои Худо, ба офтоб саҷда мебаранд ва Шайтон корҳояшонро бар эшон ороста ва онҳоро аз роҳи ҳақ нигаҳ дошта аст, ки ҳидоят намешаванд...*

*Сулаймон гуфт: ба зудӣ хоҳем дид, ки рост гуфтаӣ ё аз дурӯггӯён ҳастӣ. Ин номаи маро бибар ва ба сӯи онҳо бияндоз, он гоҳ баргард ва нигоҳ кун чӣ посухе*

*медиҳанд. (Билқис номаро ба диққат мутолиа кард ва хитоб ба шахсиятҳои дарбораш) Гуфт: эй бузургон! Номае мӯҳтарам ба сӯи ман афканда шуда аст. Он нома аз Сулаймон аст. Ва (мазмуни он) чунин аст: Ба номи Худованди бахшояндаи меҳрубон. Бар ман саркашӣ накунед ва таслим шуда назди ман оед. Малика гуфт: эй бузургон дар кори ман маслиҳат диҳед, ки ман ҷуз бо будани шумо тасмиме намегирам. (Ашроф) Гуфтанд: мо нерӯманд ва диловарем (бо ин ҳол) фармон бо туст, то чӣ бингарӣ ва чӣ фармон диҳӣ. Малика гуфт: подшоҳон вақте ба шаҳре дароянд, он ҷоро ба фасод кашанд ва азизони он ҷоро хор гардонанд ва расми сиёсаташон чунин аст. Ман ба сӯяшон ҳадяе мефиристам ва мунтазир мемонам то фиристодагони ман бо чӣ посухе бармегарданд. Чун (ҳадяҳо) назди Сулаймон расид, гуфт: шумо бо (пулу) мол маро кӯмак мекунед?! Он чиро, ки Худованд ба ман дода аст беҳтар аз он аст, ки ба шумо дода аст, балки шумо ба ҳадяи худ шодмонед. Ба сӯяшон баргард, ки бар сарашон сипоҳе хоҳам овард, ки тавони муқобила бо онро надошта бошанд ва бо хорӣ ва зиллат аз шаҳр ва диёрашон берун хоҳам кашид. (Он гоҳ Сулаймон рӯй ба ёрони худ кард) Гуфт: эй мардум! Кадом як аз шумо пеш аз он ки таслим шаванд, тахти ӯ (Билқис)-ро пеши ман меоварад? (Дар ин миён) Ифрити ҷин гуфт: ман онро пеш аз он ки аз ҷоят бархезӣ бароят меоварам, (яъне камтар аз нисфи рӯз) ман барои овардани он қавӣ ва аминам. Он кас, ки илме аз китоб назди ӯ*

*буд гуфт: ман онро пеш аз як чашм бар ҳам заданат бароят меоварам. Ва чун (Сулаймон) онро назди худ дид гуфт: ин аз фазли Парвардигори ман аст то маро биозмояд, ки сипос мегӯям ё аз носипосонам. Ҳар кас шукргузор бошад ба фоидаи худ карда аст ва ҳар кас, ки носипос бошад, Парвардигори ман бениёз ва карим аст. Сулаймон гуфт: тахташиро (бо тагири шакл), барояш ношинохта кунед то бубинам оё онро мешиносад ё барои шинохти он роҳ ба ҷое намебарад. Чун Билқис омад (ба ӯ) гуфта шуд: оё тахти ту ҳамин аст? Малика гуфт: гӯё худаш бошад. Пеш аз ин мо (ба қудрат ва шавкати Сулаймон) огоҳӣ ёфта ва таслим будем. Парастиши гайри Худо (офтобпарастӣ) ӯро (аз пазириши ислом) боздошта буд. Ӯ аз қавми кофирон буд. Ба ӯ гуфта шуд: ба кох ворид шав! Чун онро дид пиндошт, ки обе аст бисёр калон, лизо ду соқи (пои) худро луч кард. Сулаймон гуфт: ин кох аз шишаҳои соф сохта шуда аст. Малика гуфт: Парвардигоро! Ман ба худ ситам кардам (инак) бо Сулаймон ба Худои ҷаҳониён ислом овардам.*[1]

---

[1] Сураи Намл, оёти 15-24 ва 27-44.

وَلَقَدْ آتَيْنَا دَاوُودَ وَسُلَيْمَانَ عِلْماً وَقَالَا الْحَمْدُ لِلَّهِ الَّذِي فَضَّلَنَا عَلَى كَثِيرٍ مِّنْ عِبَادِهِ
الْمُؤْمِنِينَ {15} وَوَرِثَ سُلَيْمَانُ دَاوُودَ وَقَالَ يَا أَيُّهَا النَّاسُ عُلِّمْنَا مَنطِقَ الطَّيْرِ
وَأُوتِينَا مِن كُلِّ شَيْءٍ إِنَّ هَذَا لَهُوَ الْفَضْلُ الْمُبِينُ {16} وَحُشِرَ لِسُلَيْمَانَ جُنُودُهُ مِنَ
الْجِنِّ وَالْإِنسِ وَالطَّيْرِ فَهُمْ يُوزَعُونَ {17} حَتَّى إِذَا أَتَوْا عَلَى وَادِي النَّمْلِ قَالَتْ نَمْلَةٌ
يَا أَيُّهَا النَّمْلُ ادْخُلُوا مَسَاكِنَكُمْ لَا يَحْطِمَنَّكُمْ سُلَيْمَانُ وَجُنُودُهُ وَهُمْ لَا يَشْعُرُونَ {18}
فَتَبَسَّمَ ضَاحِكاً مِّن قَوْلِهَا وَقَالَ رَبِّ أَوْزِعْنِي أَنْ أَشْكُرَ نِعْمَتَكَ الَّتِي أَنْعَمْتَ عَلَيَّ وَعَلَى
وَالِدَيَّ وَأَنْ أَعْمَلَ صَالِحاً تَرْضَاهُ وَأَدْخِلْنِي بِرَحْمَتِكَ فِي عِبَادِكَ الصَّالِحِينَ {19}

Дар сураи Сабо, оёти 12-14 мефармояд:

*Ва бодро фармонбардори Сулаймон кардем* **(***то бисоти ӯро***)** *дар замони* **(***аз***)** *субҳ то зуҳр ба масофаи як моҳ***,** **(***аз***)** *зуҳр то аср ба масофаи як моҳ ҷо ба ҷо кунад ва моеи обшудаи мисро барои ӯ ҷорӣ кардем***.** *Ва аз девҳо афроде буданд***,** *ки мутобиқи фармони*

---

وَتَفَقَّدَ الطَّيْرَ فَقَالَ مَا لِيَ لَا أَرَى الْهُدْهُدَ أَمْ كَانَ مِنَ الْغَائِبِينَ {20} لَأُعَذِّبَنَّهُ عَذَاباً
شَدِيداً أَوْ لَأَذْبَحَنَّهُ أَوْ لَيَأْتِيَنِّي بِسُلْطَانٍ مُّبِينٍ {21} فَمَكَثَ غَيْرَ بَعِيدٍ فَقَالَ أَحَطتُ بِمَا
لَمْ تُحِطْ بِهِ وَجِئْتُكَ مِن سَبَإٍ بِنَبَإٍ يَقِينٍ {22} إِنِّي وَجَدتُّ امْرَأَةً تَمْلِكُهُمْ وَأُوتِيَتْ مِن
كُلِّ شَيْءٍ وَلَهَا عَرْشٌ عَظِيمٌ {23} وَجَدتُّهَا وَقَوْمَهَا يَسْجُدُونَ لِلشَّمْسِ مِن دُونِ اللَّهِ
وَزَيَّنَ لَهُمُ الشَّيْطَانُ أَعْمَالَهُمْ فَصَدَّهُمْ عَنِ السَّبِيلِ فَهُمْ لَا يَهْتَدُونَ {24}
قَالَ سَنَنظُرُ أَصَدَقْتَ أَمْ كُنتَ مِنَ الْكَاذِبِينَ {27} اذْهَب بِّكِتَابِي هَذَا فَأَلْقِهْ إِلَيْهِمْ ثُمَّ
تَوَلَّ عَنْهُمْ فَانظُرْ مَاذَا يَرْجِعُونَ {28} قَالَتْ يَا أَيُّهَا المَلَأُ إِنِّي أُلْقِيَ إِلَيَّ كِتَابٌ كَرِيمٌ
{29} إِنَّهُ مِن سُلَيْمَانَ وَإِنَّهُ بِسْمِ اللَّهِ الرَّحْمَنِ الرَّحِيمِ {30} أَلَّا تَعْلُوا عَلَيَّ وَأْتُونِي
مُسْلِمِينَ {31} قَالَتْ يَا أَيُّهَا المَلَأُ أَفْتُونِي فِي أَمْرِي مَا كُنتُ قَاطِعَةً أَمْراً حَتَّى
تَشْهَدُونِ {32} قَالُوا نَحْنُ أُوْلُوا قُوَّةٍ وَأُولُوا بَأْسٍ شَدِيدٍ وَالْأَمْرُ إِلَيْكِ فَانظُرِي مَاذَا
تَأْمُرِينَ {33} قَالَتْ إِنَّ الْمُلُوكَ إِذَا دَخَلُوا قَرْيَةً أَفْسَدُوهَا وَجَعَلُوا أَعِزَّةَ أَهْلِهَا أَذِلَّةً
وَكَذَلِكَ يَفْعَلُونَ {34} وَإِنِّي مُرْسِلَةٌ إِلَيْهِم بِهَدِيَّةٍ فَنَاظِرَةٌ بِمَ يَرْجِعُ الْمُرْسَلُونَ {35}
فَلَمَّا جَاء سُلَيْمَانَ قَالَ أَتُمِدُّونَنِ بِمَالٍ فَمَا آتَانِيَ اللَّهُ خَيْرٌ مِّمَّا آتَاكُم بَلْ أَنتُم بِهَدِيَّتِكُمْ
تَفْرَحُونَ {36} ارْجِعْ إِلَيْهِمْ فَلَنَأْتِيَنَّهُمْ بِجُنُودٍ لَّا قِبَلَ لَهُم بِهَا وَلَنُخْرِجَنَّهُم مِّنْهَا أَذِلَّةً
وَهُمْ صَاغِرُونَ {37} قَالَ يَا أَيُّهَا المَلَأُ أَيُّكُمْ يَأْتِينِي بِعَرْشِهَا قَبْلَ أَن يَأْتُونِي مُسْلِمِينَ
{38} قَالَ عِفْرِيتٌ مِّنَ الْجِنِّ أَنَا آتِيكَ بِهِ قَبْلَ أَن تَقُومَ مِن مَّقَامِكَ وَإِنِّي عَلَيْهِ لَقَوِيٌّ
أَمِينٌ {39} قَالَ الَّذِي عِندَهُ عِلْمٌ مِّنَ الْكِتَابِ أَنَا آتِيكَ بِهِ قَبْلَ أَن يَرْتَدَّ إِلَيْكَ طَرْفُكَ فَلَمَّا
رَآهُ مُسْتَقِرّاً عِندَهُ قَالَ هَذَا مِن فَضْلِ رَبِّي لِيَبْلُوَنِي أَأَشْكُرُ أَمْ أَكْفُرُ وَمَن شَكَرَ فَإِنَّمَا
يَشْكُرُ لِنَفْسِهِ وَمَن كَفَرَ فَإِنَّ رَبِّي غَنِيٌّ كَرِيمٌ {40} قَالَ نَكِّرُوا لَهَا عَرْشَهَا نَنظُرْ
أَتَهْتَدِي أَمْ تَكُونُ مِنَ الَّذِينَ لَا يَهْتَدُونَ {41} فَلَمَّا جَاءتْ قِيلَ أَهَكَذَا عَرْشُكِ قَالَتْ
كَأَنَّهُ هُوَ وَأُوتِينَا الْعِلْمَ مِن قَبْلِهَا وَكُنَّا مُسْلِمِينَ {42} وَصَدَّهَا مَا كَانَت تَّعْبُدُ مِن دُونِ
اللَّهِ إِنَّهَا كَانَتْ مِن قَوْمٍ كَافِرِينَ {43} قِيلَ لَهَا ادْخُلِي الصَّرْحَ فَلَمَّا رَأَتْهُ حَسِبَتْهُ لُجَّةً
وَكَشَفَتْ عَن سَاقَيْهَا قَالَ إِنَّهُ صَرْحٌ مُّمَرَّدٌ مِّن قَوَارِيرَ قَالَتْ رَبِّ إِنِّي ظَلَمْتُ نَفْسِي
وَأَسْلَمْتُ مَعَ سُلَيْمَانَ لِلَّهِ رَبِّ الْعَالَمِينَ {44}

*Парвардигораш дар ҳузури ӯ ба хидмат мепардохтанд ва ҳар кас, ки аз фармони мо сарпечӣ мекард ба оташи сӯзон ӯро азоб мекардем. Он аҷинна ва девҳо барои Сулаймон ҳар чӣ, ки мехост аз меҳробҳо, ибодатгоҳҳо, муҷассамаҳо, косаҳои калон чун ҳавзи об ва дегҳои бисёр калон месохтанд. Инак эй Оли Довуд! Сипоси Худоро ба ҷой оваред ва аз бандагони ман иддаи андаке шукргузоранд. Чун мо маргро бар Сулаймон муқаррар доштем ба ҷуз арзамӯраке, ки асои ӯро хӯрд ва тиҳӣ (дарунашро холӣ) кард (то Сулаймон бар замин афтод), касеро бар марги ӯ огоҳӣ набуд. Ва чун Сулаймон бар замин афтод, девон аз марги ӯ огоҳ шуданд, ки агар аз асрори вай огоҳ буданд, то дер замон дар азоб ва хорӣ боқӣ намемонданд.*[1]

## Шарҳи вожаҳо

**Зол'айд**: *ода, яийду айдан*: нерӯманд шуд, қавӣ гашт. *Зол'айд*: қавӣ ва тавоно.

**Аввоб**: *оба илаллоҳ*: аз гуноҳи худ тавба кард ва чунин касе "*оиб*" ва "*аввоб*" аст. Маънои муносиб ин баҳс: пушаймон аз гуноҳ ва ҷӯёии хушнудии Худованд аст.

---

[1] Сураи Сабо, оёти 12-14.

**وَلِسُلَيْمَانَ الرِّيحَ غُدُوُّهَا شَهْرٌ وَرَوَاحُهَا شَهْرٌ وَأَسَلْنَا لَهُ عَيْنَ الْقِطْرِ وَمِنَ الْجِنِّ مَن يَعْمَلُ بَيْنَ يَدَيْهِ بِإِذْنِ رَبِّهِ وَمَن يَزِغْ مِنْهُمْ عَنْ أَمْرِنَا نُذِقْهُ مِنْ عَذَابِ السَّعِيرِ {12} يَعْمَلُونَ لَهُ مَا يَشَاءُ مِن مَّحَارِيبَ وَتَمَاثِيلَ وَجِفَانٍ كَالْجَوَابِ وَقُدُورٍ رَّاسِيَاتٍ اعْمَلُوا آلَ دَاوُودَ شُكْراً وَقَلِيلٌ مِّنْ عِبَادِيَ الشَّكُورُ {13} فَلَمَّا قَضَيْنَا عَلَيْهِ الْمَوْتَ مَا دَلَّهُمْ عَلَى مَوْتِهِ إِلَّا دَابَّةُ الْأَرْضِ تَأْكُلُ مِنسَأَتَهُ فَلَمَّا خَرَّ تَبَيَّنَتِ الْجِنُّ أَن لَّوْ كَانُوا يَعْلَمُونَ الْغَيْبَ مَا لَبِثُوا فِي الْعَذَابِ الْمُهِينِ {14}**

**Аввибӣ**: (хитоб ба зан:) бо ӯ дар тасбеҳи Худованд ҳамоҳанг бош.

**Собиғот**: *сабағашшай'а субӯған*: ба охир расонид ва комил кард. Собиғот: зиреҳҳои такмилшуда ва омода барои истифода.

**Қаддир фиссард**: *сард* ба маънои ҳалқаҳои зиреҳ аст ва "*қаддир фиссард*", яъне ҳалқаҳоро якдаст ва якнавохт бисоз, на ларзон бошад ва на гусаста.

**Рухо'**: нармӣ.

**Муқарранӣна фил асфод**: бо таноб ё занҷир ба ҳам басташуда.

**Маҳшӯратан**: гирд омада, ҷамъ шуда.

**Юзаъӯн**: вазъулҷайш: сипоҳиёни сафкашида ҷудо аз ҳам ва омодаи пайкор.

**Ъифрӣт**: нерӯмандтарин аҷинна ва танумантарини онҳо.

**Сарҳун мумаррадун мин қаворӣр**: *Ассарҳ*: хонаи оросташуда ва сохтмони баланд (иморат). Мумаррад: кохе аст зебо ва олӣ, ки кафи он аз оина сохта шуда аст.

**Луҷҷатун**: оби калон, истахр бо амвоҷи ором. Ҷамъи он луҷаҷ аст.

**Асално лаҳу ъайналқитр**: *солал моиъу*: моеъ ҷорӣ шуд. *Алқитр*: миси обшуда ва маънои иборат ин аст, ки: бар он моеи миси обшуда бирезем.

**Язиғ ъан амрино**: *Зоға ъанит тарӣқ*: аз роҳ бероҳа шуд. Маънои муносиби оят ин аст, ки ҳар кас аз аҷинна аз дастуроти Сулаймон сарпечӣ кунад, ӯро азоб мекунем.

**Саъйр**: оташ ва забонаи он.

**Ҷифонун калҷавоби**: *ҷифон* (ҷамъи ҷафнаҳ) яъне зарфҳои бисёр калон барои хӯрок ва ҷавоб, яъне ҳавзи калон. *Ҷиффонун калҷавоб* яъне: зарфҳои хӯроке, ки ғунҷойиши бисёр доранд.

**Қудӯрин росиёт**: *қидрун росия*: деги бисёр калоне, ки аз сабаби калонӣ бардошта ҷои дигар бурда намешавад. *Арросӣ*: кӯҳи устувори азим.

**Доббатул арз**: арзамӯрак (мӯриёна).

**Минсаатун**: асо.

## Тафсири оёт

Мефармояд: эй Паёмбар! Аз бандаи Худо Довуди нерӯманди бисёр тавбакунанда ва хостори ризоят ва хушнудии Худо ёд кун. Он гоҳ, ки Худованд кӯҳҳоро фармонбардори ӯ кард то бо тасбеҳи ӯ бомдодон ва шомгоҳон Худоро тасбеҳ гӯянд ва паррандагон дар атрофаш гирд омада бо тасбеҳи ӯ ҳамовоз шаванд. Салтанаташро ба ҳайбат ва сипоҳиён нерӯманд намудем ва мақоми нубувват ва дурустандешӣ дар корҳо ва баёни возеҳ ба ҳукми қатъӣ дар даъвоҳоро ба ӯ бахшидем. Оҳан дар дастҳои ӯ нарм гардид то аз он зирреҳҳо бо ҳалқаҳои муназзам ва мураттаб бисозад. Довуд нахустин касе аст, ки барои ҷанг зиреҳ сохта аст.

Худованд ба Довуд, Сулаймонро ато кард, ки ӯ бисёр ба даргоҳи Худо тавба менамуд ва хостори хушнудии Худо буд. Ин Сулаймон буд, ки гуфт: Парвардигоро! Маро биёмурз ва салтанате ба ман ато кун, ки ҳеҷ касро баъд аз ман монанди он набошад. Ин буд, ки Худованд

бодро мусаххари ӯ кард, ки таҳти ҳукми ӯ ба нармӣ ҳар куҷо, ки ӯ мехост, равон шавад. Сипоҳиёне аз аҷинна, девҳо, одамиён ва паррандагон барояш қарор дод ва ҳамаи забонҳоро ба вай омӯхт. Аҷинна ва девҳоро фармонбардори ӯ кард, то ҳар чиро моил бошад барояш бино кунанд ва дар дарёҳо фурӯ раванд ва барояш гавҳарҳо берун оваранд ва бархе аз ононро ҳам ба занҷир ба зиндон кашид. Ӯ рӯзе бо сипоҳиёнаш аз водии мӯрчагон мегузашт, ки шунид мӯрчае ёрони худро огоҳ мекунад, ки эй мӯрон! Ба лонаҳои худ фурӯ равед то Сулаймон ва сипоҳиёнаш шуморо аз рӯи нодонӣ поймол накунанд. Дар ин ҳол Сулаймон бар он чи Худои таоло ба ӯ ва падару модараш неъмат дода аст шукр ва сипос гуфт.

Ӯ рӯзе паррандагонро сафкашида дид ва ҳудҳудро дар миёни онон бар фарози сараш мушоҳида накард, ба хотири ин гуфт, ки ӯро танбеҳ мекунам ё сарашро мебурам, магар ин ки узри қабулшавандае барои ғайбаташ дошта бошад. Дер напоид, ки ҳудҳуд омад ва барои ӯ аз Сабо ва мардуми Яман хабар овард, ки:

Дидам зане бар онҳо ҳукумат мекунад ва тахти бисёр азим ва бузург дорад. Ӯ ва мардумаш Худоро саҷда намебаранд, балки офтобро мепарастанд. Сулаймон гуфт: хоҳем дид, ки рост мегӯӣ ё дурӯғро пуштисариҳам чидӣ. Номаи маро бибар ва бар онҳо бияфкан, сипас аз онҳо фосила бигир ва нигоҳ кун чӣ мегӯянд? Номаи ҳазрати Сулаймон чунин буд:

> *Бисмиллоҳир раҳмонир раҳим. Бар ман саркашӣ накунед ва мусулмон шуда, назди ман оед.*

Ҷолиб ин ки ин нома далел аст бар ин ки калимаи *ислом* худ номе бар оинҳои пешин буда аст ва оғози корҳо ба номи Худо ва бисмиллоҳ дар шариатҳои эшон амри оддӣ ва ҷорӣ буда аст.

Вақте Билқис, маликаи Сабо номаи Сулаймонро дарёфт кард, бо мушовирони худ ба машварат пардохт, ки номаи Сулаймонро чӣ посух диҳад. Гуфтанд: мо мардуми нерӯманд, шуҷоъ ва соҳибшавкату сипоҳем, бо ин ҳама фармон аз туст. Малика гуфт: подшоҳон чун ба қаҳр ва ғалаба ба шаҳре дароянд фасод мекунанд ва азизони он ҷоро ба зиллат мекашанд: ман ба зудӣ ҳадяе барои Сулаймон мефиристам ва мунтазири посухи он мемонам, ки чӣ хоҳад шуд. Замоне, ки ҳадяҳои Билқис ба даргоҳи ҳазрати Сулаймон расид, он ҳазрат ба пайғомгузороне, ки он тӯҳфаҳоро барои ӯ оварданд, фармуд: он чиро, ки Худованд ба ман арзонӣ дошта аст, беҳтар аз он аст, ки ба шумо дода аст ва ҳадоёро напазируфт ва изофа кард: бо лашкаре бар шумо хоҳам тохт, ки тавони муқобила бо онро надоред ва шуморо ба зиллат ва хорӣ хоҳам кашид. Он гоҳ рӯй ба сипоҳиёни ҳозир дар ҷамъомад карда гуфт: чӣ касе тахти Билқисро бароям меоварад? Деве қадбаланд ва нерӯманд гуфт: ман. Пеш аз он ки ту аз ҷоят бархезӣ тахти Билқисро бароят ҳозир мекунам (ва ҳазрати Сулаймонро одат буд, ки ним рӯз дар даргоҳ менишаст). Дар ин ҳангом касеро, ки аз китоб (нозилшуда дар замонҳои гузашта) донише буд, пеш омаду гуфт: ман онро пеш аз як чашм ба ҳам заданад ҳозир мекунам. Ва ҳозир кард. Ин ҷо буд, ки Сулаймон

Худоро бар ин ҳама неъмат сипос гуфт. Мегӯянд ин шахси олим ба китоб, Осифи Бархиё, вазири ҳазрати Сулаймон буда аст.

Он гоҳ Сулаймон фармуд: дар тахти Билқис тағироте ба вуҷуд оваред то мизони дироят ва ақли ӯро дарёбем. Чун Билқис омад аз ӯ пурсиданд: оё ин тахти ту аст? Гуфт: мисли ин ки худаш аст. Баъд ба ӯ гуфтанд: вориди кохи султонӣ шав. Кафи роҳрави кох аз шишаи шаффоф буд ва дар зери он об ҷорӣ. Билқис гумон кард, ки об аст, ба ин ҷиҳат домани либосро боло кард ва соқҳояшро намоён сохт то аз об бигзарад, ки ба ӯ гуфтанд, ин шишаи шаффоф аст, ки зераш об қарор дорад. Билқис баъд аз мушоҳидаи корҳое, ки омода кардани он аз ӯҳдаи одамиён берун аст, имон овард ва мусулмон шуд.

Худои таоло барои Сулаймон чашмаи миси обшударо ҷорӣ сохт ва девҳо барои ӯ ҳар сохтмони баландеро месохтанд, муҷассамаҳоеро аз ҳар танаи дарахтҳо ва монанди он барояш метарошиданд, зарфҳои калони таомхӯрӣ ва дегҳои азими чоҳмонандро, ки (ба хотири азаматашон) имкони ҷобаҷоии онҳо набуд, месохтанд.

Рӯзе Сулаймон(а) бар боми кохи хеш баромад ва бар асояш такя дод ва ба назораи кори коргарони аҷиннааш, ки сахт машғули фаъолият буданд пардохт. Дар ҳамин ҳол Худованд ҷони ӯро гирифт ва чанд рӯзе ҷасади берӯҳи ӯ такязанон бар асо, назоракунон бар кори девон истода буд ва девон дар коре, ки бар ӯҳдаашон ниҳода шуда буд сахт талош мекарданд ва

ҳеҷ намедонистанд, ки Сулаймон мурда аст. Ин вазъият ҳамин тавр давом дошт, то замоне ки арзамӯрак асои чӯбини ӯро хӯрд ва ҷасади Сулаймон аз баландӣ ба замин афтод. Бо афтидани ӯ аҷинна ва девҳо аз марги ӯ огоҳ шуданд. Агар аҷинна илми ғайб доштанд, пас аз марги Сулаймон ҳатто лаҳзае ҳам дар он корҳои тоқатфарсо диранг намекарданд!

## *Намунаи панҷум: Закариё ва Яҳё*[(а)]

Худованди субҳон дар сураи Марям, оёти 1-15 мефармояд:

> *Коф ҳо йо ъайн сод. Дар ин оёт Парвардигори ту аз раҳматаш бар бандаи хоси худ, Закариё сухан мегӯяд. Он гоҳ ки дар танҳоӣ Худои хешро нидо кард. Гуфт: Парвардигоро! Устухонҳои ман суст гардида ва фурӯғи пирӣ бар сарам шӯъла кашида аст (яъне, мӯи сарам сафед шуда аст). Парвардигоро! Ман ҳар гоҳ ки туро хондаам маҳрум намондаам. Ман аз ин ворисони кунунӣ (амакзодагонам) бимнокам ва ҳамсарам аз ҳамон ибтидо нозо буда аст. Пас маро фарзанде ато кун, ки аз ман ва аз Оли Яъқуб ирс барад ва ӯро шоиста гардон. (Ӯро хитоб омад:) Эй Закариё! Мо туро ба писаре ба номи Яҳё мужда медиҳем ва то ба ҳол касеро ҳамноми ӯ қарор надодаем. Гуфт: Парвардигоро! Маро чӣ гуна писаре хоҳад буд ва ҳол он ки занам аз*

*пеш нозо буда ва худам ба камоли пирӣ расидаам? (Фаришта) Гуфт: Парвардигорат фармуда аст: ин кор барои ман бисёр осон аст. Туро, ки пеш аз ин чизе набудӣ, офаридаам. Гуфт: Парвардигоро! Бароям нишонае қарор деҳ. Гуфт: нишонаи ту ин аст, ки се шаб сухан карда натавонӣ. (Закариё) Аз меҳроб хориҷ шуд ва ба қавмаш ишора кард, ки субҳ ва аср Худоро тасбеҳ кунед. Эй Яҳё! Китоб (Таврот)-ро бо тамоми қувват фаро гир; ва ӯро дар кудакӣ мақоми нубувват ато кардем. Аз ҷониби худ мерубонию покӣ ба ӯ бахшидем ва ӯ порсо буд. Ва ба падару модараш некӣ мекард ва ситамгару саркаш набуд. Ва дуруд бар ӯ дар рӯзе, ки зода шуд ва рӯзе, ки бимирад ва рӯзе, ки барои зиндагии абадӣ барангехта шавад.*[1]

Дар сураи Оли Имрон оёти 38-41 мефармояд:

---

[1] Сураи Марям, оёти 1-15.
كهيعص {1} ذِكْرُ رَحْمَةِ رَبِّكَ عَبْدَهُ زَكَرِيَّا {2} إِذْ نَادَى رَبَّهُ نِدَاء خَفِيّاً {3} قَالَ
رَبِّ إِنِّي وَهَنَ الْعَظْمُ مِنِّي وَاشْتَعَلَ الرَّأْسُ شَيْباً وَلَمْ أَكُن بِدُعَائِكَ رَبِّ شَقِيّاً {4} وَإِنِّي
خِفْتُ الْمَوَالِيَ مِن وَرَائِي وَكَانَتِ امْرَأَتِي عَاقِراً فَهَبْ لِي مِن لَّدُنكَ وَلِيّاً {5} يَرِثُنِي
وَيَرِثُ مِنْ آلِ يَعْقُوبَ وَاجْعَلْهُ رَبِّ رَضِيّاً {6} يَا زَكَرِيَّا إِنَّا نُبَشِّرُكَ بِغُلَامٍ اسْمُهُ يَحْيَى
لَمْ نَجْعَل لَّهُ مِن قَبْلُ سَمِيّاً {7} قَالَ رَبِّ أَنَّى يَكُونُ لِي غُلَامٌ وَكَانَتِ امْرَأَتِي عَاقِراً وَقَدْ
بَلَغْتُ مِنَ الْكِبَرِ عِتِيّاً {8} قَالَ كَذَلِكَ قَالَ رَبُّكَ هُوَ عَلَيَّ هَيِّنٌ وَقَدْ خَلَقْتُكَ مِن قَبْلُ وَلَمْ
تَكُ شَيْئاً {9} قَالَ رَبِّ اجْعَل لِّي آيَةً قَالَ آيَتُكَ أَلَّا تُكَلِّمَ النَّاسَ ثَلَاثَ لَيَالٍ سَوِيّاً {10}
فَخَرَجَ عَلَى قَوْمِهِ مِنَ الْمِحْرَابِ فَأَوْحَى إِلَيْهِمْ أَن سَبِّحُوا بُكْرَةً وَعَشِيّاً {11} يَا يَحْيَى
خُذِ الْكِتَابَ بِقُوَّةٍ وَآتَيْنَاهُ الْحُكْمَ صَبِيّاً {12} وَحَنَاناً مِّن لَّدُنَّا وَزَكَاةً وَكَانَ تَقِيّاً {13}
وَبَرّاً بِوَالِدَيْهِ وَلَمْ يَكُن جَبَّاراً عَصِيّاً {14} وَسَلَامٌ عَلَيْهِ يَوْمَ وُلِدَ وَيَوْمَ يَمُوتُ وَيَوْمَ
يُبْعَثُ حَيّاً {15}

*Дар он ҷо буд, ки Закариё Парвардигоראшро даъват намуд ва гуфт: Парвардигоро! Аз ҷониби худат ба ман фарзанди пок ато кун, ки ту дуоро шунавой. Фариштагон дар ҳоле ки ӯ дар меҳроб ба намоз истода буд вайро нидо карданд, ки Худованд туро ба Яҳё башорат медиҳад, ки тасдиқкунанда аст ба калимае (махлуқе) аз Худо (мақсад ҳазрати Исо аст), ки раҳбар, порсо ва паёмбаре аз покон аст. Гуфт: Парвардигоро! Маро чӣ гуна писаре хоҳад буд, дар ҳоле ки пирии ман ба ҳадди камол расида ва занам нозост?! (Фаришта гуфт:) Инчунин аст. Худо ҳар чиро, ки бихоҳад анҷом медиҳад. (Закариё) Гуфт: Парвардигоро! Бароям нишонае қарор деҳ. Гуфт: нишонаи ту ин аст, ки се рӯз қодир ба сухан гуфтан бо мардум нахоҳӣ буд, магар ба ишора. Парвардигоратро бисёр ёд кун ва субҳу шом ӯро тасбеҳ гӯй.*[1]

## Шарҳи вожаҳо

**Иштаъалар ра'су шайбан**: сапедии мӯи сарам фарогир шуда аст.

[1] Сураи Оли Имрон оёти 38-41.

هُنَالِكَ دَعَا زَكَرِيَّا رَبَّهُ قَالَ رَبِّ هَبْ لِي مِن لَّدُنْكَ ذُرِّيَّةً طَيِّبَةً إِنَّكَ سَمِيعُ الدُّعَاء {38}
فَنَادَتْهُ الْمَلآئِكَةُ وَهُوَ قَائِمٌ يُصَلِّي فِي الْمِحْرَابِ أَنَّ اللّهَ يُبَشِّرُكَ بِيَحْيَـى مُصَدِّقاً بِكَلِمَةٍ
مِّنَ اللّهِ وَسَيِّداً وَحَصُوراً وَنَبِيّاً مِّنَ الصَّالِحِينَ {39} قَالَ رَبِّ أَنَّى يَكُونُ لِي غُلاَمٌ
وَقَدْ بَلَغَنِيَ الْكِبَرُ وَامْرَأَتِي عَاقِرٌ قَالَ كَذَلِكَ اللّهُ يَفْعَلُ مَا يَشَاءُ {40} قَالَ رَبِّ اجْعَل
لِّيَ آيَةً قَالَ آيَتُكَ أَلاَّ تُكَلِّمَ النَّاسَ ثَلاَثَةَ أَيَّامٍ إِلاَّ رَمْزاً وَاذْكُر رَّبَّكَ كَثِيراً وَسَبِّحْ بِالْعَشِيِّ
وَالإِبْكَارِ {41}

Худои субҳон пирӣ ва сафедии мӯйро ба оташ ташбеҳ карда аст ва густариши онро дар мӯй, ба шӯълаи оташ.

**Ъоқир**: зани нозо.

**Ъатийян**: бисёр пиршуда ё хушкида ва пӯкшуда.

**Савийян**: яъне ту бидуни ин ки дучори беморӣ шавӣ ва дар ҳоле, ки сиҳҳату солим ҳастӣ, наметавонӣ сухан кунӣ.

**Фаавҳо илайҳим**: ба онҳо ишора кард.

**Хузил китоба биқувватин**: бо тамоми нерӯ ва тавон Тавротро бигир.

**Отайноҳул ҳукма сабийян**: дар ҳоле ки кӯдаки сесола буд, ӯро нубувват додем.

**Ҳанонан**: раҳмат ва лутфи мо бар ӯ.

## Тафсири оёт

Ҳазрати Закариё ба пирӣ расида буд ва устухонҳояш ба нотавонӣ ва мӯи сараш ба сафедӣ гаравида буд, ки Парвардигорашро мухотаб сохта гуфт: ман ба пирӣ расидаам, занам нозост ва аз поёни умри амакзодагонам, ки пас аз ман ворисам хоҳанд шуд, бимнокам. Пас маро писаре ато кун, ки аз ман ва Оли Яъқуб ирс барад ва ӯро аз шоистагонат қарор деҳ. Худованд дуои Закариёро иҷобат фармуд ва ӯро ба писаре ба номи Яҳё, ки то он вақт касеро ба чунин ном нахонда буданд, мужда дод. Закариё гуфт: чӣ гуна аз ман писаре ба дунё хоҳад омад, дар ҳоле ки пир, лоғар ва хушкидаам, занам, низ нозост?! Худои мутаол

фармуд: ин кор барои ман саҳл ва содда аст. Туро, ки пеш аз ин вуҷуд надоштӣ офаридам. Закариё гуфт: Парвардигоро! Ҳол, ки чунин аст маро аломат ва нишонае деҳ. Худои таоло фармуд: он аломат ин аст, ки ту дар ҳоле ки саломат ҳастӣ муддати се шаб қодир ба сухан гуфтан нахоҳӣ буд. Закариё дар ҳоле ки аз меҳроби ибодаташ берун мешуд ба қавмаш ишора кард, ки Худоро дар ҳар субҳу шом тасбеҳ гӯянд. Худованд ба Яҳё ваҳй фиристод, ки: эй Яҳё! Тавротро бо ҳамаи тавонат бигир ва ба ӯ дар ҳоле ки кӯдаки хурдсол буд, мақоми нубувват ва дарки матолиби Тавротро ато фармуд.

### Намунаи шашум: Исо писари Марям[а]

Худованди субҳон дар сураи Марям, оёти 16-33 мефармояд:

*Дар Қуръон Марямро ёд кун, он гоҳ ки аз хонаводаааш ба ҷое дар қисмати шарқ (-и Байтулмуқаддас) канор гирифт. Ва байни худ ва онҳо пардае овехт. Мо рӯҳи худ (Рӯҳулқудс)-ро ба шакли инсони (зебо) назди ӯ фиристодем. Марям гуфт: ман аз ту ба Худо паноҳ мебарам. Бошад, ки ту порсо бошӣ. (Рӯҳулқудс) Гуфт: ҳамоно ман фиристодаи Парвардигори ту ҳастам, то туро писари поке ато кунам. Марям гуфт: чӣ гуна маро писаре хоҳад буд, ҳол он ки инсоне ба ман даст*

*назада ва зинокор ҳам набудаам?! Фаришта гуфт: чунин аст; Парвардигорат фармуда аст, ки ин кор барои ман бисёр осон аст. Мо ин писарро ояте барои мардумон ва раҳмате аз ҷониби худ қарор медиҳем ва ин амр қатъӣ аст. Марям ба он писар ҳомила шуд ва бо ӯ дар макони дур гӯша гирифт. Дарди таваллуд ӯро ба сӯи танаи нахле кашид. (Аз шиддати ҳузн ва андӯҳ бо худ) Мегуфт: эй кош пеш аз ин мурда будам ва фаромӯш гашта будам. (Кӯдак) Ӯро аз пойин нидо кард, ки маҳзун мабош, Парвардигорат дар пойини поят наҳре қарор дода аст. Танаи хурморо ба сӯи худат такон деҳ, хурмои тоза бар ту хоҳад афканд, бихӯр, биошом, хурсанд бош ва агар аз одамиён касеро дидӣ бигӯ: ман барои Худои раҳмон назри рӯзаи сукут кардаам ва имрӯз бо касе сухан нахоҳам гуфт. (Марям) Исоро дар ҳоле ки дар оғӯш дошт пеши қавмаш овард. Гуфтанд: эй Марям! Аҷаб кори баде кардаӣ! Эй хоҳари Ҳорун! Падарат марди баде набуд ва модарат ҳам зинокор набуд. Марям ба Исо ишора кард. Онҳо гуфтанд: мо чӣ гуна бо кӯдаке, ки дар гаҳвора аст сухан бигӯем?! (Он тифл ба амри Худо ба забон омад ва) Гуфт: ман бандаи Худо ҳастам, ӯ ба ман китоби осмонӣ дода аст, маро шарафи нубувват ато карда аст, маро ҳар куҷо, ки бошам барои ҷаҳониён муборак карда аст ва маро ба намозу закот супориш намуда аст, то замоне ки зиндаам. Ва маро муқаррар дошта аст, ки ба модарам некӣ кунам ва маро ситамгар ва шақӣ (бадбахт) қарор надода аст. Ва дуруд бар ман, рӯзе,*

*ки зода шудам, рӯзе, ки бимирам ва рӯзе, ки барои зиндагонии абадии охират бори дигар барангехта шавам.*[1]

## Саргузашти Бани Исроил бо Исо ибни Марям[a]

Худованди субҳон дар сураи Оли Имрон, оёти 45-52 мефармояд:

*Он гоҳ ки фариштагон ба Марям гуфтанд: эй Марям! Худо туро ба калимае аз худаш, ба номи Масеҳи писари Марям башорат медиҳад, ки ӯ дар дунё ва охират мӯҳтарам ва аз наздикони Худост. Дар гаҳвора бо мардум сухан мегӯяд, он гуна ки дар калонсолӣ, ва (ӯ) аз шоистагон мебошад. (Марям)*

---

[1] Сураи Марям, оёти 16-33.

وَاذْكُرْ فِي الْكِتَابِ مَرْيَمَ إِذِ انتَبَذَتْ مِنْ أَهْلِهَا مَكَاناً شَرْقِيّاً {16} فَاتَّخَذَتْ مِن دُونِهِمْ
حِجَاباً فَأَرْسَلْنَا إِلَيْهَا رُوحَنَا فَتَمَثَّلَ لَهَا بَشَراً سَوِيّاً {17} قَالَتْ إِنِّي أَعُوذُ بِالرَّحْمَن
مِنكَ إِن كُنتَ تَقِيّاً {18} قَالَ إِنَّمَا أَنَا رَسُولُ رَبِّكِ لِأَهَبَ لَكِ غُلَاماً زَكِيّاً {19} قَالَتْ
أَنَّى يَكُونُ لِي غُلَامٌ وَلَمْ يَمْسَسْنِي بَشَرٌ وَلَمْ أَكُ بَغِيّاً {20} قَالَ كَذَلِكِ قَالَ رَبُّكِ هُوَ
عَلَيَّ هَيِّنٌ وَلِنَجْعَلَهُ آيَةً لِلنَّاسِ وَرَحْمَةً مِّنَّا وَكَانَ أَمْراً مَّقْضِيّاً {21} فَحَمَلَتْهُ فَانتَبَذَتْ
بِهِ مَكَاناً قَصِيّاً {22} فَأَجَاءهَا الْمَخَاضُ إِلَى جِذْعِ النَّخْلَةِ قَالَتْ يَا لَيْتَنِي مِتُّ قَبْلَ هَذَا
وَكُنتُ نَسْياً مَّنسِيّاً {23} فَنَادَاهَا مِن تَحْتِهَا أَلَّا تَحْزَنِي قَدْ جَعَلَ رَبُّكِ تَحْتَكِ سَرِيّاً
{24} وَهُزِّي إِلَيْكِ بِجِذْعِ النَّخْلَةِ تُسَاقِطْ عَلَيْكِ رُطَباً جَنِيّاً {25} فَكُلِي وَاشْرَبِي
وَقَرِّي عَيْناً فَإِمَّا تَرَيِنَّ مِنَ الْبَشَرِ أَحَداً فَقُولِي إِنِّي نَذَرْتُ لِلرَّحْمَنِ صَوْماً فَلَنْ أُكَلِّمَ
الْيَوْمَ إِنسِيّاً {26} فَأَتَتْ بِهِ قَوْمَهَا تَحْمِلُهُ قَالُوا يَا مَرْيَمُ لَقَدْ جِئْتِ شَيْئاً فَرِيّاً {27}
يَا أُخْتَ هَارُونَ مَا كَانَ أَبُوكِ امْرَأَ سَوْءٍ وَمَا كَانَتْ أُمُّكِ بَغِيّاً {28} فَأَشَارَتْ إِلَيْهِ
قَالُوا كَيْفَ نُكَلِّمُ مَن كَانَ فِي الْمَهْدِ صَبِيّاً {29} قَالَ إِنِّي عَبْدُ اللَّهِ آتَانِيَ الْكِتَابَ
وَجَعَلَنِي نَبِيّاً {30} وَجَعَلَنِي مُبَارَكاً أَيْنَ مَا كُنتُ وَأَوْصَانِي بِالصَّلَاةِ وَالزَّكَاةِ مَا دُمْتُ
حَيّاً {31} وَبَرّاً بِوَالِدَتِي وَلَمْ يَجْعَلْنِي جَبَّاراً شَقِيّاً {32} وَالسَّلَامُ عَلَيَّ يَوْمَ وُلِدتُّ
وَيَوْمَ أَمُوتُ وَيَوْمَ أُبْعَثُ حَيّاً {33}

*Гуфт: Парвардигоро! Чӣ гуна маро писаре хоҳад буд, ҳол он ки башаре маро даст назада аст?! Фаришта гуфт: (амри Худо) ин гуна аст, Худо ҳар чӣ бихоҳад меофаринад. Ҳангоме ки чизеро урода кунад, ба ӯ мегӯяд* ***мавҷуд бош,*** *пас* ***ҳамон дам мавҷуд мешавад.*** *Ва Худованд ба Исо китобу ҳикмат ва Тавроту Инҷил таълим фармуда аст. Ва ӯро ба сӯи Бани Исроил ба паёмбарӣ мефиристад (то бигӯяд:) ман аз сӯи Парвардигоратон барои шумо мӯъҷиза овардам. Ман барои шумо аз гил муҷассамаи мурге месозам ва дар он медамам, то ба хости Худо паррандае шавад. Ва кӯри модарзод ва песро ба изни Худо шифо медиҳам, мурдагонро ба изни Худо зинда мекунам ва аз он чи мехӯред ва он чиро, ки дар хонаҳоятон захира мекунед хабар медиҳам. Ин мӯъҷизот барои шумо далеле (дар рисолати ман аст), агар мӯъмин бошед. Тавротеро, ки пеш аз ман буда аст, тасдиқ мекунам ва бархе аз он чиро, ки бар шумо ҳаром буда аст, ҳалол мекунам ва нишонае аз сӯи Парвардигоратон барои шумо овардаам. Пас (эй Бани Исроил! Аз Худо) битарсед ва маро фармон баред. Худо, Парвардигори ману шумост, пас ӯро парастиш кунед, ки роҳи рост ҳамин аст. Ҳангоме ки Исо аз эшон эҳсоси куфр кард, гуфт: ёрони ман дар роҳи Худо киҳо ҳастанд? Ҳавворриён гуфтанд: мо ёрони Худоем ва ба Худо имон овардаем. Гувоҳ бош, ки мо таслими фармони ӯ ҳастем.*[1]

[1] Сураи Оли Имрон, оёти 45-52.

Дар сураи Саф, ояти 6 мефармояд:

*Ва ёд ор ҳангоме ки Исо писари Марям гуфт: эй Бани Исроил! Ман паёмбари Худо ба сӯи шумо ҳастам ва Тавротеро, ки пеши ман аст тасдиқ мекунам ва башорат медиҳам ба омадани паёмбаре баъд аз ман, ки номаш Аҳмад аст. Пас чун он паёмбар* **(***Расули Худо ҳазрати Муҳаммади Мустафо*[(с)]**)** *бо мӯъҷизот ва оёт ба сӯи халқ омад, гуфтанд: ин* **(***мӯъҷизот ва Қуръони ӯ***)** *сеҳри ошкор аст.*[1]

Дар сураи Нисо, оёти 155-158 мефармояд:

*Пас ба хотири паймоншиканӣ ва куфрашон ба оёти Худо ва ба ноҳақ куштани паёмбарон* **(***Худо ононро ба кайфар расонид***)** *ва мегуфтанд: дилҳои мо*

---

إِذْ قَالَتِ الْمَلآئِكَةُ يَا مَرْيَمُ إِنَّ اللّهَ يُبَشِّرُكِ بِكَلِمَةٍ مِّنْهُ اسْمُهُ الْمَسِيحُ عِيسَى ابْنُ مَرْيَمَ
وَجِيهاً فِي الدُّنْيَا وَالآخِرَةِ وَمِنَ الْمُقَرَّبِينَ {45} وَيُكَلِّمُ النَّاسَ فِي الْمَهْدِ وَكَهْلاً وَمِنَ
الصَّالِحِينَ {46} قَالَتْ رَبِّ أَنَّى يَكُونُ لِي وَلَدٌ وَلَمْ يَمْسَسْنِي بَشَرٌ قَالَ كَذَلِكِ اللّهُ
يَخْلُقُ مَا يَشَاءُ إِذَا قَضَى أَمْراً فَإِنَّمَا يَقُولُ لَهُ كُن فَيَكُونُ {47} وَيُعَلِّمُهُ الْكِتَابَ
وَالْحِكْمَةَ وَالتَّوْرَاةَ وَالإِنجِيلَ {48} وَرَسُولاً إِلَى بَنِي إِسْرَائِيلَ أَنِّي قَدْ جِئْتُكُم بِآيَةٍ مِّن
رَّبِّكُمْ أَنِّي أَخْلُقُ لَكُم مِّنَ الطِّينِ كَهَيْئَةِ الطَّيْرِ فَأَنفُخُ فِيهِ فَيَكُونُ طَيْراً بِإِذْنِ اللّهِ وَأُبْرِئُ
الأكْمَهَ والأَبْرَصَ وَأُحْيِـي الْمَوْتَى بِإِذْنِ اللّهِ وَأُنَبِّئُكُم بِمَا تَأْكُلُونَ وَمَا تَدَّخِرُونَ فِي
بُيُوتِكُمْ إِنَّ فِي ذَلِكَ لآيَةً لَّكُمْ إِن كُنتُم مُّؤْمِنِينَ {49} وَمُصَدِّقاً لِّمَا بَيْنَ يَدَيَّ مِنَ
التَّوْرَاةِ وَلِأُحِلَّ لَكُم بَعْضَ الَّذِي حُرِّمَ عَلَيْكُمْ وَجِئْتُكُم بِآيَةٍ مِّن رَّبِّكُمْ فَاتَّقُواْ اللّهَ
وَأَطِيعُونِ {50} إِنَّ اللّهَ رَبِّي وَرَبُّكُمْ فَاعْبُدُوهُ هَذَا صِرَاطٌ مُّسْتَقِيمٌ {51} فَلَمَّا أَحَسَّ
عِيسَى مِنْهُمُ الْكُفْرَ قَالَ مَنْ أَنصَارِي إِلَى اللّهِ قَالَ الْحَوَارِيُّونَ نَحْنُ أَنصَارُ اللّهِ آمَنَّا
بِاللّهِ وَاشْهَدْ بِأَنَّا مُسْلِمُونَ {52}

[1] Сураи Сафф, ояи 6.

وَإِذْ قَالَ عِيسَى ابْنُ مَرْيَمَ يَا بَنِي إِسْرَائِيلَ إِنِّي رَسُولُ اللَّهِ إِلَيْكُم مُّصَدِّقاً لِّمَا بَيْنَ يَدَيَّ
مِنَ التَّوْرَاةِ وَمُبَشِّراً بِرَسُولٍ يَأْتِي مِن بَعْدِي اسْمُهُ أَحْمَدُ فَلَمَّا جَاءهُم بِالْبَيِّنَاتِ قَالُوا
هَذَا سِحْرٌ مُّبِينٌ {6}

*пӯшида ва мастур аст, балки ба хотири куфрашон бар онҳо мӯҳр ниҳодааст, ки ба ҷуз андаке имон наоваранд. Ва ба хотири куфрашон ва ин ки ба мардум бӯҳтоне азим задаанд ва ин ки гуфтанд: мо Масеҳ - Исо писари Марям, паёмбари Худоро куштем, дар сурате, ки ӯро накуштанд ва ба дораш накашиданд. Вале амр бар онҳо муштабеҳ шуд (яъне онҳо фикр карданд гӯё Ҳазрати Исоро куштанд ё ба дор кашиданд) ва касоне, ки дар бораи қатли ӯ ихтилоф кардаанд аз он дар шак ва тардид ҳастанд ва илме ҷуз пайравии гумон надоранд. Ва ба яқин ӯро накуштаанд, балки Худованд ӯро ба сӯи худ боло бурд ва Худо азизу ҳаким аст.*[1]

## Шарҳи вожаҳо

**Калиматун**: дар ин ҷо ба маънои махлуқе аст, ки Худованди таоло ба калимаи “*кун*” (бош) ва монанди он ва бидуни дахолат додани сабабҳо ва василаҳои оддии офариниш, ӯро офарида аст.

**Интабазат**: канора гирифт, дур шуда ба гӯшае рафт.

**Закийян**: тоҳир, покшуда аз ҳар навъ олудагӣ.

**Сарийян**: рӯди кӯчак, наҳри об.

---

[1] Сураи Нисо, оёти 155-158.

فَبِمَا نَقْضِهِم مِّيثَاقَهُمْ وَكُفْرِهِم بَآيَاتِ اللّهِ وَقَتْلِهِمُ الأَنْبِيَاء بِغَيْرِ حَقًّ وَقَوْلِهِمْ قُلُوبُنَا غُلْفٌ بَلْ طَبَعَ اللّهُ عَلَيْهَا بِكُفْرِهِمْ فَلاَ يُؤْمِنُونَ إِلاَّ قَلِيلاً {155} وَبِكُفْرِهِمْ وَقَوْلِهِمْ عَلَى مَرْيَمَ بُهْتَاناً عَظِيماً {156} وَقَوْلِهِمْ إِنَّا قَتَلْنَا الْمَسِيحَ عِيسَى ابْنَ مَرْيَمَ رَسُولَ اللّهِ وَمَا قَتَلُوهُ وَمَا صَلَبُوهُ وَلَـكِن شُبِّهَ لَهُمْ وَإِنَّ الَّذِينَ اخْتَلَفُواْ فِيهِ لَفِي شَكٍّ مِّنْهُ مَا لَهُم بِهِ مِنْ عِلْمٍ إِلاَّ اتِّبَاعَ الظَّنِّ وَمَا قَتَلُوهُ يَقِيناً {157} بَل رَّفَعَهُ اللّهُ إِلَيْهِ وَكَانَ اللّهُ عَزِيزاً حَكِيماً {158}

**Ҷанийюн**: меваи тоза чидашуда.

**Фарийян**: амри шигифтангез ва ношинохта.

**Акмаҳ**: кӯри модарзод.

**Мусаддиқан**: аз он ҷо ки башорати омаданаш дар Таврот омада ва омаданаш бо ҳамон сифоте буд, ки дар Таврот омада аст, пас вуҷуди ҳазрати Расули Акрам(с) мусаддиқ ва тасдиқкунандаи Таврот аст.

**Бағийян**: зани бадкорае, ки ба василаи зинокорӣ касби даромад мекунад.

## Тафсири оёти гузашта

Достони ҳазрати Исо, охирин паёмбари Бани Исроил, ва модараш ҳазрати Марям дар Қуръони маҷид чунин омада аст:

Фариштагон ҳазрати Марямро нидо карда ва муждаи Худоро доир бар таваллуди ҳазрати Масеҳ ба ӯ доданд, ки ҳазрати Ҳақ таоло ӯро ба калимаи худаш “кун” (бош) ва бидуни василa ва асбоби оддӣ ва табиӣ меофаринад ва ӯ каломи Худоро дар гаҳвора ва ҳам дар калонсолӣ ба мардумон иблоғ мекунад.

Ҳазрати Марям бо шунидани чунин хитобе гуфт: Парвардигоро! Ман чӣ гуна фарзанде ба дунё меоварам, дар ҳоле, ки инсоне маро даст назада аст?

Ҷабраил сухани Худоро ба вай ин гуна иблоғ мекунад:

Худои таоло ҳар чиро, ки бихоҳад бидуни асбоб ва василае танҳо бо калимаи “кун” меофаринад ва он

мавҷуд дар ҳамон лаҳза офарида мешавад, айнан ҳамон гуна ки онҳоро бо сабабҳо ва василаҳо офарида аст.

Сипас Ҷабраил аз пеши гардан, дар чоки пироҳани Марям дамид ва он чиро, ки ҳазрати Ҳақ ирода фармуда буд, таҳаққуқ ёфт ва Марям бордор шуд.

Замоне ки Марям дар даруни худ вуҷуди ҷанинеро эҳсос кард ба ҷое дур аз хонаводааш раҳсипор шуд. Дарди таваллуд ӯро ба ҷониби танаи дарахти хушкидаи хурмое кашид. Ӯ пушт ба он кард ва гуфт: эй кош пеш аз ин мурда ва несту нобуд шуда будам. Дар ин ҳол аз пойини вай Исо ё Ҷабраил нидояш дод, ки: андӯҳгин мабош, Худованд дар зери поят наҳри хурде ҷорӣ сохта аст. Танаи хушки хурморо такон деҳ то хурмои тоза бар ту бирезад. Он гоҳ аз он хурмо бихӯр ва аз он об биошом ва шодмону масрур бош. Ва чун касе аз мардумро дидӣ ба ӯ бигӯ: ман барои Худо назри рӯзаи сукут кардаам ва асло имрӯз бо касе сухан намегӯям.

Марям навзодро бардошт ва назди қавмаш бурд. Онҳо чеҳраи худро дарҳам кашида Марямро нохӯш доштанд ва гуфтанд: эй хоҳари Ҳорун кори бисёр палид ва зиштеро анҷом додай. На падарат зинокор буд ва на модарат бадкора!

Ҳазрати Марям ишора ба Исо кард, ки бо ӯ сухан бигӯед, ӯ ба шумо посух медиҳад. Гуфтанд: мо бо навзоди хобида дар гаҳвора чӣ гуна сухан бигӯем?! Дар ин лаҳза Худои субҳон Исоро ба сухан даровард ва (ӯ) гуфт: ман бандаи Худо ҳастам, ӯ ба ман китоби Инҷил дода аст ва маро ҳар куҷо, ки бошам паёмбари муборак

ва муаллиме ба корҳои хайру некӯ қарор дода аст ва то зинда ҳастам ба барпо доштани намоз, пардохтани закот ва некӣ дар ҳаққи модарамро супориш фармуда аст.

Худованд, ҳазрати Исоро ба рисолат ба сӯи Бани Исроил фиристода, чанд мӯъҷизае ба вай ато кард то гувоҳе бар сидқи рисолаташ бошад.

Ӯ бо гил сурати мурғе месохт ва дар он медамид, ки он муҷассама ба изни Худо мурғе мешуд ва парубол мекушод. Ҳамчунин кӯри модарзод ва песро ба изни Худо шифо медод, мурдаро ба изни Худо зинда мекард ва аз он чи ки дар хонаҳои худ мехӯрданд ва захира мекарданд хабар медод.

Дар зимн он чиро, ки дар бораи ӯ ва пеш аз вай дар Таврот омада буд, дар ӯ комилан сидқ мекард ва мутобиқат дошт. Ӯ ҳамчунин ба беъсати ҳазрати Хотами паёмбарон Аҳмад(с) хабар медод.

Саранҷом, Бани Исроил ба ӯ имон наоварданд ва кофираш хонданд ва гуфтанд ин сеҳри возеҳ ва ошкор аст.

Оқибат вақте ки Исо куфру душманиашонро эҳсос фармуд, гуфт: чӣ касоне бо ман дини Худоро ёрӣ хоҳад дод? Ҳавориюн ба вай посух доданд: мо ёрони Худо хоҳем буд, ба Худованд имон овардаем ва ту гувоҳ бош, ки мо мусулмонем.

Ва ҳамин хел Бани Исроил аҳд ва паймонеро, ки бо Худо ба дасти ҳазрати Мӯсо баста буданд (қарор бар ин ки он чӣ дар Таврот омада аст ба он мӯъмин бошанд ва

ба Исо ва баъд аз ӯ ба ҳазрати Хотами Паёмбарон имон оваранд) шикастанд ва роҳи куфр ва душманиро дар пеш гирифтанд.

Онон ҳамчунин ба ҳазрати Марям тӯҳмати хеле калоне зада гуфтанд: ӯ аз марди наҷҷор ба номи Юсуф ҳомила шуда ва Исоро зода аст!

Он гоҳ дар мақоми куштан ва ба дор кашидани Исо баромаданд, ки Худованд ҳамон марди яҳудиро, ки роҳнамои душманон ба сӯи ҳазрати Исо шуда буд, ба шакл ва қиёфаи Исо даровард ва Бани Исроил низ ҳамонро ба дор кашиданд ва чунин пиндоштанд, ки Исо писари Марямро ба дор кашидаанд, дар ҳоле ки Худованд ӯро ба сӯи худ боло бурда буд.

## *Маънои асри фатрат*

Худовани субҳон дар сураи Моида, ояти 19 мефармояд:

> ***...Қад ҷоакум расӯлуно юбайййину лакум ъало фатратин минар русули ан тақӯлӯ мо ҷоано мин башӣрин ва ло назӣрин фақад ҷоакум башӣрун ва назӣрун, валлоҳу ъало кулли шай'ин қадӣр*** **Ê**
>
> **Ä...***Расули мо омад то барои шумо ҳақоиқи динро дар фосилаи замоние ки расулон набуданд***,** *баён кунад то нагӯед***,** *ки барои мо башоратдиҳанда ва бимдиҳандае наомад***.** *Ба дурустӣ***,** *ки расули башоратдиҳанда ва бимдиҳанда бар шумо омад ва Худо бар ҳар чизе тавоност***.**[1]

Дар сураи Ёсин, оёти 1-3 ва 6 мефармояд:

---

[1] Сураи Моида, ояи 19.

**... قَدْ جَاءكُمْ رَسُولُنَا يُبَيِّنُ لَكُمْ عَلَى فَتْرَةٍ مِّنَ الرُّسُلِ أَن تَقُولُواْ مَا جَاءنَا مِن بَشِيرٍ وَلاَ نَذِيرٍ فَقَدْ جَاءكُم بَشِيرٌ وَنَذِيرٌ وَاللّهُ عَلَى كُلِّ شَيْءٍ قَدِيرٌ** {19}

***Ё син. Вал Қур’онил ҳакӣм. Иннака ламинал мурсалӣн. ... Литунзира қавман мо унзира обоуҳум фаҳум ғофилӯн*** **Ê**

**Ä***Ёсин* **(***эй оқо ва сарвари паёмбарон***)***. Қасам ба Қуръони ҳаким***,** *ки ту аз ҷумлаи расулонӣ.* **...** *То битарсонӣ қавмеро***,** *ки падаронашон бим дода нашудаанд***,** *ки эшон ғофил ва ноогоҳанд.*[1]

Ва монанди ин, дар сураҳои Қасас, ояти 27, Саҷда, ояти 3 ва Сабо оёти 34 ва 44 низ омада аст:

Ва дар сураи Шӯро, ояти 7 мефармояд:

***Ва казолика авҳайно илайка Қур’онан ъарабийян литунзира уммул қуро ва ман ҳавлаҳо...*** **Ê**

**Ä***Ва ин гуна Қуръоне арабӣ* **(***фасеҳ ва гӯё***)** *бар ту ваҳй кардем***,** *то мардуми Уммулқуро* **(***Макка***)** *ва мардуми атрофи онро инзор кунӣ* **(***аз азоби илоҳӣ битарсонӣ***)...**[2]

Дар сураи Сабо, ояти 28 мефармояд:

***Ва мо арсалнока илло коффатан линноси башӣран ва назӣран ва локинна аксаран носи ло яъламӯн*** **Ê**

---

[1] Сураи Ёсин, оёти 1-3 ва 6.

يس {1} وَالْقُرْآنِ الْحَكِيمِ {2} إِنَّكَ لَمِنَ الْمُرْسَلِينَ {3}
لِتُنذِرَ قَوْماً مَّا أُنذِرَ آبَاؤُهُمْ فَهُمْ غَافِلُونَ {6}

[2] Сураи Шӯро, ояи 7.

وَكَذَلِكَ أَوْحَيْنَا إِلَيْكَ قُرْآناً عَرَبِيّاً لِّتُنذِرَ أُمَّ الْقُرَى وَمَنْ حَوْلَهَا... {7}

*Ä Ва мо туро нафиристодем ҷуз барои ҳамаи мардумон, башоратдиҳанда ва инзоркунанда, аммо бештари мардум аз ин ҳақиқат огоҳ нестанд.*[1]

## Шарҳи вожаҳо

**Фатратун**: "*Фатра*" *дар луғат* ба маънои фосилаи байни ду маҳдудаи замонӣ аст. *Дар истилоҳи исломӣ*: фосилаи замоне аст, ки байни ду расули башир ва назир воқеъ мешавад.

**Уммулқуро**: шаҳри Маккаи мукаррама.

**Коффатан**: ҳамагӣ, тамомӣ.

Имом Алӣ(а) фармуда аст: Худованд Расули гиромии исломро дар фосилаи замонии байни паёмбарон ва ба ҳангоме фиристода аст, ки умматҳоро хоби ғафлат дар торикии ҷаҳл ва шикастани аҳкоми илоҳӣ, ки бар забони паёмбарон устувор шуда буд, фаро гирифта буд.[2]

## Тафсири оёте, ки гузашт

Хотами паёмбарон ҳазрати Муҳаммади Мустафо(с) дар фосилаи замонии байни паёмбарон, на фосилаи замонии байни анбиё ба рисолат, барангехта шуда аст. Худои таоло баъд аз ҳазрати Исо ибни Марям(а) паёмбаре башоратдиҳанда ва инзоркунанда

---

[1] Сураи Сабо, ояи 28.

وَمَا أَرْسَلْنَاكَ إِلَّا كَافَّةً لِّلنَّاسِ بَشِيراً وَنَذِيراً وَلَكِنَّ أَكْثَرَ النَّاسِ لَا يَعْلَمُونَ {28}

[2] Шарҳи Наҳҷулбалоға, навиштаи Муҳаммади Абду, чопи чопхонаи Ал-истиқомаи Миср, ҷ. 2, саҳ. 69, хутбаи 156. Мисли ин матлаб дар хутбаи 131 низ омада аст.

(башоратдиҳанда ба савобу подоши илоҳӣ ва тарсонанда аз азоби Худо бар асари нофармонӣ ва гуноҳ), ки ҳамроҳи ӯ оят ва мӯъҷизае аз Парвардигораш бошад, мабъус нафармудааст.

Ҳамин тавр мегузашт то ин ки Худованд Хотами Паёмбарон(с)-ро башир ва назир ва бо мӯъҷизаи қуръонӣ барангехт, то аҳли Макка ва атрофи онро ба сурати хос ва дигар мардумонро ба таври ом бим кунад.

Таваҷҷӯҳ ба ин нукта зарурӣ аст, ки дар тӯли муддати замони беш аз панҷсад сол, вуҷуди анбиё ва авсиё аз мардум ҷудо набуда аст ва Худованд инсонҳоро дар ин муддати тулонӣ ба ҳоли худ раҳо накарда аст, балки таблиғкунандагонеро барои динаш ва авсиёе барои шариати ҳазрати Исо(а) ва дини ҳанифаи Иброҳим омода карда аст, ки мо ба хости Худо дар мақоми баррасии ахбори он мебошем.

### *Анбиё ва авсиё дар асри фатрат*

Дар Сираи Ҳалабия (ба таври хулоса) чунин омада аст:

Баъд аз ҳазрати Иброҳим ҳеҷ паёмбаре ба ҷуз ҳазрати Муҳаммад(с), дар қавми араб бо шариати мустақил ба рисолат барангехта нашуда аст. Аммо Холид ибни Синон ва пас аз ӯ Ҳанзала ба шариати мустақил барангехта нашуда буданд, балки ба шариати Исо(а) иқрор дошта, онро таблиғ мекарданд. Байни ҳазрати Исо ва Ҳанзала сесад сол фосилаи замонӣ буда аст.[1]

Аз ҷумла касоне, ки Масъудӣ ва дигарон дар фосилаи замонии байни Масеҳ ва ҳазрати Хатмимартабат алайҳиссалоту вассалом ном бурдаанд Холид ибни Синони Абасӣ аст, ки Расули Худо(с) дар бораи ӯ фармуда аст: “Ӯ набӣ буд, ки қавмаш қадри ӯро надонистанд”. Ва низ дар таърихҳо аз касони дигаре ба унвони набӣ ном бурда шуда аст, ки байни

---

[1] Сираи Ҳалабия, ҷ. 1, саҳ. 21, Таърихи Ибни Асир, чопи аввал, Миср, ҷ. 1, саҳ. 131 ва Таърихулхамис, ҷ. 1, саҳ. 199.

Масеҳ ва ҳазрати Расул салавотуллоҳ алайҳимо қарор доштаанд.[1]

Ҳамчунин Маҷлисӣ дар китоби бузурги худ ба номи Биҳоруланвор, ахбори ононро муфассалан дар боби “Воқеаҳои баъд аз ба осмон рафтани ҳазрати Масеҳ[(а)] ва замони фатрати баъд аз ӯ” оварда аст.[2]

Он паёмбарон ва авсиёе, ки ахборашон дар Қуръони карим, тафсирҳо ва дигар манобеъ ва сарчашмаҳои исломӣ омада аст, касоне ҳастанд, ки Худованд барои ҳидоят ва иршоди мардумон дар ҷазиратуларaб ва атрофи он то асри авсиёи ҳазрати Иброҳими Халилурраҳмон[(а)] ва бар асоси шариати исломи пок, барангехта аст ва авсиёе аз эшон бар шариати ҳазрати Мӯсо ва Исо[(а)] будаанд.

Аз ҷумла авсиёи шариати ҳазрати Исо[(а)], ки пайравони он ҳазрат аз ӯ касби дониш кардаанд, саҳобаи бузургвор Салмони Форсии Муҳаммадӣ аст, ки аз роҳибони он дин буда ва достони ӯ ба таври хулоса ба шарҳи зер мебошад.[3]

Дар Муснади Аҳмад, Сираи Ибни Ҳошим ва Далоилуннубуввати Абӯнаим, зимни ривояте дар бораи Салмони Форсӣ, достони ин саҳобаро ба охирин кас аз авсиёи ҳазрати Исо ибни Марям[(а)], ки дар

---

[1] Муруҷуззаҳаби Масъудӣ, ҷ. 1, саҳ. 78 ва Таърихи Ибни Касир, ҷ. 2, саҳ. 271.

[2] Биҳоруланвор, ҷ. 14, саҳ. 345.

[3] Ба ахбори онҳо ба Сираи Ибни Ҳишом, ҷ. 1, саҳ. 227 муроҷиат кунед.

Умурия[1] сокин буда ва Салмон дар замони ӯ зиндагӣ мекарда аст, чунин овардаанд:

... Ба хидмати роҳиби дайр дар Умурия расидам ва достони худро бо ӯ дар миён ниҳодам. Ӯ гуфт: назди ман бимон. Пас ман назди марде, ки ҳидоят ва сарпарастии ёронашро бар ӯҳда дошт маскан гузидам, то он гоҳ ки маргаш фаро расид. Чун дар остонаи марг қарор гирифт, ӯро гуфтам: ман бо фалонӣ будам, ӯ ҳангоми марг маро васият кард, ки ба назди фалон кас биравам, ин дуввумӣ низ маро дар ҳоли иҳтизор (марг) ба фалонӣ васият намуд ва ин саввумӣ маро ба ту васият кард. Инак ту маро ба чӣ кас васият мекунӣ ва чӣ дастур медиҳӣ?

Гуфт: оре писарам! Ба Худо савганд аз мардумони замонамон касеро олимтар ва донотар ба дине, ки дорем намешиносам, то дастур бидиҳам назди ӯ биравӣ. Аммо ту дар замони паёмбаре ҳастӣ, ки бар дини Иброҳим[(а)] мабъус мешавад. Ӯ дар сарзамини араб қиём мекунад ва ба минтақае, ки байни ду замини сӯхта воқеъ аст ва байнашон нахлистонҳое аст, муҳоҷират мекунад. Ӯро нишонаҳое аст ошкор, аз ҳадяҳо мехӯрад, аммо садақа намехӯрад ва байни ду китфаш мӯҳри нубувват зада шуда аст. Агар битавонӣ

---

[1] Ҳамавӣ, соли вафот 626 ҳиҷрии қамарӣ дар Мӯъҷамулбулдони худ дар бораи Умурия навишта аст: шаҳре аст аз шаҳрҳои Рум, ки Мӯътасими Аббосӣ (соли вафот 227 ҳиҷрии қамарӣ) онро дар соли 223 фатҳ карда аст.

худро ба он минтақа расонӣ, чунин кун. Он гоҳ дида бар ҳам ниҳод ва аз дунё рафт...[1]

Инҳо бархе аз ахбори васиёни ҳазрати Исо(а) дар асри фатрат буд. Аммо авсиёи дини ҳанифи Иброҳимро дар қисматҳои оянда баррасӣ хоҳем кард. Пеш аз он шаммае аз сираи Исмоил, нахустин шоха аз авсиёи Иброҳим(а)-ро мавриди мутолиа қарор медиҳем. Сипас то он ҷо, ки мумкин бошад, ба хости Худо сираи авсиё аз фарзандони ӯро шарҳ хоҳем дод.

---

[1] Муснади Аҳмад ҷ. 4, саҳ. 242-243; Сираи Ибни Ҳишом, соли вафот 213, ҷ. 1, саҳ. 227 ва Далоилуннубувват, навиштаи Абӯнаим, соли вафот 430, хабари Сулаймон.

## *Хабари нубуввати ҳазрати Исмоил алайҳиссалом дар Қуръони маҷид*

Худованди субҳон дар сураи Марям, оёти 54-55 мефармояд:

> ***Вазкур фил китоби Исмоъйла иннаҳу кона содиқал ваъди, ва кона расӯлан набийё. Ва кона я'муру аҳлаҳу биссалоти ваззакоти ва кона ъинда раббиҳи марзийё* Ê**
>
> **Ä** *Ва ёд кун дар китоби худ шарҳи ҳоли Исмоилро,* ***,*** *ки дар ваъда содиқ ва расулу набӣ буд.* ***.*** *Ӯ хонаводаашро ба* **(***хондан***)***-и намоз ва* **(***додани***)** *закот фармон медод ва назди Парвардигораш писандида буд.*[1]

[1] Сураи Марям, оёти 54-55.

Ва дар сураи Нисо, ояти 163 мефармояд:

***Инно авҳайно илайка камо авҳайно ило Нӯҳин ван набиййина мин баъдиҳи ва авҳайно ило Иброҳима ва Исмоъйла ва Исҳоқа ва Яъқӯба вал Асботи ва Ъйсо ва Айюба ва Юнуса ва Ҳорӯна ва Сулаймона ва отайно Довуда Забӯро Ê***

*Ä Мо ба ту ваҳй кардем, ҳамчунон ки ба Нӯҳ ва паёмбарони баъд аз ӯ ваҳй кардем. Ва ба Иброҳим, Исмоил, Исҳоқ, Яъқуб, Асбот, Исо, Аюб, Юнус, Ҳорун, Сулаймон ва Довуд ваҳй кардем. Ва ба Довуд Забур ҳам ато намудем.*[1]

## Нубуввати ҳазрати Исмоил дар дигар сарчашмаҳо

Ҳазрати Исмоил[(а)] аз замони падараш, Иброҳими Халилурраҳмон[(а)] дар Макка мезист ва дар ростои иҷрои васияти падараш ба адои расму оини ҳаҷ, ки барподорандаи шариати ҳанифаи Иброҳим аст,

---

وَاذْكُرْ فِي الْكِتَابِ إِسْمَاعِيلَ إِنَّهُ كَانَ صَادِقَ الْوَعْدِ وَكَانَ رَسُولاً نَّبِيّاً {54} وَكَانَ يَأْمُرُ أَهْلَهُ بِالصَّلَاةِ وَالزَّكَاةِ وَكَانَ عِندَ رَبِّهِ مَرْضِيّاً {55}

[1] Сураи Нисо, ояи 163.

إِنَّا أَوْحَيْنَا إِلَيْكَ كَمَا أَوْحَيْنَا إِلَى نُوحٍ وَالنَّبِيِّينَ مِن بَعْدِهِ وَأَوْحَيْنَا إِلَى إِبْرَاهِيمَ وَإِسْمَاعِيلَ وَإِسْحَاقَ وَيَعْقُوبَ وَالأَسْبَاطِ وَعِيسَى وَأَيُّوبَ وَيُونُسَ وَهَارُونَ وَسُلَيْمَانَ وَآتَيْنَا دَاوُودَ زَبُوراً {163}

мепардохт. Ӯ таблиғи рисолатро низ ба шарҳи зайл ба ҷо овард.

1-Дар Таърихи Яъқубӣ омада аст:

“Чун ҳазрати Иброҳим ҳаҷ ба ҷо овард ва азми бозгашт намуд, ба писараш Исмоил васият кард, ки дар канори Байтуллоҳилҳаром бимонад ва мардумонро дар адои ҳаҷ ва маносикашон роҳнамо бошад. Исмоил баъд аз падар, Байтуллоҳилҳаромро таъмир кард ва ба адои маносики Ҳаҷ пардохт”.[1]

2-Дар Ахборуззамон омада аст:

“Худованд ба ҳазрати Исмоил ваҳй фиристод ва ӯро ба сӯи Амолиқ ва Ҷарҳум ва қабоили Яман фиристод. Исмоил онҳоро аз парастиши бутҳо манъ кард. Аммо фақат иддае (андак) ба ӯ имон оварданд ва бештарашон роҳи куфр ва душманӣ дар пеш гирифтанд...” .

Ҳамин хабар, бо ихтилофе чанд дар лафз, дар Миръотуззамон низ омада аст.[2]

Ба ин тариқ Исмоил дар саросари айёми зиндагониаш ба анҷоми корҳое, ки падараш Иброҳим[(а)] ба ӯ васият фармуда буд, пардохт то он

---

[1] Таърихи Яъқубӣ, чопи Бейрут, ҷ. 1, саҳ. 121.

[2] Ахборуззамон, саҳ. 103, Миръотуззамон, саҳ. 309 ва 310.

ҳангом, ки даргузашт ва дар Макка ба хок супурда шуд. Пас аз ӯ, барои анҷоми чунин таклифҳое ҷонишинон ва фарзандони шоиста аз насли ӯ бархостанд. Мо ба хости Худо ба муаррифӣ ва шиносонидани бархе аз эшон хоҳем пардохт.

## Ахбори бархе аз аҷдоди Паёмбар[с] дар асри фатрат

Дар китоби *Субулулҳудо* аз Ибни Аббос ривоят шуда аст, ки гуфт:

"Адад падари Аднон, Музир, Қайс, Айлон, Тим, Асад, Забба ва Хузайма, мусулмон ва бар миллати Иброҳим[а] аз дунё рафта аст".[1]

Дар Табақоти Ибни Саъд низ омада аст:

"Паёмбари Худо[с] фармуда аст: Музирро носазо нагӯед, ки ӯ мусулмон буда аст".[2]

### Илёс ибни Музир ибни Тарор ибни Муҳаммад ибни Аднон

Дар Таърихи Яъқубӣ омада аст:

---

[1] Субулулҳудо вар-Рашод навиштаи Муҳаммад ибни Юсуфи Шомӣ, соли вафот 942 ҳиҷрӣ, чопи Дорул кутубил илмия, Бейрут, соли 1414 ҳиҷрӣ, саҳ. 291 ва низ муроҷиат кунед ба Фатҳулборӣ, ҷ. 7, саҳ. 146.

[2] Табақоти Ибни Саъд, чопи Аврупо, ҷ. 1, саҳ. 30, Таърихи Яъқубӣ, ҷ. 1, саҳ. 226 ва Канзулъуммол, ҷ. 12, саҳ. 59, бобулфазоил, бахши чорум дар фазоили қабоил  Музир, шумораи ҳадис 33978.

Илёс ибни Музир марди шариф ва бузургвор буда ва бартарии ӯ бар дигарон ошкоро менамуд. Ӯ нахустин касе буд, ки бар фарзандони Исмоил ба хотири тағироте, ки дар суннатҳои падаронашон эҷод карда буданд, эътироз кард. Аз ӯ корҳои некӯе сар зад ва нисбат ба ӯ чунон хушнуд буданд, ки чунон хурсандиро ба ҳеҷ як аз фарзандони Исмоил баъд аз Адад иброз надошта буданд.

Ӯ фарзандони Исмоилро ба риояти суннатҳои падарашон бозгардонид, ба тавре ки тамоми суннатҳо ба ҳолати аввалияи худ баргаштанд. Ӯ нахустин касе аст, ки шутурони фарбеҳро барои қурбонии хонаи Худо ихтисос дод ва нахустин касе аст, ки пас аз вафоти ҳазрати Иброҳим рукнро бино ниҳод. Ва ба ин сабаб арабҳо Илёсро бузург медоштанд... .[1]

Дар китоби "Субулулҳудо" пас аз нақли ҳамаи матолиб менависад:

...Арабҳо ҳамон гуна ки аз Луқмон таҷлил мекарданд, ӯро низ бузург ва гиромӣ медоштанд.[2] Тамоми авсиёи паёмбарон соҳиби шариат ва инчунин хусусиёт ва вижагиҳое доштанд. Бинобар ин Илёс аз ҷумлаи авсиёи ҳофиз ва нигаҳбон бар шариати ҳанифаи ҳазрати Иброҳим[(а)] баъд аз ӯ буда аст.

---

[1] Таърихи Яъқубӣ, ҷ. 1, саҳ. 227.

[2] Субулулҳудо, ҷ. 1, саҳ. 289.

## Канона ибни Хузайма ибни Мудрика ибни Илёс ибни Музир

Канона марди воло, некӯ ва бузургманзалат буд ва араб ба хотири дониш ва бартарияш ба ӯ муроҷиат мекарданд.

Ӯ мегуфт: замони хуруҷи паёмбаре аз Макка ба номи Аҳмад фаро расида аст, ки мардумро ба Худо, некӣ, бахшиш ва макорими ахлоқ даъват мекунад. Аз ӯ пайравӣ кунед то бар бузургворӣ ва иззати шумо бияфзояд. Бо ӯ душманӣ нанамоед ва инкори он чиро, ки меоварад накунед, ки он чиро ӯ меоварад ҳақ аст.[1]

Аз суханони Канона чунин пайдост, ки ӯ илмро аз ҷонишини пеш аз худ (аз авсиёи ҳазрати Иброҳим[а]) дарёфт карда аст.

## Каъб ибни Луай ибни Ғолиб ибни Фаҳр ибни Молик ибни Назр ибни Канона

Дар Ансобулашроф ва Таърихи Яъқубӣ омада аст (ва мо сухани Ансобулашрофро меоварем):

“Каъб дар назди араб қадр ва манзалати бузург дошт ва рӯзи маргашро ба хотири эҳтиром ба ӯ, оғози таърих қарор доданд, то он гоҳ ки Омулфил пеш омад ва онро мабдаи таърих гирифтанд ва баъд аз он марги Абдулмуталлибро таърих интихоб намуданд.

---

1 Сираи Ҳалабия, ҷ. 1, саҳ. 16 ва Субулулҳудо ҷ. 1, саҳ. 286 то он ҷо ки мегӯяд: “... то бар бузургворӣ ва иззати шумо бияфзояд”.

Каъб дар айёми ҳаҷ барои мардум хутба мехонд ва мегуфт: “Эй мардум! Бифаҳмед, бишнавед ва бидонед, ки шаб орому сокит аст ва рӯз равшан, осмон афрошта, замин ҳамвор ва ситорагон нишонаҳое ҳастанд, ки беҳуда офарида нашудаанд, ки аз он рӯйгардон шавед. Гузаштагон чунояндагонанд ва хона дар пеши рӯятон аст ва яқин ғайр аз гумони шумо аст. Ба хешовандони худ бирасед, силаи раҳим кунед, пайвандҳои издивоҷатонро нигоҳ доред, аҳду паймонҳои худро пос доред ва амволатонро (бо тиҷорат ва доду гирифт) борвар кунед, ки мояи ҷавонмардӣ ва бахшандагии шумост. Он ҷо ки инфоқи ин мол бар шумо воҷиб мешавад, аз он дареғ наварзед ва ин ҳарам (хонаи Худо)-ро бузург шуморед ва ба он чанг занед, зеро ки ҷойгоҳи паёмбаре аст ва аз он ҷо Хотами паёмбарон ба оине, ки Мӯсо ва Исо оварданд мабъус мешаванд.” Он гоҳ чунин месуруд:

Пас аз фатрат, он набии нигаҳбон бо хабарҳои олимона ва огоҳона хоҳад омад. Дар иборати Яъқубӣ чунин аст:

Ба ногоҳ он набӣ Муҳаммад(с) меояд, хабарҳои содиқона ва огоҳона медиҳад.

Он гоҳ Каъб мегуфт: эй кош, ки даъват ва беъсаташро дарк мекардам”.[1]

---

[1] Ансобулашрофи Билозарӣ, чопи Миср, соли 1959, ҷ. 1, саҳ. 16 ва 41, Таърихи Яъқубӣ, чопи Бейрут, ҷ. 1, саҳ. 236, соли 1379 ҳиҷрӣ, Сираи Ҳалабия, ҷ. 1, саҳ. 9, 15 ва 16 ва Сираи Набавия дар ҳошияи Ҳалабия, ҷ. 1, саҳ. 9.

Дар китоби Субулулҳудо вар-Ришод (ба тариқи хулоса) чунин омада аст:

Рӯзи ҷумъаро рӯзи “*аруба*” меномиданд ва Каъб нахустин касе буд, ки онро ҷумъа ном ниҳод.[1]

Сипас дар паси он ҳамон матолиберо, ки овардем бо тағироти ҷузъӣ дар лафз оварда аст.

Он чиро, ки дар ситоиши Каъб овардаанд гӯёи ин аст, ки ӯ яке аз васиёни баъд аз ҳазрати Иброҳим[а] буда аст. Каъб ва Илёс ду намунаи ошкор аз мустаҷоб шудани дуои ҳазрати Иброҳим[а] будаанд, он гоҳ, ки ба даргоҳи Парвардигораш дар ҳаққи зуррияаш дуо кард ва гуфт: аз фарзандони ман, уммате таслими худ қарор деҳ.

## *Густариши бутпарастӣ дар Макка ва мавзеъгирии аҷдоди Паёмбар[с] дар баробари он*

Дар саҳифаҳои пешин гуфтем, ки қабилаи Ҷарҳум аз Ҳоҷар иҷозат хостанд, ки дар канори ӯ маскан гузида, аз оби Замзам баҳраманд шаванд. Ҳоҷар низ ба онҳо ин иҷозатро дод. Баъд аз ин ки солҳо гузашт ва писараш Исмоил ҷавони барӯманд шуд, духтари Мазози Ҷарҳумиро ба никоҳи худ даровард ва аз ӯ дорои писароне шуд.

Пас аз вафоти Исмоил, писараш Собит, набераи Мазози Ҷарҳумӣ умурро ба даст гирифт. Пас аз вафоти ӯ ҷарҳумиҳо бар умури Макка тасаллут ёфтанд ва

---

[1] Субулулҳудо ва Аррашод, ҷ. 1, саҳ. 278.

саркашӣ карда рӯй аз ҳақ бартофтанд. Қабилаи Хузоа бо онҳо ҷангид ва бар эшон пирӯз шуд[1] ва зимоми ҳукумати Маккаро ба даст гирифта, сарпарастии Байтулҳаромро ӯҳдадор шуданд. Ба тадриҷ фарзандони Исмоил низ кӯч карданд ва дар шаҳрҳои мухталиф пароканда шуданд, ба ҷуз бархе аз онҳо, ки аз канори хонаи Худо дур нагаштанд.[2]

Сарони қабилаи Хузоа солҳо яке пас аз дигаре ҳукумати Макка ва сарпарастии умури Байтулҳаромро дар даст доштанд. Ин то он гоҳ давом ёфт, ки Амр ибни Луҳай, ки дорои сарвати азим ва шутурони бисёр буд ва мардумон бар сари хони ӯ итъом мешуданд, ба фармонравоӣ нашаст. Ӯро нуфузи фаровон буд, ба тавре ки гуфтор ва рафтораш ҳамчун муқаррароти шаръӣ барояшон лозимулиҷро гардид.[3]

Амр ибни Луҳай дар сафаре, ки ба шаҳрҳои Шом дошт, дида буд, ки мардуми он сарзамин бут мепарастанд. Замоне ки дар бораи бутҳо аз эшон суол карда буд, ба вай чунин посух доданд:

Инҳо бутҳое ҳастанд, ки мо онҳоро мепарастем. Аз онҳо талаби борон мекунем ва онҳо ба мо борон медиҳанд ва аз эшон ёрӣ меҷӯем, ёриамон медиҳанд. Амр ба онҳо гуфт: мешавад, ки буте ҳам ба ман бидиҳед, ки онро бо худ ба сарзамини араб барам, то мардуми он ҷо онро ибодат кунанд? Онҳо, ҳам бути "Ҳубал"-ро ба ӯ дода буданд. Амр ин бутро ба Макка

---

[1] Мурочиат кунед ба Таърихи Ибни Касир, чопи аввал, ҷ. 2, саҳ. 184-185.

[2] Таърихи Яъқубӣ, ҷ. 1, саҳ. 222 - 238.

[3] Таърихи Ибни Касир, ҷ. 2, саҳ. 187.

овард ва фармон дод, то мардум онро бузург шумурда парастиш кунанд. Ӯ ҳатто бутҳоро дар *талбияи* ҳаҷ дохил кард ва чунин мегуфт:

> ***Лаббайк аллоҳумма лаббайк ло шарӣка лака, илло шарӣка ҳува лака тамликуҳу ва мо малака*** Ê
>
> Ä*Лаббайк, Худоё лаббайк, туро шарике нест магар шарике, ки аз они ту аст, ӯ ва ҳар чиро ки дорад аз они ту аст.*

Мақсади ӯ аз шарики Худо "бутҳо" буда аст (бар Худо паноҳ). Ӯ ҳамчунин оини ҳанифаи Иброҳим(а)-ро тағир дод ва худ муқаррароти дигаре қарор дод.

Муқаррароти "Буҳайра ва Соиба" аз корҳои ӯ мебошад. Буҳайра шутури модае аст, ки таҳти шароите шири ӯро ба бутҳо ва худоёни сохтагии худ тақдим мекарданд. Соиба низ шутуре буда аст, ки ӯро хоси бутҳо қарор дода, аз ӯ боркашӣ намекарданд ва ба кор намегирифтанд.[1]

Ба ин тариқ бутпарастӣ ба сарзамини тавҳид роҳ ёфт. Албатта дар ростои ин инҳирофи нописанд, танҳо ба Ҳубал басанда нашуд, балки миқдори ин бутҳо рӯ ба фузунӣ ниҳод ва онҳоро бар девораи Каъба низ овехтанд. Ибодат ва парастиши ин бутҳо аз Макка ба дигар сарзамини ободи Ҷазиратулараб ва қабоили мухталиф мунтақил шуд. Дастуроти тавҳид аз миёни

---

[1] Ҳамон, ч. 2, саҳ. 187-189 ва фишурдаи он дар Ансобулашрофи Билозарӣ, ч. 1, саҳ. 34.

мардуми он минтақа пинҳон гашт, рӯ ба фаромӯшӣ ниҳод ва шариати ҳанифаи Иброҳим таҳриф шуд.

Пас аз баррасии сираи аҷдоди паёмбари Ислом(с) ба мутолиаи мавзеъгирии онҳо дар баробари бутпарастӣ мепардозем.

## Қусай ибни Килоб ибни Марра ибни Каъб

Қабилаи Хузоа ҳукумати Макка ва амри Хонаи Худоро то он замоне, ки Қусай рушд кард ва тавон ёфт, ҳамчунон дар даст дошт. Ӯ қавми парокандаашро гирд овард ва аз бародари модариаш Дарроҷ ибни Рабиаи Азрӣ низ ёрӣ хост. Дарроҷ бо гурӯҳе аз қазоа, ки тавониста буд фароҳам кунад, ба ёриаш омад. Сипас ҳамаи онҳо ба ҷанг бо Хузоа бархостанд ва иддаи зиёде аз ҳар ду тараф кушта шуд, то ин ки саранҷом ба доварӣ намудани Амр ибни Авфи Канонӣ тан доданд.

Амр ибни Авф ба қазоват нишаст ва чунин ҳукм кард, ки Қусай ба амри Макка ва сарпарастии хонаи Худо бар Хузоа шоистатар аст..

Қусай, қабилаи Хузоаро аз Макка берун кард ва ҳукумати Макка ва хидмат ба хонаи Худоро худ ба даст гирифт. Вай қабилаҳои парокандаи Қурайшро аз атроф, аз сари кӯҳҳо ва водиҳо гирд овард ва водиҳои Макка ва дигар заминҳои онро миёни онҳо тақсим кард. Ба ҳамин муносибат ӯро “Муҷаммиъ” (гирдоваранда) хонданд. Шоире дар ин маврид гуфта аст:

*Абӯкум Қусай кона юдъо муҷаммиъан*

*Биҳи ҷамаъаллоҳул қабоила мин фаҳр*[1]

"Падари шумо Қусай аст, ки ба ӯ муҷаммиъ мегуфтанд,

Худованд ба василаи ӯ қабоили Фаҳрро гирдиҳам овард".

Қусай барои қабоили Қурайш маҳаллае ба номи "Доруннадва" бино кард, то дар он гирд омада дар корҳои вобаста ба худашон бо якдигар ба гуфтугӯ бипардозанд. Ӯ ҳамчунин хонаи Каъбаро низ аз бунёд ба гунае сохт, ки касе пеш аз ӯ насохта буд.[2] Қусай аз парастиши бутҳо мардумро, сахт наҳй менамуд.

## Қусай ва рӯ овардани ӯ ба корҳои Байтуллоҳилҳаром ва ҳоҷиён

1-Дар Табақоти Ибни Саъд омада аст:

"Қусай амри сиқоят (обрасонӣ) ва рифодат (ёрӣ расондан) ба ҳоҷиёнро бар ӯҳдаи Қурайш ниҳода гуфт: эй гурӯҳи Қурайш! Шумо ҳамсоягони Худо, аҳли хона ва ҳарами ӯ ҳастед, ҳоҷиён меҳмонони Худо ва зиёраткунандагони хонаи ӯ ҳастанд. Онон дар бузург доштан ва эҳтиром намудан, сазовортарини меҳмонҳо мебошанд.

---

1 اَبُوكُم قُصَى كانَ يُدعا مُجَمعا    به جمع اللهُ القبائل من فهر

2 Таърихи Яъқубӣ, чопи Бейрут, ч. 1, саҳ. 238 - 240, соли 1379 ҳиҷрӣ.

Пас, дар айёми ҳаҷ барояшон хӯрок ва ошомиданӣ фароҳам кунед, то он гоҳ ки аз диёри шумо ба хонаҳои худ бозгарданд.

Қурайш низ фармон бурданд ва ҳар сол маблағеро барои хароҷоти ҳоҷиён гирифта мемонданд ва онро ба Қусай медоданд. Қусай бо он маблағ дар айёми Мино ва Макка барои мардумон таом омода мекард. Вай аз чарм ҳавзҳое сохта, онро пур аз об мекард ва дар Макка, Мино ва Арафот мардумро об медод. Ин ёдгорриҳои Қусай дар давраи ҷоҳилият ҳамчунон дар қавми ӯ (Қурайш) ҷорӣ буд, то он гоҳ ки ислом овард ва ин суннат ҳамчунон то ба имрӯз дар Ислом ҷорӣ ва боқӣ аст”.[1]

2-Дар Таърихи Яъқубӣ омада аст:

“Қусай афроди қабоили Қурайшро дар атрофи хонаи Худо гирд овард ва замоне ки мавсими ҳаҷ фаро расид, ба Қурайш гуфт:

Ҳангоми ҳаҷ шуда аст ва ҳеҷ икром ва эҳтиромеро назди араб бартар аз итъом (хӯрок додан) намедонам. Пас ҳар як аз шумо маблағе барои ин кор бипардозад.

Онон чунин карданд ва маблағи зиёде фароҳам омад. Ҳангоме ки нахустин гурӯҳи ҳоҷиён расиданд, ӯ бар сари ҳар роҳ аз роҳҳои Макка шутуре кушт ва дар Макка низ шутуре кушт ва ҷойгоҳе сохт. Дар ин маконҳо хӯрок, нон ва гӯшт гузошт, обу шир ба

[1] Табақоти Ибни Саъд, чопи Аврупо, ҷ. 1, саҳ. 41-42.

ташнагон нӯшонд ва ба тарафи Хона(-и Каъба) рафта ва барои он калид ва остона қарор дод”.[1]

Ва дар Ансобулашроф омада аст:

Қусай гуфт: агар сарватам ҳамаи инҳоро басанда мекард, бидуни кӯмаки шумо ба анҷоми он мепардохтам”.[2]

3-Дар Сираи Ҳалабия ба таври хулоса чунин омада аст:

Чун вақти ҳаҷ фаро расид, Қусай ба қурайшиён гуфт:

Мавсими ҳаҷ фаро расида аст. Араб он чиро ки анҷом додаед, шунида аст ва онон барои шумо эҳтироме қоиланд ва ман ҳеҷ икром ва эҳтиромеро назди араб бартар аз итъом намедонам. Пас, ҳар кадом аз шумо барои ин кор маблағе бипардозед.

Онон чунин карданд ва маблағи зиёде фароҳам шуд. Ҳангоме, ки нахустин гурӯҳи ҳоҷиён расиданд, ӯ бар сари ҳар роҳ аз роҳҳои Макка шутуре кушт ва дар Макка низ шутуре кушт ва обгӯшт (шӯрбо) омода кард ва оби ширинshуда, оби мева ва шир ба ҳоҷиён нӯшонд.

Қусай нахустин касе аст, ки дар Муздалифа оташ афрӯхт, то шабҳангом мардумон дар вақти баромадан аз Арафа онро мушоҳида кунанд. Ӯ тамоми корҳои пурифтихори Маккаро дар ихтиёри худ гирифт ва обдиҳӣ, кӯмак ба ҳоҷиён, калидории Каъба, Маҷлиси

[1] Таърихи Яъқубӣ, чопи Бейрут, ч. 1, саҳ. 239-241, соли 1379 ҳиҷрӣ.

[2] Ансобулашроф, ч. 1, саҳ. 52.

шӯро ё Доруннадва, парчамдорӣ ва фармондеҳиро аз они худ кард.

Абдуддор фарзанди калонии Қусай буд ва Абдуманоф бошад, шарифтарини онҳо. Ӯ шарофатро дар ҳамон замони падараш (Қусай) аз они худ карда буд ва овозаи шарофати ӯ дар ҳама ҷо печида буд. Рутбаи бародараш Муталлиб низ дар баландии мақом баъд аз ӯ буд ва мардум ба он ду бародар "*Бадрон*" (ду моҳ) мегуфтанд.

Қурайш Абдуманофро ба хотири бахшандагии зиёдаш "*Файёз*" лақаб дода буданд.

Қусай ба писараш Абдуддор гуфт:

Писарам! Ба Худо савганд, ки туро ҳампояи бародаронат Абдуманоф ва Муталлиб қарор хоҳам дод, агарчи аз назари рутба ва мақом бар ту бартарӣ доранд.

Ҳеҷ марде дохили Каъба намешавад, ҷуз ин ки ту онро барояш боз кунӣ, ту пардадори Каъба хоҳӣ буд.

Ҳеҷ парчаме барои ҷанг кардани қурайшиён баста намешавад, магар ин ки ту иҷозат диҳӣ. Ту парчамдори Қурайш ҳастӣ.

Ҳеҷ марде дар Макка обе наменӯшад, ҷуз ин ки ту ӯро бинӯшонӣ, мансаби сиқоят аз они туст.

Ҳеҷ кас дар айёми ҳаҷ чизе намехӯрад, магар аз таоми ту. Ту мизбони ҳоҷиён ҳастӣ.

Ҳеҷ кореро Қурайш ба анҷом намерасонад, ҷуз дар хонаи ту. Ту масъули Доруннадва ҳастӣ. Ҳеҷ кас ба

фармондеҳии ин қавм намерасад, магар ту. Ту раҳбари ин қавм ҳастӣ.

Ва ҳамаи ин ифтихорот аз они Қусай буда аст.

Вақте замони вафоти Қусай фаро расид, ба фарзандонаш гуфт: “Аз шароб бипарҳезед”.[1]

Дар баҳсҳои пешин ду хусусияти барҷаста ва ошкор дар суннати ҳазрати Иброҳимро, ки ба шарҳи зер аст, баррасӣ намудем:

1-Таъмири Байтулҳаром, даъват ба анҷоми ҳаҷ ва иқомаи расму оини он.

2-Диққат дар амри итъом ва эҳтироми меҳмонон.

Мо ин ду хислатро дар Қусай, зуррияи он ҳазрат (ва онон, ки баъд аз ин ахборашон меояд) ошкоро мебинем, ки ба анҷоми ҳар дуи онҳо иқдом карданд.

Васиёни паёмбарон ва анбиё дар зинда кардани суннати паёмбарӣ, ки вазифадори нигаҳ доштани шариати ӯ ва таблиғи он ба мардумон мебошанд, чунин ҳастанд.

Аммо дар мавриди ин ки Қусай номи ду фарзандашро Абдуманоф ва Абдулъуззо ниҳода аст матлабе аст, ки ба хости Худо он ҷо, ки дар сира ва равиши Абдулмутталиб сухан мегӯем, ба он хоҳем пардохт.

## Вафоти Қусай

Дар Таърихи Яъқубӣ омада аст:

---

[1] Сираи Ҳалабия, ҷ. 1, саҳ. 13. Бархе аз онҳо дар ҳошияи он дар Сираи Набавия, навиштаи Зайнӣ Даҳлон омада аст.

“Қусай даргузашт ва дар Ҳаҷӯн ба хок супурда шуд. Пас аз ӯ Абдуманоф (писараш), зимоми умурро ба даст гирифт. Ӯ сарварӣ ёфт, қадру манзалаташ боло гирифт ва шарафу маконаташ зиёда шуд”.[1]

## Абдуманоф ибни Қусай

Дар Сираи Ҳалабия ва Сираи Набавия омада аст:

Номаш Муғайра буда аст ва навиштае дар Ҳиҷр ба даст омада аст, ки дар он навишта шуда буд: Муғайра фарзанди Қусай, Қурайшро ба риояти тақвои Худои ҷалла ва ъало ва силаи раҳим супориш карда аст.[2]

Дар Таърихи Яъқубӣ омада аст:

(Баъд аз Қусай) Раёсат ба Абдуманоф ибни Қусай расид, қадр ва манзалаташ боло гирифт ва бар шарафу ифтихораш бияфзуд.

## Ҳошим ибни Абдуманоф

Номи Ҳошими фарзанди Абдуманоф Амрулъуло буда аст.

1-Дар Табақоти Ибни Саъд ва Таърихи Яъқубӣ ба таври фишурда омада аст:

Ҳошим баъд аз падараш шарафу маконат ёфт, ному овозааш боло гирифт ва Қурайш мувофиқат кард, ки

---

[1] Таърихи Яъқубӣ, ҷ. 1, саҳ. 241. Ин ки дар бораи Ҷарҳум, Хузоа ва Қусай ба тафсил сухан гуфтаем, ба хотири ин аст, ки бидонем дини ҳанифи Иброҳимро касоне тағир додаанд, ки аз фарзандони Иброҳим ва Исмоил[а] набудаанд.

[2] Сираи Ҳалабия, ҷ. 1, саҳ. 7 ва Сираи Набавия, ҷ. 1, саҳ. 17 ва Субулулҳудо ҷ. 1, саҳ. 274.

раёсат ва сиқоят ва рифодат дар ихтиёри Ҳошим ибни Абдуманоф бошад. Ҳошим ҳангоми баргузории маросими ҳаҷ дар миёни Қурайш бармехост ва мегуфт:

Эй қурайшиён: шумо ҳамсоягони Худо ва аҳли хонаи мӯҳтарами Худоед. Дар ин мавсим зиёраткунандагони хонаи Худо бар шумо ворид мешаванд, то хидмати хонаи ӯро бузург шуморанд. Онҳо меҳмонони Худо ҳастанд. Сазовортарини меҳмонон барои гиромидошт, меҳмонони Худо мебошанд. Худованд шуморо барои ин кор интихоб намуда ва шуморо ба он сабаб бузург дошта аст. Худо ҳамсоягии шуморо беҳтар аз ҳар ҳамсояе барои ҳамсояааш нигаҳ дошта аст. Инак, шумо меҳмонон ва зиёраткунандагони ӯро гиромӣ доред, ки онҳо жулидамӯй ва ғуборолуд аз ҳар шаҳр ва диёре савор бар шутуроне, ки аз лоғарӣ ҳамчун симчӯб ҳастанд аз роҳ мерасанд, дар ҳоле ки хаста, бадбӯ, ношуста ва дороии худро аз даст дода, мебошанд. Пас ба пазироии онҳо бархезед ва онҳоро аз бенавоӣ ва дармондагӣ раҳоӣ бахшед.

Қурайш ҳамагӣ ба анҷоми он умур бармехостанд.

Ҳошим моли бисёр мегирифт ва дастур медод ҳавзҳое аз пӯст сохта, дар маҳалли Замзам қарор медоданд. Сипас аз чоҳҳои обе, ки дар Макка вуҷуд дошт, онро пур мекарданд ва ҳоҷиён аз онҳо менӯшиданд. Ӯ дар Макка, Мино, Арафа ва Машъар бар мардумон таом медод ва нон, гӯшт, равған ва орд барояшон омода мекард. Барои онҳо обро то Мино меовард, ки бинӯшанд. Ин корҳоро то вақте анҷом

медод, ки ҳоҷиён аз Мино пароканда шуда ба шаҳрҳои худ бармегаштанд.[1]

2-Дар китобҳои Сираи Ҳалабия ва Набавия омада аст:

Ҳошим замоне, ки ҳилоли моҳи Зилҳаҷҷа падидор мешуд, субҳгоҳон бармехост ва аз тарафи дар, пушт ба девори Каъба мекард ва дар хутбааш мегуфт:

Эй гурӯҳи Қурайш! Шумо сарварони арабед ва аз ҳама хушномтар, донотар, аз ҳамаи қабилаҳо шариктар ва аз лиҳози раҳим наздиктарини арабҳо ба араб ҳастед.

Эй гурӯҳи Қурайш! Шумо ҳамсоягони хонаи Худои таоло ҳастед. Худованд шуморо ба вилояти худ гиромӣ дошта ва ҳамсоягии худро баъд аз фарзандони Исмоил вижаи шумо гардонида аст. Инак зоирони Худо, ки хонаи ӯро бузург медоранд ба назди шумо меоянд. Онҳо меҳмонони Худоянд ва сазовортарини кас барои гиромидошти меҳмонони Худо, шумо ҳастед. Пас меҳмонон ва зиёраткунандагони ӯро гиромӣ доред, ки онҳо жулидамӯйу ғуборолуд аз ҳар шаҳр ва диёре савор бар шутуроне, ки аз лоғарӣ ҳамчун симчӯбҳо ҳастанд, аз роҳ мерасанд. Пас гиромӣ бидоред меҳмон ва зиёраткунандагони хонаи ӯро. Ба Худои ин Каъба савганд, агар моле буд, ки ҳамаи онҳоро кифоят мекард аз шумо кӯмак намехостам. Ман инак аз моли поки ҳалол, ки дар он раҳиме қатъ нашуда, моле ба ситам гирифта нашуда ва ҳаромӣ дар он ворид нагардида аст

---

[1] Табақоти Ибни Саъд, ҷ. 1, саҳ. 49, Таърихи Яъқубӣ, чопи Бейрут, ҷ. 1, саҳ. 242, соли 1379 ҳиҷрӣ. Мо суханони ин дуро ҷамъ кардаем.

(миқдоре барои сарф дар ин умур) канор мегузорам ва ҳар ки аз шумо бихоҳад чунин кунад, анҷом диҳад. Аз шумо ба ҳурмати ин хона мехоҳам, ки марде аз шумо барои гиромидошти зиёраткунандагони Байтуллоҳ ва тақвияти эшон, аз молаш ба ҷуз пок ва ҳалоли онро ҷудо накунад. Аз он, диноре ба ситам гирифта нашуда бошад, раҳиме бо он қатъ нашуда ва ба зӯр моле аз касе нагирифта бошад.

Онҳо ҳам фармон бурда диққат мекарданд ва аз моли худ ҳалоли онро ҷудо намуда, дар Доруннадва қарор медоданд.[1]

3-Дар Ансобулашроф, Сираи Ибни Ҳишом ва Алмуҳаббир омадааст (ва мо сухани Ансобулашрофро меоварем):

Дар яке аз солҳо Қурайшро қаҳтӣ фаро гирифт ва молашон аз байн рафт, бенавоӣ ва тангдастӣ ҳамаро фарогир шуд. Ин хабар ба Ҳошим, (ки дар Шом дар ноҳияи Ғазза[2] барои тиҷорат рафта буд) расид. Ҳошим фармон дод то каъак (нони рӯғанӣ) ва нони оддӣ омода кунанд. Бо иҷрои дастури ӯ миқдори зиёде аз ин чизҳо фароҳам шуд. Сипас онҳоро дар ҷуволҳое қарор дода, бар шутурон бор кард ва ба ҷониби Макка раҳсипор гардид. Вақте ба Макка расид, дастур дод то онҳоро пора карданд ва шутурҳое, ки бо худ оварда буд куштанд ва аҳолии Маккаро сер кард ва аз гуруснагӣ наҷот дод.

[1] Сираи Ҳалабия, ҷ. 1, саҳ. 6 ва Сираи Набавия, ҷ. 1, саҳ. 19.

[2] Ғазза, шаҳре аст дар интиҳои Шом ба сӯи Миср, Мӯъҷамулбулдон.

Абдуллоҳ ибни Забъарӣ аз ин қаҳтӣ, ки маккиёнро ба сахтӣ ва машаққат андохта буд, чунин ёд карда аст:[1]

***Ъамрулъуло ҳашамас сарӣда лиқавмиҳи***

***Ва риҷолу Маккатa муснитӯна Ъиҷофу***

***Ва ҳувал лазӣ саннар раҳӣла лиқавмиҳи***

***Раҳлаш шитои ва риҳлатал ашёфи***[2]

*Амрулъуло барои қавмаш обгӯшт пухт*

*Дар ҳоле ки мардони Макка ба қаҳтӣ дучор шуда буданд*,

*Ӯ суннати тиҷорати корвонӣ барои қавмаш ниҳод*,

*Корвони зимистонӣ ва корвони тобистониро*”.

Дар ҳамон сол, қаҳтӣ ҳамаи мардуми Маккаро фаро гирифт ва Ҳошим бо он чи ки кард дар муддат маҳдуде ба фарёдашон расид. Аммо баъд аз он таърих дар миёни Маккиён мардумоне буданд, ки дар баробари гуруснагӣ ҳеҷ чорае надоштанд ҷуз, ин ки *эътифод* кунанд. *Эътифод* ин буд, ки ҳамаи афроди хонавода ба саҳро мерафтанд ва дар сояе дар интизори марг менишастанд, то яке баъд аз дигаре аз гуруснагӣ бимиранд ва касе аз он хонавода боқӣ намонад.

Ҳошим ибни Абдуманоф ба чорасозии ин кори нодуруст баромад, ба тавре ки баъд аз он касе дар

---

[1] Ансобулашрофи Билозарӣ, ҷ. 1, саҳ. 58, Сираи Ибни Ҳишом, ҷ. 1, саҳ. 147 ва Ал-муҳбар, таълифи Ибни Ҳабиб, саҳ. 146.

[2] عَمرُو العُلى هَشَمَ الثَّرِيدَ لقَومه    وَ رِجالُ مَكَّةَ مُسنِتُونَ عِجافُ
وَ هُوَ الَّذِي سَنَّ الرَّحِيلَ لِقَومِهِ    رَحلَ الشِّتاءِ وَرِحلَةَ الاَصيافِ

Макка ёфт намешуд, ки ногузир ба эътифод бошад. Достон аз ин қарор буд:

### Чораандешии Ҳошим дар бораи эътифод

Қуртубӣ аз Ибни Аббос ривояте оварда аст, ки хулосаи он аз ин қарор аст:

Қурайшро одат чунин буд, ки ҳар гоҳ яке аз онҳо чунон ба гуруснагӣ мубтало мешуд, ки роҳи чора барояш боқӣ намемонд, худ ва хонаводааш ба маҳалли маъруф мерафтанд ва хаймае дар он ҷо барпо карда, дар он мемонданд, то ҳамаашон мемурданд.

Ин вазъ то замони Амр ибни Абдуманоф, ки дар замони худаш оқо ва сарвари қавм буд идома дошт. Амр писаре дошт ба номи Асад ва ӯ бо писаре аз қабилаи Бани Махзум дӯст буд, ки бо вай ҳамбозӣ буд ва хеле ҳам ӯро дӯст медошт. Рӯзе дӯсти Асад ба вай гуфт: “Мо фардо эътифод мекунем”. Маънои дардноки ин сухан ин буд, ки: мо дастаҷамъӣ ба саҳро меравем ва дар зери як чодар ҷамъ мешавем то яке пас аз дигаре бимирем.

Асад бо шунидани ин сухан гирён ба назди модараш рафт ва он чиро, ки дӯсташ гуфта буд ба ӯ расонд. Модари Асад барои онҳо миқдоре пеҳ ва орд фиристод ва онҳо чанд рӯзеро бо он гузарониданд. Баъд аз муддате дубора дӯсти Асад назди ӯ омад ва гуфт: мо фардо эътифод мекунем. Асад ин бор ҳам гирён ба назди падараш рафт ва достони дӯсташро ба ӯ гуфт. Ин хабар бар Амр ибни Абдуманоф гарон омад. Бино бар

ин вай Қурйшро (ки аз ӯ фармон мебурданд) фаро хонд ва миёнашон ба хутба бархост ва гуфт:

“Шумо даст ба коре задед, ки теъдоди худро кам кардаед, дар ҳоле ки ҷамъияти қабилаҳои араб афзун мегардад ва ин кор ба хории шумо ва иззати араб ба охир мерасад. Шумо аҳли ҳарами Худои азза ва ҷалла ва гиромитарини фарзандони Одам ҳастед. Мардумоне, ки пайрави шумо ҳастанд, гӯш ба фармонатон доданд ва наздик аст, ки ин эътифод шуморо ҳалок карда аз байн барад.

Қурайшиён гуфтанд: мо мунтазири фармони ту ҳастем.

Ҳошим гуфт: нахуст ба ин мард (яъне падари дӯсти Асад) бипардозед ва нагузоред, ки эътифод кунад. Онҳо фармон бурданд ва чунин карданд”.[1]

Он гоҳ сулолаҳои мухталифи Қурайшро ба ду сафари тиҷоратӣ водор кард; зимистон ба сӯи Яман ва тобистон ба сӯи Шом. Ӯ ҳамчунин муқаррар дошт, ки сарватманд фоидаеро, ки ба даст меоварад бо фақир тақсим кунад, то он ҷо ки фақирашон баробари тавонгарашон гардад. Ин вазъ то зуҳури Ислом ҳамчунон идома дошт. Ба ин тартиб дар араб сулолае аз лиҳози сарват ва иззат ба пои Қурайш намерасид, ки шоирашон гуфта аст:

***Вал холитӯна фақируҳум биғанийиҳим***

***Ҳатто ясиру фақираҳум калкофӣ***[1]

---

[1] Ба луғати “ъифд” дар *Лисонулараб*, ва низ тафсири Қуртубӣ ҷ. 20, саҳ. 204 муроҷиат шавад.

*“Фақир ва сарватмандашон бо якдигар ончунон даромехтанд, ки фақирашон ҳамчун ашхоси доро ва бениёз гашта аст”.*

Ин вазъ то он гоҳ, ки Худованд паёмбараш ҳазрати Муҳаммад(с)-ро ба рисолат барангехт, идома дошт.

Билозарӣ дар китоби Ансобулашрофи худ чигунагии ба ҳаракат даровардани ин ду корвони тиҷоратии Қурайшро ба василаи Ҳошим чунин оварда аст:

Ҳошим ибни Абдуманоф оғозкунандаи сафари тиҷоратии Қурайш ва нахустин бунёдгузори он аст. Достони он ба ин қарор аст:

“Ҳошим ибтидо барои азимати корвони тиҷоратии Қурайш аз подшоҳони Шом замонат ва кафолати амният гирифт, ки бозаргонони Қурайш бо амнияти хотир бошанд. Он гоҳ бародараш Абдишамс аз фармонравои Ҳабаша чунин амниятеро барои бозаргонони худ, ки ба он ҷо коло мебурданд, дарёфт кард. Муталлиб ибни Абдуманоф аз подшоҳони Яман ва Нуфал ибни Абдуманоф аз фармонравои Ироқ чунин паймони амниятро гирифтанд. Ба ин тартиб дар паи ду сафари тиҷоратӣ дар зимистон ба сӯи Яман, Ҳабаша ва Ироқ ва дар тобистон ба сӯи Шом азимат мекарданд”.[2]

Худованд дар ин бора дар сураи Қурайш чунин мефармояд:

---

[1] وَالخالِطُونَ فَقِيرُهُم بِغَنِيِّهِم حَتّى يَصِيرُ فَقِيرَهُم كَالكافِي

[2] Ансобулашрофи Билозарӣ, ҷ. 1, саҳ. 59.

***Лиийлофи қурайш. Ийлофиҳим риҳлаташ шитои вас сайф. Фаляъбудӯ рабба ҳозал байт. Аллазӣ атъамаҳум мин ҷӯъин ва оманаҳум мин хавф* Ê**

**Ä** *Барои унс ва улфати Қурайш. Улфати онҳо дар сафари тобистонӣ ва зимистонӣ. Пас (ба шукронаи ин дӯстӣ) Парвардигори ин хонаро бипарастанд. Он ки аз гуруснагии шадид раҳонид ва хӯрокашон дод ва аз тарси бузург онҳоро эмин сохт.*[1]

Арабҳо ба хотири касби ифтихор ва хушномӣ дар ҷомеаи арабӣ, дар амри расидагӣ ба меҳмон ва икрому итъоми ӯ бар якдигар пешӣ мегирифтанд ва молеро, ки дар ин роҳ ба масраф мерасониданд аз роҳи ғорат, ғасб, рибо, қимор ба даст меоварданд. Аммо Ҳошим ба чунин моле ризоят намедод.

Ҳамчунин медонем, ки ӯ мехост то инфоқу бахшиш барои ҷалби ризои Худои мутаол бошад ва ба хотири он буд, ки гураснагони соли қаҳту қиматиро сер мекард ва корвони тиҷоратиашро ба корвони ҳамли хӯрок бар шутурон табдил карда дар Макка ҳамон шутуроне, ки моли тиҷории ӯро ҳамл мекарданд, сар бурид ва аз гӯшту хӯрока барои аҳолии Макка таом омода кард. Муҳимтар аз он ин ки ӯ масъалаи эътифодро барои ҳамеша дар миёни қавмаш решакан намуд ва аз он муҳимтар корвонҳои тиҷоратӣ барои Қурайш тартиб дод ва ба маконҳои ободу маъмур

---

[1] Сураи Қурайш, оёти 1-4..

لِإِيلَـافِ قُـرَيْشٍ {1} إِيلَـافِهِمْ رِحْلَـةَ الشِّـتَاء وَالصَّـيْفِ {2} فَلْيَعْبُـدُوا رَبَّ هَـذَا الْبَيْـتِ {3} الَّذِي أَطْعَمَـهُم مِّن جُوعٍ وَآمَنَـهُم مِّنْ خَوْفٍ {4}

гусел дошт. Аз он ҷо, ки ҳаракати қофилаҳои тиҷоратӣ дар Ҷазиратулараб дар ғайри моҳҳои ҳаром, ба хотири ғорат ва роҳзании қабилаҳои мухталифи араб ғайри мумкин буд, (зеро ки онҳо одат карда буданд ба ҳар ҷунбанда ва моле ҳамла баранд ва даст ба ғорат бизананд), бино бар ин Ҳошим ва бародаронаш паймонҳое аз подшоҳони Шом, Эрон, Ҳабаша ва сарони қабоили арабӣ, ки корвонҳои тиҷоратӣ аз сарзаминҳои онон убур мекарданд, гирифтанд. Ба ин тартиб онон дар тобистон ба сарзаминҳои Шому Эрон ва дар зимистон ба Яману Африқо сафарҳои тиҷорӣ анҷом медоданд. Чунин ибтикоре дар араб ва ғайри араб собиқа надошт. Ҳатто Ҳотам - он ҷавонмарди саховатманд ва бахшанда ва ғайри ӯ касе, ки саховатмандиаш бештар ё камтар бошад, ба чунин коре даст назада буд.

Ҳошим ибни Абдуманоф бо ин корҳояш саромади қавмаш дар амри маош ва маоди эшон буд. Ҳамон гуна ки Худованд паёмбаронеро барои ҳидояти мардум дар амри маош ва маодашон интихоб мекунад.

Ӯ тавонист аҳолии Маккаро дар замони худаш ва баъд аз худаш сарватмандтарини мардуми араб гардонад.

### Абдулмуталлиб - писари Ҳошим

1-Дар китобҳои Сираи Ибни Ҳишом ва Таърихи Табарӣ (ба ихтисор) чунин омада аст:

Модари Абдулмутталиб[1] ӯро ба хотири мӯи сафеде, ки дар сар дошт, "Шайба" номида буд. Замоне, ки амакаш Муталлиб ба Мадина рафт, ӯро аз модараш гирифта дар пушти худаш бар шутур савор карда ба Макка овард. Қурайш, ки ӯро дар ин ҳолат диданд пиндоштанд, ки он кӯдак ғуломи Мутталиб аст. Ин буд, ки ӯро *Абдулмутталиб* ном ниҳоданд[2] ва ҳамин ном ҷои номи аслии ӯро гирифт. Аз ҳамин сабаб метавон чунин натиҷа гирифт, ки номгузории бархе аз падарон ва аҷдоди паёмбари Худо(с) инчунин сурат гирифта бошад, монанди Ҳошим ба маънои *шӯрбопаз*, ки ин ном ба хотири пухтани обгӯшт (шӯрбо) барои бенавоёни қавмаш дар Макка дар соли қаҳтӣ ба ӯ дода шуда аст. Номи аслии ӯ, ки Амрулъуло буд, ба дасти фаромӯшӣ супурда шуда аст.[3] Ё номи Абдуманоф, Муғайра буда аст, ки Қурайш ӯро Абдуманоф номида аст.[4] Ё Қусайро Муҷаммиъ мехонданд, зеро ки ӯ Қурайшро дар Макка ҷамъ карда буд.[5]

2-Дар Табақоти Ибни Саъд омада аст:

---

[1]Ин ном дар сарчашмаҳои гуногун бо ду тарзи навишт омада аст: бо ташдиди ҳарфи "**т**" Абдулму**тт**алиб ва низ бо ташдиди ҳарфи "**л**" Абдулмута**лл**иб.

[2] Ба шарҳи ҳоли Абдулмуталлиб дар Сираи Ибни Ҳишом, ҷ. 1, саҳ. 145 ва Таърихи Яъқубӣ, чопи Бейрут, Дорулфикр, ҷ. 2, саҳ. 335 ва 336 мурочиа шавад. Дар зимн дар шеъре Абдулмуталлибро Шайбатулҳамд гуфтаанд. Ҳамон тавр ки дар саҳифаҳои баъдӣ хоҳад омад.

[3] Мурочиа шавад ба шарҳи ҳолашон ки пеш аз ин омада аст.

[4] Ҳамон.

[5] Ҳамон.

“Абдуманоф аз ҷиҳати чеҳра зеботарин, аз назари ҷисмӣ хушҳайкалтарин, аз назари ҳилму бурдборӣ сабуртарин ва аз назари ҷуду бахшиш каримтарини қурайшиён буд.

Ӯ дуртарини мардум буд нисбат ба ҳар амре, ки сабаби бадномӣ ва фасоди мардон шавад. Ӯ марди ниҳоят худопараст буд ва ситамгарӣ ва корҳои палидро бисёр нописанд мешумурд. Ҳеҷ подшоҳе набуд, ки ӯро бинаду гиромияш надорад ва хостаашро баровaward насозад. Ӯ то зинда буд, пешво ва сайиди Қурайш буд”.[1]

3-Дар Муруҷуззаҳаб омада аст:

“Абдулмутталиб ибни Ҳошим марди худошинос ва устувор дар яктопарастӣ буд. Ба ваъдаи рӯзи ҷазо бовар дошт ва одоб ва русуми ғалати иҷтимоиро раҳо карда буд. Ӯ нахустин касе буд, ки дар Макка оби гуворо ба мардум нӯшонд”.[2]

## Кофтани чоҳи Замзам

Дар Таърихи Табарӣ ва Сираи Ибни Ҳишом (ки мо ин суханро аз ҳамин сарчашма меоварем) аз Ибни Исҳоқ аз имом Алӣ[(а)] ривоят карда аст, ки фармуд:

Абдулмутталиб гуфт:

---

[1] Табақоти Ибни Саъд, чопи Аврупо, ҷ. 1, саҳ. 50-51.

[2] Муруҷуззаҳаб, ҷ. 2, саҳ. 103 ва 104.

Ман дар ҳиҷр хобида будам, ки дар он олам яке бар сари ман омад ва гуфт: Таййиба[1]-ро бикан.

— Пурсидам: таййиба чист?

Ва ин хоб аз хотирам рафт. Рӯзи дигар боз дар ҳамон ҷо хобида будам, ки ҳамон шахс омад ва гуфт: чоҳро бикан.

— Гуфтам: кадом чоҳ?

Ва боз аз хотирам рафт. Чун рӯзи дигар боз дар ҳамон маҳал хобида будам, боз ҳамон шахс омад ва гуфт: мазнунаро[2] бикан!

— Пурсидам: мазнуна чист?

Ва ӯ рафт. Чун рӯзи дигар дар ҳамон ҷо хобида будам, ҳамон кас омад ва гуфт: Замзамро бикан.

— Пурсидам: Замзам чист?

—Гуфт: чоҳе, ки обаш ҳаргиз тамом нашавад, ба охир нарасад, камоб нагардад ва ту онро ба ҳоҷиён бинӯшонӣ. Маҳалли он байни хун ва саргин аст,[3] он ҷо ки калоғ нӯли сурх бар замин занад, наздики лонаи мӯрчагон.

---

[1] Тоба, таййибатан: покиза гашт, некӯ дошт ва лазиз гашт.

[2] Аззинна ва аззиннату: чизе ки дар бораи он бухл меварзанд ва онро намедиҳанд. Ба Замзам, Мазнуна гуфта мешавад, зеро аз ин ки касе ғайр аз мӯъминон аз он бинӯшад, бухл меварзанд ва инсони мунофиқ аз он сероб нагардад. Мазнунатун: чизи қиматбаҳо ва боарзиш.

[3] Байни хун ва саргин, маҳалле буда аст, ки дар он ҷо барои Худои худ қурбонӣ мекардаанд ва дар наздикии он ҷо низ лонаи мӯрчагон қарор дошта аст. Абдулмуталлиб ҳангоми субҳ ба сӯи хонаи Худо рафт. Дар он ҳол зоғе бо минқори сурх бар замин нишаст ва ҳамон ҷои нишастаи худро нӯл зад. Ба ин васила Абдулмуталлиб ҷои чоҳи Замзамро ёфт.

Ибни Исҳоқ дар идома мегӯяд:

Чун маъмурияти калоғ бар Абдулмуталлиб маълум гардид ва маҳалли чоҳро пайдо кард, дарёфт, ки матлаб дуруст аст. Субҳи дигар зоғнӯле баргирифт ва писараш Ҳорисро, ки дар он мавқеъ ҷуз ӯ писари дигаре надошт бо худ бурд ва ба кандани замин оғоз кард. Ҳангоме ки ҳалқаи чоҳ намоён гардид, Абдулмуталлиб такбир гуфт ва қурайшиён дарёфтанд, ки ӯ ба хостааш расида аст. Ба ин сабаб назди ӯ рафта гуфтанд: эй Абдулмуталлиб! Ин чоҳ аз они падари Исмоил аст ва мо ҳам дар он ҳаққе дорем, моро дар он шарики худ гардон.

Абдулмуталлиб гуфт: ман чунин коре намекунам. Ин чоҳ танҳо махсуси ман аст ва дар миёни шумо танҳо ба ман дода шуда аст.

Гуфтанд: онро бо мо тақсим кун, вагарна мо даст аз ту намебардорем то бар сари он бо ту ҷанг кунем.

Абдулмуталлиб гуфт: ҳол, ки чунин аст байни ман ва худатон шахсеро барои қазоват интихоб кунед, то миёни мо доварӣ кунад.

Гуфтанд: коҳинаи Бани Саъд Ҳузайм.[1]

Гуфт: хуб аст.

---

[1] Номи он коҳина дар Таърихи Табарӣ чунин аст, аммо дар дигар манобеъ Саъд ибни Ҳузаймро номи ӯ унвон кардаанд. Ин ном ғалат ва таҳрифшуда аст, зеро Ҳузайм падари коҳина набуда, балки баъд аз падараш сарпарастии ӯро бар ӯҳда гирифта аст, аз ин коҳина ҳамроҳ бо номи Ҳузайм муаррифӣ мешавад.

Ин коҳина дар баландиҳои Шом сукунат дошт. Пас аз интихоби ӯ, Абдулмуталлиб бо тане чанд аз бастагонаш, аз фарзандони Абдуманоф ва низ чанд нафаре аз қабилаҳои дигари Қурайш савор шуда, рӯ ба роҳ ниҳоданд.

Ровӣ мегӯяд: убури онҳо аз сарзамини беобу алаф ва биёбон буд. Чун миқдоре дар он биёбон, байни Ҳиҷоз ва Шом пеш рафтанд, обе, ки Абдулмуталлиб ва ҳамроҳонаш ба ҳамроҳ доштанд тамом шуд ва ташнагии сахт бар онҳо рӯй овард то ҷое, ки яқин ба марг карданд. Онон аз қабоили Қурайш об хостанд то ташнагӣ фурӯ нишонанд, аммо аз додани об ба эшон худдорӣ карда гуфтанд: мо дар биёбон гирифторем ва аз он чи ки бар сари шумо омада аст, бар ҷони худ метарсем.

Абдулмуталлиб чун ноҷавонмардии ҳамроҳони қурайширо дид, бар ҷони худ ва ёронаш бимнок гардид ва ба ёрон гуфт: шумо чӣ салоҳе медонед?

Гуфтанд: раъйи мо тобеи раъйи туст, дастур бидеҳ то фармон барем.

Абдулмуталлиб гуфт: раъйи ман ин аст, ки ҳар кадом аз мо акнун ки ҳоло нерӯ ва тавоне дорем, чуқурие барои худ биканем ва ҳар гоҳ яке аз мо ҷон дод, дигарон ӯро дар чуқурии худаш сарозер кунанд ва рӯяш хок бирезанд, то он гоҳ ки фақат як тан боқӣ бимонад, ки дар он сурат нобуд шудани як тан осонтар аз нобуд шудани ҷамъе аст.

Ёрони Абдулмуталлиб гуфтанд: дастурат баҷо ва хуб аст.

Пас, онҳо ҳар кадом чуқурие барои худ канданд ва бар лаби он қарор гирифта, ҳамагӣ марг аз ташнагиро интизорӣ мекашиданд. Пас аз замоне Абдулмуталлиб ба ёрони худ хитоб карда гуфт: ба Худо савганд, мо ба худ раво намедорем, ки ба хотири аҷзу нотавонӣ ба дасти худ хештанро инчунин ба ҳалокат расонем. Аз Худо дур нест, ки дар ҷое аз ин сарзамин ба мо об арзонӣ фармояд. Бархезед ва ҳаракат кунед.

Ёрон фармон бурданд ва ҳаракат карданд, то он вақт, ки ҳамагӣ аз афроди қабилаи Қурайш, ки бо онҳо буданд пеш афтоданд ва қурайшиён онҳоро назора мекарданд, ки чӣ хоҳанд кард. Абдулмуталлиб ба шутураш расид ва бар он савор шуд. Ҳамин, ки он ҳайвонро ҳаракат дод аз зери пои шутур чашмаи оби гуворое ҷӯшидан гирифт. Абдулмуталлиб такбир гуфт ва ёронаш низ такбир гуфтанд. Сипас пиёда шуда худ ва ёронаш аз он об нӯшиданд ва машкҳои худро низ пур аз об карданд. Абдулмуталлиб сипас афроди қабилаҳои Қурайшро фаро хонд ва гуфт: ба канори об биёед, ки Худованд моро соқӣ ва обрасон қарор дода аст.

Онҳо пеш омада об нӯшиданд ва зарфҳояшонро ҳам пур карданд ва он гоҳ гуфтанд: эй Абдулмуталлиб! Худованд ба фоидаи ту бар мо ҳукм кард, ба Худо қасам, ки мо дар амри Замзам ҳаргиз бо ту душманӣ нахоҳем кард. Он кас, ки дар ин биёбони беобу алаф туро чунин обе дод, ӯст, ки Замзамро ҳам ба ту дода аст. Сарафроз ва пирӯз ба сӯи он баргард.

Ибни Исҳоқ мегӯяд:

Ин чизе аст, ки аз сухани Алӣ ибни Абӯтолиб разияллоҳу анҳу дар амри Замзам ба ман расида аст.[1]

Яъқубӣ навишта аст:

Ҳангоме ки Абраҳа - подшоҳи Ҳабаша, ба қасди нобуд кардани Каъба бо филсаворони худ ба Макка омад, Қурайш бар сари кӯҳҳо гурехтанд. Абдулмуталлиб ба онон гуфт: кош ҷамъ ва якҷо мешудем ва ин сипоҳро аз хонаи Худо дур мекардем.

Онҳо гуфтанд: моро гурезе дар баробари он нест.

Бино бар ин Абдулмуталлиб дар ҳарам боқӣ монд ва гуфт: ман аз хонаи Худо берун намеравам ва ба ғайр аз Худо ба каси дигар паноҳ намебарам.

Сипоҳиёни Абраҳа шутурҳои Абдулмуталлибро гирифтанд. Абдулмуталлиб ба назди Абраҳа рафт. Ҳангоме ки иҷозати даромадан хост, ба Абраҳа гуфтанд сайиду сарвари араб, бузурги Қурайш ва шарифи мардум назди ту омада аст. Бар ӯ ворид шуд, Абраҳа ӯро таҷлил намуд ва ба хотири ҷамол, камол ва шарафе, ки дар ӯ мушоҳида кард, дар дилаш ҷой гирифт ва ба тарҷумони худ гуфт: ба ӯ бигӯ ҳар чӣ мехоҳӣ, дархост кун. Абдулмуталлиб гуфт: шутуронамро, ки ёронат гирифтаанд, мехоҳам. Абраҳа гуфт: замоне, ки туро дидам марди ҷалилулқадр ва бузургвор пиндоштам ва ту дар ҳоле ки мебинӣ ман барои дарҳам шикастани бузургворӣ ва шарофати ту омадаам, аз ман намехоҳӣ, ки баргардам ва Каъбаро ба

---

[1] Сираи Ибни Ҳишом, ҷ. 1, саҳ. 154 ва 156, чопи чопхонаи Ҳиҷозӣ, Қоҳира, соли 1356 ҳиҷрӣ.

ҳоли худ гузорам, ту бошӣ дар бораи шутуронат бо ман сухан мегӯӣ?!

Абдулмуталлиб гуфт: ман соҳиб ва молики ин шутуронам ва барои ин хонае, ки тасмим гирифтӣ онро вайрон кунӣ, Парвардигоре низ ҳаст, ки туро аз ин кор нигаҳ медорад. Абраҳа шутурони Абдулмуталлибро баргардонд. Аз суханони ӯ тарсе ба дилаш роҳ ёфт.

Вақте ки Абдулмуталлиб аз назди Абраҳа баргашт, писарон ва ҳамроҳонашро гирд оварда ба дари Каъба рафт ва ба он овезон шуду гуфт:

***Лоҳумма! Ин таъфу фаиннаҳум ъиёлук...***[1]

***Ё рабби иннал ъабда ямнаъу раҳлаҳу фамнаъ риҳолак***

***Ло яглибанна салибуҳум ва маҳолуҳум абадан маҳолак***

*“Абраҳа қасди нобудии моро карда аст. Худовандо! Агар онҳоро бибахшӣ онҳо аёли ту ҳастанд... .*

*Худовандо! Ҳар бандае аз хонаи худ дифоъ мекунад, пас ту ҳам аз аҳли хонаи худ дифоъ кун. Мабодо салиб ва нерӯи эшон аз рӯи бедод бар нерӯи ту пирӯз гардад”.*

---

[1] Мо фишурдаи суханони Яъқубиро аз китобаш *Таърихи Яъқубӣ* ч. 1, саҳ. 250 ва 254 овардем. Ин хабар бо лафзи дигаре дар Сираи Ибни Ҳишом, ч. 1, саҳ. 54 ва 168 омада аст ва Табақоти Ибни Саъд, чопи Аврупо, ч. 1, саҳ. 28 ва 56 омада аст.

Худованд Абобил (парасту)-ро ба ҷанги эшон фиристод.[1]

Дар Биҳоруланвор (ба тариқи хулоса) чунин омада аст:

Абдулмуталлиб писараш Абдуллоҳро фиристод то аз сипоҳиёни Абраҳа хабар оварад. Он гоҳ худ ба сӯи хонаи Худо рафт ва ҳафт бор онро тавоф кард. Сипас ба ҷониби Сафо ва Марва рӯй овард ва он ҷоро низ ҳафт бор саъй намуд.

Абдуллоҳ бар кӯҳи Абӯқубайс боло рафт ва дид, ки паррандаҳо (абобил) бар сари сипоҳи Абраҳа чӣ овардаанд? Пас баргашт ва муждаи онро ба падараш дод. Абдулмуталлиб бо шунидани хабари фарзанд берун омад, дар ҳоле ки мегуфт: эй аҳолии Макка! Ба пеш, ба сӯи лашкаргоҳи душман барои гирифтани ғаниматҳо. Мардум ба лашкаргоҳи душман рафтанд ва диданд, ки сипоҳиёни Абраҳа монанди тахтаҳои дарҳамшикаста хурд шудаанд. Паррандагон ҳамагӣ се сангреза ба минқор ва поҳояшон буд, ки бо ҳар кадом яке аз афроди он сипоҳро аз пой меғалтонданд. Баъд аз ин ки ҳамаашонро аз пой афтонданд, бозгаштанд. Чунин чизеро на пеш аз он ва на баъд аз он касе надида аст.

Чун ҳамаи сипоҳиён ҳалок шуданд Абдулмуталлиб ба сӯи Каъба баргашт ва чанг бар пардаҳои Каъба зад ва гуфт:

---

[1] Муруҷуззаҳаб, ҷ. 2, саҳ. 105 ва Сираи Ибни Ҳишом, ҷ. 1, саҳ. 51.

***Ё ҳобисал фӣли би-Зилмағмас***

***Ҳабастаҳу кааннаҳу мукаввис***

***Фӣ маҷлисин тазҳақу фӣҳил анфус[1]***

*"Эй он ки сипоҳи филро дар "Зилмагмас"[2] нигаҳ доштӣ. Онҳоро он гуна мутаваққиф намудӣ, ки гӯё сарнагун шуда буданд, дар он вазъияти ниҳоят тоқатфарсо, ки дар он ҷонҳо аз тан берун меравaнд."*

Он гоҳ баргашт ва дар мавриди гурехтани Қурайш ва тарсу ҳароси онҳо аз сипоҳиёни Ҳабаша гуфт:

***Торат Қурайшу из раат хамӣсо***

***Фазалту фардан ло аро анӣсо***

***Ва ло аҳуссу минҳум ҳасӣсо***

***Илло ахан лӣ моҷидан нафӣсо***

***Мусаввадан фӣ аҳлиҳо раиисо.[3]***

*"Чун чашми Қурайш ба сипоҳи Абраҳа афтод, аз чапу рост гурехтанд. Ман танҳо ва беҳамдам боқӣ мондам. Ва ҳатто садои оҳистае низ аз онҳо намешунидам, ба ҷуз бародаре, ки аз барои ман буд*

---

[1] **يا حابسَ الفِيلِ بذِي المَغمَس    حَبَستَهُ كَانَّهُ مُكَوِّس**
**فِي مَجلِسٍ تَزهَقُ فِيهِ الاَنفُس.**

[2]Зилмағмас, макони аст наздики Макка бар сари роҳи Тоиф, Мӯъҷамулбулдон.

[3] **طارَت قُرَيشٌ اِذ رَأت خَمِيسا    فَظِلتُ فَرداً لا أرى أنِيسا**
**وَ لا أحُسّ مِنهُم حَسِيسا    إلّا اَخاً لِي ماجِداً نَفِيسا**
**مُسَوَّداً فِي اَهلِهِ رَئيسا.**

*ва ӯ бузургвор ва некӯ буд. Ӯ дар аҳл (ба қавм)-и хеш сарвар, дорои шараф ва бузургворӣ аст."*[1]

Дар Муруҷуззаҳаби Масъудӣ омада аст:

Замоне ки Худои азза ва ҷалла Абраҳа ва сипоҳиёнашро аз даромадан ба Макка боздошт, (ва ононро нобуд сохт) Абдулмуталлиб чунин суруд:

***Инна лилбайти лараббан мониъан***
***Ман юридҳу биасомин ясталим***
***Ромаҳу Туббаъу фӣман ҷаннадат***
***Ҳимяру вал ҳаййу мин оли қидам***[2]
***Фансано ъанҳу ва фӣ авдоҷиҳи***
***Ҷориҳун амсака минҳум билказим***
***Қулту вал ашраму тардо хӣлаҳу***
***Инна зол'ашрами гурра билҳарам***
***Наҳну Олуллоҳи фӣно қад мазо***
***Лам язал зока ъало ъаҳд-Ибраҳам***
***Наҳну даммарно Самӯдан ъанватан***
***Сумма Ъодан қаблаҳо зотал Ирам***
***Наъбудуллоҳа ва фӣно суннатун***
***Силатулқурбо ва йфоуз зимам***
***Лам тазал лиллоҳи фӣно ҳуҷҷатун***
***Ядфаъуллоҳу биҳо ъаннан ниқам.***[3]

---

[1] Биҳоруланвор, ҷ. 15, саҳ. 132, ба нақл аз Маҷолиси шайх Муфид ва Амолии фарзанди шайх Тӯсӣ, саҳ. 49-50.

[2] Дар нусхаи дигаре "**мин оли қирам**" омада аст.

[3] Муруҷуззаҳаб, ҷ. 2, саҳ.106.

*“Хонаро Парвардигоре аст боздоранда, ки ҳар кас ба гуноҳе қасди он кунад, ӯро нобуд намояд.*

*Туббаъ аз он ҷумла буд, ки лашкар кашид. Ҳамчунин Ҳумайр ва тоифааш, ки дар бозгашт дар гарданаш захме буд, ки роҳи нафасашро мебаст. Ба он гӯшбурида (Абраҳа, ки) саворонашро ба ҳалокат меафканд, гуфтам: ба ростӣ, ки ин гӯшбурида нисбат ба ҳарам сахт мағрур аст.*

*Мо Олуллоҳи гузаштагонем ва аз замони Иброҳим ҳамеша инчунин буда аст.*

*Мо Самудро ба сахтӣ гӯшмоле дода аз миён бардоштем ва пеш аз он қавми Од, соҳиби шаҳри Ирамро.*

*Худоро парастиш мекунем ва дар миёни мо силаи раҳим ва вафое ба аҳд, суннат буда аст. Ҳамеша дар миёни мо ҳуҷҷате аз Худо буда аст, ки ба василаи он балоҳоро аз мо дур мекунад”.*[1]

---

اِنَّ لِلبَيتِ لَرَبًّا مانِعاً     مَن يُرِدهُ بأثامٍ يَصطَلِم
رامَهُ تُبَّعٌ فِيمَن جَنَّدَت     حِميَرٌ وَالحَيُّ مِن آلِ قِدَم
فَانثَنى عَنهُ وَ فِي أوداجِهِ     جارِحٌ أمسَکَ مِنهُ بِالکَظِم
قُلتُ وَالاَشرَمُ تَردى خَيلَهُ     إنَّ ذا الاَشرَمِ غُرَّ بِالحَرَم
نَحنُ آلُ اللهِ فُيما قد مَضى     لَم يَزَل ذاکَ عَلى عَهدِ ابرَهَم
نَحنُ دَمَّرنا ثَمُوداً عَنوَةً     ثُمَّ عاداً قبلَها ذاتَ الاِرَم
نَعبُدُ اللهَ وَ فِينا سُنَّةٌ     صِلَةُ القُربى وَ إيفاءُ الذِّمَم
لَم تَزَل لِلّهِ فِينا حُجَّةٌ     يَدفَعُ اللهُ بِها عَنّا النِّقَم.

[1] Муруҷуззаҳаб, ҷ. 2, саҳ. 106.

## Шарҳи абёт

**Асом**: гуноҳҳо ва ҳамчунин кайфари гуноҳ.

**Ясталим**: исталамаҳу ва саламаҳуд даҳр авилмавту авилъадув: онҳоро бечора кунад, нобуд созад.

**Туббаъ**: ба подшоҳони Яман гуфта мешуда аст. Ҳамчунон ки ба подшоҳони Рум Қайсар ва ба шоҳони Эрон Касро гуфта мешуд ва Туббаъи Ҳумайрӣ, ки қасди Байтуллоҳулҳаромро карда буд, яке аз онон аст.

**Ҷориҳ**: захм.

**Казм**: роҳи нафас.

**Ашрам**: гӯш ё бинии бурида (он кас, ки гӯш ё биниаш шикофта шуда бошад) ва аз сухани Абдулмуталлиб чунин пайдост, ки Абраҳа чунин буда аст.

**Тардо**: ба ҳалокат афканд.

**Ғурра**: *гарраҳу гарран ва гуруран*: ӯро фиреб дод ва ӯро маҷбур кард, ки ба як чизи ботил тамаъ варзад, чунин кас мағрур ва фиребхӯрда аст.

**Ибраҳам**: Иброҳим аст, ки бино ба сурати шеърӣ инчунин шуда аст.

**Ъанватун**: *ахазаш шай'а ъанватан*: яъне чизеро ба иҷбор ва бо зӯр гирифт.

**Ифо'уз зимам**: вафо ба аҳд. Яъне дар миёни мо зуррияи ҳазрати Иброҳим силаи раҳим ва вафо кардан ба аҳд побарҷо аст ва ё дар миёни мо Олуллоҳ, яъне анбиёе монанди Ҳуд, Солеҳ ва Иброҳим[а] будаанд. Ва ҷо дорад, ки бигӯем ӯ аз лафзи "*фӣно*" ҳар ду гурӯҳро

дар назар дошта аст; ҳамон тавре ки дар зуррияи Иброҳим[а] Олуллоҳ ва ҳуҷҷатҳои ӯ будаанд, ҳамон гуна анбиёи пеш аз Иброҳим[а] будаанд, мисли Ҳуд ва Солеҳ.

Абдулмуталлиб дар ин байтҳо матлаберо ба ин мазмун такрор мекунад, ки ин хонаро Парвардигоре аст ва ӯ монеи ҳар касе мешавад, ки бихоҳад ба гуноҳ ин хонаро хароб кунад. Ҳамчунин дар ин байтҳо достони Туббаъи Ҳумайриро хотирнишон месозад, ки дар мавриди хонаи Худо даст ба таҷовуз зад, сипас суханро ба мавзӯи Абраҳа бармегардонад ва мегӯяд:

Он гоҳ, ки он марди гӯш ё бинибурида қасди ҳамла ба хонаи Худоро дошт, гуфтам: ин гӯши бурида дар ин таҷовуз ба ҳарам бисёр мағрур ва фиребхӯрда аст.

Абдулмуталлиб пас аз зикри ин матлаб хабар медиҳад, ки худаш ва силсилаи падаронаш аз зуррияи Исмоиланд ва аз ҳамон замони Иброҳим[а] Олуллоҳ будаанд, ҳамон гуна, ки амсоли Ҳуд ва Солеҳ Олуллоҳ будаанд. Ҳуд ва Солеҳи Олуллоҳ ҳамон касоне ҳастанд, ки қавми Од (соҳибони шаҳри Ирам) ва пас аз онҳо қавми Самудро аз миён бардоштаанд. Худои таоло достони Абраҳаро дар китоби худ Қуръони карим чунин баён дошта аст:

> ***Бисмиллоҳир раҳмонир раҳӣм. Алам тара кайфа фаъала раббука биасҳобил фӣл Алам яҷъал кайдаҳум фӣ тазлӣл. Ва арсала ъалайҳим тайран абобӣл. Тармӣҳим биҳиҷоратин мин сиҷҷӣл. Фаҷаъалаҳум каъасфим маʼкӯл***

*Ба номи Худованди бахшандаи меҳрубон* **(***Эй расули мо***!)** *Оё надидӣ***,** *ки Парвардигорат бо Асҳоби Фил чӣ кард***?!** *Оё макру фиребашонро табоҳ насохт***?!** *Ва барои ҳалокаташон паррандагони Абобилро фиристод***,** *ки эшонро бо сангҳое аз сиҷҷил сангборон карданд ва онҳоро чун алафи резашудаи зери дандон гардонид***.**[1]

Ҳамчунин Худованд аз қавми Самуд ва истодагиашон дар баробари Солеҳи Олуллоҳ, (ба таъбири Абдулмуталлиб) чунин хабар дода аст:

***Ва ило Самӯда ахоҳум Солиҳан, қола ё қавми уъбудуллоҳа мо лакум мин илоҳин ғайруҳу... Қолӯ ё Солиҳу қад кунту фӣно марҷувван қабла ҳозо, а'танҳоно ан наъбуда мо яъбуду обоуно ва инно лафӣ шаккин миммо тадъӯно илайҳи мурӣб. Қола ё қавми араайтум ин кунту ъало баййинатин мин раббӣ ва атонӣ минҳу раҳматан... Фаламмо ҷоа амруно наҷҷайно Солиҳан валлазӣна оманӯ маъаҳу... Ва ахазал лазӣна заламус сайҳату фаасбаҳӯ фӣ диёриҳим ҷосимӣн... А'ло буъдан ли-Самӯд.***

*Ва ба сӯи* **(***қавми***)** *Самуд бародарашон Солеҳро* **(***фиристодем***).** *Солеҳ гуфт***:** *эй қавми ман***!** *Худоеро парастед***,** *ки шуморо ҷуз ӯ худое нест***...** **(***Қавм***)** *Гуфтанд***:** *эй Солеҳ***!** *Ту пеш аз ин дар миёни мо*

---

[1] Сураи Фил, оёти 1-5.

أَلَمْ تَرَ كَيْفَ فَعَلَ رَبُّكَ بِأَصْحَابِ الْفِيلِ {1} أَلَمْ يَجْعَلْ كَيْدَهُمْ فِي تَضْلِيلٍ {2}
وَأَرْسَلَ عَلَيْهِمْ طَيْراً أَبَابِيلَ {3} تَرْمِيهِم بِحِجَارَةٍ مِّن سِجِّيلٍ {4} فَجَعَلَهُمْ كَعَصْفٍ
مَّأْكُولٍ {5}

*моям умед будӣ. Оё мехоҳӣ моро аз парастиши он чи ки падарони мо мепарастиданд, боздорӣ? Мо ба он чи ки моро ба он даъват мекунӣ сахт бадгумонем. Солеҳ гуфт: эй қавми ман раъйи шумо чист? Агар дидед, ки ман бар даъвати худ мӯъҷиза ва далеле аз Парвардигорам дар даст дорам ва аз ӯ раҳмате ба ман расида аст?... Чун фармони қаҳри мо расид, Солеҳ ва касонеро, ки бо ӯ имон оварда буданд, наҷот додем... Ва ситамкоронро сайҳаи осмонӣ фаро гирифт ва субҳгоҳон дар диёрашон (барои ҳамеша) беҳис ва хомӯш афтоданд... Огоҳ бошед, ки Самуд аз раҳмати илоҳӣ дур аст.*[1]

Ҳамчунин ахбор ва ҳикоятҳои эшон дар 27-ҷои дигар аз Қуръони карим омада аст.[2]

Сипас Абдулмуталлиб дар суханонаш хабар медиҳад:

***Сумма Ъодан қаблаҳо зотал Ирам.***

---

[1] Сураи Ҳуд, ояҳои 61-63,

**وَإِلَى ثَمُودَ أَخَاهُمْ صَالِحاً قَالَ يَا قَوْمِ اعْبُدُواْ اللّهَ مَا لَكُم مِّنْ إِلَـهٍ غَيْرُهُ ... 61 قَالُواْ يَا صَالِحُ قَدْ كُنتَ فِينَا مَرْجُوّاً قَبْلَ هَـذَا أَتَنْهَانَا أَن نَّعْبُدَ مَا يَعْبُدُ آبَاؤُنَا وَإِنَّنَا لَفِي شَكٍّ مِّمَّا تَدْعُونَا إِلَيْهِ مُرِيبٍ 62 قَالَ يَا قَوْمِ أَرَأَيْتُمْ إِن كُنتُ عَلَى بَيِّنَةً مِّن رَّبِّي وَآتَانِي مِنْهُ رَحْمَةً ... 63**

ва 66-68.

**فَلَمَّا جَاء أَمْرُنَا نَجَّيْنَا صَالِحاً وَالَّذِينَ آمَنُواْ مَعَهُ ... 66 وَأَخَذَ الَّذِينَ ظَلَمُواْ الصَّيْحَةُ فَأَصْبَحُواْ فِي دِيَارِهِمْ جَاثِمِينَ 67 ... أَلاَ بُعْداً لِّثَمُودَ 68**

[2] Вожаи "Самуд" дар "Алмӯъҷамул муфаҳрес ли алфозил Қуръонил карим".

Қавми Од, ки Худованд эшонро ҳалок кард, пеш аз қавми Самуд будаанд ва сухани ӯ бо он чи ки дар сураи Аъроф, оёти 65-74 ва сураи Ҳуд, оёти 68-50 ё сураҳои дигар омада аст, мутобиқат дорад.[1]

Ҳамчунин ӯ шаҳри Ирамро аз они қавми Од муаррифӣ карда аст ва бо суханони Худои таоло дар сураи Ҳиҷр, оёти 6-9 мутобиқат дорад:

> ***Алам тара кайфа фаъала раббука биъод. Ирама зотил ъимод. Аллатӣ лам юхлақ мислуҳо фил билод. Ва самӯдал лазӣна ҷобус сахра бил вод.***
>
> ***(****Эй расули мо****!)*** *Оё надидӣ****,*** *ки Парвардигорат бо қавми Од чӣ кард****?!*** *Дар шаҳри Ирам****,*** *ки дорои коххои баланде буд****?!*** *Шаҳре****,*** *ки монандаш дар сарзаминҳои маскунӣ падид наомада буд****.*** *Ва низ бо қавми Самуд****,*** *ки дар водӣ сангҳоро мебуриданд* ***(****ва барои худ аз сангҳо кох месохтанд****?!).***[2]

Ба ин тартиб мулоҳиза мешавад, ки шеъри Абдулмуталлиб бо он чи ки дар Қуръони карим мавриди ахбори паёмбарон ва умматҳои азбайнрафта омада аст, мутобиқат дорад.

---

[1] Вожаи "Ъод" дар "Алмӯъҷамул муфаҳрес лиалфозил Қуръонил карим".

[2] Сураи Фаҷр, ояи 6-9.

**أَلَمْ تَرَ كَيْفَ فَعَلَ رَبُّكَ بِعَادٍ {6} إِرَمَ ذَاتِ الْعِمَادِ {7} الَّتِي لَمْ يُخْلَقْ مِثْلُهَا فِي الْبِلَادِ {8} وَثَمُودَ الَّذِينَ جَابُوا الصَّخْرَ بِالْوَادِ {9}**

Ӯ аҷдодашро васф мекунад ва эшонро бо анбиёи илоҳӣ дар муттасиф будан ба ахлоқи писандидае чун силаи раҳим, вафои ба аҳд дар як радиф қарор медиҳад. Дурустии суханони Абдулмуталлиб дар баррасии сираи аҷдодаш дар бобҳои пешин исбот мегардад.

Ва он ҷо, ки мегӯяд: онҳо аз замони Иброҳим ба ин тараф Олуллоҳ ва худопараст ҳастанд ва Худованд ҳамеша ба василаи онҳо яъне касоне, ки ӯ онҳоро Олуллоҳ ва ҳуҷҷати Худо муаррифӣ мекунад) бадиро дур месозад, матлабе аст дуруст, зеро:

Мафҳум ин ки онҳо худопараст мебошанд, ин аст, ки онҳо ғайри Худоро парастиш намекардаанд. Мо дурустии сухани ӯро он ҷо дармеёбем, ки ҳаргиз аз падарони Паёмбари Ислом(с) то ҳазрати Исмоил касеро намебинем, ки ба бут саҷда карда бошад, ё барои бут қурбонӣ анҷом дода аст, ё ба номи бут талбияи ҳаҷ намуда, ё ба бут савганд хӯрда, ё аз бут дар як байт шеър ё сухане таърифу ситоиш карда бошад. Балки баръакс дар тамоми ин мавридҳо дидаем, ки онҳо Худоро саҷда намуда барои наздикӣ ба Худо қурбонӣ кардаанд, ба Худои якто савганд мехӯрдаанд ва ӯро саною ситоиш менамуданд. Бино бар ин дурустию ростии сухани Абдулмуталлиб дар ин маврид равшан аст.

Аммо ин ки мегӯяд: ҳамеша барои Худо дар миёни онон ҳуҷҷате буда аст, ё бояд бигӯем:

Парвардигори ҷаҳон сокинони хонаашро дар Макка, ки онро “Уммулқуро” номида аст ба ҳоли худ раҳо

карда аст. Яъне, сокинони ин Уммулқуро, атрофи он ва касонеро, ки барои адои ҳаҷ ба хонаи мӯҳтарами ӯ меомаданд, ба муддати беш аз панҷсад сол ба ҳоли худашон гузошта ва касеро, ки битавонанд шариати исломро назди ӯ биёбанд, дар миёнашон қарор надода аст, ки ғалат будани чунин сухане мушаххас аст ва ҳамон гуна ки мо дар баҳсҳои рубубияти ҳамин китоб шарҳ додаем, Парвардигори ҷаҳон аз чунин амре поку муназзаҳ аст.

Ва ё ин ки бигӯем:

Парвардигори ҷаҳон наслҳоро паи ҳам ба муддати беш аз панҷсад сол дар Уммулқуро ва атрофи он ба ҳоли худ раҳо накарда, дар миёни онҳо касонеро қарор дода аст, ки вақте яке аз ҳамон мардум бихоҳад аҳкоми динашро аз ӯ биёмӯзад, тавони онро дошта бошад; ба мисдоқи ин ояи шарифа, ки мефармояд:

> ***Вал лазӣна ҷоҳадӯ фӣно ланаҳдиянначум субулано Ê***
>
> ***Ä****Ва онҳо, ки дар роҳи мо кӯшо бошанд, мо худ онҳоро ба роҳҳоямон роҳнамоӣ мекунем****”.***[1]

Бино бар ин Худованд дар миёни ҳамон мардум касонеро қарор дода аст, ки ҳуҷҷатро бар афроди ҳамон наслҳо тамом кунад. Дар ин сурат он ҳидоятгари ба сӯи дини Худо чӣ касе ғайр аз Абдулмуталлиб ва силсилаи падаронаш то ҳазрати Иброҳим(а) метавонад бошад?

---

[1] Сураи Анкабут, ояи 69.

وَالَّذِينَ جَاهَدُوا فِينَا لَنَهْدِيَنَّهُمْ سُبُلَنَا ... {69}

Оре, ба Парвардигори ҷаҳон савганд, ки Худои таоло дар миёни эшон аз зуррияи Иброҳим[(а)] ҳуҷҷатҳое қарор дода, ҳуҷҷатро бар онҳо тамом карда аст ва ба воситаи онҳо бадӣ ва балоҳоро аз онҳо дур мекарда аст. Абдулмуталлиб рост гуфта аст, ки:

***Наҳну Олуллоҳи фӣно қад мазо***

***Лам язал зока ъало ъаҳд-Ибраҳам...***

***Лам тазал лиллоҳи фӣно ҳуҷҷатун***

***Ядфаъуллоҳу биҳо ъаннан ниқам.***[1]

*Мо Олуллоҳи гузаштагонем ва аз замони Иброҳим ҳамеша инчунин буда аст...*

*Ҳамеша дар миёни мо ҳуҷҷате аз Худо буда аст, ки ба василаи он балоҳоро аз мо дур мекунад.*

Дар услуби сурудаҳои Абдулмуталлиб, ба хусус байтҳои боло, ки онҳоро дар мақоми мубоҳот бар душмани шикастхӯрдааш (Абраҳа ва сипоҳиёнаш) суруда аст, фазоил ва макориме, ки баршумурда аст, тафовути ошкоре бо равиши сурудаҳои араб дар гузашта ва ҳол вуҷуд дорад. Ӯ ба вуҷуди падараш Ҳошим ифтихор накарда аст. Он падари саховатманде, ки иқдом ба итъоми мардуми Макка дар соли қаҳтӣ кард ва бар шутуронаш ба ҷои овардани молҳои тиҷоратӣ, барои маккиён, аз Шом хӯрока овард ва сипас ҳамон шутуронро, ки бар пушташон барои мардум ғизо оварда буд, кушт ва ба мардуми гурусна

---

[1] Муруҷуззаҳаб, ч. 2, саҳ. 106.

نَحنُ آلُ اللهِ فِيما قد مَضى لَم يَزَل ذاکَ عَلى عَهدِ ابرَهَم...

لَم تَزَل لِلّهِ فِينا حُجَّةٌ يَدفَعُ اللهُ بها عَنّا النِّقَم.

дод. Коре, ки пеш аз ӯ ҳеҷ арабе анҷом надода аст. Мо ин саховатро на дар Ҳотами Тойӣ мушоҳида мекунем ва на дар саргузашти умматҳо хондаем.

Ҳамчунин иқдоми падарашро барои аз байн бурдани расми “эътифод”, то ҳеҷ хонаводае аз роҳи ночорӣ ва бар асари гуруснагӣ тан ба марг надиҳад, санади фахри хеш намешуморад. Ҳамчунин омӯхтани тиҷорат ба Қурайш дар он рӯзгор ва бурдани мол ба сарзаминҳои ободро меъёри бартарӣ қарор намедиҳад.

Абдулмуталлиб ба ҳеҷ кадом аз ин мавридҳо ифтихор намекунад, дар ҳоле ки дар миёни ҳамаи мардумон, мавориди боло танҳо махсуси падараш, Ҳошим буда аст.

Ба худ наболидан ва ифтихор накардан дар ин хел корҳо, ки нишонгари хидмат ба халқи Худост, аз сифатҳои ошкори анбиёи илоҳӣ ва ҳуҷҷатҳои Худо дар миёни халқаш мебошад, яъне онҳо ба хотири саховаташон нисбат ба мардум ва хидмате, ки дар амри маош ба эшон мекунанд, бар мардум миннат намегузоранд, балки фақат мардумонро ба он чи ки Худованд хоси онҳо карда аст ва ононро воситаи ҳидояти мардумон қарор дода аст, огоҳ месозанд.

Коре, ки Абдулмуталлиб дар ашъораш он ҷо, ки мегӯяд “Мо аз гузаштаи дур Олуллоҳ будаем...”, анҷом дода аст.

## *Абдулмуталлиб ва милоди Паёмбар(с)*

Дар Ансобулашроф дар бораи милоди набии Акрам(с) (ба тариқи хулоса) чунин омада аст:

Чун Омина ба паёмбар бордор шуд, дар хоб касе ба дидораш омад ва гуфт:

Эй Омина! Ту ба сайид ва сарвари ин уммат бордор шудаӣ, он гоҳ ки кӯдакат ба дунё омад, бигӯ:

***"Уъизука билвоҳиди мин шарри кулли ҳосид Ê***

***Ä*** *Туро аз шарри ҳар ҳасуде дар паноҳи Худои якто қарор медиҳам"****.***

Номашро Аҳмад гузор ва бино бар ривояте Муҳаммад бигузор.

Баъд аз ин ки Омина вазъи ҳамл намуд ба Абдулмуталлиб пайғом дод, ки писаре барои ту ба дунё омада аст. Абдулмуталлиб дар ҳоле ки писаронаш ҳамроҳи ӯ буданд, шодмон бархоста ба хона омад ва дида бар фарзанд дӯхт. Омина достони хоби худро бо вай дар миён ниҳод ва низ баён дошт, ки муддати ҳамлаш саҳлу содда ва зоймонаш осон анҷом гирифта аст. Абдулмуталлиб кӯдакро дар порчае печид ва ҳамроҳи худ гирифта ба Каъба дохил шуд ва чунин суруд:

***Алҳамдулиллоҳил лазӣ аътонӣ***

***Ҳозал ғуломат таййибал ардони***

***Уъӣзуҳу билбайти зил аркони***

***Мин кулли зӣ бағйин ва зӣ шан'они.***

***Ва ҳосидин музтарибил ъинони***[1]

*Сипос Парвардигореро, ки ин писари покиза ва фархундаро ба ман бахшида аст. Ӯро дар паноҳи хонаи Худованд қарор медиҳам то аз газанди ситамгарон, бадхоҳон ва ҳосидони дар амон бошад.*

Дар Таърихи Ибни Асокир ва Таърихи Ибни Касир байтҳое бар он афзудаанд, ки дар поёни он омада аст. Ашъори зерро, ки дар охири он омада аст, изофа кардаанд:

***Анталлазӣ суммийта фил Фурқони***

***Фӣ кутубин собитатил мабони***

***Аҳмада мактубун ъалал лисони.***[2]

*Ту ҳамонӣ, ки дар Фурқон ва дар китобҳои устувори таҳрифнашуда, бар забон ва навишта, "Аҳмад" ном гирифтаӣ.*[3]

Дар ин шеър Абдулмуталлиб хабар медиҳад, ки дар китобҳои осмонӣ набераaш Аҳмад ном дорад.

---

[1] **أَلحَمدُ لِلّهِ الَّذِي أعطانِي    هذا الغُلامَ الطَّيِّبَ الاَردانِ**
**أُعِيذُهُ بِالبَيتِ ذِي الاَركانِ    مُن كُلِّ ذِي بَغيٍ وَ ذِي شَنَآنِ**
**وَ حاسِدٍ مُضطَرِبِ العِنانِ.**

[2] Ансобулашроф, ҷ. 1, саҳ. 80 – 81 ва бо ихтилоф дар баъзе калимаҳо дар: Табақоти Ибни Саъд, ҷ. 1 саҳ. 103; Таърихи Ибни Асокир, ҷ. 1, саҳ. 69; Таърихи Ибни Касир, ҷ. 2, саҳ. 264-265 ва низ Далоили Байҳақӣ, ҷ. 1, саҳ. 51.

**أنتَ الَّذِي سُمِّيتَ فِي الفُرقانِ    فِي كُتُبٍ ثابِتَةِ المَبانِ**
**احمَدَ مَكتُوبٌ عَلَى اللِسانِ.**

[3] Ансобулашроф, ҷ. 1, саҳ. 80 ва 81, бо ихтилоф дар калимот: дар Табақоти Ибни Саъд, ҷ. 1, саҳ. 103, Таърихи Ибни Асокир ҷ. 1, саҳ. 69, Ибни Касир ҷ. 2, саҳ. 264 ва 265. Ҳамчунин муроҷиат кунед ба Далоили Байҳақӣ, ҷ. 1, саҳ. 51.

Дар Табақоти Ибни Саъд (ба таври хулоса) чунин омада аст:

Ҳалима, дояи ширдеҳи Паёмбар(с) бар ҷони Расули Худо(с) тарсон гардид ин буд, ки ӯро дар синни панҷсолагӣ бо худ ба Макка овард, то ба модараш бисупорад. Аммо дар миёни издиҳоми ҷамъият кӯдакро гум кард ва ҳар чи ҷустуҷӯ кард ба ҷое нарасид ва ӯро наёфт. Бино бар ин ба хидмати Абдулмуталлиб шитофт ва ҷараёни корро ба вай хабар дод. Ҷустуҷӯи Абдулмуталлиб низ барои ёфтани фарзанд ба ҷое нарасид ва ӯ ногузир ба Каъба рӯй овард ва гуфт:

***Лоҳумма аддӣ рокибӣ Муҳаммадо***

***Аддиҳ илаййа вастаниъ ъиндӣ ядо***

***Анталлазӣ ҷаъалтаҳу лӣ ъазудо***

***Ло ябъудид даҳру биҳи фаябъудо***

***Анталлазӣ саммайтаҳу Муҳаммадо.***[1]

*Парвардигоро! Чобуксавори ман, Муҳаммадро баргардон, ӯро баргардон ва ёру ёвари ман қарор деҳ. Ин туйӣ, ки ӯро бозӯи ман қарор додаӣ, рӯзгор ҳаргиз ӯро аз ман дур нагардонад ва ту худ ӯро Муҳаммад номидӣ.*

---

[1] Табақоти Ибни Саъд, чопи Аврупо, ҷ. 1, саҳ. 70 ва 71 бо ихтилоф дар лафз дар Ансобулашроф, ҷ. 1, саҳ. 82. Ҳамчунин муроҷиат кунед ба Субулулҳудо, ҷ. 1, саҳ. 390.

لاهُمَّ أدِّ راكِبِي مُحَمَّدا    أدِّه إلَيَّ وَ اصطَنِع عِندِي يَدا
أنتَ الّذِي جَعَلتَهُ لِي عَضُدا    لا يَبعُدِ الدَّهرُ بِهِ فَيَبعُدا
أنتَ الّذِي سَمَيتَهُ مُحَمَّدا.

Дар ин ҷо низ Абдулмуталлиб баён мекунад: ин Худост, ки набераашро Муҳаммад(с) номида аст.

Дар китоби Муруҷуззаҳаб омада аст:

“Абдулмуталлиб писаронашро ба силаи раҳим ва таом додан супориш мекард ва ташвиқ менамуд. Ҳамчунин онҳоро метарсонид то монанди касоне, ки ба рӯзи ҷазо ва ҳисобу китоб эътиқод надоранд, амал нанамоянд. Ӯ сиқоят ва рифодатро бар ӯҳдаи писараш Абдуманоф яъне “Абӯтолиб” ниҳод ва супориши паёмбари Худо(с)-ро низ ба ӯ кард”.[1]

Дар китобҳои Сираи Ҳалабия ва Сираи Набавия омада аст:

“Абдулмутталиб аз ҷумлаи касоне буд, ки дар айёми ҷоҳилият шаробро бар худ ҳаром карда буд. Ӯ марде будааст, ки дуо ва даъваташ мустаҷоб мешуда аст. Вайро ба хотири ҷуд ва бахшише, ки дошт "Файёз" мегуфтанд ва аз он ҷо, ки барои паррандагон ва ҳайвоноти ваҳшӣ, ғизо бар сари кӯҳҳо мегузошт “Мутъимуттайриссамо” (ғизодиҳанда ба паррандагони осмон) лақаб дода буданд. Ровӣ мегӯяд: Абдулмуталлиб аз мардони сабури Қурайш ва ҳукамои он ба шумор мерафт.

Он гоҳ ба нақл аз Сибт ибни Ҷавзӣ (ба таври хулоса) оварда аст:

Абдулмуталлиб фарзандонашро ба тарки ситам ва саркашӣ фармон медод ва эшонро ба риояти

---

[1] Муруҷуззаҳаб, ҷ. 2, саҳ. 108 ва 109.

макорими ахлоқ ташвиқ менамуд ва аз корҳои зишту нописанд онҳоро нигаҳ медошт. Ӯ мегуфт: ҳеҷ золим ва ситамгаре чашм аз дунё намепӯшад, ҷуз ин ки интиқоми ситамҳояшро аз ӯ мегиранд ва азоб онҳоро дармеёбад.

Марди ситамгаре аз аҳолии Шом бидуни ин ки ҷазои корҳои норавояшро бинанд аз дунё рафт. Достонро ба Абдулмуталлиб нақл карданд. Ӯ муддате ба фикр фурӯ рафт ва дар охир гуфт: ба Худо савганд дар паси ин дунё сарое аст, ки дар он некӯкор ба корҳои нек ва писандидааш ва бадкор ба корҳои нораво ва зишташ подош дода мешавад.

Ин сухан ба ин маънost, ки оқибати инсони ситамгар дар дунё чунин аст ва агар мурду уқубате надид, сазои вай барои охираташ омода ва муҳайёст.

Аз ӯ суннатҳое барҷо мондааст, ки бештари онҳоро Қуръон ва суннат тасдиқ карда аст, монанди вафои ба назр, пешгирӣ аз никоҳ бо маҳрамҳо, буридани дасти дузд, пешгирӣ аз зиндабагӯр кардани духтарон, ҳаром гардонидани шароб, зино ва ин ки набояд касе лухту ӯрён ба гирди хонаи Худо тавоф кунад”.[1]

Дар китоби Сираи Набавӣ омада аст:

“Абдулмуталлиби писари Ҳошим, аз ҷумлаи мардони бисёр ҳалим ва ҳакими Қурайш ва марди мустаҷобуддаъват буд. Ӯ шаробро бар худ ҳаром карда нахустин касе буд, ки бисёре аз шабҳоро дар кӯҳи Ҳиро ба ибодат мепардохт. Замоне ки моҳи Рамазон фаро

[1] Сираи Ҳалабия, ҷ. 1, саҳ. 4 ва Сираи Набавия, ҷ. 1, саҳ. 21.

мерасид вай фақиронро таом медод ва болои кӯҳ мерафт ва дар гӯшае аз он бо худ хилват менамуд. Ин корро бо ин ҳадаф, анҷом медод, ки аз мардум канора гирад ва дар азамат ва бузургии зоти Ҳақ таоло тафаккур кунад”.[1]

Дар Таърихи Яъқубӣ ва Ансобулашрофи Билозарӣ (ба таври хулоса) чунин омада аст (ва мо матлабро аз Таърихи Яъқубӣ гирифтем):

“Солҳои мусибатборе аз қаҳту қиматӣ бар Қурайш гузашт то он ҷо, ки киштзорҳо аз миён рафт ва шир дар пистонҳо хушкид. Қурайшиёни дармонда ва бечора ба Абдулмуталлиб паноҳ бурданд ва гуфтанд: Худованд борҳо ба баракати вуҷуди ту борони раҳматашро бар мо борида аст, инак боз аз Худо бихоҳ то моро сероб кунад. Абдулмуталлиб ба ҳамроҳи Расули Худо[(с)], ки дар он рӯз дар домони ҷаддаш буд ва (бо такя ба ҷаддаш роҳ мерафт) берун шуд ва Худоро чунин дуо кард:

*Бор Худоё! Эй бароварандаи ниёз ва эй бартарафкунандаи меҳнат! Ту донои ноомӯхта ва саволшавандаи ғайрибахилӣ ва инон бандагон ва канизони ту ҳастанд, ки гирдогирди ҳарамат маскан гузидаанд. Шикояти ин қаҳтиро, ки шир дар пистонҳо хушкида ва маҳсулро аз байн бурда аст ба ту мебаранд. Пас Худоё! Бишнав ва борони пурбор ва фаровон иноят кун.*

[1] Сираи Набавия, ҷ. 1, саҳ. 20, мазмуни монанди ин дар Ансобулашроф, ҷ. 1, саҳ. 84 омада аст.

Қурайшиён ҳанӯз аз он ҷо ҳаракат накарда буданд, ки аз осмон чунин борони селосое борид, ки дараро пур сохт. Яке аз қурайшиён дар ин мавриди чунин суруд:

***Бишайбатил ҳамди асқаллоҳу балдатано***

***Ва қад фақаднал куро ваҷлаввазал матару***

***Маннан миналлоҳи билмаймӯни тоируҳу***

***Ва хайру ман бушширт явман биҳи музару***

***Муборакул амри юстасқал ғамому биҳи***

***Мо фил аноми лаҳу ъадлун ва ло хатару.***[1]

*Аз баракати Шайбатулҳамд (Абдулмуталлиб) Худо сарзамини моро сероб сохт, дар ҳоле ки осоишро аз даст дода будем ва бороне, ҳам надоштем.*

*Худо ба вуҷуди марди муборакфол бар мо миннат ниҳод ва ӯ беҳтарин касе аст, ки рӯзии қабилаи Музар ба ӯ шодмон шуданд.*

*Муборак марде, ки абр ба хотири ӯ боридан гирифт ва дар миёни мардум ӯро мисл ва монанде нест”*

Дар Биҳоруланвор омада аст:

“Барои Абдулмуталлиб, падаркалони Расули Худо(с) дар канори Каъба фарш паҳн мекарданд, то рӯи он

---

[1] То ин ҷои хабар дар Ансобулашрофи Билозарӣ ҷ. 1, саҳ. 82 ва 85 ба таври пароканда омада аст ва мо хабарро ба нақл аз Таърихи Яъқубӣ, ҷ. 2, саҳ. 12 ва 13 овардаем.

بشَيبَةِ الحَمدِ أسقَى اللهُ بَلدَتَنا وَ قد فقَدنا الكُرى وَاجلَوَّذَ المَطَرُ
مَنّاً مِنَ اللهِ بِالمَيمُونِ طائرُهُ وَ خَيرُ مَن بُشِّرت يَوماً بِهِ مُضَرُ
مُبارَكُ الامرِ يُستَسقى الغَمامُ بِهِ ما فِي الأنامِ لَهُ عَدلٌ و لا خطرُ.

бинишинад ва ба хотири эҳтироме, ки ба ӯ мегузоштанд, ҷуз вай касе аз писаронаш бар рӯи он наменишаст. Аммо замоне, ки Паёмбари Худо(с) меомад бар рӯи он менишаст ва амакҳои он ҳазрат мерафтанд, ки ӯро аз ин кор боздоранд, аммо Абдулмуталлиб хитоб ба онҳо мегуфт: писарамро озод гузоред ва садди роҳи ӯ нашавед.

Он гоҳ даст бар пушти он ҳазрат мекашид ва мегуфт: ин писарамро шаън ва манзалати хосе аст".[1]

Ва боз дар китоби Таърихи Яъқубӣ омада аст:

"Абдулмуталлиб ҳукумат ва амри Каъбаро дар ихтиёри писараш Зубайр қарор дод ва сарпарастии Расули Худо(с) ва соқигии Замзамро ба Абӯтолиб вогузор кард ва гуфт: ман дар дасти шумо шараф ва ифтихори бузурге, ки сарҳои бузургони араб дар баробараш хам хоҳад шуд гузоштаам.

Он гоҳ Абӯтолиб гуфт:

***Ӯсӣка ё Ъабда-Манофин баъдӣ***
***Бимуфрадин баъда абӣҳи фарди***
***Форақаҳу ва ҳува заҷӣъул маҳди***
***Факунта кал умми лаҳу фил ваҷди***
***Туднӣҳи мин аҳшоиҳо вал кабди***
***Фаанта мин арҷо баниййа ъиндӣ***
***Лидафъи займин ав лишадди ъақдин.***[2]

---

[1] Биҳоруланвор, ч. 15, саҳ. 144, 146 ва 150.

[2] أُوصِيکَ يا عَبدَ مَنافٍ بَعدِي    بِمُفرَدٍ بَعدَ أبِيهِ فَردِ
فارَقَهُ وَ هُوَ ضَجِيعُ المَهدِ    فَكُنتَ كالأُمِّ لَهُ فِي الوَجد

*Эй Абдуманоф! Туро баъд аз худам ба ятиме супориш мекунам, ки баъд аз падараш танҳо монда аст.*

*Падараш аз ӯ ҷудо шуд, дар ҳоле ки ӯ дар гаҳвора буд, ту ӯро чун модаре дилсӯз будӣ, ки аз дилу ҷон ӯро дар оғӯш мекашад. Ман ба ту ба хотири бартараф кардани сахтиҳою нороҳатиҳо ё устувор намудани пайванд, беш аз ҳамаи фарзандонам умедворам".*[1]

"Дар китоби Биҳоруланвор пас аз ин моҷаро аз қавли Воқидӣ (ба таври хулоса) чунин ривоят шуда аст:

***Ӯсӣка арҷо аҳлано биррафдӣ***

***Ябналлазӣ ғайбатуҳу филлаҳди***

***Билкурҳи миннӣ сумма ло билъамдӣ***

***Ва хайратун Аллоҳу яшоу фил ъабди***[2]

Абдулмуталлиб гуфт: эй Абӯтолиб! Ман баъд аз васиятам амреро бар ӯҳдаи ту мегузорам. Абӯтолиб пурсид: дар чӣ мавриде? Гуфт: супориши ман бар ту дар мавриди нури чашмам Муҳаммад(с) аст, ки ту шаън ва манзалати ӯро назди ман медонӣ. Пас ӯро ба тамоми маъно гиромӣ бидор ва шабу рӯз то зинда ҳастӣ аз ӯ ҷудо машав. Худоро, Худоро дар бораи ҳабиби Худо.

---

**تُدنِيهِ مِن أحشائِها وَ الكَبدِ     فَأنتَ مِن أرجى بَنِىَّ عِندِي**
**لِدُفعِ ضَيمٍ أو لِشَدِّ عَقد.**

[1] Таърихи Яъқубӣ, ч. 2, саҳ. 13.

[2] **أُصِيکَ أرجى أهَلَنا بارَّفدِي     يَابنَ الَّذِي غَيبَتُهُ فِي اللَحَدِ**
**بالكُرهِ مِنِّي ثُمَّ لا بالعَمدِي     وَ خَيرَةٌ اللهُ يَشا فِي العَبدِ.**

Он гоҳ ба фарзандони дигар гуфт: Муҳаммад(с)-ро гиромӣ доред, ки ба зудӣ дар ӯ амри бузург ва азимро мушоҳида хоҳед намуд ва ба зудӣ поёни корашро дар он чи дар бораи ӯ таъриф кардаам, ба мавқеи худаш хоҳед дид.

Фарзандони Абдулмуталлиб бо як овоз гуфтанд: эй падар! Мутеъ ва фармонбардорем ва ҷону моламонро фидои ӯ мекунем.

Он гоҳ Абӯтолиб (ки аз гузаштаҳои дур меҳрубонтарин ва дилсӯзтарини амакҳои Паёмбар(с) нисбат ба он ҳазрат буд) гуфт: молу ҷонам фидои Муҳаммад. Ман бо душманонаш меҷангам ва дӯстонашро ёрӣ медиҳам.

Воқидӣ гуфта аст:

Сипас Абдулмуталлиб дидагон бар ҳам ниҳод ва дубора чашм кушод ва ба қурайшиён назар кард ва гуфт: эй қавми ман! Оё риояти ҳаққи ман бар шумо воҷиб нест?

Ҳамаашон гуфтанд: оре, риояти ҳаққи ту бар хурду калон воҷиб аст. Ту моро раҳбари некӯ ва роҳнамои хубе будаӣ.

Абдулмуталлиб гуфт: супориши фарзандам Муҳаммад ибни Абдуллоҳ(с)-ро ба шумо мекунам, мавқеияташро чун шахси мӯҳтараме дар миёнатон гиромӣ бидоред. Ба ӯ некӣ кунед, ба вай ситам раво надоред ва кори нохушояндашро дар баробари вай анҷом надиҳед.

Фарзандони Абдулмуталлиб ҳамагӣ гуфтанд: суханатро шунидем ва онро фармонбардорем”.[1]

Дар табақоти Ибни Саъд омада аст:

“Чун марги Абдулмуталлиб фаро расид, Абӯтолибро ба нигаҳдорӣ ва ғамхорӣ нисбат ба Паёмбари Худо[(с)] васият кард”.[2]

Абдулмуталлиб дар ҳоле аз дунё рафт, ки Паёмбари Худо[(с)] ҳаштсола буд ва аз умри ӯ саду бист сол мегузашт.

Худои азза ва ҷалла Абдулмуталлибро дар ҷисм тавоноӣ бахшида буд ва дар сабурӣ ва бахшандагӣ ҳавсалаи васеъ ва дасти кушода арзонӣ дошта буд. Худованд ӯро яктопараст, мӯътақид ба подоши қиёмат ва худопараст дар замони ҷоҳилият сохта, аз парастиши бутҳо ва аз ҳар кори баде, ки мояи табоҳии мардон аст дур нигаҳ дошта буд. Ӯ ситам намудан ва даст задан ба аъмоли ношоистаро гуноҳе бузург ва коре нописанд мешумурд.

Ӯ нахустин касе буд, ки дар ғори Ҳиро хилват мегузид, то дар ҷалол ва азамати Худои таоло ба ибодат ва тафаккур бипардозад. Вай дар моҳи Рамазон ба чунин ибодате машғул мегашт ва фақирону мискинонро дар он моҳ мехӯронд.

Ӯ нахустин касе аст, ки дар Макка оби гуворо ба мардумон расонд ва дар хоб маъмур шуд, ки чоҳи

[1] Биҳорул анвор, ҷ. 15, саҳ. 152 ва 153.

[2] Табақоти Ибни Саъд, ҷ. 1, саҳ. 118.

Замзамро канад. Ин амрро фармон бурд ва он чоҳро ба ҳамроҳии танҳо фарзандаш Ҳорис, кофт.

Ва чун Абраҳа бо сипоҳиёни филсавораш ба қасди хароб кардани хонаи Худо ба наздикии Макка расиданд, Абдулмуталлиб Қурайшро ба муқобила бо сипоҳи Абраҳа фаро хонд. Аммо онҳо зери бор нарафтанд ва бар сари кӯҳҳо гурехтанд. Абдулмуталлиб бошад хонаи Худоро тарк накард ва Худоро мухотаб сохта чунин суруд:

Худовандо! Ҳар бандае аз хонаи худ дифоъ мекунад, пас ту ҳам аз аҳли хонаи худ дифоъ кун ...

Баъд аз ин ки Худованд Абраҳа ва сипоҳиёнашро ҳалок кард, Абдулмуталлиб зимни ашъоре (ки қаблан зикраш гузашт) чунин гуфт:

***Инна лилбайти лараббан монеъан***

***Ман юридҳу биасомин ясталим...***[1]

Дар ҳамин сол буд, ки наберааш Хотами Паёмбарон(с) ба дунё омад, ки ӯро гирифт ва бо худ ба даруни Каъба бурд ва зимни сурудае (ки пештар бо тарҷума овардем) гуфт:

***Анталлазӣ сумийта фил Фурқони***

***Фи кутубин собитатил масонӣ***

***Аҳмада мактубун ъалал лисони***[1].

---

[1] اِنَّ لِلبَيتِ لَرَبًّا مانِعاً      مَن يُرِدهُ بأثامٍ يَصطلِم.

Абдулмуталлиб мустаҷобуддуо буд ва замоне, ки бар Қурайш борон намеборид, аз ӯ мехостанд то дуо кунад. Ӯ низ аз Худо дархости борон мекард ва Худо низ борони фаровоне бар онҳо ато мефармуд. Дар охирин бор ба ҳамроҳи Паёмбари Худо(с), ки кӯдаки камсинну соле буд, барои талаби борон берун шуд. Ҳанӯз мардумон аз макони худ ҳаракат накарда буданд, ки борони селосо бар онҳо боридан гирифт. Абдулмуталлиб корҳоеро суннат ниҳод, ки Ислом онҳоро тасдиқ ва собит намуд, монанди:

1-Вафо кардан ба назр; дар сураҳои Инсон, ояти 7[2] ва Ҳаҷ, ояти 29[3].

2-Манъи издивоҷ бо ашхоси маҳрам; сураи Нисо, ояти 23.[4]

3-Буридани дасти дузд; сураи Моида, ояти 38.[5]

---

[1] أنتَ الَّذِي سُمِّيتَ فِي الفُرقانِ     فِي كُتُبٍ ثابتَةِ المَبانِ
احمَدَ مَكتُوبٌ عَلى اللِسانِ.

[2] Сураҳои Инсон, ояи 7;

يُوفُونَ بِالنَّذْرِ وَيَخَافُونَ يَوْماً كَانَ شَرُّهُ مُسْتَطِيراً {7}

[3] ва Ҳаҷ, ояи 29.

ثُمَّ لْيَقْضُوا تَفَثَهُمْ وَلْيُوفُوا نُذُورَهُمْ وَلْيَطَّوَّفُوا بِالْبَيْتِ الْعَتِيقِ {29}

[4] Сураи Нисо, ояи 23.
حُرِّمَتْ عَلَيْكُمْ أُمَّهَاتُكُمْ وَبَنَاتُكُمْ وَأَخَوَاتُكُمْ وَعَمَّاتُكُمْ وَخَالاَتُكُمْ وَبَنَاتُ الأَخِ وَبَنَاتُ الأُخْتِ وَأُمَّهَاتُكُمُ اللاَّتِي أَرْضَعْنَكُمْ وَأَخَوَاتُكُم مِّنَ الرَّضَاعَةِ وَأُمَّهَاتُ نِسَآئِكُمْ وَرَبَائِبُكُمُ اللاَّتِي فِي حُجُورِكُم مِّن نِّسَآئِكُمُ اللاَّتِي دَخَلْتُم بِهِنَّ فَإِن لَّمْ تَكُونُواْ دَخَلْتُم بِهِنَّ فَلاَ جُنَاحَ عَلَيْكُمْ وَحَلاَئِلُ أَبْنَائِكُمُ الَّذِينَ مِنْ أَصْلاَبِكُمْ وَأَن تَجْمَعُواْ بَيْنَ الأُخْتَيْنِ إَلاَّ مَا قَدْ سَلَفَ إِنَّ اللّهَ كَانَ غَفُوراً رَّحِيماً {23}

[5] Сураи Моида, ояи 38.
وَالسَّارِقُ وَالسَّارِقَةُ فَاقْطَعُواْ أَيْدِيَهُمَا جَزَاء بِمَا كَسَبَا نَكَالاً مِّنَ اللّهِ وَاللّهُ عَزِيزٌ حَكِيمٌ {38}

4-Наҳй аз зиндабагӯр кардани духтарон; сураҳои Таквир, ояти 8,[1] Анъом, ояти 151[2] ва Исро, ояти 3.[3]

5-Мамнуияти шароб; сураи Моида, оятҳои 90 ва 91.[4]

6-Мамнуияти зино; сураҳои Фурқон, ояти 68,[5] Мумтаҳина, ояти 12[6] ва Исро, ояти 32.[7]

7-Пешгирӣ аз тавофи урён ба гирди Каъба. Паёмбари Худо[(с)] дар соли нӯҳуми ҳиҷрӣ, он вақт ки писари амакаш Алӣ[(а)]-ро ба қироати оёти оғозини сураи Бароат барои ҳоҷиён маъмур кард, муқаррар

---

[1] Сураҳои Таквир, ояи 8;

وَإِذَا الْمَوْؤُودَةُ سُئِلَتْ {8}

[2] Анъом, ояи 151;

قُلْ تَعَالَوْاْ أَتْلُ مَا حَرَّمَ رَبُّكُمْ عَلَيْكُمْ أَلاَّ تُشْرِكُواْ بِهِ شَيْئاً وَبِالْوَالِدَيْنِ إِحْسَاناً وَلاَ تَقْتُلُواْ أَوْلاَدَكُم مِّنْ إمْلاَقٍ نَّحْنُ نَرْزُقُكُمْ وَإِيَّاهُمْ وَلاَ تَقْرَبُواْ الْفَوَاحِشَ مَا ظَهَرَ مِنْهَا وَمَا بَطَنَ وَلاَ تَقْتُلُواْ النَّفْسَ الَّتِي حَرَّمَ اللّهُ إِلاَّ بِالْحَقِّ ذَلِكُمْ وَصَّاكُمْ بِهِ لَعَلَّكُمْ تَعْقِلُونَ {151}

[3] ва Исро, ояи 3.

ذُرِّيَّةَ مَنْ حَمَلْنَا مَعَ نُوحٍ إِنَّهُ كَانَ عَبْداً شَكُوراً {3}

[4] Сураи Моида, ояҳои 90 ва 91.

يَا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُواْ إِنَّمَا الْخَمْرُ وَالْمَيْسِرُ وَالأَنصَابُ وَالأَزْلاَمُ رِجْسٌ مِّنْ عَمَلِ الشَّيْطَانِ فَاجْتَنِبُوهُ لَعَلَّكُمْ تُفْلِحُونَ {90} إِنَّمَا يُرِيدُ الشَّيْطَانُ أَن يُوقِعَ بَيْنَكُمُ الْعَدَاوَةَ وَالْبَغْضَاء فِي الْخَمْرِ وَالْمَيْسِرِ وَيَصُدَّكُمْ عَن ذِكْرِ اللّهِ وَعَنِ الصَّلاَةِ فَهَلْ أَنتُم مُّنتَهُونَ {91}

[5] Сураҳои Фурқон, ояи 68;

وَالَّذِينَ لَا يَدْعُونَ مَعَ اللَّهِ إِلَهاً آخَرَ وَلَا يَقْتُلُونَ النَّفْسَ الَّتِي حَرَّمَ اللَّهُ إِلَّا بِالْحَقِّ وَلَا يَزْنُونَ وَمَن يَفْعَلْ ذَلِكَ يَلْقَ أَثَاماً {68}

[6] Мумтаҳина, ояи 12;

يَا أَيُّهَا النَّبِيُّ إِذَا جَاءكَ الْمُؤْمِنَاتُ يُبَايِعْنَكَ عَلَى أَن لَّا يُشْرِكْنَ بِاللَّهِ شَيْئاً وَلَا يَسْرِقْنَ وَلَا يَزْنِينَ وَلَا يَقْتُلْنَ أَوْلَادَهُنَّ وَلَا يَأْتِينَ بِبُهْتَانٍ يَفْتَرِينَهُ بَيْنَ أَيْدِيهِنَّ وَأَرْجُلِهِنَّ وَلَا يَعْصِينَكَ فِي مَعْرُوفٍ فَبَايِعْهُنَّ وَاسْتَغْفِرْ لَهُنَّ اللَّهَ إِنَّ اللَّهَ غَفُورٌ رَّحِيمٌ {12}

[7] ва Исро, ояи 32.

وَلاَ تَقْرَبُواْ الزِّنَى إِنَّهُ كَانَ فَاحِشَةً وَسَاء سَبِيلاً {32}

дошт то ин мавзӯъро ӯ бо овози баланд ба онҳо расонад.

8-Риояти силаи раҳим ва пайванд бо хешовандон; сураи Нисо, ояти 1.[1]

9-Итъоми таом; сураҳои Моида, ояти 89,[2] Балад, ояти 14[3] ва Алҳоққа, ояти 34.[4]

10-Ситамгарӣ нанамудан ва тарки зулм; сураи Иброҳим, ояти 22[5] ва бисёре аз оёти дигар.

Ӯ (Абдулмуталлиб) дар ғори Ҳиро кунҷи хилвате меёфт ва чандин шабро ба ибодати Худо мепардохт, ки ҳамин равишро наберааш Хотами Паёмбарон(с) низ дар

---

[1] Сураи Нисо, ояи 1.

يَا أَيُّهَا النَّاسُ اتَّقُواْ رَبَّكُمُ الَّذِي خَلَقَكُم مِّن نَّفْسٍ وَاحِدَةٍ وَخَلَقَ مِنْهَا زَوْجَهَا وَبَثَّ مِنْهُمَا رِجَالاً كَثِيراً وَنِسَاء وَاتَّقُواْ اللّهَ الَّذِي تَسَاءلُونَ بِهِ وَالأَرْحَامَ إِنَّ اللّهَ كَانَ عَلَيْكُمْ رَقِيباً {1}

[2] Сураҳои Моида, ояи 89;

لاَ يُؤَاخِذُكُمُ اللّهُ بِاللَّغْوِ فِي أَيْمَانِكُمْ وَلَـكِن يُؤَاخِذُكُم بِمَا عَقَّدتُّمُ الأَيْمَانَ فَكَفَّارَتُهُ إِطْعَامُ عَشَرَةِ مَسَاكِينَ مِنْ أَوْسَطِ مَا تُطْعِمُونَ أَهْلِيكُمْ أَوْ كِسْوَتُهُمْ أَوْ تَحْرِيرُ رَقَبَةٍ فَمَن لَّمْ يَجِدْ فَصِيَامُ ثَلاَثَةِ أَيَّامٍ ذَلِكَ كَفَّارَةُ أَيْمَانِكُمْ إِذَا حَلَفْتُمْ وَاحْفَظُواْ أَيْمَانَكُمْ كَذَلِكَ يُبَيِّنُ اللّهُ لَكُمْ آيَاتِهِ لَعَلَّكُمْ تَشْكُرُونَ {89}

[3] Балад, ояи 14;

أَوْ إِطْعَامٌ فِي يَوْمٍ ذِي مَسْغَبَةٍ {14}

[4] ва Ҳоққа, ояи 34.

وَلَا يَحُضُّ عَلَى طَعَامِ الْمِسْكِينِ {34}

[5] Сураи Иброҳим, ояи 22.

وَقَالَ الشَّيْطَانُ لَمَّا قُضِيَ الأَمْرُ إِنَّ اللّهَ وَعَدَكُمْ وَعْدَ الْحَقِّ وَوَعَدتُّكُمْ فَأَخْلَفْتُكُمْ وَمَا كَانَ لِيَ عَلَيْكُم مِّن سُلْطَانٍ إِلاَّ أَن دَعَوْتُكُمْ فَاسْتَجَبْتُمْ لِي فَلاَ تَلُومُونِي وَلُومُواْ أَنفُسَكُم مَّا أَنَاْ بِمُصْرِخِكُمْ وَمَا أَنتُمْ بِمُصْرِخِيَّ إِنِّي كَفَرْتُ بِمَا أَشْرَكْتُمُونِ مِن قَبْلُ إِنَّ الظَّالِمِينَ لَهُمْ عَذَابٌ أَلِيمٌ {22}

пеш гирифта буд. Ӯ ба рӯзи ҷазо эътиқод дошт ва ҳамин амрро низ ба дигарон таблиғ мекард.

Дар Биҳоруланвор, ба санадаш аз имом Ҷаъфари Содиқ аз падараш, аз ҷаддаш аз Алӣ ибни Абӯтолиб(а) аз Расули Худо(с) ривоят шуда аст, ки дар васияташ ба Алӣ(а) фармуд:

Эй Алӣ! Абдулмуталлиб дар даврони ҷоҳилият панҷ суннат барҷо гузошт, ки Худои таоло иҷро ва анҷоми онҳоро дар Ислом муқаррар дошт:

Издивоҷ бо занҳои падарро ҳаром кард ва Худои таоло ин оятро нозил фармуд:

***Ва ло танкиҳӯ мо накаҳа обоукум минан нисоиÊ***

*ÄБо заноне, ки падаронатон ба издивоҷи худ даровардаанд, издивоҷ накунед.*[1]

Абдулмуталлиб ганҷе ёфт, аз панҷ як ҳиссаи онро ҷудо кард ва дар роҳи Худо садақа дод. Худованд низ фармуд;

***Ваъламу аннамо ғанимтум мин шай'ин фаинна лиллоҳи хумсаҳу... Ê***

*ÄБидонед ҳар чиро, ки ба даст меоваред, хумсаш (аз панҷ як ҳиссааш) аз они Худост...*[2]

---

[1] Сураи Нисо, ояи 22.

وَلاَ تَنكِحُواْ مَا نَكَحَ آبَاؤُكُم مِّنَ النِّسَاء ... {22}

[2] Сураи Анфол, ояи 41.

وَاعْلَمُواْ أَنَّمَا غَنِمْتُم مِّن شَيْءٍ فَأَنَّ لِلّهِ خُمُسَهُ ... {41}

Ва вақте чоҳи Замзамро кофт, онро макони обрасонӣ ва обхӯрӣ барои ҳоҷиён қарор дод ва Худованд низ фармуд:

***А ҷаъалтум сиқоятал ҳоҷҷи...*** **Ê**

**Ä** *Об расондан ба ҳоҷиён*...?[1]

Ӯ дияи қатлро сад шутур таъин кард ва Худои азза ва ҷалла ҳамонро низ дар Ислом тасдиқ кард. Собиқан барои тавоф ба гирди хонаи Худо, Қурайш ҳадду меъёре надоштанд. Абдулмуталлиб тавофро ҳафт бор таъин кард ва Худованд ҳамонро дар Ислом тасдиқ кард.

Эй Алӣ! Абдулмуталлиб бутеро намепарастид, гӯшти қурбонишуда барои бутро намехӯрд ва мегуфт: ман ба дини падарам Иброҳим пойбандам.[2]

Нуктаи ҷолиби диққат ин аст, ки ҷӯшиши об аз зери суми шутури Абдулмуталлиб (ки ҳикояти он пештар гуфта шуд) кароматe буд, ки Худованд ба он восила ӯро гиромӣ дошта буд. Ҳамчуноне ки ҷаддаш Исмоилро пеш аз он бо равон шудани оби Замзам дар зери пойи ӯ гиромӣ дошта буд. Худованд ба монанди ин каромат, набераи ӯ Муҳаммади Мустафо(с)-ро гиромӣ дошт, он

---

[1] Сураи Тавба, ояи 19.

أَجَعَلْتُمْ سِقَايَةَ الْحَاجِّ ... {19}

[2] Биҳоруланвор, ҷ. 15, саҳ. 127, ба нақл аз Хисоли Шайх Садуқ, ҷ. 1, саҳ. 150.

гоҳ ки дар ҷанги Табук об аз гирди пайкони (тири камон) он ҳазрат ҷӯшидан гирифт.[1]

Он чи дар ин ҳадис омада аст, ки Абдулмуталлиб панҷ суннат дар ҷоҳилият ниҳод, ки Ислом онҳоро тасдиқ ва таид карда аст, бо он чи ки пеш аз ин овардаем, зиддияте надорад, зеро исботи чизе далел бар набудани чизҳои дигар нест.

## *Фишурдаи баҳс*

Ҳазрати Иброҳим[(а)] ба Исмоил васият намуд, ки сутунҳои шариати ҳанифияашро бо таъмири Байтуллоҳилҳаром ва иқомаи маносики ҳаҷ барпо дорад. Исмоил дар саросари зиндагониаш васияти падарро пос дошт, то ин ки дар Макка чашм аз олам пӯшид ва дар канори модараш (Ҳоҷар) ва бархе аз фарзандонаш дар Ҳиҷри Исмоил ба хок супурда шуд.[2]

Худованд барои фарзандони Яъқуби писари Исҳоқ, ки ба Исроил маъруф буд, аҳкоми хосе низ муқаррар фармуд, ки дар шариати ҳазрати Мӯсо ва Исо[(а)] зикри он гузашт.

Пас аз ҳазрати Исо Давраи фатрати расулон оғоз гардид. Яъне Худои таоло дар ин муддат паёмбари башоратдиҳанда ва бимдиҳанда ба сӯи мардум нафиристод, ҷуз анбиёе, ки ба ҳидояти бархе аз мардум бархоста онҳоро ба амал ба шариати Исо фаро

---

1 Биҳоруланвор, ҷ. 21, саҳ. 235, ба нақл аз Хароиҷ, саҳ. 189, дар боби Ғазваи Табук.

2 Мурочиат кунед: Ду мактаб дар Ислом, ҷ. 1, саҳ. 82 ва 85. Маъолимулмадрасатайн, чопи чорум, ҷ. 1, саҳ. 60 ва 64.

хондаанд, монади Холид ибни Синон ва Ҳанзала, ки аз ҷумлаи авсиё бар шариати ҳазрати Исо будаанд.

Аммо дар Уммулқуро (Макка) ва атрофаш бузургоне аз наберагони ҳазрати Исмоил (яке пас аз дигаре) ба барпо доштани шариати ҳанифияи Иброҳим ва суннатҳои он ҳазрат бархостаанд, ки инак ба таври фишурда ба шиносонидани бархе аз эшон мепардозем.

### 1-Илёс - писари Музир

Илёси писари Музар бар дудмони Исмоил(а), ки сунатҳо ва равиши бародаронашонро тағир дода буданд, барошуфт. Ӯ аз нав ба барпоии онҳо пардохт то он гоҳ, ки ҳамаи онҳо монанди ҳолати аввалия ва пеш аз таҳрифашон мавриди амал қарор гирифтанд. Илёс нахустин касе аст, ки бо худ шутури қурбонӣ ба Макка бурд ва низ аввалин касест, ки баъд аз ҳазрати Иброҳим рукнро бино ниҳод.

### 2-Хузайма ибни Мудрика набераи Илёс

Хузайма мегуфт: замони хуруҷи паёмбаре ба номи Аҳмад аз Макка наздик гашта аст. Ӯ (Расули Худо(с)) мардумонро ба Худо, ба некиву эҳсон ва ба макоримулахлоқ даъват мекунад. Ӯро пайравӣ кунед ва рад нанамоед, ки он чиро биёварад, ҳақ аст.

### 3-Каъб ибни Луай

Каъб аз наберагони Хузайма буд. Ӯ дар мавсими ҳаҷ хутба мехонд ва мегуфт: осмон, замин ва ситорагон беҳуда офарида нашудаанд ва рӯзи растохез пеши рӯи

шумост. Ӯ ба ин васила мардумро ба ахлоқи писандида ва эҳтироми Байтуллоҳилҳаром фаро мехонд ва ононро огоҳ мекард ба ин ки охирини паёмбарон аз хонаи Худо мабъус хоҳад шуд ва ин матлабро Мӯсо ва Исо(а) иттилоъ додаанд ва месуруд:

***Ъало ғафлатин йа'тин набиййу Муҳаммадун***
***Фаяхбуру ахборан садӯқан хабӣруҳо***[1]

***Ногаҳон Муҳаммад Паёмбар(с) меояд ва он ростгӯ хабарҳое медиҳад.***

Ва мегуфт: эй кош даъват ва беъсаташро дарк мекардам.

### 4-Қусай

Баъд аз ин ки раиси қабилаи Хузоа бутпарастиро дар Макка ривоҷ дод, Қусай (аз насли Ҳазрати Исмоил) ба ҷанги эшон бархост ва онҳоро аз Макка берун кард. Ӯ бутпарастиро манъ намуд ва суннати Иброҳимро дар итъоми меҳмонон аз нав барқарор сохт. Вай пеш аз фаро расидани мавсими ҳаҷ дар миёни қабилаи Қурайш бархост ва зимни хутбае гуфт:

Эй гурӯҳи Қурайш! Шумо ҳамсоягони Худо, аҳли хона ва ҳарами ӯ ҳастед ва ҳоҷиҳо меҳмонони Худо ва зиёраткунандагони хонаи ӯ ҳастанд ва дар эҳтирому такрим сазовортарини меҳмонон мебошанд. Пас дар айёми ҳаҷ то он гоҳ ки аз диёри шумо ба хонаҳои худ бозгарданд, ба эшон хӯрок ва нӯшиданӣ фароҳам кунед, ки агар дороии ман кифояти ҳамаи ононро

---

1 عَلى غَفلَةٍ يَأتِي النَّبيُّ مُحَمَّدٌ فَيَخبُرُ أخباراً صَدُوقاً خَبيرُها.

мекард, танҳо ва бидуни шумо ба анҷоми он иқдом мекардам. Бино бар ин ҳар кадом аз шумо қисмате аз молашро барои ин кор ихтисос диҳад.

Қурайш фармон бурд ва моли фаровоне гирд омад. Вақте замони омадани ҳоҷиён фаро расид, бар сари ҳар як аз роҳҳои Макка шутуре кушт ва дар Макка низ чунон кард ва маҳаллеро интихоб намуд ва дар он ҷо гӯшту нон ва хӯрок гузошт ва оби ширину гуворо ва дӯғ барои ҳоҷиҳо муҳайё намуд. Ӯ нахустин касе буд, ки дар Муздалифа оташ барафрӯхт, то шабҳангом, ки ҳоҷиҳо аз Арафот берун мешуданд, роҳашонро гум накунанд. Вай барои хонаи Худо калид ва (шахсеро) пардадор таъин кард ва хонаи писараш Абдуддорро ба унвони Доруннудва (Маҷлиси шӯро) қарор дод, тавре ки Қурайш ҳеҷ тасмимеро ҷуз дар он ҷо намегирифт. Ӯ ҳангоми марг ба фарзандонаш васият кард, ки аз шароб бипарҳезед.

## 5-Абдуманоф

Пас аз Қайс писараш Абдулманоф, ки номаш Муғайра буд, ба ҷои ӯ бархост ва Қурайшро ба парҳезкорӣ, тақвои Худои таоло ва силаи раҳим супориш фармуд.

## 6-Ҳошим

Пас аз Абдуманоф писараш Ҳошим ҷои ӯро гирифт ва ба пайравӣ аз суннат ва равиши Қайс дар даъвати Қурайш барои пазироӣ аз ҳоҷиҳо бархост. Ӯ дар хутбааш мегуфт:

Меҳмонони Худо ва зиёраткунандагони хонаи ӯро гиромӣ бидоред, ки ба Парвардигори он хона агар худам моле доштам, ки кифояти хароҷоти ононро мекард аз кӯмаки шумо бениёз будам. Ман аз моли ҳалол ва поки худам, ки дар он қатъи раҳиме ба амал наомада аст, ба ситам чизе гирифта нашуда ва ҳаромӣ дар он дохил нагардида аст, (барои хароҷоти ҳоҷиҳо) маблағеро ҷудо мекунам ва ҳар кас ҳам, ки бихоҳад чунон кунад маблағеро ҷудо намояд. Шуморо ба ҳаққи ин хона савганд медиҳам, ки ҳеҷ як аз шумо ба хотири гиромидошти зиёраткунандагони Байтуллоҳ ва тақвияти эшон молеро арза накунад, магар поку ҳалоли онро, ки на ба ситам гирифта шуда бошад ва на қатъи раҳиме ва на ба зӯр ва ғасб. Қурайш ҳам дар ин маврид диққат ба харҷ дода амволро дар Доруннадва қарор доданд.

Ҳамон тавр ки мебинем кори Ҳошим шабеҳи кори анбиё дар ба даст овардани хушнудии Худои таоло аст. Ӯ на ба хотири касби шӯҳрат ва на ба ҷиҳати саногӯии дигарон барои худ ва қавмаш, даст ба ин корҳо мезад, он гуна, ки равиши арабҳои ҷоҳилӣ дар он замон буд.

Иқдоми ӯ дар барномарезӣ барои корвонҳои тиҷоратии Қурайш низ, ки дар миёни кӯҳҳо ва сарзаминҳои беобу гиёҳ зиндагӣ мекарданд ва ба ҷуз шир роҳи дигаре барои гузаронидани рӯзи худ надоштанд, аз ҳамин қабил буда аст.

Ҳошим дар корҳояш монанди дигар анбиё ва паёмбарон чашми бино ва мағзи мутафаккири қавмаш, дар маоши дунявӣ ва маоди ухравии эшон буда аст.

## 7-Абдулмуталлиб - писари Ҳошим

Ӯ ба тавҳид иқрор буд ва ба расидан ба подоши ҳар коре дар дунё ва охират имон дошт. Вай худопараст ва худошиноси давраи ҷоҳилият буд. Ӯ чоҳи Замзамро кофт.

Абдулмуталлиб марди мустаҷобуддаъват буд. Дуо мекард, ки борон биборад ва Худованд дуояшро иҷобат мефармуд. Ӯ хабар дод, ки Худованд Паёмбар(с)-ро дар китобҳои осмонӣ ***Аҳмад*** номида ва Худоро (дар силсилаи падаронаш аз замони ҳазрати Иброҳим) ҳуҷҷате буда аст, ки бадиҳоро ба хотири ӯ бартараф месохта аст.

Абдулмуталлиб чанд суннатҳое бино ниҳод, ки Ислом онҳоро тасдиқ ва тасбит карда аст. Дар Таърихи Яъқубӣ аз Расули Худо(с) (ба таври хулоса) омада аст:

Худованд дар рӯзи қиёмат бобои ман Абдулмуталлибро уммати воҳидае ба симои паёмбарон мабъус мефармояд.[1]

Пештар дар сираи ӯ дидем, ки аз фарзандон ва қавмаш паймон гирифт, ки чун паёмбари Худо(с) ба рисолат барангехта шавад ӯро ёрӣ диҳанд, ҳамчунон ки дигар анбиё бо қавми хеш ҳамин рафторро доштаанд.

---

[1] Таърихи Яъқубӣ, ҷ. 2, саҳ. 12; Биҳоруланвор, ҷ. 15, саҳ. 157, ба нақл аз Кофӣ, ҷ. 1, саҳ. 446 ва 447. Аз имом Содиқ(а) омада аст, ки фармуд: Абдулмуталлиб ба сурати уммати воҳидае маҳшур мешавад, дар ҳоле ки симои паёмбарон ва ҳайъати подшоҳон бар ӯ аст.

## *Абдуллоҳ падар ва Абӯтолиб амаки Расули Худо(с)*

### Абдуллоҳ падари Хотамуланбиё(с)

Модари Абдуллоҳ ва Абӯтолиб, Фотима духтари Амр ибни Оиз ибни Имрони Махзумӣ буда аст.[1] Абдуллоҳ хурдтарин фарзанди хонадон ба ҳисоб мерафт.

Он гуна ки аз ахбори сира бармеояд, Руқайя духтари Нӯфал, ки аз бародараш Варақа ибни Нӯфал хабари беъсати Паёмбари Худо(с)-ро шунида буд, худро ба Абдуллоҳ (пеш аз издивоҷаш бо Оминаи модари Паёмбар(с)) арза карда буд. Аммо Абдуллоҳ ба ӯ эътиное накарда бо ӯ издивоҷ нанамуд ва хостаашро баровarda насохт. Руқайя низ баъд аз издивоҷи Абдуллоҳ бо Омина ба ӯ эътирозе накард. Абдуллоҳ ба ӯ гуфта буд: чаро он чиро ки дирӯз аз ман мехостӣ (яъне издивоҷ бо манро) имрӯз намехоҳӣ? Руқайя дар посухи Абдуллоҳ гуфта буд: нуре, ки дирӯз ҳамроҳи худ доштӣ, аз ту ҷудо шуда аст.

Дар ривояти дигаре монанди ҷараёни боло бо зани дигаре омада аст ва ӯ гуфта буд:

Абдуллоҳ дар ҳоле ки байни ду чашмонаш нури сафед, чун сафедии пешонии асп медурахшид, аз баробари он зан гузашта буд.[2]

---

[1] Сираи Ибни Ҳишом, ҷ. 1, саҳ. 120.

[2] Ҳамон, ҷ. 1, саҳ. 169 ва 170.

Аз ахбори Абдуллоҳ, падари Паёмбари гиромии Ислом(с) ба ҳамин миқдор басанда карда, ба хости Худо ба зикри шахсияти Абӯтолиб, амак ва сарпарасти он ҳазрат мепардозем.

## 2-Абӯтолиб, сарпарасти Паёмбар(с) ва ёвари Ислом

### 1-Номи Абӯтолиб:

Дар Муруҷуззаҳаб омада аст:

"Дар номи Абӯтолиб ихтилоф аст, бархе иддао мекунанд, ки номаш Абдуманоф аст (ҳамон тавр ки мо қаблан баён доштаем) ва гурӯҳе низ мӯътақиданд, ки ҳамон кунияи вай номи ӯ аст. Ба далели ин ки Алӣ ибни Абӯтолиб (разияллоҳу анҳу) ҳангоме ки ба имлои Паёмбар(с) барои яҳудиёни Хайбар нома менавишт, дар поёни нома бо нанавиштани ҳарфи "алиф"-и ибни (дар хатти арабӣ) байни номи худаш ва Абитолиб навишта аст: "*ва катаба Ъалий бин Абитолиб*". Пас маълум мешавад, ки Абӯтолиб ном аст на куния.[1]

Абдулмуталлиб супориши Паёмбар(с)-ро ба Абӯтолиб, дар зимни шеъре чунин баён карда аст:

***Авсайту ман канайтаҳу битолибин***
***Бибнил лазӣ қад ғоба лайса оибин***

---

[1] Яке аз қоидаҳои имлои забони арабӣ он аст, ки ҳамзаи калимаи "ибн" вақте, ки байни ном ва номи падар қарор бигирад, навишта намешавад: монанди Алҳасан бин Алӣ(а). Дар ин ҷо низ ҳамзаи "ибн" байни Алӣ ва Абитолиб навишта нашуда аст: Алӣ бин Абитолиб. Ин нишон медиҳад, ки Абутолиб ном аст, на куния.

Ман ба он кас, ки "Толиб"-аш куния додаам, дар бораи писари он касе, ки рафту бори дигар нахоҳад баргашт, ба ӯ супориш кардаам.

## 2-Сира ва равиши Абӯтолиб:

Дар Таърихи Яъқубӣ (ба таври хулоса) омада аст:

Абдулмуталлиб дар васияти худ, ҳукумат ва умури Каъбаро ба ӯҳдаи писараш Зубайр қарор дод ва сиқояти (соқигии) Замзам ва сарпарастии Расули Худо(с)-ро бар ӯҳдаи Абӯтолиб ниҳод. Ҳангоме ки Абдулмуталлиб чашм аз ҷаҳон фурӯ баст, Паёмбари Худо(с) ҳаштсола буд.[1]

Дар Сираи Ҳалабия омада аст:

"Сиқоят ба ин гуна буд, ки ҳавзҳое аз чармро канори девори Каъба қарор дода буданд ва пеш аз кофтани Замзам оби гуворо аз чоҳҳои дигар, дар зарфҳо ва машкҳо пур карда ва бар пушти шутурон меоварданд ва дар он ҳавзҳо мерехтанд. Дар он ҷо хурмо ва ширааи ангур барои хӯрдану нӯшидани ҳоҷиён дар айёми ҳаҷ қарор медоданд. Ин вазъият одатан то бозгашти ҳоҷиён идома дошт.

Ин обрасонӣ ва пазироӣ аз ҳоҷиён пас аз Абдуманоф ба писараш Ҳошим, пас аз ӯ ба писараш Абдулмуталлиб, баъд аз даргузашти вай ба писараш Абӯтолиб расид. Абӯтолиб ба анҷоми он корҳо камари ҳиммат баст, то он гоҳ ки фақру нодорӣ гиребони Абӯтолибро гирифт. Ба ин сабаб аз бародараш Аббос

---

[1] Таърихи Яъқубӣ, чопи Бейрут, ҷ. 2, саҳ. 13.

даҳ ҳазор дирҳам то айёми ҳаҷҷи соли оянда қарз гирифт ва ҳамаро дар роҳи обрасонӣ ба ҳоҷиён, дар ҳамон сол сарф кард.

Чун соли дигар фаро расид, Абӯтолиб чизе надошт то қарзи худро ба Аббос пардохт намояд. Ӯ ба бародараш гуфт: чаҳордаҳ ҳазор дирҳами дигар ба ман қарз деҳ, то соли дигар ҳамаи қарзро якҷоя бароят баргардонам. Аббос ба ӯ гуфт: медиҳам, аммо ба ин шарт, ки агар онро напардохтӣ, аз обрасонии ҳоҷиён чашмпӯшӣ кунӣ ва он вазифаро ба ман вогузор намоӣ. Абӯтолиб пазируфт. Соли баъд ҳам расид ва ин бор ҳам Абӯтолиб чизе надошт, то ба бародараш Аббос пардохт намояд. Ин буд, ки вазифаи сиқоят ва обрасонии ҳоҷиёнро ба Аббос вогузор намуд. Сиқоят баъд аз Аббос ба писараш Абдуллоҳ расид ва ҳамин тавр дар дасти фарзандони Аббос ибни Абдулмуталлиб даст ба даст мегашт, то замони Саффоҳи Аббосӣ, ки аз он таърих ба баъд Бани Аббос онро раҳо карданд”.[1]

Дар Таърихи Яъқубӣ омада аст:

Алӣ ибни Абӯтолиб фармуд:

***Абӣ сода фақиран, ва мо сода фақирун қаблаҳу.***

*Падарам дар айни фақр ва нодорӣ**,** сарварӣ ва пешвоӣ кард ва пеш аз ӯ ҳеҷ фақире ба сарварӣ ва пешвоӣ нарасида буд.*[2]

---

[1] Сираи Ҳалабия, ҷ. 1, саҳ. 14, Сираи Набавия, ҷ. 1, саҳ. 16 ва Ансобул ашроф, ҷ. 1, саҳ. 57.

[2] Таърихи Яъқубӣ, чопи Бейрут, ҷ. 2, саҳ. 14.

### 3-**Ақида ва имони Абӯтолиб**:

Дар Муруҷуззаҳаб омада аст:

“Абӯтолиб бештар аз ҳамаи гузаштагон ва ҳамасрони худ ба офаринандаи ҷаҳон иқрор дошт ва бар ин ақида побарҷо буд ва барои вуҷуди холиқи ҳастӣ далелу бурҳон меоварад”.[1]

Дар баҳсҳое, ки дар пеш дорем, ба хости Худо дар ин замина бештар сухан хоҳем гуфт. Он чиро ки то ба ин ҷо овардем ахборе аз сираи хоси Абӯтолиб буд ва мо ба хости Худо зимни баррасии ахбори сираи Паёмбари Худо(с) дар аҳди Абӯтолиб, сира ва равиши ӯ дар роҳи нигаҳдорӣ ва муҳофизат аз Расули Худо(с) ва дифоъ аз вай ва аз ақоиди исломро мавриди баҳс ва баррасӣ қарор хоҳем дод.

## *Натиҷагирӣ*

Ҳазрати Исмоил, набӣ, расул ва васӣ бар шариати ҳанифаи Иброҳим дар Ҷазиратулараб буд. Пас аз ӯ ва дар замони фатрати фиристодани башоратдиҳандагон ва бимдиҳандагони баъд аз ҳазрати Исо(а), бархе аз анбиё ва авсиё мубаллиғи шариати ҳазрати Исо(а) дар миёни қавми худ буданд, монанди Ҳанзала, Холид ва роҳибоне, ки Салмони Форсӣ назди онҳо шогирдӣ карда буд.

Дар Уммулқуро, яъне Макка низ аҷдоди Паёмбар(с)-ро (бузурге пас аз бузарге дигар) меёбем, ки дар

---

[1] Муруҷуз заҳаб ҷ. 2, саҳ. 109.

таъмири хонаи Худо, эҳтимом ба барпо доштани маросими ҳаҷ, пазирои̅, ғизо додан, расидидагӣ ба умури зиёраткунандагони Байтуллоҳ, расондани об ба меҳмонони Худо то поёни маросими ҳаҷ, иқтидо ба суннати Иброҳим[a] кардаанд. Иқдоми онон дар пазирои̅ аз зиёраткунандагони Байтуллоҳилҳаром ва маросими ҳаҷ, на ба хотири касби ифтихор ва шахсият барои худ ва ё қавм ва қабилаашон буда аст, балки дар сояи он хушнудии Худоро мехостаанд. Ба ҳамин ҷиҳат буд, ки дар инфоқ барои таъмини хароҷоти он зиёфат шарт мекарданд, ки аз моли ҳаром набошад. Ин дар ҳоле аст, ки Худои таоло аз мушрикон чунин хабар дода аст:

***Валлазӣна юнфиқӯна амволаҳум риоан носи ва ло йу'минӯна биллоҳи ва ло билйавмил охири... Ê***

*ÄКасоне, ки амволи худро барои нишон додан ба мардум, инфоқ мекунанд ва ба Худованд ва рӯзи ҷазо имон намеоваранд...*[1]

Он бузургворон мардумро аз қиёмат ва натиҷаи аъмолашон бим медоданд, дар ҳоле ки мебинем Худои таоло аз мушрикони асри ҷоҳилият ва сухани эшон чунин хабар медиҳад:

***Ва қолу мо ҳия илло ҳаётунад дунё намӯту ва наҳё ва мо юҳликуно иллад даҳру... Ê***

---

[1] Сураи Нисо, ояи 38.

وَالَّذِينَ يُنفِقُونَ أَمْوَالَهُمْ رِئَـاء النَّاسِ وَلاَ يُؤْمِنُونَ بِاللّهِ وَلاَ بِالْيَوْمِ الآخِرِ ... {38}

***Ä*(Мушрикон) Гуфтанд: ҳаёте нест магар ҳамин зиндагонии дунявии мо, мемирему зинда мешавем ва моро ҳалок намекунад, магар гузашти айём...**[1]*

***Ва қолӯ ин ҳия илло ҳаётунад дунё ва мо наҳну бимабъӯсӣн Ê***

***Ä*Ва (мушрикон) Гуфтанд: ҳеҷ чизе вуҷуд надорад, магар ҳамин зиндагии дунявии мо ва мо аз мабъусшудагон нахоҳем буд.**[2]*

***...Ва лаин қулта иннакум мабъӯсӯна мин баъдил мавти лаяқӯланнал лазӣна кафарӯ ин ҳозо илло сиҳрун мубӣн Ê***

***Ä*...Ва агар бигӯӣ шумо баъд аз марг зинда хоҳед шуд, кофирон гӯянд: ин ҷуз ҷодуе ошкор намебошад.**[3]*

Ва монанди ин оёт дар сураи Исро, оёти 49 ва 97, сураи Мӯъминун, оёти 37 ва 82, сураи Соффот, ояти 16 ва сураи Воқеа, ояти 47 низ омада аст.

Ва дар сураи Ёсин, оёти 78-79 мефармояд:

---

[1] Сураи Ҷосия, ояи 24.

وَقَالُوا مَا هِيَ إِلَّا حَيَاتُنَا الدُّنْيَا نَمُوتُ وَنَحْيَا وَمَا يُهْلِكُنَا إِلَّا الدَّهْرُ ... {24}

[2] Сураи Анъом, ояи 29.

وَقَالُواْ إِنْ هِيَ إِلاَّ حَيَاتُنَا الدُّنْيَا وَمَا نَحْنُ بِمَبْعُوثِينَ {29}

[3] Сураи Ҳуд, ояи 7.

... وَلَئِن قُلْتَ إِنَّكُم مَّبْعُوثُونَ مِن بَعْدِ الْمَوْتِ لَيَقُولَنَّ الَّذِينَ كَفَرُواْ إِنْ هَـذَا إِلاَّ سِحْرٌ مُّبِينٌ {7}

> ***Ва зараба лано масалан ва насия халқаҳу, қола ман юҳйил ъизома ва ҳия рамӣм. Қул юҳйиҳал лазӣ аншааҳо аввала марратин ва ҳува бикулли халқин ъалӣм*** **Ê**
>
> **Ä** *Барои мо масале зад ва хилқати хешро аз ёд бурд ва гуфт: чӣ касе зинда мекунад устухонҳоеро, ки пӯсидаанд?! Бигӯ: зинда мекунад онҳоро ҳамон кас, ки бори аввал онҳоро офарид ва ӯ ба ҳар гуна офаринише доно аст.*[1]

Ин ҷоҳилон ҳамон гуна ки Худои таоло дар сураи Воқеа, оёти 46 - 48 васф карда аст, чунин ҳастанд:

> ***Ва конӯ юсиррӯна ъалал ҳинсил ъазӣм. Ва конӯ яқӯлӯна а'изо митно ва кунно туробан ва ъизоман аинно ламабъӯсӯн. Ава обоунал аввалӯн*** **Ê**
>
> **Ä** *Ва бар гуноҳи бузург исрор меварзиданд ва мегуфтанд: ҳангоме, ки мурдем ва хоку устухон шудем, оё мо аз мабъусшудагон хоҳем буд?! Оё падарони гузаштаи мо ҳам (зинда хоҳанд шуд)?!*[2]

Аз ҷумла корҳое, ки аҷдоди Паёмбари Худо(с) (бузурге баъд аз бузурги дигар) ба он мепардохтанд, мухолифати он бо роҳ ва равиши муҳиташон буда аст,

---

1 Сураи Ёсин, оёти 78-79.

وَضَرَبَ لَنَا مَثَلاً وَنَسِيَ خَلْقَهُ قَالَ مَنْ يُحْيِي الْعِظَامَ وَهِيَ رَمِيمٌ {78} قُلْ يُحْيِيهَا الَّذِي أَنشَأَهَا أَوَّلَ مَرَّةٍ وَهُوَ بِكُلِّ خَلْقٍ عَلِيمٌ {79}

2 Сураи Воқеа, оёти 46 -48.

وَكَانُوا يُصِرُّونَ عَلَى الْحِنثِ الْعَظِيمِ {46} وَكَانُوا يَقُولُونَ أَئِذَا مِتْنَا وَكُنَّا تُرَاباً وَعِظَاماً أَئِنَّا لَمَبْعُوثُونَ {47} أَوَ آبَاؤُنَا الْأَوَّلُونَ {48}

монанди: манъ будани шаробу зино дар тӯли асрҳо. Ин кор дар ҷомиае сурат мегирад, ки нӯшидани шароб ва зинокорӣ ба суратҳои мухталиф дар миёнашон ривоҷ дошта аст, ба тавре ки дар Макка ва Тоиф, хонаҳои махсусе барои ин гуна афрод вуҷуд дошта аст, ки бар болои боми онҳо парчаме ба ҳамин маъно афрошта буда аст. Ҳамчунин аз зиндабагӯр кардани духтарон сахт наҳй мекарданд, он ҳам дар рӯзгоре, ки Худованд дар сураи Наҳл, оёти 58 ва 59 аз он чунин хабар дода аст:

> ***Ва изо бушшира аҳадуҳум бил унсо залла ваҷҳуҳу мусваддан ва ҳува казӣм. Ятаворо минал қавми мин сӯин мо бушшира биҳи а'юмсикуҳу ъало ҳунин ам ядуссуҳу фит туроб...* Ê**
>
> **Ä** *Ва чун ба яке аз он муждаи валодати духтаре дода шавад, чеҳрааш сиёҳ шуда ва пур аз хашм мегардад. Ва аз бадии он чи ба он мужда дода шуда аст, аз мардум пинҳон мешавад (ва фикр мекунад), ки оё бо хорӣ ӯро нигоҳ дорад ё дар хок пинҳон намояд...*[1]

Оре, онон илова бар он ки корҳои нописандро тарк мекарданд, дигаронро ҳам аз анҷоми он наҳй мекарданд ва бо суннат ва одоби ривоҷёфта дар қавмашон, ки дар сураҳои маккии Қуръон аз онҳо ба риштӣ ёд шуда аст, мухолифат меварзиданд.

---

[1] Сураи Наҳл, оёти 58 ва 59.

وَإِذَا بُشِّرَ أَحَدُهُمْ بِالأُنثَى ظَلَّ وَجْهُهُ مُسْوَدّاً وَهُوَ كَظِيمٌ {58} يَتَوَارَى مِنَ الْقَوْمِ مِن سُوءِ مَا بُشِّرَ بِهِ أَيُمْسِكُهُ عَلَى هُونٍ أَمْ يَدُسُّهُ فِي التُّرَابِ ... {59}

Ҳамчунин ба макоримулахлоқ, ки хоси онҳо буда аст қиём намуда ва мардумро даъват мекарданд. Ҷиҳати итъоми[1] меҳмонони Худо ва ҳуҷҷоҷ,[2] аз пулҳое, ки аз роҳи ҳалол ба даст оварда бошанд, инфоқ[3] мекунанд, он ҳам дар ҷамъияте, ки бар рибо ва касби даромад аз роҳи қимор устувор буд ва низ дуздию яғмо ва гирифтани амвол бо ҳар василае, ки мумкин буд, аз ҳар кас, ки метавонистанд ба яғмо баранд.

Аз ҷанбаи эътиқодӣ низ, таърих нишон надода аст, ки ҳатто яке аз аҷдоди Паёмбар(с) ба буте саҷда кунад, барои буте қурбонӣ кунад, аз буте ёрӣ ҷӯяд, аз буте борон бихоҳад, ба номи буте лаббайки ҳаҷ гӯяд ва ё ба номи буте савганд ёд кунад. Ҳамаи ин дар шароите буд, ки дар ҷомиаи Макка ва дар манотиқи атрофи он пояю асоси ақоид ва боварҳошон бар вуҷуди бутҳо устувор буд ва каломи суханонашон дар атрофи онҳо давр мезада аст.

Инчунин даъвати онҳо аз мардумон низ ба тарс аз иқоби аъмол дар рӯзи қиёмат, дар ҷомиае, ки ақл ва хиради мӯътақидон ба зиндагонии охиратро ба боди масхара мегирифтанд ва таҳқир мекарданд, масъалаи қобили тааммул аст. Ақли солим намепазирад, ки бигӯем ҳамаи корҳои боло аз рӯи тасодуф дар тӯли он қарнҳо, он ҳам дар миёни фарзандони ҳазрати Исмоил(а) то замони Абдулмуталлиб, яъне дар муҳдудаи замонии беш аз панҷсад сол сурат гирифта аст, бошад. Яъне, ин ки силсилаи аҷдоди Паёмбар(с) дар

---

[1] Итъом: хурондан, сер кардан, бо хурок таъмин кардан.

[2] Ҳуҷҷоҷ: ҷамъи ҳоҷӣ, яъне ҳоҷиҳо.

[3] Инфоқ: сарф, харҷ, хароҷот

тӯли он қарнҳо ҳамагӣ ба таври тасодуфӣ ба чунон сифоте васф шуда бошанд. Ин матлабро ҳам бояд афзуд, ки насаби онон аз олудагӣ ба инҳирофоти ахлоқии пок монда аст ва ин покӣ дар замоне буда аст, ки дар Макка ва Тоиф интишори зино ва инҳирофоти ахлоқӣ ба дараҷаи аълои худ расида буд, то он ҷо ки ин ҷониб бо муроҷиат ба китобҳои ансоб ва сира ҳеҷ хонаводаи машҳур ва саршиносеро, ки насаби онҳо аз олудагӣ ва инҳирофи ахлоқӣ пок монда бошад, наёфтам. Ва ин ки ҳамаи инҳо амри тасодуфӣ ва иттифоқӣ бошад, маъқул нест.

Илова бар ҳамаи инҳо бояд иқдоми аҷдоди Паёмбар(с) дар мужда додани қавмашон ба беъсати хотами паёмбарон дар Макка ва номида шудани он ҳазрат дар китобҳои осмонӣ ба номи Муҳаммад ва Аҳмад(с)-ро изофа кард ва ин ки онҳо аз қавми худ хоста буданд, ки вақте он ҳазрат мабъус шуд ӯро тасдиқ карда ба ёрии ӯ бархезанд. Ин кори аҷдоди Паёмбар(с) мутобиқи ин сухани Худои мутаол аст, ки мефармояд:

***Ва из ахазаллоҳу мӣсоқан набиййина ламо отайтукум мин китобин ва ҳикматин сумма ҷоакум расӯлун мусаддиқун лимо маъакум лату'минунна биҳи ва латансуруннаҳу қола а'ақраартум ва ахазтум ъало золикум исрӣ, қолӯ ақрарно, қола фашҳадӯ ва ано маъакум минаш шоҳидӣн Ê***

***Ä****Ва чун Худованд паймони паёмбаронро* ***(****аз мардум****)*** *гирифт****,*** *ки ҳар гоҳ китоб ва ҳикмате ба шумо додам****,*** *сипас паёмбаре ба сӯи шумо омад****,*** *ки*

*дини шуморо тасдиқ мекунад, ҳатман ба ӯ имон оваред ва ӯро ёрӣ кунед. (Он гоҳ Худованд ба паёмбарон) Гуфт: оё иқрор кардед ва бар он паймон гирифтед? Гуфтанд: иқрор намудем. Фармуд: пас гувоҳ бошед ва ман ҳам бо шумо аз гувоҳонам.*[1]

Ва ин расул, ҳамон Муҳаммад ибни Абдуллоҳ(с) аст.

Тамоми он чиро, ки дар бораи ақоиди гузаштагони Паёмбар(с) баён доштем, бештар аз ҳама аз ҷониби Абдулмуталлиб содир шуда аст, монанди ин суханаш, ки ҳангоми таваллуди Паёмбар(с) суруда аст:

*"Ту ҳамонӣ, ки дар Фурқон ва дар китобҳои устувори таҳрифнашуда, бар забон ва навишта, Аҳмад ном гирифтаӣ."*

Ё ин сурудаш, ҳангоме ки Ҳалима ӯро гум карда буд:

*(Парвардигоро!) Ин ту ҳастӣ, ки ӯро Муҳаммад ном ниҳодӣ."*

Ва дар ашъоре, ки баъд аз ҳалоки Абраҳа ва сипоҳиёнаш суруда аст, баён мекунад, ки худ ва падаронаш ҳуҷҷатҳои Худо мебошанд:

*Мо Олуллоҳи гузаштагонем ва аз замони Иброҳим ҳамеша инчунин буда аст.*

*Ҳамеша дар миёни мо ҳуҷҷате аз Худо буда аст, ки ба василаи он балоҳоро аз мо дур мекунад.*

---

[1] Сураи Оли Имрон, ояи 81.

وَإِذْ أَخَذَ اللّهُ مِيثَاقَ النَّبِيِّيْنَ لَمَا آتَيْتُكُم مِّن كِتَابٍ وَحِكْمَةٍ ثُمَّ جَاءكُمْ رَسُولٌ مُّصَدِّقٌ لِّمَا مَعَكُمْ لَتُؤْمِنُنَّ بِهِ وَلَتَنصُرُنَّهُ قَالَ أَأَقْرَرْتُمْ وَأَخَذْتُمْ عَلَى ذَلِكُمْ إِصْرِي قَالُواْ أَقْرَرْنَا قَالَ فَاشْهَدُواْ وَأَنَاْ مَعَكُم مِّنَ الشَّاهِدِينَ {8}

Ин тасодуфӣ нест, ки Ислом, бархе аз суннатҳои Абдулмуталлибро тасдиқ карда аст, зеро ӯ бар миллати Иброҳими ҳаниф буда ва он чиро, ки суннат ниҳода аст, ба пайравӣ аз шариати ӯ буда аст. Ба ҳамин далел суннатҳои Абдулмуталлиб дар Ислом омада аст ва Худои таоло фармуда аст:

***Сумма авҳайно илайка аниттабиъӯ миллата Иброҳима ҳанӣфан... Ê***

***Ä****Он гоҳ бар ту ваҳй кардем,* ***ки (****дар даъват ва худопарастӣ ва тавҳид ва бозкардани маъориф илоҳӣ****)*** *аз оини поки Иброҳим пайравӣ кун****...***[1]

***Қул садақаллоҳ, фаттабиъӯ миллата Иброҳима ҳанӣфан... Ê***

***Ä(****Эй паёмбар****!)*** *Бигӯ сухани Худо рост аст* ***(****на даъвати шумо****),*** *бояд аз оини Иброҳим пайравӣ кунед, ки дини пок ва беолоиш аст****...***[2]

***Ва ман аҳсана дӣнан мимман аслама ваҷҳаҳу лиллоҳи ва ҳува муҳсинун ваттабаъа миллата Иброҳима ҳанӣфан... Ê***

***Ä(****Дар олам****)*** *Кадом дин беҳтар аз он аст,* ***ки*** *мардум худро таслими ҳукми Худо намуда ва сар зери бори фармони ҳақ оваранд ва ҳам некӯкор*

[1] Сураи Наҳл, ояи 123.

ثُمَّ أَوْحَيْنَا إِلَيْكَ أَنِ اتَّبِعْ مِلَّةَ إِبْرَاهِيمَ حَنِيفاً ... {123}

[2] Сураи Оли Имрон, ояи 95.

قُلْ صَدَقَ اللّهُ فَاتَّبِعُواْ مِلَّةَ إِبْرَاهِيمَ حَنِيفاً ... {95}

*бошанд ва пайравӣ аз оини Иброҳими Ҳаниф кунанд***?**[1]

Бино бар ин аҷдоди Паёмбар(с) ҳамаашон бар шариати ҳанифаи Иброҳим будаанд ва бегумон сухани Худои таоло дар ниҳояти сидқ ва ростӣ аст он ҷо, ки дар сураи Шуаро, ояти 219 фармуда аст:

***Ва тақаллубака фис соҷидӣн.*** **Ê**

**Ä** *Худованд ба интиқоли ту дар аҳли суҷуд* **(***ва ба таҳаввулат аз аслоби шомиха ба арҳоми мутаҳҳара***)** *огоҳ аст***.**[2]

Дар тафсири ҳамин оят аз Ибни Аббос ривоят шуда аст, ки гуфт:

Нури Паёмбари Худо(с) дар пушти камари паёмбарон пайваста аз пуште ба пуште мунтақил мешуд, то он гоҳ модараш ӯро таваллуд кард.

Ва Имом Боқир(а) дар тафсири он фармуда аст:

Интиқоли (нур)-и он ҳазрат аз пушти анбиё аз набие ба набии дигар комилан маълум ва ҳувайдо буд, то ин ки Худованд ӯро аз салби падараш ба дунё овард. Ин кор аз замони Одам(а) аз тариқи издивоҷ ва на роҳи ғайри машрӯъ буда аст.

---

[1] Сураи Нисо, ояи 125

**وَمَنْ أَحْسَنُ دِيناً مِّمَّنْ أَسْلَمَ وَجْهَهُ لله وَهُوَ مُحْسِنٌ واتَّبَعَ مِلَّةَ إِبْرَاهِيمَ حَنِيفاً ...** {125}

ва Анъом, ояи 161.

**قُلْ إِنَّنِي هَدَانِي رَبِّي إِلَى صِرَاطٍ مُّسْتَقِيمٍ دِيناً قِيَماً مِّلَّةَ إِبْرَاهِيمَ حَنِيفاً ...** {161}

[2] Сураи Шуаро, ояи 219.

**وَتَقَلُّبَكَ فِي السَّاجِدِينَ** {219}

Ва Амири мӯъминон Алӣ ибни Абӯтолиб[(а)] дар хутбаи 92-и Наҳҷулбалоға дар васфи анбиё фармуда аст:

“Худованд эшонро дар некӯтарин ҷойҳои амн ба амонат ниҳод, дар беҳтари қароргоҳҳо онҳоро қарор дод ва ононро аз салбҳои некӯ ба раҳимҳои пок интиқол дод. Ҳар гоҳ яке аз он дармегузашт, яке дигар аз онон барои таблиғи дини Худо қиём мекард, то ин ки таблиғи дини арҷманди Худованди субҳон ба Муҳаммад[(с)] вогузор гардид. Пас Худованд он ҳазратро аз гиромитарин маъданҳо, некӯтарин салбҳо ва азизтарин шаҷараҳо баркашид, ҳамон шаҷарае, ки дигар паёмбаронро аз он баргирифта ва (умано) ва авсиёашро аз он ҷо баргузида буд. Хонадонаш беҳтарин хонадон, хешовандонаш некӯтарин хешовандон ва шаҷараи ӯ беҳтарини шаҷараҳост, ки дар ҳарами Худо рӯида ва дар каромат ва дар бузургворӣ қад кашида аст”.

Он ҷо ки Амири мӯъминон Алӣ[(а)] мефармояд: “Ҳар гоҳ яке аз онҳо дармегузашт яке дигар аз онҳо барои таблиғи дини Худо қиём мекард, то он гоҳ, ки таблиғи дини арҷманди Худои субҳон...”, худ далеле аст бар пуштисариҳам омадани қиёмкунандагон барои даъвати мардум ба дини Худо ва занҷирвор будани онҳо аз замони Одам[(а)] то паёмбари Хотам[(с)], тавре ки ҳар гиз ҷаҳон аз вуҷуди онҳо холӣ намонд.

Ҳазрати Алӣ[(а)] дар ҷои дигар фармуда аст:

“Замин аз ҳуҷҷате, ки барподорандаи дини Худо бошад холӣ нест, чи ҳувайдою ошкор бошад ё тарсону

пинҳон, то мабодо далелҳо ва ҳуҷҷатҳои Худо нобуд гардад. Онон чанд нафаранд? Дар куҷо ҳастанд? Ба Худо савганд, ки онҳо аз назари шумора андаканд ва аз ҷиҳати қадру манзалат назди Худо басе бузург ва арҷманданд. Худованд оёт ва байиноти худро ба василаи эшон нигаҳдорӣ мекунад, то он гоҳ ки онҳоро ба монанди худашон бисупоранд ва тухми онҳоро дар дилҳои чун худашон бикоранд".[1]

Оре, рубубияти Худои таоло чунин иқтизо дорад, ки дар ҳар аср ва замоне, барои инсонҳо имом ва пешвое қарор диҳад, то бо мурочиат ба ӯ таълимоти дини Худоро аз вай биомӯзанд. Ин амр бояд ба гунае бошад, ки агар онон дар пайи ӯ ва дастёбӣ ба ӯ бикӯшанд, ба масоили дин огоҳӣ ёбанд (ҳамон гуна ки дар талаби ризқ ва рӯзии худ талош мекунанд ва ба он мерасанд). Тасдиқи ин гуфтаҳо мисдоқи сухани Худои таоло аст, ки:

***Валлазӣна ҷоҳадӯ фӣно ланаҳдияннаҳум субулано Ê***

***Ä****Касоне, ки дар роҳи мо талош кунанд ҳатман ба роҳҳои худамон ҳидоятошон мекунем.*[2]

Ҳамон гуна ки Салмони Форсии Муҳаммадӣ барои ба даст овардани роҳи ҳақ аз Исфаҳон қадам берун гузошту ҳиҷрат ихтиёр кард ва ба дайри роҳибони насоро бар Ироқ, Мусил ва Шом расид.

---

[1] Наҳҷулбалоға, боби аҳодис, ҳадиси 147.

[2] Сураи Анкабут, ояи 69.

وَالَّذِينَ جَاهَدُوا فِينَا لَنَهْدِيَنَّهُمْ سُبُلَنَا... {69}

Мо дар ин гуфтор дар паи он ҳастем то намунаҳое аз сираи аҷдоди Паёмбари Ислом(с)-ро, ки шариати ҳанифаи Иброҳим(а)-ро ба мардум мерасониданд, нишон диҳем. Дар ҳоле ки мардум бар ин боварии хато ҳастанд, ки Худои таборак ва таоло мардуми он рӯзгорро, ки рӯзгори фатрат номида шуда аст, ҳамин тавр беҳуда раҳо карда ва имому пешвоеро барои онон таъин нафармуда аст, то таълимот ва дастурҳои динашонро аз вай фаро гиранд (маъозаллоҳ).

Чӣ ишколе дорад, ки Абдулмуталлиб аз ҷумлаи анбиёе бошад, ки номаш дар Қуръон наомада аст? Дар сурате, ки дар ҳадиси Паёмбари Худо(с) бар Абӯзар омада аст, ки теъдоди анбиё ҳамагӣ саду бисту чаҳор ҳазор нафар ҳастанд ва теъдоди паёмбарони мурсал сесаду понздаҳ нафар, ки аз ин теъдод фақат номи бисту панҷ набӣ ва паёмбар дар Қуръон омада аст.[1]

Аммо ин ки аҷдоди Паёмбари Ислом(с) аз муваҳҳидин (яктопарастон) мебошанд, матлабе аст, ки илова бар он чи гуфта шуд аз ҳадисҳои зер ҳам маълум мешавад:

Ибни Аббос гуфта аст:

Аз Паёмбари Худо(с) пурсидам ва гуфтам: падар ва модарам фидоят бод: дар он ҳангом ки Одам(а) дар биҳишт буд, шумо куҷо будед? Бо шунидани ин савол он ҳазрат лаб ба табассум кушод то он ҷо, ки дандонҳои курсии вай намоён шуд, он гоҳ фармуд: ман дар салби ӯ будам ва вақте ба замин фуруд омад, боз

---

[1] Биҳоруланвор, ҷ. 11, саҳ. 32 ва Муснади Аҳмад, ҷ. 5, саҳ. 265 ва 266.

дар салбаш будам, дар салби падарам Нӯҳ ба киштӣ савор шудам ва дар салби Иброҳим ба оташ афканда шудам. Падарону модаронам низ ҳаргиз бар хилофи шаръ ба якдигар нарасидаанд ва Худованд пайваста маро аз салбҳои пок ба раҳимҳои покиза мунтақил мефармуд. Дар ҳеҷ насле ҷудоӣ ва тақсиме пеш наомад, магар ин ки ман дар беҳтарини он будам. Худованд паймони маро ба нубувват гирифт ва ба Ислом ҳидоят фармуд. Ёди маро ошкоро дар Таврот ва Инҷил овард ва сифоти маро дар Шарқу Ғарби олам ошкор фармуд. Китобашро ба ман омӯхт ва маро ба осмонаш боло бурд ва аз номҳояш маро баҳраманд фармуд. Худои арш Маҳмуд аст ва ман Муҳаммад ҳастам. Маро навид дод, ки бар ман ҳавз бахшад ва Кавсар ато кард. Ман нахустин шофеъ ва аввалин касе ҳастам, ки шафоатам пазируфта мешавад. Он гоҳ маро дар беҳтарин мансабҳо ва мақомҳои умматам барангехт. Ва уммати ман, ҳомидоне ҳастанд, ки амри ба маъруф ва наҳйе аз мункар мекунанд.[1]

Дар тафсири оёти 26-27-и сураи Зухруф мефармояд:

***Ва из қола Иброҳиму лиабӣҳи ва қавмиҳи иннанӣ бароун миммо таъбудӯн. Иллаллазӣ фатаранӣ фаиннаҳу саяҳдӣн. Ва ҷаъалаҳо калиматан боқиятан фӣ ъақибиҳи лаъаллаҳум ярҷиъӯн Ê***

***Ä(****Эй расули мо! Ба ёд овар)* *Он ҳангомеро, ки Иброҳим бо падар (яъне амаки худ) ва қавмаш*

[1] Тафсири Суютӣ, ҷ. 5, саҳ. 99.

*гуфт: эй бутпарастон! Ман аз маъбудони шумо сахт бизорам ва ҷуз он Худое, ки маро офарида аст ва албатта маро ҳидоят хоҳад кард, намепарастам ва ин худопарастӣ (ва тавҳид)-ро дар ҳамаи зурriяи худ то қиёмат калимае боқӣ гардонид то ҳамаи фарзандонаш (ба Худои якто) рӯй оваранд.*[1]

Ибни Аббос чунин гуфта аст: яъне ҳамеша дар зурriяи ӯ (Иброҳим) касе буда аст, ки калимаи “*Ло илоҳа иллаллоҳ*”-ро мегуфта аст.[2] Ӯ гуфта аст: *лафзи* “*фӣ ъақибиҳи*” ба маънои “*дар ҷонишинони ӯ*” мебошад[3]. Ва бино бар ривояти дигар ба маънои “фарзандони вай” аст.[4]

Дар тафсири Қуртубӣ (ба тариқи хулоса) чунин омада аст:

Яъне Худованд ин калом ва гуфторро дар насаби ӯ, ки фарзандон ва фарзандзодагони вай бошад боқӣ ниҳод. Ё ин ки онҳо дурӣ аз ибодати ғайри Худоро аз эшон ба ирс мебаранд. Ҳар кадоми дигареро ба чунин амре васият ва супориш кардаанд. Ва *лафзи* “*ъақиб*” ба маънои касе аст, ки баъд аз ӯ меояд.

Дар Саҳеҳи Тирмизӣ ва Муснади Аҳмад ба санадаш то саҳоба Восила омада аст, ки:

---

[1] Сураи Зухруф, оёти 26-27.

**وَإِذْ قَالَ إِبْرَاهِيمُ لِأَبِيهِ وَقَوْمِهِ إِنَّنِي بَرَاءٌ مِّمَّا تَعْبُدُونَ {26} إِلَّا الَّذِي فَطَرَنِي فَإِنَّهُ سَيَهْدِينِ {27}**

[2] Тафсири Ибни Касир, ч. 4, саҳ. 126.

[3] Тафсири Қуртубӣ, ҷ. 16, саҳ. 77.

[4] Ҳамон, ч. 6, саҳ. 16.

Худованд аз миёни фарзандони Исмоил Канонаро, аз Канона Қурайшро, аз Қурайш Бани Ҳошимро ва аз Бани Ҳошим маро интихоб кард ва баргузид.[1]

Дар Сунани Тирмизӣ ба санадаш аз Паёмбари Худо(с) оварда аст, ки фармуд:

Худои азза ва ҷалла аз фарзандони Иброҳим, Исмоилро, аз фарзандони Исмоил, Канонаро, аз фарзандони Канона, Қурайшро, аз Қурайш Бани Ҳошим (фарзандони Ҳошим)-ро ва аз Бани Ҳошим маро баргузида аст. Сипас Тирмизӣ изофа карда менависад:

Ва ин ҳадисе аст саҳеҳ ва некӯ.[2]

Ошкор аст, ки мақсадаш аз лафзи Қурайш фақат падарон ва аҷдоди Паймбари Худо(с) мебошанд. Он чи гузашт бархе аз ахбори падарон ва аҷдоди Расули Худо(с) дар асри фатрат буд.

Масъудӣ дар Муруҷуззаҳаби худ менависад:

Мардум дар бораи Абдулмуталлиб ихтилофи назар доранд. Бархе аз онҳо ӯро мӯъмин ва яктопараст медонанд ва мӯътақиданд, ки на ӯ ва на ҳеҷ як аз аҷдоди Паёмар(с) барои Худованд шарике қоил набудаанд ва Абдулмуталлиб пушт ба пушт аз салбҳои пок ва покиза ба дунё омада аст ва худ хабар дода аст, ки таввалудаш бар асари издивоҷи саҳеҳ ва дуруст буда аст на аз роҳи хилофи шаръ.

---

[1] Саҳеҳи Муслим, китобул фазоил, ҳадиси аввал; Муснади Аҳмад, ҷ. 4, саҳ. 107.

[2] Муснади Аҳмад, ҷ. 4, саҳ. 107; Саҳеҳи Тирмизӣ, ҷ. 13, саҳ. 94; Абвобулманоқиб, боби аввал, ҳадиси аввал.

Гурӯҳе ҳам ҳастанд, ки Абдулмуталлиб ва дигар аҷдоди Паёмбар(с)-ро мушрик медонанд, магар онҳо, ки дурустии имонашон тасдиқ шуда аст. Ин амре аст, ки мавриди ихтилофи Имомия, Мӯътазила, Хавориҷ, Мурҷиа ва дигар фирқаҳост. Ин китоб ҷои инкор ва исботи ин гуна матолиб нест, то далоилли ҳар фирқаро дар он инъикос кунем.

Мо суханон ва далоили ҳар як аз ин фирқаро дар китоби дигари худ ба номи "Алмақолот фӣ усули диёнот" ва китоби "Истибсор" нақл карда, назарҳо ва суханони мардумро дар бораи имомат низ дар китоби "Ассифва" овардаем.[1] Поёни сухани Масъудӣ.

Мо ба зудӣ пас аз баррасии сираи рафтори Абӯтолиб(а) бо Паёмбар(с), ба хости Худо, ба зикри далелҳои эшон хоҳем пардохт.

---

[1] Муруҷуззаҳаб, ҷ. 2, саҳ. 108 ва 109. Суханаи ӯ дар ин ҷо далеле аст, ки китоби "Исботулвасийя" аз они ӯ намебошад, вагарна зимни дигар таълифоташ номе аз он ҳам мебурд. Илова бар ин Масъудӣ ҳангоми бурдани номи Паёмбар(с) дар дуруд бар он ҳазрат номи "Ол"-и ӯро намебарад ва менависад: саллалоҳу ъалайҳи васаллам. Дар сурате, ки дар китоби "Исботулвасийя" ин дуруд шомили Оли Паёмбар ҳам шуда аст, магар ин ки қабул кунем, таълифи китоби "Исботулвасийя" баъд аз китобҳои дигари ӯ сурат гирифта аст.
Мумкин аст, ки китоби "Исботулвасийя" таълифи Алӣ ибни Ҳусейни Масъудӣ, аз машоихи ҳадиси Нӯъмонӣ бошад, ки Нӯъмонӣ дар китоби "Алғайба"-и худ дар саҳифаи 188, 241 ва 312 аз ӯ ривоят карда аст. Мо дар баҳси васият дар ҷилди аввали китоби "Маъолимулмадрасатайн" баъзе аз ахбореро, ки нависандаи китоби "Исботулвасийя" дар нақл кардани онҳо бо дигар масодири гуногун ва машҳур ширкат дошта аст, аз он нақл кардаем.

# Ҷамъбандӣ ва натиҷаи матолиби китоб

**Нахуст:**

Занҷирвор таъин намудани васӣ аз замони ҳазрати Одам то Паёмбари Хотам (салавотуллоҳи алайҳим аҷмаин).

### *Васияти Одам ба писараш Шис - Ҳибатуллоҳ*

Ҳангоме ки Шис ба дунё омад, нури (Паёмбари Хотам(с)) ба ӯ мунтақил шуд. Баъд аз ин ки ӯ ҷавони баруманд ва комил шуд, Одам васияти худро ба вай супурд ва ӯро огоҳ сохт, ки пас аз худаш ҳуҷҷати Худо ва ҷонишини ӯ дар замин аст ва ӯст, ки ҳаққи Худоро ба авсиёи худ мерасонад. Ӯ дуввумин касе аст, ки нури Паёмбари Хотам(с) ба вай мунтақил мешавад.

Ва дар баёни дигаре:

Замоне ки Худованд ирода фармуд Одамро аз ҷаҳон бигирад, ӯро фармон дод то писараш Шисро васии худ гардонад ва ҳамаи он чиро, ки фаро гирифта буд ба ӯ ёд диҳад. Одам фармон бурд ва чунон кард.

Дар баёне дигар:

Чун замони марги Одам фаро расид Шис ва фарзандзодагони ӯ назди вай ҷамъ омаданд. Одам онҳоро дуруд гуфт, барояшон дуо карду баракат хост ва Шисро васии худ қарор дод. Вай Шисро ба нигаҳдории ҷасадаш супориш кард ва фармуд, ки чун даргузашт, ҷасадашро дар ғори Ганҷ қарор диҳад ва сипас ӯ ба навбати худ ба фарзанд ва фарзандзодагонаш васият намояд. Замоне, ки аз кӯҳ ба сарзамини худ фуруд омаданд, ҷасади ӯро бигиранд ва дар маркази замин қарор диҳанд.

Ҳангоме ки Анӯш - писари Шис ба дунё омад нури аҳдкардашуда дар симои ӯ дурухшидан гирифт. Чун боло гирифт ва камол ёфт, ҳангоми васият дар бораи он амонат (нур) ва манзалати он ба ин ки шараф ва маконати онҳо ба он вобаста аст, супоришҳо намуд. Шис ба ӯ фармуд то фарзандашро бар ҳақиқати ин шараф ва бузургии манзалати он огоҳ созад ва дигар фарзандонашонро низ бохабар гардонад ва модом, ки наслашон побарҷост он васиятро ба дигаре мунтақил намоянд.

## Васияти Шис ба писараш Анӯш

Вақте марги Шис фаро расид писарон ва писарзодагонаш, ки дар он ҳангом иборат буданд аз Анӯш, Қайнон, Маҳлоил, Ярд, Ухнух ва занон ва фарзандонашон ба гирди ӯ ҷамъ шуданд. Шис бар онон дуруд гуфт, барояшон дуо карду баракат хост ва аз онон хост, ки аз омезиш бо қобилиёни малъун худдорӣ кунанд. Он гоҳ ба писараш Анӯш васият кард

ва ӯро ба нигаҳдории ҷасади Одам васият кард ва супориш намуд, ки тақвои илоҳӣ пеша кунад ва қавмашро ба тақвои илоҳӣ ва ибодати некӯ дастур диҳад. Сипас аз дунё рафт.

Анӯш дар замони ҳазрати Одам[a] ба дунё омада буд. Шис ҳангоми марг ба ӯ васият кард ва ӯро аз нуре, ки ба ӯ мунтақил шуда аст (нури ҳазрати Хотам[c], паёмбаре, ки аз насли ӯ ба вуҷуд хоҳад омад), огоҳ гардонид. Ӯро фармон дод то фарзандонашро, бузурге баъд аз бузурги дигар ва насле ба насли дигар, аз шарафу манзалати ин нур огоҳ гардонад.

Анӯш баъд аз падараш ба беҳтарин шакл ба анҷоми фармонҳои падар қиём кард, ба идораи корҳои мардум ва амал ба аҳком ва муқаррароте, ки падар низ пайрави он буд, пардохт.

## *Васияти Анӯш ба Қайнон*

Баъд аз вафоти Шис, Анӯш ба анҷоми васияти падар ва бобояш пардохт. Худоро некӯ парастиш кард ва қавмашро низ ба ҳусни ибодат фармон дод.

Чун марги Анӯш фаро расид, писарон ва писарзодагонаш чун Қайнон ва Маҳлоил ба гирдаш ҷамъ шуданд. Ӯ Қайнонро ба ҳифзи нигаҳдории ҷасади Одам супориш намуд ва ҳамаро фармон дод, назди ӯ намоз гузоранд ва Худоро бисёр тақдис кунанд. Сипас ҳаётро падруд гуфт.

Ва дар баёни дигар:

Ба писараш Қайнон васият кард ва ӯро аз он нури ваъдашуда, ки ба ӯ мунтақил шуда буд ва сирре, ки ба

амонат ба вай супорида шуда буд, огоҳ гардонд. Сипас аз дунё чашм пӯшид. Қайнон сира ва равиши падараш Анӯшро дар пеш гирифт.

Қайнон дар миёни қавмаш ба фармонбардории Худо бархост, ӯро некӯ парастиш кард ва пайравӣ аз васияти Одам ва Шисро дар пеш гирифт.

## *Васияти Қайнон ба писараш Маҳлоил*

Замоне ки марги Қайнон фаро расид, писарон ва писарзодагонаш Маҳлоил, Ярд, Матушалах, Ламак ва занону фарзандонашон ба даври ӯ ҷамъ шуданд. Қайнон бар онон дуруд фиристод, барояшон дуо карду баракат хост. Он гоҳ Маҳлоилро васии худ муаррифӣ кард ва ӯро ба ҳифз ва нигаҳдории ҷасади Одам супориш кард ва аз нуре, ки ба ӯ мунтақил шуда буд, огоҳ гардонид. Маҳлоил дар миёни мардум сира ва равиши падарашро дар пеш гирифт.

## *Васияти Маҳлоил ба писараш Юворид*

Юворид фарзанди Маҳлоил аст, ки васӣ ва ҷонишини падар гардид. Маҳлоил ӯро аз сирри пӯшида ва интиқоли нури Паёмбари Хотам[с] ба ӯ огоҳ кард. Суҳуфро ба вай омӯхт ва баҳраи замин ва он чиро, ки дар ҷаҳон ба вуқӯъ мепайвандад ба вай ёд дод ва низ китоби Сирри Малакутро, ки Маҳлоили фаришта ба Одам омӯхта буд, ба ӯ дод. Онон ин китобро ба сурати мӯҳршуда ва сар ба мӯҳр яке пас аз дигаре ба ирс мебурданд.

## Васияти Юворид ба писараш Ухнух (Идрис)

Дар китоби Миръотуззамон омада аст:

Ҳангоме ки марги Юворид наздик шуд, писарон ва наберагонаш чун Ухнух, Матушалах, Ламак ва Нӯҳ ба гирдаш ҷамъ шуданд. Юворид бар онон дуруд фиристод, барояшон баракот хост ва дуо намуд. Ба Ухнух васият кард ва ӯро аз улуме, ки наздаш буд огоҳ сохт, китоби Сирри Малакутро ба вай тақдим кард ва ба ӯ фармон дод ҳамеша дар ғори Ганҷ, ки ҷасади Одам дар он ҷо ниҳода шуда буд, намоз гузорад. Он гоҳ аз олам чашм пӯшид.

Бар Ухнух сӣ Саҳифа нозил шуда аст. Пеш аз ӯ бар ҳазрати Одам бисту як Саҳифа ва бар Шис бисту нӯҳ Саҳифа, ки дар он тасбеҳ ва таҳлил омада буд, нозил гашта буд.

Аввалин паёмбаре, ки баъд аз Одам ба паёмбарӣ мабъус шуд Идрис ё Ухнух ибни Ярд (Юворид) буд... Матушалаҳ ва чанд нафари дигар аз авлоди Ухнух буданд. Ухнух ба Матушалаҳ васият кард. Ламак ва тане чанд фарзандони Матушалаҳ буданд. Матушалаҳ ба Ламак васият кард. Нӯҳи паёмбар писари Ламак аст.

## Васияти Идрис ба писараш Матушалаҳ

Идрис ба писараш Матушалаҳ васият кард, зеро Худованд ба ӯ ваҳй фиристод, ки ба писарат Матушалаҳ васият кун, ки ман ба ҳамин зудӣ аз салби он паёмбаре мабъус мекунам, ки корҳояш мавриди тасдиқ ва ризояти мост.

Ва дар баёни дигар:

Идрис ба писараш Матушалаҳ васият кард ва чун паймонро ба ӯ супурд, вайро аз нуре, ки ба вай мунтақил шуда буд (нури ҳазрати Хатмимартабат(с)) огоҳ сохт.

### *Васияти Матушалаҳ ба писараш Ламак*

Дар китоби Ахборуззамон омада аст:

Чун марги Матушалаҳ фаро расид ба писараш Ламак васият кард. Ламак ба маънои "ҷамъкунанда" аст. Ӯ падари Нӯҳ паёмбар мебошад. Матушалаҳ ба ӯ васият кард ва Суҳуф ва китобҳои сар ба мӯҳрро, ки аз они Идрис паёмбар буд, ба ӯ супурд. Ҳамин тавр васият ба ӯ мунтақил шуд.

### *Васияти Ламак ба писараш Нӯҳ*

Чун Ламакро марг фаро расид Нӯҳ, Сом, Ҳом Ёфис ва занонашонро даъват кард. Аз авлоди Шис ба ҷуз ҳаминҳо, ки ҳашт тан буданд касе боқӣ намонда буд, зеро бақия аз кӯҳ поин омада ба назди қобилиён рафта ва бо онҳо омезиш карда буданд.

Ламак бар онҳо дуруд фиристод, дуо карду барояшон баракат хост ва гуфт:

Аз Худое, ки Одамро офарид масъалат дорам, ки баракати падарамон Одамро бар шумо арзонӣ дорад ва ҳукумату салтанатро дар фарзандонатон қарор диҳад. Ман мемирам ва ба ҷуз ту эй Нӯҳ каси дигаре аз онон, ки сазовори азоби Худоянд, наҷот нахоҳанд ёфт. Вақте ман мурдам, маро бардор ва дар ғори Ганҷ (ки дар он ҷасади Одам қарор дошт) бигзор. Замоне ки

Худо хост дар киштӣ савор шавӣ, маро ва ҷасади Одамро бардор ва аз кӯҳ поин биё ва моро бо худ нигаҳ дор то, он гоҳ ки аз киштӣ берун ойӣ. Замоне, ки тӯфон нишаст, аз киштӣ берун омадед ва по бар замин гузоштед, назди ҷасади Одам намоз бигзор. Ба писари бузургат Сом супориш кун, ки ҷасади Одамро бардорад ва бо яке аз фарзандонаш ӯро ба маркази замин бурда ба хок супорад ва... Худованд фариштае аз фариштагонро бо вай мефиристад то ҳамдамаш бошад ва ӯро ба маркази замин роҳнамоӣ кунад.

Худованд ба Нӯҳ (дар рӯзгори ҷаддаш Идриси паёмбар ва пеш аз он ки Идрисро ба осмон боло бурд) ваҳй фиристод ва ӯро фармон дод, то қавмашро аз саранҷоми туғён ва исёнашон бим диҳад, онҳоро аз анҷоми гуноҳҳое, ки муртакиб мешуданд, наҳй кунад ва аз азоб онҳоро барҳазар дорад. Нӯҳ фармон бурд ва ба ибодати Худои таоло ва даъвати қавмаш пардохт.

## Васияти Нӯҳ ба писараш Сом

Пас аз ин ки Нӯҳ аз киштӣ хориҷ шуд, муддати сесаду шаст сол зиндагӣ кард. Ҳангоме ки маргаш фаро расид писаронаш Сом, Ҳом, Ёфис ва фарзандонашон назди ӯ ҷамъ шуданд. Нӯҳ эшонро васият кард ва ба ибодати Худои таоло фармон дод. Ба Сом низ дастур дод, ки вақте аз дунё гузашт ба даруни киштӣ равад ва бидуни огоҳии касе ҷасади Одамро ба маркази замин бурда ва дар ҷойгоҳи муқаддас ба хок супорад. Он гоҳ гуфт: эй Сом! Ҳангоме ки ту ба ҳамроҳи Маликяздиқ ин корро сар кардед, Худованд фариштае аз

фariштагонро бо шумо ҳамроҳ мекунад, то роҳнамои шумо буда маркази заминро ба шумо нишон диҳад. Дар ин маъмурият ҳеҷ касро аз кори худ огоҳ магардон. Ин ҷузъи васияти Одам аст, ки ба писаронаш супориш намуд ва ҳар як дигареро ба анҷоми он васият намуд, то ин ки ба ту расида аст. Пас, вақте ба ҷойгоҳе, ки он фаришта ба шумо нишон дод расидед, ҷасади Одамро дар ҳамон ҷо ба хок супор ва он гоҳ дастур бидеҳ, ки Маликяздиқ аз он ҷо ҷудо нашавад ва коре ҷуз ибодати Худои таоло анҷом надиҳад.

Худованд раёсат ва китобҳое, ки бар паёмбарон нозил карда буд, бар ӯҳдаи Сом ниҳод ва ӯро ҷудо аз дигар фарзандон ва бародаронаш ба васигии Нӯҳ интихоб намуд.

## Васияти Сом ба писараш Арфахшад

Сом пас аз вафоти падар ба ибодати Худо ва фармонбардорӣ аз ӯ пардохт. Ӯ дари киштиро кушод ва ҷасади Одамро ба ҳамроҳи писараш Маликяздиқ баргирифт ва пинҳонӣ ва бидуни огоҳии бародарон ва хонаводааш онро поин овард. Фариштае роҳнамоии эшонро ба ӯҳда гирифт ва то он ҷойгоҳе, ки фармон дода шуда буд, ки ҷасади Одамро дар он ба хок супоранд, онҳоро ҳамроҳӣ кард ва ҷасади Одамро дар ҳамон ҷо ба хок супурданд.

Ҳангоме ки марги Сом фаро расид, ба писараш Арфахшад, ки баъд аз падар ҷонишини ӯ дар замин буд, васият намуд.

## Васияти Арфахшад ба писараш Шолеҳ

Вақте марги Арфахшад фаро расид, писарон ва хонаводааш дар назди ӯ ҷамъ шуданд. Вай ононро ба ибодати Худои таоло ва дурӣ аз гуноҳҳо супориш фармуд. Он гоҳ ба писараш Шолеҳ гуфт: васиятамро бипазир ва баъд аз ман ҷонишини ман дар миёни хонаводаат бош ва ба фармонбардорӣ аз Худои таоло камари ҳиммат банд. Арфахшад инро гуфт ва чашм аз ҷаҳон фурӯ баст.

## Васияти Шолеҳ ба писараш Обир

Шолеҳро чун замони марг фаро расид, ба писараш Обир васият кард. Ба ӯ супориш кард, то аз қобилиёни лаънатшуда пайравӣ нанамоянд ва дурӣ ихтиёр кунанд. Инро гуфт ва чашм аз ҷаҳон фурӯ баст.

Дар фаслҳои гузашта низ дидем, ки чӣ гуна ҳазрати Иброҳими Халилурраҳмон(а) ба ду писараш Исмоилу Исҳоқ(а) ба ҳифзи шариати ҳаниф васият фармуда аст.

Он чи то ба ин ҷо овардем, қисмате аз ахбори занҷираии амри висоят дар ин ҷилд аз китоб буд. Дар ҷилди пеш хондем, ки чӣ гуна Худованд Мӯсои Калимуллоҳро фармон дод, то Ясаъ ибни Нунро баъд аз худ васӣ бар шариат ва умматаш қарор диҳад.

Ҳазрати Довуд, писараш Сулаймонро низ ба ҳамон амр васият фармуд ва ҳазрати Исо ҳаворийи худ Шамъун ё Самъонро ба ҳамин амр васият карда аст. Ин амри висоят ҳамчунон аз замони ҳазрати Одам то Исо ибни Марям(а) идома дошта аст.

Равшан аст, ҳазрати Муҳаммад(с) нисбат ба дигар паёмбарон равиши ҷудогонае надошта, хати ҳаракати ӯ низ мутафовит аз онҳо набуда аст. Аз ин ҷиҳат он ҳазрат ба амри Худованд дувоздаҳ васӣ аз Аҳли Байт ва хонадонаш барои баъд аз худ, муайян карда аст, ки аввалини онҳо писарамакаш Амирулмӯъминин Алӣ ибни Абӯтолиб ва охирини онҳо ҳазрати Маҳдӣ фарзанди Имом Ҳасани Аскарӣ(а) аст.

Ахбори муфассал ва комили ин висоят дар панҷ китоб аз бузургони барҷастаи мо ба номи “Исботулвасия” омада аст, ки шайх ва устоди мо, нависандаи китоби бузурги “Аззариъа”, онҳоро муаррифӣ намуда аст. Мо баъзе аз ривоёт ва ахбори онро дар беш аз 25 саҳифа дар ҷилди аввали китоби “Маъолимулмадрасатайн”-и худ, таҳти унвони “Ривоятҳои ворида аз Паёмбари Ислом(с) дар таъини валиамри баъд аз худаш” овардаем, ки дар ин ҷо мухтасар ба он ишора мекунем:

1-Дар ҳамон оғози даъват ба Ислом ва баъд аз нозил шудани ояти

***“Ва анзир ъашӣратакал ақрабӣн”,***

Паёмбари Худо(с) фарзандони Абдулмуталлибро фаро хонд ва онҳоро ба пазириши Ислом даъват кард. Дар поёни он меҳмонӣ Расули Худо(с) даст бар гардани писарамакаш Алӣ ибни Абӯтолиб ниҳод ва фармуд:

*“Ин бародар, васӣ ва ҷонишини ман дар байни шумо аст. Аз ӯ итоат ва фармонбардорӣ кунед”.*[1]

2-Салмони Форсӣ ва Абӯсаиди Худрӣ ду саҳобаи

паёмбар, ривоят кардаанд, ки Расули Худо(с) фармуда аст:

*Васии ман, розингаҳдори ман, беҳтарин касе ки баъд аз худ ба ҷой мегузорам ва он касе ки корҳои манро ба сомон мерасонад ва қарзамро адо мекунад, Алӣ ибни Абӯтолиб аст.*[2]

3- Аз Анас ибни Молик (ба таври хулоса) ривоят шуда аст, ки Паёмбари Худо(с) ба ӯ фармуд: Нахустин касе, ки аз ин дар дохил мешавад, Имомулмуттақин, Саййидулмуслимин, Яъсубуддин ва Хотамулвасиййин аст... Ва Алӣ аз он дар ворид шуд[3]...

---

[1] Таърихи Табарӣ, чопи Аврупо, ҷ. 3, саҳ. 1171; Таърихи Ибни Асир, ҷ. 2, саҳ. 222; Шарҳи ҳоли Амирулмӯъминин, дар Таърихи Ибни Асокир ва Шарҳи Наҳҷулбалоғаи Ибни Абилҳадид, ҷ. 3, саҳ. 263, ки ба таври хулоса нақл шуда аст.

[2] Ривояти Салмони Форсӣ дар Мӯъҷамулкабир, ҷ. 6, саҳ. 221 ва Маҷмаъуззавоид, ҷ. 9, саҳ. 113. Ривояти Абӯсаид дар фазоили ҳазрати Алӣ дар китоби Фазоили Канзулъуммол, ҷ. 2, саҳ. 119. Абӯсаид ибни Молики Хазраҷӣ дар соли 54-и ҳиҷрӣ вафот карда аст. Шарҳи ҳоли ӯ дар китобҳои Истиъоб, Усдулғоба ва Исоба омада аст. Дар саҳифаҳои баъдӣ аз ин се китоб таҳти унвони “Китобҳои сегона” ном хоҳем бурд.

[3] Шарҳи ҳоли ҳазрати Алӣ(а) дар Таърихи Ибни Асокир; Ҳилятул авлиё, ҷ. 1, саҳ. 63.

4- Бурайдаи саҳобӣ гуфта аст ки Расули Худо[с] фармуд: Ҳар паёмбареро васӣ ва ворисе буда аст. Алӣ васӣ ва вориси ман аст.[1]

5- Дар саҳеҳи Бухорӣ, Муслим ва дигар сарчашмаҳо[2] омада аст (ва мо сухани Бухориро нақл мекунем):

***Анта миннӣ биманзилати Ҳорӯна мин Мӯсо, илло аннаҳу ло набийя баъдӣ.***

*Ту барои ман чун Ҳорун ҳастӣ барои Мӯсо, бо ин фарқ ки баъд аз ман паёмбаре нахоҳад буд.*

6- Дар Сунани Тирмизӣ ва Муснади Аҳмад ибни Ҳанбал омада аст (ва мо сухани Тирмизиро нақл мекунем):

***Иннӣ торикун фӣкум мо ин тамассактум биҳи лан тазиллӯ баъдӣ, аҳадуҳумо аъзаму минал охари: китобаллоҳи ҳаблун мамдудун минас***

---

[1] Шарҳи ҳоли Имом (ҳазрати Алӣ[а]) дар Риёзунназра ҷ. 2, саҳ. 234 ва Таърихи ибни Асокир. Бурайда, Абӯабдуллоҳ ибни Ҳадид ибни Абдуллоҳи Асламӣ баъд аз ҷанги Уҳуд ба Мадина омад ва дар дигар ҷангҳо дар канори Паёмбар ширкат ҷуст. Барои мутолиаи шарҳи ҳолаш ба китобҳои сегона муроҷиа кунед.

[2] Саҳеҳи Имом Бухорӣ, ҷ. 2, саҳ. 200, боби Маноқиби Алӣ ибни Абитолиб; Саҳеҳи Муслим, ҷ. 7, саҳ. 120, боби Фазоили Алӣ ибни Абитолиб; Сунани Имом Тирмизӣ, ҷ. 13, саҳ. 171, боби Маноқиби Алӣ[а]; Сунани Таёлусӣ, ҷ. 1, саҳ. 28 ва 29, ҳадиси 205, 209, 213; Сунани Ибни Моҷа, боби Фазоили Алӣ ибни Абитолиб, ҳадиси 115, Муснади Аҳмад, ҷ. 1, саҳ. 170, 173, 175, 177, 179, 182, 184, 185 ва 330) ва (ҷ. 3, саҳ. 32 ва 338 ва ҷ. 6, саҳ. 369 ва 438; Мустадраки Ҳоким, ҷ. 2, саҳ. 338; Табақоти Ибни Саъд, ҷ. 1, саҳ. 3, 14 ва 15; Маҷмаъуззавоид, ҷ. 9, саҳ. 109 ва 111 ва бисёр китобҳои дигар.

***самои илал арз, ва ъитратӣ аҳла байтӣ, ва лан яфтариқо ҳатто яридо ъалайял ҳавза, фанзурӯ кайфа тахлифӯнанӣ фӣҳимо.***

*Ман чизеро дар миёни шумо боқӣ мегузорам, ки агар ба он чанг занед, пас аз ман ҳаргиз гумроҳ нашавед. Яке аз дигаре бузургтар ва боазаматтар аст: китоби Худо, ки ресмоне аст кашидашуда аз осмон ба замин ва итрати ман, аҳли байти ман. Ин ду ҳаргиз аз якдигар ҷудо намешаванд то он гоҳ, ки бар ҳавзи Кавсар бар ман ворид шаванд. Бингаред, ки чӣ гуна супоришамро дар бораи он ду пос медоред.*[1]

Ва низ фармуда аст:

***Ло язолу ҳозад дӣну қоиман ҳатто тақумас соъату ав якӯна ъалайкум исно ъашар.***

*Ин дин то рӯзи қиёмат ва то он гоҳ, ки дувоздаҳ нафар бар шумо имомат кунанд, ҳамвора барқарор хоҳад буд.*

Ва дар ривоёти дигар омада аст:

***Ло язолу амрунноси мозиян ило иснай ъашара.***

*Кори ин мардум пайваста ба дувоздаҳ нафар собит ва устувор аст.*

Ва дар ривояти дигар баъд аз он фармуда аст:

---

[1] Сунани Тирмизӣ, ҷ. 13, саҳ. 201; Усдулғоба, ҷ. 2, саҳ. 12 дар шарҳи ҳоли имом Ҳусейн[(а)]; Дуррулмансур дар тафсири ояи “Мавaддат” аз сураи Шӯро; Мустадракуссаҳиҳайн ва талхиси он, ҷ. 3, саҳ. 109; Хасоиси Насоӣ, саҳ. 30; Муснади Аҳмад, ҷ. 3, саҳ. 17; Табақоти Ибни Саъд, ҷ. 2, қ. 2, саҳ. 2; Канзулъуммол, ҷ. 1, саҳ. 47, 48 ва дар саҳ.97 он ба ихтисор омада аст.

***Сумма якӯнул мараҷу вал ҳараҷ***

*Яне, пас аз гузашти айёми имомони маъсумин ва ҳазрати Соҳибаззамон[а] дунё рӯ ба табоҳӣ ва ҳараҷу мараҷ гузошта, фитнаи охируззамон сар хоҳад зад.*

Ва дар ривояти дигар:

***Фаизо ҳалакӯ моҷатил арзу биаҳлиҳо.***

*Ва чун ҳамаи имомон биёянд ва бигзаранд, замин ва сокинонаш дучори изтироб ва ноормӣ хоҳанд шуд.*

Дар ривоёти дигаре Паёмбари Худо[с] фармуда аст, ки теъдоди онҳо дувоздаҳ нафар ба теъдоди нақибони Бани Исроил мебошад.

Ин ривоёт ба ҷуз имомони дувоздаҳгонаи Аҳли Байти Паёмбар[с] бар каси дигар сидқ намекунад; имомоне, ки Худованд умри охирин касе аз онҳоро тӯлонӣ фармуда аст ва баъд аз эшон, дунё рӯ ба нобудӣ хоҳад ниҳод.

Аз он ҷо, ки донишмандони Мактаби Хулафо бо ҳар сабабе дар тафсири ин ривоёти саҳеҳ дучори сардаргумӣ шуда ва натавонистаанд онҳоро чунон таъвил ва маъно кунанд, ки ризояти хотирашонро фароҳам намояд, дар ин ҷо мо номҳои ин дувоздаҳ танро ҳамон гуна, ки Паёмбари Худо[с] дар ривояти дигар ба номи он азизон равшанӣ андохта аст, меоварем:

## *Ҷонишинони дувоздаҳгонаи Паёмбар*[(с)]

***1. Алӣ*** ибни Абӯтолиб алайҳиссалом, Амири мӯъминон, васии Расули Раббулъоламин.

***2. Ҳасан*** ибни Алӣ алайҳиссалом, набераи калонии Расули Худо[(с)].

***3. Ҳусайн*** ибни Алӣ алайҳиссалом, набераи хурдии Расулуллоҳ[(с)].

***4. Алӣ*** ибни Ҳусайн алайҳиссалом, - *Имом Саҷҷод.*

***5. Муҳаммад*** ибни Алӣ алайҳиссалом,- *Имом Боқир.*

***6. Ҷаъфар*** ибни Муҳаммад алайҳиссалом, - *Имом Содиқ.*

***7. Мӯсо*** ибни Ҷаъфар алайҳиссалом, - *Имом Козим.*

***8. Алӣ*** ибни Мӯсо алайҳиссалом, - *Имом Ризо.*

***9. Муҳаммад*** ибни Алӣ алайҳиссалом, - *Имом Ҷавод.*

***10. Алӣ*** ибни Муҳаммад алайҳиссалом, - *Имом Ҳодӣ.*

***11. Ҳасан*** ибни Алӣ алайҳиссалом, - *Имом Ҳасани Аскарӣ.*

***12. Муҳаммад*** ибни Ҳасан алайҳиссалом, - *Имом Маҳдӣ, Ҳуҷҷат, Мунтазар.*

Ҳамин тавр таъини васӣ ва ҷонишини баъд аз худ аз замони ҳазрати Одам то паёмбари Хотам салавотуллоҳ ва салломуҳу ъалайҳим аҷмаъин занҷирвор давом ёфта аст.

**Дуввум**:

Дар ин китоб дидем, ки дар миёни ҳуҷҷатҳои илоҳӣ Анӯш нахл бар замин нишонд ва даст ба кишоварзӣ ва донаафшонӣ зад. Ӯ ба ободонии замин пардохт ва писараш Қайнонро ба барпо доштани намоз, пардохти закот, ҳаҷҷи хонаи Худо ва ҷиҳод бо қобилиён фармон дод. Қайнон фармони падарро ба анҷом расонд.

Инчунин Ярдро мебинем, ки ба истихроҷи маъданҳо ва сохтани шаҳрҳо пардохта, фармон ба сохтани бинои масҷидҳо, куштани даррандагон зиёнбахш ва сар буридани гов ва гӯсфанд, дода аст.

Идрис низ нахустин касе буд, ки бо сӯзан дӯзандагӣ карда аст ва ҳам аввалин касе буда аст, ки қобилиёнро ба асорат бурда ва аз эшон барда гирифта аст. Ӯ дар илми нуҷум бино будааст ва бар ҳар як бурҷҳои дувоздаҳгона номе ва барои сайёраҳои осмонӣ номи махсусе ниҳода аст.

Матушалаҳ низ ба ободонии шаҳрҳо пардохта ва ӯ нахустин касе буда аст, ки аз шутур ба унвони саворӣ истифода кард.

Аз ҳамин ҷо дармеёбем: касоне, ки аз сӯи Худованд маъмури таблиғи Ислом будаанд, дар навбати худ пешгомоне дар амри тамаддуни башар будаанд, бар хилофи иддаои масеҳиён дар амри ҳидояти мардумон, танҳо ба чигунагии анҷоми ибодати эшон басанда накардаанд.

**Саввум**:

Дар асри фатрат, паёмбарони илоҳӣ - аҷдоди паёмбари Худо(с)-ро мебинем, ки мисдоқи истиҷобати дуои ҳазрати Иброҳим ва фарзандаш Исмоил(а) буданд, ки ба нақли ояти 128 аз сураи Бақара ба даргоҳи Худованд даст ба дуо бардоштаанд, ки:

Раббано ваҷъално муслимайни лака ва мин зурриятино умматан муслиматан лака

*Парвардигоро! Моро таслими худат қарор деҳ ва аз фарзандони мо (низ) уммате, ки таслими ту бошад, қарор деҳ...*[1]

Аз ҷумлаи эшон Хузайма ибни Мудрика буда аст, ки мегуфт:

Замони хуруҷи паёмбаре аз Макка ба номи Аҳмад, ки мардумонро ба парастиши Худои таоло мехонад, наздик аст. Ӯро пайравӣ кунед ва инкор накунед, ки он чи меоварад ҳақ аст.

Каъб ибни Луай низ мегуфт:

Осмон ва замин беҳуда офарида нашудаанд ва сарои охират дар пеши рӯи шумост. Ӯ мардумро ба макоримулахлоқ супориш мекард ва мегуфт:

*Аз ҳарами амни илоҳӣ Хотами паёмбарон, ба амре, ки Мӯсо ва Исо аз он хабар додаанд мабъус хоҳад шуд.*

Ва чунин месуруд:

---

[1] Сураи Бақара, ояи 128.

رَبَّنَا وَاجْعَلْنَا مُسْلِمَيْنِ لَكَ وَمِن ذُرِّيَّتِنَا أُمَّةً مُّسْلِمَةً لَّكَ ... {128}

"Ногаҳон паёмбари Худо Муҳаммад(с) хоҳад расид, дар ҳоле ки шумо ғофилед...". Он гоҳ мегуфт:

*Эй кош зинда мемондам ва даъват ва беъсаташро дарк мекардам*.

Ва чун Умар ибни Луҳай бути Ҳубалро ба Макка овард ва бутпарастӣ ривоҷ ёфт, ин Қусай буд, ки бутпарастиро нораво медонист ва мардумро ба ибодати Худои таоло даъват мекард.

Ӯ расму оини ҳаҷро, ки пояи дини ҳанифи Иброҳим буд барпо медошт ва бо ёрии маккиён ба итъоми ҳуҷоҷ ва пазирои аз эшон бармехост.

Пас аз вай ҳамин корро фарзандаш Абдуманоф бар ӯҳда гирифт. Ӯ Қурайшро ба риояти силаи раҳим ва тақвои илоҳӣ фармон дод.

Писараш Ҳошим низ ба итъом ва пазироиии ҳуҷоҷ бархост ва ӯ буд, ки ба ёрикунандагонаш аз аҳолии Макка мегуфт: аз шумо ба ҳурмати ин хона мехоҳам ҳеҷ кадом аз шумо аз молаш, ба ҷуз ҳалоли онро (моле, ки ба воситаи ситам ва қатъи раҳим ва ғасб гирифта нашуда бошад) барои ин кор ихтисос надиҳад.

Ва низ ӯ буд, ки ду сафари бозаргонии зимистонӣ ва тобистониро ба Шом, Эрон, Яман ва Ҳабаша суннат ниҳод.

Писараш Абдулмуталлиб низ шеваи падарашро дар пеш гирифт. Дар бораи ӯ чунин гуфтаанд:

Ӯро эътиқоди қалбӣ ба тавҳид ва подоши рӯзи ҷазо буд. Худованд кофтани чоҳи Замзамро ба дасти ӯ ба анҷом расонид. Замоне ки Абраҳа бо сипоҳиёнаш ба Макка рӯй овард то Каъбаи мукаррамаро вайрон

кунад, Абдулмуталлиб ба ӯ гуфт: ин хонаро Парвардигорест, ки туро монеъ хоҳад шуд. Он гоҳ бо Худо ба розу ниёз пардохт ва чунин суруд:

*"Бор Худоё! Ҳар кас аз хонаи худ дифоъ мекунад, пас ту ҳам аз (аҳли) хонаи худ дифоъ кун."*

Қурайшиён баъд аз ҳуҷуми Абраҳа ва сипоҳиёнаш аз Макка гурехтанд ва Абдулмуталлиб ва хонаводааш танҳо дар он ҷо боқӣ монданд. Чун Худованд сипоҳи Абраҳаро нобуд фармуд, ӯ чунин суруд:

*"Чун чашми Қурайш ба сипоҳи Абраҳа афтод аз чап ба рост бигрехт ва ман танҳо ва беҳамдам боқӣ модам."*

Ва низ чунин сурудааст:

*"Мо аз дер боз Олаллоҳ будаем ва аз замони Иброҳим пайваста чунин буда аст.*

*Мо қавми Самудро аз миён бардоштем ва пеш аз он қавми Одро, ки Ирам доштанд.*

*Худоеро парастанда ҳастем, сила бо наздикон ва посдорӣ аз паймон суннати мост.*

*Ҳамеша барои Худо дар миёни мо ҳуҷҷате будааст, ки Худованд ба сабаби он балоҳоро аз мо дур мекунад."*

Шайбатулҳамд (Абдулмуталлиб) дар ин абёт мегӯяд:

Қурайш замоне, ки сипоҳи Абраҳаро дид ба монанди мурғон ба ҳар сӯ пароканда шуд ва ман яккаю танҳо ва бемунис дар ҳарам боқӣ мондам. Ин сухани Абдулмуталлиб гӯёи имон ва итминоне аст, ки ба Худованд дошта ва медошта аст, ки Худо намегузорад

Абраҳа вориди ҳарам шавад ва онро вайрон намояд. Ӯ ва хонадонаш аз замони Иброҳим Олаллоҳ ҳастанд ва ин сухан ҷуз бар ҳуҷҷатҳои Худо бар халқаш мисдоқ надорад. Ҳамин ҳуҷҷатҳои Худованд ҳастанд, ки қабилаи Самуд ва Одро бо Ирам ва сутунҳояш вайрон карданд. Ва чун Ҳуд ва Солеҳ дар силсилаи аҷдоди Абдулмуталлиб қарор надошта ва қавми он ду паёмбар аз Қурайш набудаанд, дар меёбем, ки мақсуди Абдулмуталлиб аз ин сухан, ки "Мо қавми Самуд ва Одро аз миён бардоштем" ин аст, ки ҳуҷҷатҳои Худованд, ки Абдулмуталлиб низ яке аз онон будааст, Самуд ва Одро аз миён бардошта, он гоҳ Парвардигораш ба дуои ӯ Абраҳаро нобуд сохта аст. Сухани ӯ, ки "Ҳамвора Худоро дар миёни мо ҳуҷҷате буда аст, ки Худованд ба сабаби мо балоҳоро аз мо дур мекунад", таъкиде аст бар ин ки ӯ худ ҳуҷҷати Худо дар замонаш буда аст, ҳамон гуна ки Иброҳим, Ҳуд ва Солеҳ дар замони худашон ҳуҷҷатҳои Худо будаанд.

Ҳангоме ки Паёмбари Худо(с) ба дунё омад, Абдулмуталлиб дар шеъраш гуфт, ки наберааш дар китобҳои осмонӣ "Аҳмад" номида шуда аст, ҳамчунон ки Худованд аз забони Исо ибни Марям(а) фармуда аст:

***"Ва мубашширан бирасӯлин йаътӣ мин баъдӣ исмуҳу Аҳмад"***

*Ва ман шуморо башорат медиҳам ба омадани паёмбаре баъд аз ман ба номи Аҳмад.*[1]

---

[1] Сураи Саф , ояи 6.

**... وَمُبَشِّراً بِرَسُولٍ يَأْتِي مِن بَعْدِي اسْمُهُ أَحْمَدُ ...** {6}

Ва он ҳангом ки Ҳалимаи Саъдия, дояи паёмбар Абдулмутталлибро аз гумшудани ӯ дар кӯҳҳои Макка хабар дод, Абдулмутталлиб Парвадигорашро мухотаб сохта арза дошт:

*"Худовандо! Муҳаммадро, ки ту худ Муҳаммад номидаӣ ба ман баргардон."*

Ҳамаи инҳо гӯёи ин матлабанд, ки Абдулмутталлиб аз ҷумлаи касоне буд, ки ба китобҳои осмонии пеш аз худ огоҳӣ дошта аст. Ин амр дар шаҳре ба ҷаҳолат сиришта чун Макка ва мардумони ҷоҳил чун Қурайш имконпазир нахоҳад буд, магар ин ки бипазирем, ки он китобҳо дар ихтиёри ӯ буда ва худи Абдулмутталлиб дар силсилаи васиёни падаронаш Иброҳим ва Исмоил[а] қарор дошта аст.

Абдулмутталлиб ба риояти силаи раҳим, итъоми мӯҳтоҷон, тарки ситам ва саркашӣ фармон медод ва мегуфт:

*Ҳеҷ ситамгаре аз дунё намеравад магар ин ки интиқоми ситамҳояшро бичашад. Ва низ мегуфт: Ба Худо савганд андар паси ин дунё сарои подоши корҳост.*

Абдулмутталлиб вафо ба назр, буридани дасти дузд, худдорӣ аз издивоҷ бо маҳрамҳо ва манъ аз зиндабагӯр кардани духтаронро суннат ниҳод ва шароб, зино ва бараҳна тавоф кардани гирди хонаи Худоро мамнӯъ

кард.[1] Ҳамаи ин мавридҳо дар шариати Хотами Паёмбарон[(с)] омада аст.

Худованд дуои Абдулмуталлибро ҳангоми талаби борон барои аҳолии Макка иҷобат фармуд. Ӯ ҳар моҳи Рамазонро дар ғори Ҳиро ба ибодат мепардохт. Ӯ ҳамаи қурайш ва хусусан Абӯтолибро барои расидагӣ ва сарпарастии Паёмбари Худо[(с)] васият мекард.

## Мавориди ибрат дар тафсири оёт

Худованд Бани Исроилро дар рӯзгорашон бар ҷаҳониён бартарӣ бахшид. Онорро дар он ҳангом, ки Фиръавн ва фиръавниён бо буридани сари писаронашон ва зинда нигаҳ доштани духтаронашон бадтарин азобро ба онҳо медоданд, наҷот дод. Онҳоро бар ҷаҳониён бартарӣ бахшид. Ҳамчунин баҳрро барояшон аз ҳам бишкофт ва дар кафи он роҳи хушк барои убури онҳо муҳайё гардонид ва онҳоро убур дод. Фиръавн ва сипоҳиёнаш онҳоро таъқиб карда қадам дар ҳамон роҳҳои хушке ниҳоданд, ки бани Исроил дар онҳо пеш мерафтанд ва бо берун омадани охирин шахс аз Бани Исроил, об ба ҳам омад ва Худованд Фиръавн ва сипоҳиёнашро дар баробари чашмҳои нигарони Бани Исроил ғарқ сохт. Сипас ҷасади Фиръавнро бар рӯи об овард, (ки то ба имрӯз дар осорхонаи Миср

---

[1] 1-Баъзе аз афрод дар ҷоҳилият бо либосҳояшон ба ин баҳона, ки дар онҳо гуноҳ кардаанд, гирди Каъба тавоф наменамуданд. Дар вақти тавоф кардан ё аз аҳолии Макка либос ория мегирифтанд ё урён дар гирди Каъба мегаштанд.

солим боқӣ монда аст), мояи ибрате барои ҷаҳониён бошад.

Бани Исроил ҳамчунон пеш мерафтанд то ба қавме расиданд, ки бут мепарастиданд. Пас ба Мӯсо гуфтанд: барои мо ҳам худое чун худоёне, ки эшон доранд қарор бидеҳ". Мӯсо(а) ба онҳо фармуд: равиши эшон нобудшаванда ва ботил аст. Оё ба ғайр аз Худое, ки Халил аст номи ӯ ва ӯ шуморо бар ҷаҳониён бартарӣ бахшида аст, худои дигар бароятон биҷӯям?! Пас аз он Худои таоло ба бани Исроил фармуд: "Ускунул арз",- ин сарзаминро ба тасаллути худ дароваред. Ин хитоб дар ҳоле буд, ки онҳо умре бардаи Фиръавн буда, ҳатто молик ва соҳибихтиёр худашон набуданд то чӣ расад ба ин ки сарзаминеро бо ҳамаи боигариаш молик гарданд.

Ҳамчунин Худованд абрро бар сарашон соябон намуд ва таоми осмонӣ (Манн ва Салво) ба эшон хӯронд, ки Салво шомили беҳтарин гӯштҳо ва Манн шакари холиси табиӣ буд. Дар чунин ҳолате буд, ки ба Мӯсо гуфтанд: эй Мӯсо мо ба як навъ таом басанда намекунем. Аз Парвадигорат бихоҳ, ки аз маҳсулоти замин ва ҳубубот, сир, адас ва... моро бархурдор кунад. Мӯсо(а) ба эшон фармуд: ба яке аз шаҳрҳо дароед то ба хостаи худ бирасед.

Ҳамчунин Худованд онҳоро бар ҷаҳониён бартарӣ дод, он гоҳ ки Мӯсо(а) онҳоро ба дувоздаҳ гурӯҳ қисмат кард ва бино бар фармони Худои таоло асояшро бар санг зад ва дувоздаҳ чашмаи ҷӯшони об аз он берун

рехт, ки ба ҳар гурӯҳ ҷои обхӯрии махсус насиб гардид то ташнагӣ фурӯ нишонанд.

Худованди азза ва ҷалла бо Мӯсо[(а)] сӣ шабро ваъда ниҳод, ки ба Тӯри Сино биравад то китоби Тавротро, ки шомили шариат ва муқаррароти қавми Бани Исроил буд, ба ӯ таслим кунад. Худованд мӯҳлати ин вохӯриро даҳ рӯзи дигар дароз кард ва онро ба чиҳил рӯз расонд. Аммо дар ин муддат Сомирӣ[1] қавми Бани Исроилро баъд аз рафтани Мӯсо ба ваъдагоҳ ва муноҷот дар Тӯри Сино, гумроҳ кард. Ӯ аз зару зевари тиллоии онҳо гӯсалае барояшон сохт ва аз хоке, ки ҳамроҳ дошт ва дида буд Ҷабраил бар он пой ниҳода аст, бар даҳони он гӯсола рехт, ки бар асари дамида шудани бод дар даҳони он муҷассама садои гӯсолае аз он берун меомад. Сомирӣ ба онҳо гуфт: ин худои шумо ва худои Мӯсо аст!! Ҳорун[(а)] ба эшон гуфт: шумо мардум ба ин васила мавриди озмоиш қарор гирифтаед. Парвардигори шумо Худои раҳмон аст. Онҳо дар посухи ӯ гуфтанд: то замоне, ки Мӯсо ба назди мо барнагардад парастиши ин гӯсоларо тарк намекунем. Худованд ин кори Бани Исроилро ба Мӯсо[(а)] хабар дод. Пас, Мӯсо бо камоли таассуф ва хашм ба назди онҳо баргашт ва бародараш Ҳорун[(а)]-ро мавриди сарзаниш қарор дод. Ҳорун гуфт: эй бародар!

---

[1] "Сомирӣ" калимаи арабишуда аз "Шамрунӣ" аст. Ҳамон тавр ки "Исо" калимаи арабишудаи "Яшуъ", ки калимаи ибрӣ аст, мебошад. Шамрунӣ, нисбат дода шуда аст ба чорумин писари Ясокор аз асботи Бани Исроил. Барои маълумоти бештар ба калимаи  Шамрун дар Қомуси Китоби Муқаддас муроҷиат кунед.

Чанг аз ришу сарам бардор. Ин қавм маро гӯш накарданд ва наздик буд, маро бикушанд.

Пас аз он ки Бани Исроил ба хатои худ пай бурданд, Худованд тавбаи эшонро бар ин қарор пазируфт, ки: касоне, ки ба гӯсолапарастӣ рӯй оварда буданд худро дар ихтиёри худопарастон қарор диҳанд то кушта шаванд. Онон чун ба ин фармон тан доданд ва таслими амри илоҳӣ гардиданд, Худованд онҳоро бахшид. Аммо бо ҳамаи шигифтӣ баъд аз он аз Мӯсо хостанд онҳоро бо худ ба мулоқоти Худованд бурда, худ шоҳиди сухан гуфтани ӯ бо Худованд бошанд. Ин буд, ки Мӯсо ҳафтод нафар аз онҳоро баргузид. Онон чун дар макони мулоқот ҳозир омаданд, гуфтанд: мехоҳем Худовандро ошкоро мушоҳида кунем! Пас ҳамчунон, ки менигаристанд озарахше эшонро фаро гирифт (ва дар ҷой бимурданд). Бори дигар Худованд бино бар хоҳиши Мӯсо[а] онҳоро ҳаёт ато фармуд. Ҳамин тавр ба Тавроте, ки Худои субҳон барояшон чароғи ҳидоят қарор дода буд, ки паёмбаронашон бар асоси онҳо ҳукм кунанд, имон оварданд.

Мӯсо[а] баъд аз он ки ба онҳо ёдоварӣ намуд Худои азза ва ҷалла чи неъматҳоеро барояшон арзонӣ дошта ва бар ҷаҳониён бартариашон дода аст, хитоб ба онон фармуд: эй қавми ман! Ба сарзамини муқаддас (сарзамини Шом), ки Худованд шуморо ба он амр фармуда аст ворид шавед.

Гуфтанд: эй Мӯсо! Дар он ҷо қавми ситамгар ва саркаш вуҷуд дорад. Мо қадам ба он ҷо намегузорем,

магар он гоҳ ки онҳо аз он ҷо берун раванд. Ҳар гоҳ берун шуданд, мо вориди он ҷо мешавем.

Дар он ҳангом ду мард аз ахбори (донишмандон) қавм хитоб ба эшон гуфтанд: аз дарвоза бар онҳо дароед, ки ба маҳзи воридшуданатон, шумо бар онҳо пирӯз мешавед, бар Худо таваккал кунед агар мӯмин ҳастед.

Қавм гуфтанд: Эй Мӯсо! То замоне ки онҳо дар он ҷо бошанд, мо ҳаргиз вориди он ҷо намешавем. Пас худат ва Худоят биравед ва бо онҳо биҷангед, мо ҳамин ҷо дар интизор менишинем!!

Бо додани чунин посухе Худои таоло фармуд:

> ***"Фаиннаҳо муҳарраматун ъалайҳим арбаъӣна санатан ятӣҳӯна фил арзи фало та'са ъалал қавмил фосиқӣн"*** **Ê**
>
> **Ä** *Муддати чиҳил сол тасарруфи он сарзамин бар онҳо ҳаром шуд. Онҳо дар ин муддат дар биёбонҳои Сино ҳамчунон саргардон хоҳанд буд. Ва ту эй Мӯсо! Бар ситамгарон дил масӯзон.*[1]

Инҳо бахше аз моҷароҳои бани Исроил дар замони Ҳазрати Мӯсо(а) аст. Аммо он чиро, ки аз ин қавм баъд аз ҳазрати Мӯсо(а) сар зада аст, яке ин ки:

Бархе аз эшон дар канораи Баҳри Сурх манзил гузидаанд ва ба шикори моҳӣ пардохтаанд. Моҳиҳои баҳр дар рӯзи шанбе бисёр зиёд дар канораи соҳил

---

[1] Сураи Моида, ояи 26.

**... فَإِنَّهَا مُحَرَّمَةٌ عَلَيْهِمْ أَرْبَعِينَ سَنَةً يَتِيهُونَ فِي الأَرْضِ فَلاَ تَأْسَ عَلَى الْقَوْمِ الْفَاسِقِينَ** {26}

пеш меомаданд ва Худованд эшонро аз сайд дар рӯзи шанбе ба хотири риёзати нафси саркашашон манъ намуда буд. Онҳо аз ин наҳй сарпечӣ карда рӯзи шанбе ба сайди моҳӣ пардохтанд. Дар натиҷа Худованд онҳоро ба шакли маймун табдил намуд ва ҳалок кард.

Худованди таоло дар миёни авсиёи ҳазрати Мӯсо, Довуд[а]-ро қарор дод ва ба ӯ Забурро ато фармуд. Ҳангоме ки Довуд овоз ба қироати Забур ва тасбеҳи Худованд баланд мекард, акси садояш бар кӯҳҳо мепечид ва паррандагон дар тасбеҳ бо ӯ ҳамово мешуданд. Худованд Оҳанро дар дасти ӯ нарм кард, то аз он зиреҳ созад. Пас аз вай Сулаймон[а]-ро васӣ қарор дод, ки бодро дар ихтиёри ӯ ниҳод, то ба фармони вай ба ҳар сӯ, ки мехост ҳаракат мекард. Ҳамчунин аҷиннаро, ки дар баҳрҳо ба кори ғаввосӣ пардохта, барояш гавҳарҳо берун меоварданд, ҳайкалҳо, муҷассамаҳо, меҳробҳо, косаҳое ба бузургии ҳавз ва дегҳои бузург ва собит дар замин месохтанд, таҳти фармони ӯ қарор дод.

Худованд ба ӯ забони ҳайвонотро омӯхт, тавре ки каломи мӯрчаро дарёфт мекард ва ҳудҳуд аз мамлакати Билқис уро бохабар сохт ва аз хидматгоронаш (он кас, ки ӯро баҳрае аз китоби махсус буд) тахти Билқисро аз Яман ба муддати як чашм бар ҳам задан барои ӯ дар Шом ҳозир кард.

Малоика дар хидмати ӯ буданд ва аз ҷинниён ҳар кас, ки аз фармони Сулаймон сарпечӣ мекард, бо тозиёнаи азоб ӯро танбеҳ менамуданд.

Ҷинҳо пас аз марги Сулаймон ҳамчунон дар хидмати ӯ ба кор ва фаъолият машғул буданд, то он гоҳ, ки арзамӯрак (дохили) асои ӯро холӣ кард ва Сулаймон бар замин афтод. Тамоми ин маворид, ҳолатҳои истисноӣ дар бани Исроил ва паёмбарони онҳо буда аст. Аз ҷумлаи ҳолатҳои истисноии эшон дар аҳди ҳазрати Мӯсо(а), яке ин буд, ки дар мавриди қотили шахси кушташудае байнашон ихтилоф афтод, ки Худои таоло эшонро фармон дод, то говеро сар бибуранд ва порае аз гушти онро бар ҷасади он кушташуда бизананд, ки бар асари он Худованд он куштаро зинда кард ва ҳақиқати он амр ошкор гардид.

Ва низ аз ҷумлаи достонҳои эшон "Узайр ва Урмиё" аст, ки ба деҳаи вайронае, ки деворҳо ва сақфҳояш фурӯ рехта ва ҳамаи сокинонаш мурда ва даррандагон ҷасадҳои онҳоро хӯрда буданд, гузар кард ва аз роҳи таачуб гуфт: Худованд ин мурдаҳоро чӣ гуна зинда мекунад?!

Дар ин ҳангом буд, ки Худованд ӯро ба муддати сад сол миронад ва он гоҳ ӯро зинда кард. Субҳгоҳон ҷони ӯро гирифт ва шомгоҳон ба зиндагӣ баргардонд. Фариштае аз ӯ пурсид: чӣ муддат дар хоб будӣ?

Узайр нигоҳе ба осмон ва офтоб, ки ба ғуруб наздик мешуд назар андохт ва гуфт: (ба назарам) як рӯз, ё порае аз онро дар хоб будам.

Фаришта гуфт: балки муддати хоби ту сад сол буда аст! Нигоҳе ба хӯрокат (анҷир ва ангур) ва нӯшиданиат (шираи ангур) биандоз ва бибин, ки таи ин солҳо ҳеҷ тағир накардаанд. Ҳоло ба хари хеш назар кун ва

бибин, ки ҳатто устухонҳояш аз ҳам пошида, пароканда ва аз байн рафта аст! Дар он ҳангом Худованд андомҳои парокандаи харро дар канори ҳам қарор дод ва гӯшт бар онҳо пӯшонида ӯро зинда кард. Аз мушоҳидаи ин саҳна Узайрро маълум шуд, ки Худованд чӣ гуна мурдагонро зинда мекунад ва гуфт: комилан донистам, ки Худованд дар ҳар чизе тавоност.

Аз достонҳои истисноии эшон баъд аз ҳазрати Мӯсо, достони паёмбароне чун Закариё ва Яҳё аст. Ҳазрати Закариё Худовандро даъват намуд ва гуфт: Парвардигоро! Устухонҳоям фарсуда шуда, мӯи сарам сафед гашта, занам нозост ва аз ворисони баъд аз худам дар бим ва ҳаросам. Худат барои ман ҷонишине ато кун, ки ирсбари ман ва Оли Яъқуб бошад. Худованд ӯро ба Яҳё мужда дод. Номе, ки пеш аз ӯ бар касе ниҳода нашуда буд ва Худованд дар кӯдакӣ китоб ва довариро ба ӯ ато намуда буд. Пуровозатрини достони истисноии эшон хабари валодати паёмбари Худо ҳазрати Исо[а] аст, бидуни падар аз модараш Марям. Дар гаҳвора сухан гуфтани ӯ бо қавмаш ва ин ки Худованд ӯро китоб ва ҳикмат марҳамат намудааст. Офариниши Исо мурғеро аз гил ба изни Худо, шифо додани кӯри модарзод ва пес, зинда кардани мурдагон, ба шакл ва симои Исо даровардани бадхоҳ ва хабаркаши ӯро, то ба ҷои ӯ ба дор овехта шавад, мисоли равшане дар ин маврид мебошад. Худованд Исо[а]-ро бардошт ва ба ҷойгоҳи баланде бурд ва ҳамчунон зиндааш нигаҳ дошт то он гоҳ, ки ӯро дар охируззамон ба замин ва дар канори ҳазрати

Бақиятуллоҳилаъзам Маҳдии соҳибуззамон (Худованд зуҳурашро наздик гардонад) баргардонад.

**ø ø ø**

Ҳамчунин барои анбиёи Бани Исроил ҳолоти истисноӣ суроғ дорем, ки дар ҳеҷ як аз паёмбароне, ки пеш аз онҳо буданд, надидаем; монанди он чиро, ки ба ҳазрати Сулаймон(а) дода шуд, аз коргарии ҷинҳо барои ӯ, ё ба дунё омадани Ҳазрати Исо(а) бидуни падар ва офаридани ӯ аз гил мурғеро ба изни Худо.

Ҳеҷ қавмеро сангдилтар аз қавми Бани Исроил намешиносем. Мардуми бадниҳод, ки оёт ва мӯъҷизоти нӯҳгонаро аз паёмбарашон диданд ва мушоҳида карданд, ки вай онҳоро аз баҳр ва аз миёни дувоздаҳ роҳи хушкшудае дар кафи он гузаронид ва Фиръавн ва сипоҳиёнашро ғарқ кард. Худованд ононро ба мӯъҷизае, ки дар тӯли таърихи башар бесобиқа буда аст, наҷот дод. Аммо то чашмашон ба бутпарастон меафтад ба паёмбарашон мегӯянд: эй Мӯсо! Барои мо аз бут худое чун бути инон бисоз!!

Ва ё ҳангоме ки паёмбарашон рафта аст то аз Худованд шариати мавриди амалашонро биёварад, ба гӯсолапарастӣ рӯй меоваранд!!

Инҳо намунаҳое аз сифоти нописанд ва бади онҳост, ки дар канорашон тарзи рафтор, тафаккур ва равишҳое ба чашм мехӯрад, ки хоси онҳо буда ва дар умматҳои пешин ва баъд аз эшон бесобиқа аст.

Душманони эшон низ чунин будаанд; монанди Фиръавн ва дарбориёнаш ва низ ақвом ва уммате, ки дар он рӯзгор дар сарзаминҳои Шом сокин буда, маъмур ба ҷанг бо эшон шуда буданд.

Натиҷаи тамоми ин ҳолоти истисноӣ ин шуда аст, ки онон нисбат ба дигар умматҳо ба аҳкоми хос ва истисноӣ ниёз дошта бошанд. Мавориде аз қабили тағири қиблаи онҳо аз Каъба ба Байтулмуқаддас ва мамнуияти он чиро, ки Исроил (Яъқуб паёмбар) бар худ ҳаром карда буд. Ва чун бархе аз мавқеиятҳо ва шароити ихтисосии онҳо бо аз байн рафтани умматҳое, ки бо онҳо дар сарзаминҳояшон меҷангиданд, дар замони ҳазрати Исо ибни Марям(а) мунтақил шуд. Худованд порае аз он чиро, ки пеш аз он бар эшон ҳаром карда буд, ҳалол гардонд.

Чун дар замони ҳазрати Хатмимартабат(с) тамоми он мавридҳои истисноӣ поён ёфта буд, тамоми аҳкоми истисноӣ ва хоси онҳо низ аз миён бардошта шуд. Чунончи Худованди таоло дар сураи Аъроф, ояти 158 мефармояд:

***Аллазӣна яттабиъунар расӯлан набиййал уммиййал лазӣ яҷидӯнаҳу мактӯбан ъиндаҳум фит Тавроти вал Инҷӣли йаʼмуруҳум бил маърӯфи ва йанҳоҳум ъанил мункари ва юҳиллу лаҳумут таййибота ва юҳарриму ъалайҳимул хабоиса ва йазаъу ъанҳум исраҳум вал аглолал латӣ конат ъалайҳим... Ê***

***Ä****Касоне****,*** *ки он паёмбари дарснохондаро****,*** *ки ному нишон ва авсофашро дар назди худ дар Таврот ва*

*Инҷил навишта меёбанд, пайравӣ кунанд. Паёмбаре, ки онҳоро ба корҳои хуб дастур медиҳад ва аз корҳои бад бозмедорад ва чизҳои покизаро барояшон ҳалол мекунад ва палидиҳоро ҳаромашон менамояд, таклифи вазнинашонро бо қайдҳо ва занҷирҳое, ки бар онҳо буда аст, бармедорад...*[1]

Ва ба ин сабаб шариати Мӯсо ва Исо(а) насх гардид ва фармон расид, ки ба амал ба дини ҳанифи Иброҳим(а) ки инак Хотами Паёмбарон(с) мубаллиғ ва мубайийини он шудааст баргарданд. Ва аз ҳамаи инҳо дарёфтем, ки шариатҳо ва муқаррароти Ислом аз замони ҳазрати Одам(а) то Хотами Паёмбарон(с) як дини воҳид ва мутаносиб бо фитрати одамӣ буда аст. Аз сабаби он ки офариниши илоҳиро табдиле сурат нагирифта аст, шаръ ва муқаррароти Худованд низ тағир ва табдил наёфта аст. Шариати илоҳӣ бо таваҷҷӯҳ ба ниёзи мардуми ҳамқарни паёмбари замони худ бар он паёмбаре нозил мешудааст ва аз ин рӯ аст, ки аз он шариат ба миқдори ниёзи як хонавода бар ҳазрати Одам(а) нозил шуд. Дар замони Идрис(а) ба миқдоре, ки сокинони як шаҳр ниёз доштанд ва дар замони Нӯҳи паёмбар(а) ба миқдори эҳтиёҷи сокинони чандин шаҳр ва дарё доманаи ин шариат вусъат ёфт. Ҳамин миқдор аз шариати замони Нӯҳ, шомили замони мо низ шуда аст чунон, ки Худои таоло мефармояд:

---

[1] Сураи Аъроф, ояи 157.

الَّذِينَ يَتَّبِعُونَ الرَّسُولَ النَّبِيَّ الأُمِّيَّ الَّذِي يَجِدُونَهُ مَكْتُوباً عِندَهُمْ فِي التَّوْرَاةِ وَالإِنْجِيلِ يَأْمُرُهُم بِالْمَعْرُوفِ وَيَنْهَاهُمْ عَنِ الْمُنكَرِ وَيُحِلُّ لَهُمُ الطَّيِّبَاتِ وَيُحَرِّمُ عَلَيْهِمُ الْخَبَآئِثَ وَيَضَعُ عَنْهُمْ إِصْرَهُمْ وَالأَغْلاَلَ الَّتِي كَانَتْ عَلَيْهِمْ ... {157}

***"Шараъа лакум минад дӣни мо васо биҳи Нӯҳан Ê***

***Ä****Аз дин ҳамонро барои шумо қарор дода аст, ки ба Нӯҳ фармуда буд"*.[1]

Дини ҳанифи Иброҳим(а) бо шариати Нӯҳ ихтилоф надорад, ҳамон гуна ки Худои субҳон мефармояд:

***"Ва инна мин шиъатиҳи ла- Иброҳим",***[2]

ба ин маъно, ки Иброҳим(а) аз пайравони ҳазрати Нӯҳ буда аст.

Шариати ҳазрати Хатмимартабат(с) низ бо дини Ҳанифи Иброҳим(а) ихтилоф надорад, чунон ки Худованд мефармояд:

***"Иттабиъ миллата Иброҳима ҳанифан Ê***

***Ä****Дини ҳанифи Иброҳимро пайравӣ кун"*.[3]

Ба мо низ фармуда аст:

***Фаттабиъӯ миллата Иброҳима ҳанифан Ê***

***Ä****Дини ҳанифи Иброҳимро пайравӣ кунед"*.[4]

---

[1] Сураи Шӯро, ояи 13.

شَرَعَ لَكُم مِّنَ الدِّينِ مَا وَصَّى بِهِ نُوحاً ... {13}

[2] Сураи Соффот, ояи 83.

وَإِنَّ مِن شِيعَتِهِ لَإِبْرَاهِيمَ {83}

[3] Сураи Наҳл, ояи 123.

... اتَّبِعْ مِلَّةَ إِبْرَاهِيمَ حَنِيفاً ... {123}

[4] Сураи Оли Имрон, ояи 95.

... فَاتَّبِعُواْ مِلَّةَ إِبْرَاهِيمَ حَنِيفاً ... {95}

Шаъни одамӣ нисбат ба шариати илоҳӣ, монанд ва ҳамсони занбӯри асал аст, ки Худои таоло дар ғаризаи ӯ ниҳода аст то дар ростое, ки Худованд барои ӯ назм ва тартиби хоси мутаносиб бо фитраташ муқаддар фармуда аст, зист кунад. Офариниши ӯ аз ҳамон ибтидо, ки Худо ӯро офарид, то ба имрӯз тағире наёфта ва назми зиндагии ӯ ба пайравӣ аз ғаризае, ки Худованд ба ӯ ато карда ва тарбият намуда аст тағир накарда аст.

Ҳамчунин назме, ки Парвардигори ҷаҳон ба иқтизои рубубияташ барои ҳамаи офаридагони ҷаҳониён муқаррар дошта аст, тағир наёфта аст. Одамӣ аз ин қоида берун ва истисно нест ва ӯ офаридаи навзуҳур дар миёни дигар офаридаҳои Худои таоло намебошад.

Дар ин ҷо баҳси мо дар ин ҷилд аз китоб, ки шарҳ ва тафсили матолибе аст, ки ба таври фишурда ва хулоса дар ҷилди аввал омада аст ва аҳёнан ҳамроҳ бо изофа ё тағири баён, ба пайравӣ аз Қуръони карим дар тарҳи ақоиди Ислом, ки дар ҷое ба ихтисор, дар мавриде ба шарҳу тафсил ва гоҳ ба тағири таъбир аз мавриде ба мавриди дигар пардохтааст, поён мепазирад.

Пас аз анҷоми ин мабоҳис ба хости Худои таоло дар ҷилди оянда, то он ҷо ки дар тавонамон бошад ба баррасии сираи Паёмбари Худо(с) дар Макка, бо баҳрагирӣ аз Қуръони карим ва дигар сарчашмаҳои исломӣ хоҳем пардохт.

***Ва охируд даъавоно анилҳамду лиллоҳи раббил ъоламин.***

## ФЕҲРАСТИ МАТОЛИБ


§ Сарсухани маҷмаи ҷаҳонии Аҳлибайт(а) ......................9
§ Тақдим..................................................................12
§ Пешгуфтори муаллиф..................................................13
§ Сухане аз мутарҷим....................................................16


## Истилоҳоти исломӣ


§ Корбурди истилоҳот дар оёти Қуръон........................23
- Шарҳи вожаҳо..............................................................35
- Тафсири оёти гузашта дар ривоёт...............................45
- Тафсири оёт дар партави ривоёт.................................49
- Ҳақиқати оят ва мӯъҷиза.............................................51


## Одам алайҳиссалом


§ Офариниш Одам(а) .........................................................61
- Шарҳи вожаҳо..............................................................63
- Тафсири оёт....................................................................68


## Авсиёи пас аз ҳазрати Одам


§ Муқаддима.....................................................................73

§ 1. Шис - Ҳибатуллоҳ дар китобҳои сира........................75
- Таваллуди Шис..............................................................75
- Васияти ҳазрати Одам ба Шис.........................................75
- Қазовати Шис ва ҳаҷҷи Хонаи Худо................................76
- Васияти Шис ба фарзандаш Анӯш.....................................78

§ 2. Анӯш фарзанди Шис...................................................79
- Валодати Анӯш, васияти Шис ба ӯ ва интиқоли нури Хотами Паёмбарон(с) ба ӯ......................................79
- Аввалин касе, ки дарахт шинонд.....................................79
- Васияти Анӯш ба писараш Қайнон ва таълими Суҳуфи Одам(а) ба ӯ..........................................................80
- Вафоти Анӯш......................................................................80

§ 3. Қайнон фарзанди Анӯш...............................................82
- Ба дунё омадани Қайнон ва дурахшиши нури Хотами Паёмбарон(с) дар пешонии ӯ.............................82
- Анӯш Суҳуфро ба Қайнон таълим ва вайро ба иқомаи намоз ва дигар аҳком фармон дод..................82
- Васияти Қайнон ба фарзандаш Маҳлоил.......................83

§ 4. Маҳлоил писари Қайнон..............................................84
- Маҳлоил қавмашро ба фармонбардорӣ аз Худо фармон медиҳад................................................................84
- Нахустин касе, ки хона сохт, масоҷид барпо намуд ва маъдан истихроҷ кард.......................................................84
- Васияти Маҳлоил ба писараш Ярд.................................85

§ 5. Юворид писари Маҳлоил.............................................86
- Ба дунё омадани Юворид ва интиқоли нури Паёмбари Хотам(с) ба ӯ.................................................86
- Васияти Маҳлоил ба писараш Ярд.................................86
- Васияти Ярд ба писараш Идрис......................................87

§ 6. Идрис(а) (Ухнух) паёмбари Худо..................................88
- Номи Идрис дар Қурони карим.......................................88
- Шарҳи вожаҳо.................................................................88

- Идрис дар китобҳои сира.........................................89
- Ба дунё омадани Идрис ва интиқоли нури Хотами Анбиё(с) ба ӯ.........................................89
- Фиристода шудани Суҳуфи осмонӣ бар Идрис ва дӯзандагии ӯ.........................................91
- Худованд бар Идриси паёмбар номҳои бурҷҳо ва ситорагонро омӯхт.........................................91
- Омезиши наберагони Шис ва Қобил дар замони Идрис(а)......................................... 92
- Васияти Юворид ба фарзандаш Ухнух.........................................93

§ 7. Матушалаҳ писари Идриси паёмбар(а) .........................................94
- Васияти Идрис(а) ба писараш ва нури Хотами Анбиё(с).........................................94
- Нахустин аспсавор.........................................95

§ 8. Ламак писари Матушалаҳ.........................................96
- Васияти Матушалаҳ ба писараш Ламак.........................................96
- Издивоҷи наберагони Шису Қобил ва ба дунё омадани зӯргӯёну саркашон.........................................96
- Танҳо мондани ҳашт тан аз писарони Шис ва васияти ӯ ба Нӯҳ(а)......................................... 97


## Таърихи авсиёи паёмбарон аз Таврот


§ Бархе аз саргузаштҳои васиён то асри Нӯҳ(а) ба нақл аз Таврот.........................................101
- Натиҷаи баҳс.........................................104


## Ахбори Нӯҳ(а) ва авсиёи баъд аз ӯ


§ Сира ва равиши Нӯҳ(а) дар оёти Қуръон.........................................113
- Шарҳи вожаҳо.........................................122
- Тафсири оёт.........................................127

- Достони Нӯҳ[(а)] дар сарчашмаҳои исломӣ..................132

§ 1. Сом писари Нӯҳ[(а)] ........................................................134
- Васияти Нӯҳ ба писараш Сом.................................... 134
- Сом ҷасади Одамро аз киштӣ берун меоварад.......134
- Васияти Сом ба писараш Арфахшад..........................134

§ 2. Арфахшад, писари Сом..............................................135
- Арфахшад баъд аз падараш Сом................................135
- Васияти Арфахшад ба писараш..................................135

§ 3. Шолеҳ писари Арфахшад...........................................136
- Қиёми Шолеҳ ба итоат ва ибодати Худо...................136


## Ахбори анбиё аз васиёни Нӯҳ[(а)] дар Қуръон


§ 1.Ҳуд алайҳиссалом....................................................139
- Сираи Ҳуд дар оёти карима........................................139
- Шарҳи вожаҳо...............................................................144
- Фишурдае аз тафсири оёт............................................145

§ 2. Солеҳ алайҳиссалом...................................................146
- Сира ва равиши Солеҳ[(а)] дар Қуръон..........................146
- Шарҳи вожаҳо...............................................................152
- Чакидае аз тафсири оёт...............................................152
- Натиҷаи баҳс................................................................154


## Иброҳим - Халилурраҳмон


§ Намунаҳое аз саргузашти Иброҳим (а) дар Қуръони карим..............................................................157
- Намунаи аввал: Иброҳим ва мушрикон.....................157
- Намунаи дуввум: Иброҳим ва Лут[(а)]............................165
- Намунаи саввум: Иброҳим ва Исмоил алайҳимоссалом ва бинои Каъба.................................169
- Намунаи чаҳорум: Иброҳим, Исҳоқ ва Яъқуб..........176
- Шарҳи вожаҳо...............................................................177

§ Мавридҳои қобили таваҷҷӯҳ дар тафсири оёти гузашта ва намунаҳое аз саргузашти ҳазрати Иброҳими Халилуллоҳ(а) ва шеваи паёмбарон дар пешкаш кардани ақоиди Ислом.................................179
- Намунаи нахустин: Иброҳим ва мушрикон.............179
- 1-Иброҳим(а) ва ситорапарастон...............................180
- 2-Иброҳим бо бутпарастҳо.........................................181
- 3-Иброҳим ва тоғути замонаш....................................184
- Намунаи дуввум: ҷойгоҳи Иброҳим(а) дар достони қавми Лут.........................................................................188
- Намунаи саввум: хабари Иброҳим ва Исмоил(а), сохтани Каъба ва нидо ба ҳаҷ........................................191
- Намунаи чаҳорум, Иброҳим(а) бо ду сулола аз хонаводааш.........................................................................199
- Исҳоқ(а) писари Иброҳим(а) ва писараш Яъқуб (Исроил) ва фарзандони ӯ (Бани Исроил)..................200

## Яъқуб алайҳиссалом

§ Яъқуби писари Исҳоқ - мулаққаб ба “Исроил” ва фарзандонаш “Бани Исроил” ва аҳакоме, ки Худованд барои онҳо ташреъ фармуда аст................203
- Тафсири оёт................................................................207

## Шуайб алайҳиссалом

§ Шуайб алайҳиссалом.....................................................211
- Шарҳи вожаҳо.............................................................214
- Нукоти муҳим дар тафсири оёт...................................215

## Саргузашти Бани Исроил ва паёмбаронашон дар Қуръони карим

§ Намунаи аввал: ба дунё омадани ҳазрати Мӯсо ва пазируфта шудани он ҳазрат ба унвони фарзанди Фиръавн........219
- Шарҳи вожаҳо........220

§ Намунаи дуввум: мӯъҷизоти нӯҳгона........221
§ Намунаи саввум: Бани Исроил дар саҳрои Сино ва саркашиҳои эшон дар замони Мӯсо[(а)] ва баъд аз ӯ........228
- Шарҳи вожаҳо........237
- Мавридҳои муҳим ва диққатҷалбкунанда дар тафсири оёт........240

§ Намунаи чаҳорум: Довуд ва Сулаймон[(а)]........250
- Шарҳи вожаҳо........257
- Тафсири оёт........259

§ Намунаи панҷум: Закариё ва Яҳё[(а)]........263
- Шарҳи вожаҳо........265
- Тафсири оёт........166

§ Намунаи шашум: Исо писари Марям[(а)]........267
- Саргузашти Бани Исроил бо Исо[(а)])........269
- Шарҳи вожаҳо........272
- Тафсири оёт........273

## Асри фатрат

§ Маънои асри фатрат........279
- Шарҳи вожаҳо........281
- Тафсири оёт........281

## Анбиё ва авсиё дар асри фатрат ба ғайр аз падарон ва аҷдоди Паёмбар(с)

§ Анбиё ва авсиё дар асри фатрат....................................284

## Бархе аз ахбори Исмоил(а) - васии Иброҳим(а), бар шариати ҳанифия

§ Хабари нубуввати Исмоил(а) дар Қуръон....................291
- Нубуввати Исмоил(а) дар дигар сарчашмаҳо.............292

## Ахбори бархе аз аҷдоди Паёмбар(с) дар асри фатрат. Густариши бутпарастӣ дар Макка ва мавзеъгирии аҷдоди Паёмбар(с) дар баробари он

§ Ахбори бархе аз аҷдоди Паёмбар(с) дар асри фатрат..............................................................................297
- Илёс ибни Музир..........................................................297
- Канона ибни Хузайма...................................................299
- Каъб ибни Луай.............................................................299

§ Густариши бутпарастӣ дар Макка ва мавзеъгирии аҷдоди Паёмбар(с) ..........................................................301
- Қусай ибни Килоб.........................................................304
- Қусай ва рӯ овардани ӯ ба корҳои Байтуллоҳил-ҳаром ва ҳоҷиён.........................................................305
- Вафоти Қусай.................................................................309
- Абдуманоф ибни Қусай................................................310
- Ҳошим ибни Абдуманоф..............................................310
- Чораандешии Ҳошим дар бораи эътифод...............315
- Абдулмуталлиб писари Ҳошим..................................319
- Кофтани чоҳи Замзам..................................................321
- Шарҳи абёт, вожанома..................................................332

§ Абдулмуталлиб ва милоди Паёмбар(с) .......................341

- Фишурдаи баҳс....358
  1-Илёс писари Музир....359
  2-Хузайма ибни Мудрика набераи Илёс....359
  3-Каъб ибни Луай....359
  4-Қусай....360
  5-Абдуманоф....361
  6-Ҳошим....361
  7-Абдулмуталлиб - писари Ҳошим....363

§ Абдуллоҳ падар ва Абӯтолиб амаки Расули Худо(с)....364
- Абдуллоҳ падари Хотамуланбиё(с)....364
- 2-Абӯтолиб, сарпарасти Паёмбар(с)....365
  1-Номи Абӯтолиб:....365
  2-Сира ва равиши Абӯтолиб:....366
  3-Ақида ва имони Абӯтолиб:....368
- Натиҷагирӣ....368


## Ҷамъбандӣ ва натиҷаи матолиби китоб


§ Нахуст:....387
- Васияти Одам ба писараш Шис....387
- Васияти Шис ба писараш Анӯш....388
- Васияти Анӯш ба Қайнон....389
- Васияти Қайнон ба писараш Маҳлоил....390
- Васияти Маҳлоил ба писараш Юворид....390
- Васияти Юворид ба писараш Ухнух....391
- Васияти Идрис ба писараш Матушалаҳ....391
- Васияти Матушалаҳ ба писараш Ламак....392
- Васияти Ламак ба писараш Нӯҳ....392
- Васияти Нӯҳ ба писараш Сом....393
- Васияти Сом ба писараш Арфахшад....394
- Васияти Арфахшад ба писараш Шолеҳ....395
- Васияти Шолеҳ ба писараш Обир....395

§ Ҷонишинони дувоздаҳгонаи Паёмбар(с) ....................401
§ Дуввум:...........................................................................402
§ Саввум:...........................................................................403
§ Мавориди ибрат дар тафсири оёт...............................408

## Феҳрастҳо

§ Феҳрасти вожаҳо...........................................................423
§ Феҳрасти матолиб.........................................................435

# Феҳрасти вожаҳо

| Рақами тартиб | Навишти калима бо хати тоҷикӣ | Асли арабии калима | Саҳифа |
|---|---|---|---|
| 1. | Ястафӣ- Истифо | يَصْطَفى – اِصْطِفَاء | 35 |
| 2. | Авҳайно | اَوْحَيْنا | 36 |
| 3. | Баъс | بَعْث | 36 |
| 4. | Китоб | كِتَاب | 36 |
| 5. | Ҳукм | حُكْم | 36 |
| 6. | Нубувват | نُبُوَّت | 37 |
| 7. | Расӯл | رَسُول | 39 |
| 8. | Ӯлулъазм | اُولُوالْعَزْم | 39 |
| 9. | Башӣр | بَشِير | 40 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 10. | Назӣр | نَظِير | 40 |
| 11. | Баййинот | بَيِّنَات | 40 |
| 12. | Анзално | اَنْزَلْنَا | 41 |
| 13. | Мӣзон | مِيزَان | 41 |
| 14. | Лиякуманносу билқист | لِيَقُومَ النَّاسُ بِالْقِسْطِ | 41 |
| 15. | Ба'сун шадид | بَأْسٌ شَدِيد | 41 |
| 16. | Кисафан | كِسَفاً | 42 |
| 17. | Зухруф | زُخْرُف | 42 |
| 18. | Ҷайб | جَيْب | 42 |
| 19. | Мубсиратан | مُبْصِرَة | 42 |
| 20. | Исрӣ | اِصْرِى | 42 |
| 21. | Тоғӯт | طَاغُوت | 42 |
| 22. | Оят | آيَة | 42 |
| 23. | Иҷтабоҳу | اِجْتَبَاهُ | 63 |
| 24. | Тоба | تَابَ | 64 |
| 25. | Халӣфа | خَلِيفَة | 64 |
| 26. | Ал-асмо' | اَلْأَسْمَاء | 67 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 27. | Нусаббиҳу биҳамдика | نُسَبِّحُ بِحَمْدِكَ | 68 |
| 28. | Нуқаддису | نُقَدِّسُ | 68 |
| 29. | Сиддӣқ | صِدِّيق | 88 |
| 30. | Ъалийян | عَلِيّاً | 89 |
| 31. | Фаъуммият ъалайкум | فَعُمِّيَت عَلَيْكُم | 122 |
| 32. | Бимуъҷизӣн | بِمُعْجِزِين | 122 |
| 33. | Истағшав сиёбаҳум | اِتَغْشَوا ثِيَابَهُم | 122 |
| 34. | Мидроран | مِدْرَاراً | 123 |
| 35. | Виқоран | وِقَاراً | 123 |
| 36. | Атворан | اَطْوَاراً | 123 |
| 37. | Тибоқан | طِبَاقاً | 123 |
| 38. | Фиҷоҷан | فِجَاجاً | 123 |
| 39. | Таборан | تَبَاراً | 123 |
| 40. | Биаъюнино | بِأَعْيُنِنَا | 123 |
| 41. | Танӯр | تَنُّور | 123 |
| 42. | Ғайз | غَيْض | 123 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 43. | Ҷӯдӣ | جُودِیّ | 123 |
| 44. | Аҳқоф | اَحْقَاف | 144 |
| 45. | Лита'фикано | لِتَأفِكَنَا | 144 |
| 46. | Ъориз | عَارِضٌ | 144 |
| 47. | Атрафноҳум | اَتْرَفْنَاهُم | 144 |
| 48. | Ҳайҳот | هَيْهَاتْ | 144 |
| 49. | Бастатун | بَصْطَة | 144 |
| 50. | Ричс | رِجْسْ | 144 |
| 51. | Қатаъно добираҳум | قَطَعْنَا دَابِرَهُم | 144 |
| 52. | Атайярно - тоирукум | اَطَّيَّرْنَا – طَائِرُكُم | 152 |
| 53. | Ҳазӣм | هَزِيم | 152 |
| 54. | Форихӣн | فَارِهِين | 152 |
| 55. | Чосимӣн | جَاثِمِين | 152 |
| 56. | Бавваакум | بَوَّاَكُم | 152 |
| 57. | Ва ло таъсав | وَ لا تَعْثَوْا | 152 |
| 58. | Ъутувван | عُتُوّاً | 152 |
| 59. | Рачфатун | رَجْفَة | 152 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 60. | Раҳтун | رَهْط | 152 |
| 61. | Ҳанӣфан | حَنِيفاً | 178 |
| 62. | Ҳанафа | حَنَفَ | 178 |
| 63. | Ҷанафа | جَنَفَ | 178 |
| 64. | Роға | رَاغ | 178 |
| 65. | Язиффӯн | يَزِفُّون | 178 |
| 66. | Уффин | أُفٍّ | 178 |
| 67. | Ҷузозан | جُذَاذاً | 178 |
| 68. | Бухита | بُهِتَ | 178 |
| 69. | Бавва’но | بَوَّأنا | 178 |
| 70. | Зомир | ضَامِر | 178 |
| 71. | Фаҷҷун ъамӣқ | فَجٌّ عَمِيق | 178 |
| 72. | Масобатун | مَثَابَة | 178 |
| 73. | Таллаҳу | تَلَّهُ | 178 |
| 74. | Қонитан | قانِتاً | 178 |
| 75. | Аввоҳ | اَوَّاهٌ | 178 |
| 76. | Мунӣб | مُنِيب | 178 |
| 77. | Сарратун | صَرَّة | 179 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 78. | Фасаккат | فَصَكَّتْ | 179 |
| 79. | Нофилатун | نَافِلَةً | 179 |
| 80. | Исроил | إِسْرَائِيل | 179 |
| 81. | Ҳодӯ | هادُوا | 206 |
| 82. | Раббониюн | رَبَّانِيُون | 206 |
| 83. | Аҳбор | أحْبَار | 206 |
| 84. | Калиматун | كَلِمَة | 206 |
| 85. | Масӣҳ | مَسِيح | 206 |
| 86. | Мадян | مَدْيَن | 214 |
| 87. | Ло ячриманнакум | لا يَجْرِمَنَّكُم | 214 |
| 88. | Шиқоқӣ | شِقَاقِى | 214 |
| 89. | Ло таъсав | لا تَعْثَوْا | 214 |
| 90. | Бақиятуллоҳ | بَقِيَّةُالله | 214 |
| 91. | Фориған | فارِغاً | 220 |
| 92. | Қуссӣҳи | قُصِّيه | 220 |
| 93. | Фабасурат биҳи ъан чунбин | فَبَصُرَتْ بِهِ عَنْ جُنُبٍ | 220 |
| 94. | Чайбика | جَيْبِكَ | 237 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 95. | Малааҳу | مَلائَهُ | 237 |
| 96. | Арҷиҳи | أرْجِه | 237 |
| 97. | Ҳоширӣн | حاشِرِين | 237 |
| 98. | Талқафу | تَلْقَفُ | 237 |
| 99. | Я’фикӯн | يأفِكُون | 238 |
| 100. | Соғирӣн | صاغِرِين | 238 |
| 101. | Мин хилоф | مِنْ خِلاف | 238 |
| 102. | Афраға | اَفْرَغَ | 238 |
| 103. | Синӣн | سِنِين | 238 |
| 104. | Ятайяру | يَطَّيَّرُوا | 238 |
| 105. | Тӯфон | طُوفان | 238 |
| 106. | Ҷаррод | جَرّاد | 238 |
| 107. | Алқуммал | الْقُمَّل | 238 |
| 108. | Риҷз | رِجْز | 238 |
| 109. | Янкусӯн | يَنْكُثُون | 238 |
| 110. | Тавд | طَود | 238 |
| 111. | Азлафно | اَزْلَفْنا | 238 |
| 112. | Мутаббарун | مُتَبَّر | 239 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 113. | Асботан | أَسْباطاً | 239 |
| 114. | Инбаҷасат | اِنْبَجَسَت | 239 |
| 115. | Манн ва Салво | مَن وَ سَلْوَى | 239 |
| 116. | Ҳиттатун | حِطَّة | 239 |
| 117. | Яъдӯна | يَعدون | 239 |
| 118. | Бақлиҳо ва қиссоиҳо ва фӯмиҳо | بَقْلِها وَ قِثَّائِها وَ فُومِها | 239 |
| 119. | Ло та'са ъалал қавм | لا تَأسَ عَلَى الْقَوْمِ | 239 |
| 120. | Ъатав | عَتَوْا | 239 |
| 121. | Шурраъан | شُرَّعاً | 239 |
| 122. | Хоси'ӣн | خاسِئِين | 240 |
| 123. | Хувор | خُوار | 240 |
| 124. | Ло масоса | لامَساسَ | 240 |
| 125. | Яъкуфӯна - ъокифӣн | يَعْكُفُون- عاكِفِين | 240 |
| 126. | Набазтуҳо | نَبَذْتُها | 240 |
| 127. | Саввалат лӣ нафсӣ | سَوَّلَت لى نفسى | 240 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 128. | Нансифаннаҳу | نَنْسِفَنَّهُ | 240 |
| 129. | Фитнатука | فِتْنَتُكَ | 240 |
| 130. | Масканат | مَسْكَنَة | 240 |
| 131. | Лан набраҳа | لَنْ نَبْرَح | 240 |
| 132. | Лам тарқаб | لَمْ تَرْقَب | 240 |
| 133. | Хатбука | خَطْبُكَ | 240 |
| 134. | Зол’айд | ذاالْأيْد | 257 |
| 135. | Аввоб | اَوّاب | 257 |
| 136. | Аввибӣ | اَوِّبى | 258 |
| 137. | Собиғот | سابِغات | 258 |
| 138. | Қаддир фиссард | قَدِّر فى السَّرْد | 258 |
| 139. | Рухо’ | رُخاء | 258 |
| 140. | Муқарранӣна фил асфод | مُقَرَّنِين فِى الْأصْفاد | 258 |
| 141. | Маҳшӯратан | مَحْشُورَةً | 258 |
| 142. | Юзаъӯн | يُوزَعُون | 258 |
| 143. | Ъифрӣт | عِفْرِيت | 258 |
| | | | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 144. | Сарҳун мумаррадун мин қаворӣр | صَرْحٌ مُمَرَّدٌ مِنْ قَوارِير | 258 |
| 145. | Луҷҷатун | لُجَّة | 258 |
| 146. | Асално лаҳу ъайналқитр | أسَلْنالَه عَيْنَ الْقِطْر | 258 |
| 147. | Язиғ ъан амрино | يَزِغْ عَنْ اَمْرِنا | 258 |
| 148. | Саъӣр | سَعِير | 259 |
| 149. | Ҷифонун калҷавоб | جِفانٌ كَالْجَواب | 259 |
| 150. | Қудӯрин росиёт | قُدُورٍ راسِياتٍ | 259 |
| 151. | Доббатул арз | دابَّةُ الْأَرْض | 259 |
| 152. | Минсаатун | مِنْسَأَةٌ | 259 |
| 153. | Иштаъалар ра’су шайбан | إشْتَعَلَ الرَّأسُ شَيْباً | 265 |
| 154. | Ъоқир | عاقِر | 266 |
| 155. | Ъатийян | عَتِيّاً | 266 |
| 156. | Савийян | سَوِيّاً | 266 |
| 157. | Фаавҳо илайҳим | فَاوْحَى اِلَيْهِم | 266 |
| | | | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 158. | Хузил китоба биқувватин | خُذِالْكِتابَ بِقُوَّةٍ | 266 |
| 159. | Отайноҳул ҳукма сабийян | آتَيْناهُ الْحُكْمَ صَبِيّاً | 266 |
| 160. | Ҳанонан | حَناناً | 266 |
| 161. | Калиматун | كَلِمَةٌ | 272 |
| 162. | Интабазат | إِنْتَبَذَتْ | 272 |
| 163. | Закийян | زَكِيّاً | 272 |
| 164. | Сарийян | سَرِيّاً | 272 |
| 165. | Ҷанийюн | جَنِيٌّ | 273 |
| 166. | Фарийян | فَرِيّاً | 273 |
| 167. | Акмаҳ | اَكْمَه | 273 |
| 168. | Мусаддиқан | مُصَدِّقاً | 273 |
| 169. | Бағийян | بَغِياً | 273 |
| 170. | Фатратун | فَتْرَة | 281 |
| 171. | Уммулқуро | اُمُّ الْقُرَى | 281 |
| 172. | Коффатан | كافَّةً | 281 |
| 173. | Асом | آثام | 332 |
| 174. | Ясталим | يَصْطَلِم | 332 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 175. | Туббаъ | تُبَّع | 332 |
| 176. | Ҷориҳ | جارح | 332 |
| 177. | Казм | كَظْم | 332 |
| 178. | Ашрам | أشْرَم | 332 |
| 179. | Тардо | تَرْدَى | 332 |
| 180. | Ғурра | غُرَّ | 332 |
| 181. | Ибраҳам | إبرَهَم | 332 |
| 182. | Ъанватун | عَنْوَةٌ | 332 |
| 183. | Ифо’уз зимам | إيْفاء الذِّمَم | 332 |
| | | | |